ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАКИМОВ Ш.Қ., НАЗАРОВ Ҷ.Р.

# ҲУҚУҚШИНОСӢ

*(дастури таълимӣ)*



ДУШАНБЕ-2007

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН
КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ВА ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ

ҲАКИМОВ Ш.Қ., НАЗАРОВ Ҷ.Р.

# ҲУҚУҚШИНОСӢ

(дастури таълимӣ)

Душанбе
«Ирфон»
2007

**ББК 8+4 (6-3) 8-50**
**УДК-491.550**

Бо Қарори Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст.
Суратмаҷлиси № 6
аз 6 марти соли 2007.

**Муқарризон:**

*Раҷабов М.* – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи «Ҳуқуқи байналмилалӣ»- и ДДМТ.

*Ҳамроев Ш.* – декани факултаи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Муҳаррир:** ***П.Ҷаъфарова.***

**Ҳ-50** Ҳакимов Ш.Қ., Назаров Ҷ.Р. Ҳуқуқшиносӣ (дастури таълимӣ) - Душанбе: - «Ирфон», 2007, 240 с.

Воситаи таълимии мазкур дар асоси Стандарти давлатии оид ба барномаи таълимие, ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, навишта шудааст. Дар китоб баъзе масъалаҳои назарияи ҳуқуқ ва давлат, мафҳум, моҳият ва навъҳои таърихии давлат ва ҳуқуқ баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, муаллифон кӯшиш кардаанд, ки маълумоти муайянро дар бораи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин оид ба соҳаҳои асосии ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷӯҳи хонандагон расонанд.

Ин китоб барои донишҷӯёни факултаҳо ва мактабҳои олии ғайри ҳуқуқӣ, инчунин доираи васеъи хонандагоне, ки ба масъалаҳои ҳуқуқ ва давлат мароқ зоҳир менамоянд, пешниҳод мешавад.

*Дастури таълимӣ дар ҷаласаи кафедраи забони давлатӣ ва фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба чоп тавсия шудааст.* Суратмаҷлиси №7, аз 15.01.2007).

$$Ҳ\ \frac{4306020000\text{-}036}{М\ 501(12)\text{-}2004}\ 2007$$

ББК 8+4 (6-3)

1SBN – 978-99947-30-31-61-2 © Ҳакимов Ш.Қ., Назаров Ҷ.Р. 2007.

# МУҚАДДИМА

Ташаккули давлат ба таҳаввулу такомули миллат ва воқеӣ гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон робитаи қавӣ дорад. Барои фаҳмидан ва дарк намудани моҳияти таърихии давлат, пеш аз ҳама омӯзиши ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд шарт аст. Аз ин рӯ, бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоӣ тақозо мекунад, ки шаҳрвандон пеш аз ҳама ҳуқуқу вазифаҳояшонро донанд ва ба қонун чун меъёри ахлоқиву адолат эҳтиром гузоранд.

Тавре, ки маълум аст муносибатҳои ҷамъиятӣ дар натиҷаи робитаи шаҳрвандон, субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ, созмонҳои иҷтимоӣ ва ниҳодҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, давлат бояд воқеъбинона бо дарназардошти манфиатҳои ҷонибҳо раванди муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаҳои гуногун бештар дарк намуда, таввассути қонунҳо ба танзим дарорад.

Ҷаҳонишавӣ дар охири асри XX дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дигаргуниҳои сифатан навро ба вуҷуд овард, ки ин бешубҳа ба системаи таълим низ таъсири муассири худро расонид. Дар чунин ҳолат масъала оид ба риояи ҳуқуқи инсон, пеш аз ҳама, хеле мубрам шуд ва он дар маркази таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт. Ҷараёни риояи ҳуқуқи инсон албатта аз сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва дониши ҳуқуқии ҳар шаҳрванд вобаста аст.

Ҳамзамон, мавриди зикр аст, ки бунёди ҷомеаи демократӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳар чӣ бештар дар бораи моҳият ва таъиноти иҷтимоии давлат бо дарназардошти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асноди ҳуқуқии байналмилалӣ тасаввуроти зарурӣ дошта бошанд. Ҳар шаҳрванд ҳақ дорад, ки орзую ормонҳояшро дар ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун амалӣ гардонад.

Ҳадафи асосии муаллифон аз навиштани китоби мазкур саҳм гузоштан дар таълими фанни ҳуқуқшиносӣ дар муассисаҳои олии таҳсилотӣ ва дониши мукаммали ҳуқуқӣ доштани донишҷӯён аст.

БИБЛИОТЕКА
8/9

Солҳои охир воқеан оид ба соҳаҳои ҳуқуқ олимон ва мутахассисони соҳа чанд дастури таълимию методӣ навиштаанд. Имрӯз мактабҳои олӣ аз чунин дастурҳо хеле самарабахш истифода бурда истодаанд. Вале мушкили дар он аст, ки дар факултаҳо ва мактабҳои олии ғайриҳуқуқӣ фанни «Ҳуқуқшиносӣ» ҳамагӣ 34 соат аст.

Муаллифон кӯшиш кардаанд, ки мавзӯъҳоро дар асоси барномаи таълимӣ мувофиқи талаботи замон таҳия намуда, дар ҷорӣ кардани тарзу усули нави таълими фанни «Ҳуқуқшиносӣ» саҳми худро гузоранд. Яке аз хусусиятҳои дастури таълимии маскур дар он аст, ки ҳар як машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ аз нақшаҳои муайян ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, саволҳои тестӣ низ ҳамчун намуна дар асоси маводҳои китоб пешниҳод шудааст.

Ин китоб бинобар нашри аввал буданаш шояд камбудиҳо низ дошта бошад. Ҳар як фикру мулоҳиза пешниҳод ва эродҳои Шуморо устодону донишҷӯёни мӯҳтарам бо дарки масъулият баррасӣ менамоем зеро, ки онҳо барои такмили минбаъдаи дастури таълимӣ албатта мусоидат менамоянд.

## МАВЗӮИ 1. Назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун илм.

### Мафҳум моҳият ва навъҳои таърихии давлат ва ҳуқуқ.

1. Мафҳум, предмет, метод, вазифа ва робитаи назарияи давлат ва ҳуқуқ бо дигар илмҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ.
2. Ҳаёти иҷтимоии ҷамъиятҳо то пайдоиши давлат ва зарурияти пайдоиши давлат.
3. Мафҳум, қонуниятҳои пайдоиш, зарурияти таърихӣ ва нишонаҳои давлат.
4. Назарияҳои ҳуқуқ ва қонуниятҳои пайдоиши он.

### 1. Мафҳум, предмет, метод, вазифа ва робитаи назарияи давлат ва ҳуқуқ бо диғар илмҳои ҷамиятӣ ва ҳуқуқӣ.

Дар тамоми марҳилаҳои инкишофи ҷомеа инсон ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, кӯшиш кардааст, ки дар бораи илм тасаввуроти бештаре пайдо кунад. Рушди ҷомеа дар инкишофи шуури инсонӣ ва васеътар шудани донишҳои одамон, инчунин ташаккули илмҳои алоҳидаи иҷтимоӣ мусоидат намуд. Дар шароити ҳозира илмҳои мавҷударо ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд:

1. Илмҳои табиатшиносӣ: физика, химия, геология ва ғайра.
2. Илмҳои ҷамъиятшиносӣ: фалсафа, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, назарияи давлат ва дигар.

Вале дар баробари ин дар садсолаи охир таснифоти дигари илмҳо ба вуҷуд омад, ки тибқи он илмҳо ба се гурӯҳ тақсим мешаванд.

1. Илмҳои ҷамъиятӣ
2. Илмҳои табиӣ
3. Илмҳои техникӣ.

Илмҳои ҷамъиятшиносӣ тамоми ҳодисаву равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, ҳуқуқ, давлат, низоми сиёсӣ, шуури ҷамиятӣ, фарҳанг, ахлоқ ва гайраҳоро дар бар мегирад. Илмҳои ҷамъиятӣ гуфта, қонуниятҳои умумии пайдоиш ва таҳаввули ҷомеъаро меноманд, ки вазифаи асосии онҳо - мушоҳида, маънидодкунӣ ва пешгӯии ҳодисаву равандҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Назарияи давлат ва ҳуқуқ бошад, яке аз фанҳои илми ҳуқуқшиносӣ буда, воқеияти ҳуқуқӣ ва давлатиро тадқиқ мекунад. Назарияи давлат ва ҳуқуқ маҷмӯи донишҳои айнӣ ва мураттабгаштаи илмӣ - назариявӣ ва методологӣ аст, ки тавассути онҳо воқеияти ҳуқуқӣ ва сиёсиву давлатӣ дарк карда мешавад.

Воқеияти ҳуқуқӣ ва сиёсиву давлатӣ гуфта, маҷмӯи ҳодисаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсиву давлатиро меноманд. Масалан, давлат ва ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, идоракунии давлатӣ, демократия ва ғайра.

Яъне ба таври мушаххастар, назарияи ҳуқуқ ва давлат қонуниятҳои пайдоишу инкишофи давлат ва ҳуқуқ, нақши шаклҳои давлат ва ҳуқуқро меомӯзад.

Вазифаҳои назарияи ҳуқуқ ва давлат чунин аст:

- вазифаи илмӣ назариявӣ, яъне асоси назариявии тамоми илми ҳуқуқро дар бар мегирад;

- вазифаи амали сиёсӣ - асосҳо ва моҳияти сиёсии ҳуқуқро дар низоми давлатдорӣ муайян мекунад;

- вазифаи тарбиявӣ, яъне донишҷуёни факултаҳои ҳуқуқшиносӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳуриро бо донишҳои назариявӣ дар соҳаи давлатдорӣ, низоми бисёрҳизбӣ ва дарки амиқи қонунҳо, ки бевосита ба ҳаёт, озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунад, шинос менамоянд.

Функсияҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ аз инҳо иборат аст:

**Функсияи генесологӣ**. Дар илми фалсафа ҳамчун назарияи дарккунӣ эътироф шудааст ва мазмуни онро омӯзиши назарии ҳуқуқ ва давлат, ҳодисаҳои дигари ҳаёти ҳуқуқӣ ва давлатӣ ташкил медиҳад. Қобили тазаккур аст, ки функсияи генесологӣ воқеъияти давлатию ҳуқуқиро на танҳо меомӯзад, балки ба он ба таври мушаххас баҳо медиҳад.

**Функсияи иҷтимоӣ-амалӣ**. Ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ ва давлатӣ, такмили қонунгузорӣ ва мусоидат намудан дар баланд бардоштани шуур ва дониши ҳуқуқӣ мебошад.

**Функсияи идеологӣ**. Идея аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маъноаш мафҳум, тасаввурот мебошад. Вазифаи асосии он муайян кардани ақидаву арзишҳои умумибашарӣ, эътирофи нақшу арзишҳои сиёсии афкори Ғарб ва ақидаҳои фарҳангии

халкҳои Шарқ ва омӯзиши анъанаҳои миллии давлатдорӣ мебошад.

**Функсияи методологӣ.** Назарияи ҳуқуқ ва давлат барои ҳамаи соҳаҳои илми ҳуқуқ асоси методологӣ пешбаранда аст, яъне асоси назариявии тамоми илмҳост. Он мафҳуму категорияҳое, ки дар ин фан пешниҳод мегардад, дар тамоми соҳаҳои дигари ҳуқуқ истифода мешавад.

Масалан мафҳумҳои ҳуқуқ, қонун, қонуният, ҳуқуқэҷодкунӣ, давлати ҳуқуқбунёд дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Назарияи ҳуқуқ ва давлат дар низоми илмҳои ҷамъиятӣ бидуни алоқамандӣ ривоҷ ёфта наметавонад. Зеро он ба монанди фалсафа, сотсиология, сиёсатшиносӣ, мантиқ, равоншиносӣ ва гайра як ҷузъи дигар илмҳо ба ҳисоб рафта, баъдтар ба соҳаи мустақили донишҳои инсонӣ табдил ёфтаст.

Назарияи ҳуқуқ ва давлат дар низоми илми ҳуқуқӣ мақоми махсус дорад. Зеро илми муосири ҳуқуқ ва давлат аз як тараф асоси назариявӣ-методологии илмҳои ҳуқуқӣ бошад, аз ҷониби дигар аз натиҷаву хулосаҳои илмии онҳо васеъ истифода мебарад. Ҳар як соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар низоми мазкур мавқеи хосро дорад. Бо дарназардошти мавзӯи омӯзиш ва усулҳои тадқиқи илмӣ дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ чанд намуди таснифи соҳаҳои ҳуқуқ вуҷуд дорад.

1. Вобаста ба самти фаъолияти ҳуқуқӣ ба панҷ гурӯҳ тақсим мешавад:

1. Конститутсионӣ;
2. Маъмурӣ;
3. Гражданӣ;
4. Криминалистӣ;
5. Мурофиявӣ.

Ба ҳар як гурӯҳи зикршуда илмӣ пешбарандаи ҳуқуқӣ сарварӣ мекунад. Масалан, ҳуқуқи ҷиноӣ ба гурӯҳи илмҳои криминалистӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ба илмҳои конститутсионӣ сарварӣ мекунад.

2. Вобаста ба соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ таснифи дигар низ вуҷуд дорад, ки он ба гурӯҳҳои зайл ҷудо мешаванд:

а) Фанҳои назариявӣ - таърихӣ (назарияи ҳуқуқ ва давлат, таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ ва ғ.)

б) Фанҳои соҳавии ҳуқуқӣ (фанни ҳуқуқи граждани, ҷиноӣ ва ғ.)

в) Фанҳои байнисоҳавӣ (фанни ҳуқуқи экологӣ, кишоварзӣ).

г) Фанни махсуси ҳуқуқӣ (криминалистика, психиатрияи судӣ, тиббиёти судӣ), ки масъалаҳои ҳуҳуқиро бо истифодаи донишу воситаҳои техникӣ меомӯзад.

д) Фанҳое, ки давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷиро меомӯзанд, ба монанди (ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ).

е) Фанҳое, ки ҳуқуқи байналмилалиро меомӯзанд. (фанни ҳуқуқи байналхалқии умумӣ ва хусусӣ).

Дигар тақсимот вуҷуд дорад, ки бо назардошти мавзӯъҳои омӯзиш намудҳои гуногунро ташкил медиҳад. Назарияи ҳуқуқ ва давлат ҳамчун илми пешбарандаи ҳуқуқӣ, мафҳуму категорияҳои илмӣ, консепсияву назарияҳоро пешниҳод мекунад, ки дар дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд, бо монанди муносибатҳои ҳуқуқӣ, қонуният, ҳуқуқвайронкунӣ, тақсимоти ҳокимият, давлати ҳуқуқбунёд, давлати иҷтимоӣ ва ғайра .

## 2. Ҳаёти иҷтимоии ҷамъиятҳо то пайдоиши давлат ва зарурияти пайдоиши давлат.

Дар ҳаёти инсон давлат, чун падидаи иҷтимоӣ мақом ва нақши бузург дорад. Давлат муҳимтарин масъалаи таърихи афкори сиёсии башарият буда, аҳмияти муҳими илмиро низ дорад. Вале ҳалли илмии ҳама гуна масъала далели исботшуда, нишондодҳои нави илмӣ-таърихиро металабад.

Дар асоси маълумотҳои нави археологӣ консепсияи инқилоби неолитӣ эътироф шудааст, ки худи ин мафҳумро археологи англис Г.Чайлд дар миёни асри XX - вориди илми таърих намудааст. «Инқилоби неолитӣ аз калимаи «неолит» – асри нави сангин гирифта шудааст, ки яке аз марҳилаҳои таҳаввули ҷамъияти то давлатӣ, аниқтараш табаддулоти сифа-

гии неолитӣ аст, ки ба ҳазорсолаҳои 7-8-то солшумории мелодӣ рост меояд.

Дар таърихи инсоният ду навъи асосии ҳаёти хоҷагӣ ҷой дорад.

1) Хоҷагии азхудкунанда – замоне, ки шаклҳои асосии фаъолияти хоҷагии одамон, шикор, моҳидорӣ ва ҷамъи наботот буданд. Мазмуни асосии фаъолияти инсон азхудкунии маҳсулоти тайёри олами наботот ва ҳайвонот буд, ки олоти асосии онҳоро устухонҳои ҳайвонҳои азимҷусса ташкил медод. Ҳамин тавр, иқтисоди азхудкунанда гуфта, чунин марҳилаи инкишофи ҷомеаро номидан мумкин аст, ки дар он истеҳсолот ҷой надошта, одамони қадим бо истеъмоли ғизои табиат машгул буданд. Чанд шакли фаъолияти хоҷагӣ ҷой дошт, аз қабили моҳидорӣ, шикор, ҷамъи наботот ва ғ. Дар ин давра аз баски истеҳсолоти маҳсулот набуд, барои давлат зарурат ҷой надошт. Яъне одамони қадим бе давлат истиқомат мекарданд. Вале 10-12 ҳазор сол пеш дар сайёраи замин як бӯҳрони экологӣ сар мезанад. Дар натиҷа ивазшавии иқлим маҳви олами ҳайвонот ва наботот, ки сарчашмаи асосии ҳаёт ба ҳисоб мерафт, сар мешавад.

2) Инсоният барои қонеъ кардани талаботҳои худ шаклу тарзҳои нави мавҷудиятро ҷустуҷӯ мекунад. Дар натиҷа гузариш ба иқтисоди истеҳсолкунанда оғоз мегардад, ки дар «инқилоби неолитӣ» ифода меёбад. Тадриҷан одамон аз ҷамъи шикор, моҳидорӣ, ҷамъкунии наботот ба оҳангудозӣ ва тайёр кардани олотҳои сунъии меҳнатӣ ва шаклҳои нави он ба монанди фаъолияти селексионӣ, зироатпарварӣ, ирригатсионӣ ва ғ. мегузаранд. Дар ҳазорсолаи 4-3-то солшумории мелодӣ иқтисоди истеҳсолкунанда пурра пайдор мегардад.

Дар пайдоши давлат ғайр аз омилҳои экологӣ ва моддӣ равандҳои дигари ҳаёт низ нақши муҳим бозиданд. Яке аз онҳо зиёд шудани шумораи аҳолӣ - омили демографӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз зинаҳо ва омили муҳими пайдоши давлат ба вуҷудой ва болоравии шаҳрҳо дар афкори сиёсии башарӣ эътироф шудааст. Дар он мувофиқи маълумотҳои имрӯза шумораи одамон дар охири давраи мезолит (ҳазорсолаи 7-и то солшумории мелодӣ) 10 млн. буда, бо таъсири иқтисоди истеҳсолкунанда дар охири давраи неолит( яъне дар ҳазорсолаи 2 то солшумории

мелодӣ) ба 50 млн. расидааст, ки сабаби мураккаб гардидани идоракунии иҷтимоӣ шуда, зарурияти усулҳои махсуси ҳуқуқиро тақозо мекунад.

Дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои идоракуни дастгоҳи махсуси давлатӣ пайдо шуда, барои ҳалли баҳсҳои ҳуқуқии байни одамон, таъмини иҷрои қоидаҳои рафтор мақомоти махсуси маҷбурсозӣ (судҳо, ҳабсхонаҳо) пайдо мешаванд, ки бо инкишофи давлат мураккабгардии идоракунии дастгоҳи давлатӣ бештар ташаккул ёфта, функсияҳои ҳарбӣ, артиши низомиро боз ҳамривоҷу мустаҳкам мегардонад.

### 3) 3. Мафҳум, қонуниятҳои пайдоиши зарурияти таърихӣ ва нишонаҳои давлат.

Оид ба пайдоиши давлат дар таърих якчанд назарияҳо маълуманд.

1) Назарияи илоҳӣ - дар Ҳиндустони қадим пайдо шуда, пайдоиши давлатро ба Худо вобаста мекунад. Ин назария аз замонҳои қадим сар карда, то замони мо омада расидааст ва бе восита ба дин алоқаманд буда, як қисми мафкураи динӣ мебошад. Чунин назария дар дини ислом ҷой дорад, ки дар давлатҳои имрӯзаи мусулмонӣ назарияи илоҳӣ ба таври расмӣ эътироф мешавад.

2) Назарияи патриархалӣ - пайдоиши давлатро ба инкишофёбии ҷамъият вобаста менамояд. Аз рӯи ин назария давлат маҳсули инкишофи оила мебошад. (Арасту. Роберт Филмер). Давлат дар натиҷаи муттаҳидшавии оилаҳои сершумор пайдо шудааст.

3) Назарияи шартномавӣ дар Ҳиндустони Қадим пайдо шуда, асрҳои XVII-XVIII дар Европа паҳн мешавад. Ин назария аз тарафи Жан-Жак Руссо, Ҷон Локк, Томас Гоббс ва дигарон пешниҳод гардида, бештар ба ирода ва нақши инсон дар пайдоиши давлат такя дорад. Тибқи ин назария давлат дар натиҷаи бастани шартномаи байни ҳокими давлат ва шаҳрвандон пайдо мешавад.

4) Назарияи зӯроварӣ. Қисме аз муҳаққиқон зӯриро сабаби пайдоиши давлат мешуморанд. Ҳаракат ва ҷанги қабилаҳо, ҷанги давлат барои васеъ намудани ҳудуди худ сабаби пайдоиши давлат дар минтақаҳои гуногун гаштааст. Мисоли онро дар

таърихи пайдоиши давлати Америка мушоҳида кардан мумкин аст.

5) Назарияи обёрӣ (ирригатсионӣ) асоси ба вуҷуд омадани давлатҳои Шарқро (истибдоди шарқиро) бо сохтмони иншоотҳои обёрикунӣ алоқаманд мекунад. Вобаста ба фаъолияти обёрикунӣ истибдоди шарқӣ тамаддуни "гидравликӣ" номида шудааст.

Яке аз қонуниятҳои ба вуҷуд омадани давлатҳо пайдоиши нобаробарии онҳо буда, аз консепсияи инкишофи нобаробарии ҷомеъа бар меояд. Дар ин асос илми муосири ҳуқуқ ва давлат консепсияи «давлатҳои якумин, дуюмин ва сеюмин»-ро эътироф кардааст, ки аз нигоҳи он давлатҳои нахустин дар минтақаҳои дорои шароити хуби иқлимӣ, пеш аз ҳама зироатпарварӣ пайдо шудаанд. Дертар бо таъсири онҳо дар ҷараёни инкишофи алоқаҳои иқтисодӣ, маданӣ, ҳуқуқӣ давлатҳои дуюмин дар дигар минтақаҳои ҷаҳон пайдо мешавад.

Масъалаи дигаре, ки қонуниятҳои пайдоиши давлатро муайян менамояд, сабаби арзи вуҷуд кардани он буда, ин масъала зери назари мутафаккирони зиёде қарор гирифтааст. Чунончӣ, сабабҳои пайдоиши давлат аз нигоҳи мутафаккири Рими Қадим Сисерон зарурияти табиии якҷоя зиндагӣ кардани одамон, ба ақидаи Форобӣ муборизаи одамон барои ҳастӣ, мувофиқи назарияи сиёсии Энгелс тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, пайдоиши моликияти хусусӣ, ташаккули синфҳо ва муборизаи синфӣ ҳисоб мешаванд. Доир ба давлат аз замонҳои қадим сар карда, то имрӯз мафҳумҳои зиёд пешбарӣ гаштаанд. Дар Шарқи Қадим давлат бо шахсияти шоҳон алоқаманд буд. Дар Юнони қадим мафҳуми сиёсӣ пешбарӣ шуда, давлат ҳамчун таҷдиди одамон таъриф мешавад. Сисерон ҷамоаи шаҳрвандиро давлат меномад. Ба ақидаи Марсими Падуалӣ давлат - беҳтарин ҷамъияти шаҳрвандӣ, иттифоқи доимӣ, ки тавассути он инсон сазовори ҳаёти зотан муҳим мегардад. Аз нигоҳи Ҷонн Локк давлат иттиҳоди мустақим мебошад. Иммануэл Кант менависад, ки давлат ин иттиҳодияи одамоне, ки тобеъи қонунҳои ҳуқуқӣ мебошад. Мувофиқи ақидаи Жан Боден давлат - идоракунии боадолатонаи оилаҳои сершумор тавассути ҳокимияти соҳибихтиёр аст. К.Маркс ва Ф.Энгелс давлат гуфта, «машинаи ё ин ки дастгоҳи зуроварии як синфро нисбати синфи дигар ме-

номанд». Ин қабил мафҳумҳо дар давраҳои дигари таърихӣ идома меёбанд.

Мафҳумҳое, ки дар боло ишора шуда буд, танҳо ифодаи берунаи давлатро муайян мекунад. Дар баробари ин мафҳумҳоеро низ вохӯрдан мумкин аст, ки дар онҳо танҳо таъиноти иҷтимоии давлат пешниҳод шудааст. Масалан, Арасту мақсади давлатро дар таъмини ҳаёти некӯаҳволона медид. Барои Гегел - давлат арзиши беандоза, озодии умумӣ ва айни воқеияти озодии мушаххас аст. Бо баробари ин мафҳумҳое низ ҳастанд, ки нақши мусбати давлатро паст мекарданд. Ба ақидаи Августин давлат - чизи бад, иблисона мебошад. Анархистон бошанд давлатро тамоман инкор мекарданд. Масалан, ба ақидаи анархист М.Штирнер давлат зулмест, ки одамро ғулом мекунад. Қобили тазаккур аст, ки тадқиқотҳои илмии мафҳуми давлат дар асри XX низ идома меёбад. Аз нигоҳи В.М.Корелский давлат - ин ташкилоти сиёсии ҷамъият аст, ки ягонагӣ ва умумияти онро таъмин сохта, тавассути механизми давлатӣ идоракунии корҳои ҷамъиятӣ, ҳокимияти соҳибихтиёронаи оммаро амалӣ карда, ба ҳуқуқ аҳмияти умумиҳатмӣ медиҳад, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро кафолат медиҳад.

Ҳамин тариқ, назарияи ҳуқуқ ва давлат дар асоси аз ҳам ҷудо кардани мафҳумҳои ҳуқуқ ва қонун мафҳуми ҳуқуқи давлат ҳосил мешавад. **Мувофиқи он давлат - шакли ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти сиёсии омма аст.**

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мафҳуми давлатро чунин таъриф додан мумкин аст:

1) Давлат ҳамчун созмони сиёсии ҷамъият;
2) Давлат ҳамчун созмони таркибии ҷамъият;
3) Давлат ҳамчун созмони ҳудудии ҷамъият.

1) Тибқи мафҳуми якум давлат созмони сиёсӣ буда, тавассути он идоракунии сиёсиро ба ҷо меорад. Ба ғайр аз давлат дигар созмонҳои сиёсӣ низ, ба монанди ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра. Вале инҳо ташкилоти ҳокимиятӣ нестанд. Яъне давлат чун созмони сиёсӣ, ҳокимияти сиёсиро амалӣ намуда, идоракунии сиёсиро ба ҷо меоварад.

2) Тибқи мафҳуми дуввум давлат чун созмони таркибӣ аз дастгоҳи давлатӣ иборат буда, тавассути мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, идоракунии давлатиро амалӣ месозад. Яъне давлат дар таркибаш мақомоти давлатӣ (Парламент, Ҳукумат, низоми судӣ ва ғ.) ва шахси мансабдор (Президент ва сарвазир) дорад.

3) Давлат чун созмони ҳудудӣ - ҳар як давлат ҳудуди худро дорад ва дар он амал мекунад. Як давлат берун аз ҳудудаш амал карда наметавонад. Ҳудуди давлат бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ муайян шуда, аз ҳудуди хушкӣ, ҳавоӣ ва обӣ иборат аст. Сокинони давлат, ки дар ҳудуди он истиқомат доранд, шаҳрвандони давлат эълон мешаванд. Одатан шаҳрванди як давлат наметавонад, бе иҷозат вориди ҳудуди дигар давлат гардад, яъне ин созмони ҳудудӣ аст, танҳо дар ҳудуди муайян амал менамояд.

Аз мафҳуму қонуниятҳои пайдоиши давлат, ҳамчун созмони сиёсии ҷомеа, нишонаҳои фарққунандаи давлат бармеояд.

**Нишонаҳои давлат гуфта, хусусиятҳои сифатан муҳими давлатро меноманд, ки онро аз дигар созмонҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ҷудо карда, дар низоми сиёсии ҷомеа амал мекунад.**

Вале давлат аз дигар субъектҳои сиёсӣ (ҳизбҳо, созмонҳо, иттифоқҳои касаба ва ғ) бо як қатор нишонаҳояш, яъне хислатҳояш фарқ мекунад.

1) Давлат намояндаи сиёсии ҷомеаи шаҳрвандӣ аст, ки он тамоми ҷомеаро идора карда, манфиатҳои ҳамаи аъзоёнашро новобаста аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, ақидаи сиёсӣ, эътиқоди динӣ ва ғ қонеъ менамояд. Қонуну қоида ва амру фармони давлат ба тамоми аҳолӣ паҳн мешаванд.

2) Соҳибихтиёрии ҳокимияти давлатӣ, мансуби танҳо давлат аст, олӣ ва мустақил буда, дар дохил ва хориҷи кишвар сиёсати сулҳҷӯёнаро муайяну пеш мебарад.

3) Давлат ҳуқуқи позитивиро эҷод мекунад, яъне қонунҳо қабул мекунад.

4) Давлат аз аҳолӣ андоз ҷамъ мекунад, ки барои таъмини фаъолияти самарабахши дастгоҳи давлатӣ ва некӯаҳволии ҷомеа сарф мешавад.

5) Давлат буҷети умумидавлатиро муқаррар мекунад.

## § 4. Назарияҳои ҳуқуқ ва қонуниятҳои пайдоиши он.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи пайдоиши ҳуқуқ дар робита ба пайдоиши давлат омӯхта мешавад. Ин аз он гувоҳи медиҳад, ки воқеан ҳуқуқ ва давлат падидаҳои аз ҳамдигар ҷудонашаванда мебошанд. Ба ақидаи М.Н.Марченко шароит, сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии пайдоиши ҳуқуқ ва давлат як аст. Ҳуқуқ аз тарафи дастгоҳи давлатӣ таъмин мегардад. Имрӯз ҳуқуқро бе давлат тасаввур кардан номумкин аст. Вале ин маъноеро надорад, ки ҳамеша воқеият ҳамин тариқ аст.

Пайдоиши ҳуқуқ низ яке аз масъалаҳои муҳими таърихии донишҳои инсонӣ мебошад. Дар бораи пайдоиши ҳуқуқ ақидаву назарияҳои мухталиф ҷой доранд.

1) Назарияи пайдоиши табии ҳуқуқ дар ҷамъиятҳои қадим маълум будааст ва тибқи ин назария ҳуқуқро ягон қувваи беруна ба вуҷуд наовардааст. Ҳуқуқ маҳсули инкишофи табии ҷамъият аст. Аз нигоҳи файласуфи юнонӣ Демокрит қонунгузорӣ ҳодисаи тасодуфӣ набуда, ба таври табиӣ пайдо шудааст, лекин қисми таркибии равияи мазкурро назарияи ҳуқуқи фитрӣ ташкил медиҳад, ки он аз табиати инсон бар меояд. Агар ҳуқуқи позитивиро бевосита худи давлат муқаррар кунад (қонунҳо, кодексҳо, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғ.), пас ҳуқуқи фитриро давлат эҷод карда наметавонад, зеро ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсонро (ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, манзил ва ғ.), яъне табии мансуби инсон (одамон) бударо эълон мекунад.

2) Назарияи пайдоиши илоҳии ҳуқуқ низ аз қадим маълум буд ва дар асрҳои миёна ривоҷ ёфтааст. Дар ҷараёни ташаккули донишҳои инсонӣ тасаввуротҳои сиёсию ҳуқуқии одамон аз ҷаҳонбинии мифологӣ пурра озод нашуда, фаҳмишҳои аввалини одамон оид ба пайдоиши ҳуқуқ, давлат, қонунгузорӣ, сиёсат, илоҳӣ ба вуҷуд омадани ин ҳодисаи ҳаёти иҷтимоиро эътироф мекард. Масалан, мувофиқи қонунҳои Хаммурапи қонунгузорӣ ин татбиқи иродаи худоҳост. Дар асрҳои миёна равияҳои насронӣ ва мусулмонии пайдоиши ҳуқуқ ривоҷ меёбанд. Назарияҳои насронӣ назарияи ҳуқуқи фитриро эътироф карда, сарчашмаи онро худо мепиндоштанд. Назарияҳои мусулмонӣ дар минтақаҳои шарқӣ ривоҷ ёфта, Қуръон, ҳадисҳо, қиёс ва иҷмоъро сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ мешуморанд.

3) Назарияи марксистии пайдоиши ҳуқуқ дар нимаи дуюми асри XIX ба вуҷуд омада, пайдоиши ҳуқуқро якҷоя бо пайдоиши давлат як мешуморанд. Ҳуқуқ ва давлат дар як вақт вобаста ба омилҳои умумӣ (тақсимоти ҷамъияти меҳнат, моликияти хусусӣ, синфҳо, муборизаи синфӣ) дар айни замон сабабҳои пайдоиши ҳуқуқ шудаанд. Тибқи ин назария, ҳуқуқ дар натиҷаи нобаробарии иҷтимоӣ- синфӣ пайдо шуда, воситаи зуроварии як синф нисбати синфи дигар аст.

Қонуниятҳои пайдоиши ҳуқуқ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) зарурияти таърихӣ ва шароити пайдоиши ҳуқуқ дар марҳилаи ташаккули иқтисоди истеҳсолкунанда;

2) ба вуҷуд омадани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва аввалин шакли инъикоси онҳо;

3) ҳуқуқэҷодкунӣ ва кодификатсияи ҳуқуқ.

Ҳуқуқ яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқӣ буда, атрофи он баҳсу мулоҳизаҳои зиёд ҷой дорад. Доир ба ҳуқуқ се равияи асосӣ вуҷуд дорад:

1) Фалсафаи ҳуқуқ,

2) Позитивизми ҳуқуқ,

3) Сотсиологияи ҳуқуқ.

1) Фалсафаи ҳуқуқ масъалаи ҳуқуқро дар вобастагӣ бо назарияи ҳуқуқи фитрӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Тибқи фалсафаи ҳуқуқ, меъёрҳои адолат ва озодии инсон ҳуқуқ аст.

2) Позитивизми ҳуқуқ масъалаи ҳуқуқро ҳамчун маҳсули давлат дар вобастагӣ бо назарияи позитивии ҳуқуқ мешуморад. Тибқи позитивизми ҳуқуқ бошад, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки давлат муқаррар кардааст ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медарорад, ҳуқуқ номида мешавад.

3) Сотсиологияи ҳуқуқ мафҳуми ҳуқуқро дар вобастагӣ бо амали ҳуқуқӣ муайян менамояд. Тибқи ин равия низоми муносибатҳои ҳуқуқии ҷомеа ҳуқуқ мебошад.

Ҳуқуқ яке аз унсурҳои воқеияти ҳуқуқӣ буда, дорои як қатор нишонаҳои сифатиест, ки онро аз дигар ҳодисаҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунанд.

**Нишонаҳои ҳуқуқ гуфта, хусусиятҳои сифатан муҳими ҳуқуқиро меноманд, ки онро аз дигар воситаҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ (ба монанди ахлоқ, одатҳо ва ғ.) фарқ мекунад.**

Нишонаҳои ҳуқуқ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) умумӣ

б) махсус

1. Нишонаҳои умумии ҳуқуқ инҳоянд:

1) Ҳуқуқ ифодакунандаи меъёрҳои адолат ва озодии инсон аст, яъне ҳуқуқ барои одамон меъёр ва андозаи рафтори онҳоро бо назардошти принсипи адолат муқаррар менамояд. Мисол: Тавре, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ҳар як шаҳрванд мувофиқи меҳнаташ музди кор мегирад. Адолати иҷтимоӣ дар соҳаи никоҳ ва оила низ таъмин мегардад.

2) Ҳуқуқ аз маҷмӯи нишондодҳои муайян иборат аст. Нишондодҳои ҳуқуқӣ – меъёрҳо, қоидаҳои ҷудогонаи рафтори одамонанд.

3) Ҳуқуқ шакли таъсиррасонӣ ба фикру ҳиссиёти одам буда, рафтори одамонро ба танзим медарорад.

4) Ҳуқуқ ин шакли инъикоси шуури ҳуқуқии аҳолӣ мебошад, яъне дар ҳуқуқ сифати инкишофи фарҳанги ҳуқуқӣ, психологияи ҳуқуқи одамон инъикос мегарданд.

5) Танзими ҳуқуқ, яъне ҳуқуқ низоми муайянро дорад. Ҳамаи меъёру нишондодҳое, ки аз онҳо ҳуқуқ иборат аст, як низоми муайянро ташкил медиҳад.

2. Нишонаҳои махсус аз инҳо иборат аст:

1) Ҳуқуқ шакли расмии ирода аст, иродаи табақа, гурӯҳи иҷтимоӣ ё тамоми шаҳрвандон аст, ки дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи ҷамъият манфиатҳои муайянро дорад.

2) Шаффофияти шакли ҳуқуқ - маънои онро дорад, ки ҳар як меъёрҳои ҳуқуқӣ аниқу равшан бошад.

3) Динамизми инкишофи ҳуқуқӣ, яке аз нишонаҳои ҳуқуқи позитивӣ буда, онро бевосита давлат муқаррар мекунад. Динамизми инкишофи ҳуқуқӣ маънои ҳамеша дар инкишоф будани ҳуқуқро дорад.

4) Ҳифзи давлатии ҳуқуқ – кафолати риоя кардани меъёрҳои ҳуқуқи позитивӣ аз ҷониби давлат.

**Принсипҳои ҳуқуқ гуфта, нуқтаи асоси ва асоси пешбарандаи ҳуқуқро меноманд, ки мазмуну моҳияти онро муайян мекунад.**

Принсипҳои ҳуқуқ аз инҳо иборат аст:

1) Принсипи гуманизм (инсондӯстӣ) - яке аз меъёрҳои муҳими ҳуқуқи фитрӣ буда, муносибати байни шаҳрвандон ва давлат дар асоси мафҳуму талаботи меҳрубонӣ, эҳтиром кардани қадри инсон инкишоф меёбад. Давлат барои ҳаёти шоистаи инсон ҳамагуна шароити мусоидро бояд муҳайё намояд. «Тоҷикистон, - гуфта мешавад дар моддаи 1 Конститутсия, - давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад».

2) Принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун. Давлат ба ҳар кас, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, маълумот ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Ҳамзамон ҳамаи шаҳрвандон ҷавобгарии баробарро дар назди қонун новобаста аз вазифа, ҳолати иҷтимоӣ ба ӯҳда доранд.

3) Принсипи баробарҳуқуқии миллӣ, яъне ҳамаи миллатҳо дар Тоҷикистон аз ҳуқуқу озодиҳо баробар истифода мебаранд.

4) Принсипи қонуниятчанд маъно дорад:

а) қонун ҳамчун режими ҳаёти ҷомеа;

б) қонун ҳамчун усули фаъолияти мақомоти давлатӣ;

в) қонун ҳамчун тобеияти тамоми санадҳои ҳуқуқӣ.

Хулоса, ҳуқуқ унсури ҷудонашавандаи ҳаёти ҷамъиятӣ буда, дар сурати истифодаи арзишҳои умумибашарӣ омили пешравии ҷамъият мегардад.Ба ибораи дигар агар дар ҷамъиятҳои қадим ва асрҳои миёна ҳуқуқ тарафҳои маҷбурсозиашро аён гардонад, пас дар асри XXI ҳуқуқ арзиши иҷтимоии хешро бештар зоҳир намуда, на ба ҳайси кафили зуроварии сиёсӣ, балки беҳбудии одамон ва воситаи таъмини ҳуқуқу озодии онҳо шудааст.

ИНВ. № 8/4

**Адабиёт:**


1) А.Г.Халиков. Правовая система Зороастризма. (Древнее право). Издательство «Маориф ва фарҳанг». Душанбе-2005.

2) И.Д.Сафаров. Теория правового государства: историческое и современное понимание. Учебное пособие. Душанбе-2005.

3) Макс Штирнер. Единственный и его собственность. Харьков-1994.

4) Неъматов Н. Таджикский феномен, теория и история. Душанбе-Маориф, 1997.

5) Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Душанбе-Ирфон, 2002. 529 с.

6) Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, қисми 1. Душанбе-2002.

7) Теория государство и право. Курс лекции // Под. ред. М.Н.Марченко. М.: Зерцало, 1998.-475с.

8) Черданцев А.Ф. Теория государство и права: Учебник для вузов- М.: Юрайт,1999. – 432с.

9) С.С.Алексеев. Философия право – М.: Издательство Норма, 1999. – 336 с.

10) История политических и паравовых учений. Учебник для вузов. Изд. 2 –е стереотип. Под. общ. ред. В.С. Нерсесянца. М.,1998.-736 с.

11) Зойиров Р.Х., Ҳакимов Ш.Қ. Эволюция Конституции как Основного Закона: историко-теоретическое и сравнительно – правовое исследование. Душанбе, 2004.-352 с.

12) Хакимов Ш.К. Проблемы конституционно – правового статуса националных меньшинств в Таджикистане // Сборник научных трудов налогово – парвового института № 4 Душанбе, 2002. – С.124 -132.

13) Конституционное характериститка правового государства: сравнительный анализ // Труды Академии МВД РТ: Выпуск 5. Душанбе, 2002- С. 61-68.

## МАВЗӮИ 2. Давлати ҳуқуқбунёд

1. Давлати ҳуқуқбунёд: таърих ва замони муосир. Мафҳум, аломатҳо ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ.

2. Шаклҳои идоракунии давлат.

3. Режими сиёсии давлат, давлат дар низоми сиёсии ҷомеа.

### 1. Давлати ҳуқуқбунёд: таърих ва замони муосир. Мафҳум, аломатҳо ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ.

Давлати ҳуҳуқбунёд дастоварди бузурги тамаддуни инсонӣ, назарияи пешқадам, муайянкунандаи таҳаввули ҷомеа, тамоюли асосии инкишоф ва пешрафти ҷаҳони муосир мебошад.

Аввалин маротиба истилоҳи давлати ҳуқуқбунёд дар илми ҳуқуқшиносии Олмон дар нимаи аввали асри XIX пайдо шудааст. Дар илми ҳуқуқшиносии Англия, ба ҷои давлати ҳуқуқбунёд истилоҳоти «ҳукумронии ҳуқуқ»- ро истифода мебурданд. Назарияи давлати ҳуқуқбунёдро мутафаккири Олмон Иммануэл Кант аз нигоҳи фалсафавӣ асоснок карда. чунин пешниҳод мекунад: **Давлати ҳуқуқбунёд гуфта, маҷмӯи одамони тобеъи қонунҳои ҳуқуқӣ қарор гирифтаро меноманд.**

Илми ҳуқуқшиносии давраи шӯравӣ ин ақидаро ҳамчун «буржуазӣ» ҳисобида, эътироф намекард. Вале солҳои 80-ум дар давраи бозсозӣ назарияи давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ пешниҳод мешавад. Баъди барҳамхурии системаи ҷаҳонии сотсиализм собиқ давлатҳои сотсиалистӣ ақидаи давлати ҳуқуқбунёдро дар Конститутсияи хеш ҷой доданд. Аз ҷумла, моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистонро давлати ҳуқуқбунёд эълон мекунад. Дар охирҳои асри XX дар Аврупо назарияи давлати ҳуқуқбунёд бо назарияи нави давлати иҷтимоӣ илова мегардад. Яъне назарияи давлати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ пешкаш мегардад. Мавриди зикр аст ки, қисми 2-юми моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати моро иҷтимоӣ номида, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меоварад.

Заминаҳои муҳимтарини ташаккули давлати ҳуқуқбунёд аз инҳо иборатанд:

1) Заминаҳои моддӣ (вазъи аҳволи шаҳрвандон, хӯрок, пӯшок, манзил, сиҳатӣ ва ғайра) таъмин набошад ва фарҳанги ҳуқуқӣ инкишоф наёфта бошад, дар бораи мавҷудияти озодӣ ва ҳуқуқ дар давлат сухан гуфтан ғайри имкон аст.

2) Ташкили низоми назорат, пеш аз ҳама додани ин вазифа ба суд, ки ҳаками ду ҳокимияти дигар мегардад.

3) Доираи субъектҳое, ки ба суди конститутсионӣ мурочиат карда метавонанд, набояд маҳдуд гардад.

4) Ба вуҷуд овардани базаи ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама ба қабули санадҳои меъёрӣ алоқаманд аст.

Мафҳуми давлати ҳуқуқбунёд ба ду маъно фаҳмида мешавад:

1) Васеъ

2) Маҳдуд

Ба маънои васеъ давлати ҳуқуқбунёд гуфта, давлатеро меноманд, ки дар он ҳуқуқ ҳукмрон аст.

Ба таври мушаххастар, давлати ҳуқуқбунёд, ин шакли ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти сиёсии омма мебошад.

Давлати хуқуқбунёд аломатҳоеро дорад, ки онҳо аз шаклҳои дигари давлатдорӣ ба монанди давлатҳои авторитарӣ ва тоталитарӣ фарқ мекунад.

Аломатҳои давлатӣ ҳуқуқбунёд гуфта хусусиятҳои сифатии онро меноманд, ки он натиҷаи моҳияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии давлат буда, ба ифодаи ҳуқуқӣ, фардӣ ва муташаккилии давлати ҳуқуқбунёд равона карда мешавад.

1) Волоияти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ, давлате, ки дар он ҳуқуқ нисбати давлат афзалият дорад. Яъне ҳам, ҳуқуқи позитивӣ (конститутсия, қонунҳо) ва ҳам ҳуқуқи фитрӣ, ки аз табиати инсон чун вуҷуди биологӣ (табиӣ) ва иҷтимоӣ (ҷамъият) бармеояд, инчунин ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба давлат афзалият дорад. Ҳуқуқи Байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон аз қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ афзалият дорад. Мувофиқи моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Тоҷикистон, ки мухолифи санадҳои байналмилалӣ мебошад, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

2) Воқеӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд. Агар дар ҷомеа ҳуқуқҳои фитрии инсон дар давлат эътироф нашуда бошад, озодии воқеии вай таъмин набошад, пас волоияти ҳуқуқ аҳмияте надорад. Воқеӣ гаштани ҳуқуқҳои инсон аз давлат вобастагии калон дорад. Ҳамин тариқ, ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд муносибату алоқаҳои муҳимтарини байни шахс ва шаҳрвандро бо давлат инъикос намуда, мавқеи шахсро дар ҷомеа муайян менамоянд.

3) Тақсимоти ҳокимият. Ин ду аломати давлати ҳуқуқбунёд танҳо дар сурати ҷорӣ кардани тақсимоти ҳокимият имконпазир мегардад.

Дар шароити ҳозира аксарияти давлатҳои ҷаҳон дар асоси ин принсип давлатдории худро ташкил намуда, дар конститутсияҳои худ онҳоро сабт намудаанд. Масалан, дар моддаи 9-уми Конститутсияи Тоҷикистон низ омадааст «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад». Маҷлиси Олӣ – мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузор буда, аз Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагон иборат мебошад. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ Ҳукумати Тоҷикистон мебошад, ки сардори он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Низоми Суди бошад аз Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии Иқтисодӣ иборат аст.

4) Назорати суди конститутсионӣ. Дар давлати ҳуқуқбунёд волоияти ҳуқуқӣ ва қонунҳо, воқеъи будани ҳуқуқу озодиҳо, тақсимоти ҳокимият бе назорати суди конститутсионӣ аҳамият надорад. Мақсади ин назорат таъмини мутобиқати ҳамаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба Конститутсия мебошад. Ин вазифа ба зиммаи мақомоти олии судӣ ё мақоми алоҳидаи судӣ (суди конститутсионӣ) гузошта мешавад. Дар натиҷаи назорати конститутсионӣ (адолати суди конститутсионӣ) дар мамлакат қонунияти конститутсия ва волоияти конститутсионӣ таъмин мешавад. Қонунияти конститутсионӣ асос ва шакли муҳими қонунияти ҳуқуқӣ аст, ки ба туфайли он дар давлати ҳуқуқбунёд ҳуқуқу озодиҳои инсон, мазмун ва тамоили гуманитарии ҳуқуқ,волоияти ҳуқуқи гуманитарӣ таъмин мегардад.

Дар давлатҳои қадим ва асрҳои миёна ҳокимияти давлатӣ амалан ягона буд. Тақсимоти ҳокимият ҷой надошт, ваколатҳои

қонунгузорӣ, ичроия ва адолати судӣ мутааллиқи як шахс (монарх) ё мақоми давлатӣ буданд.

Ҳамин тавр, Конститутсия ва қонунҳо бо дарназардошти вижагиҳои низоми ҳуқуқию сиёсӣ масъалаҳоро дар робита бо тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба танзим медароранд.

## 2. Шаклҳои идоракунии давлат.

Дар зери мафҳуми шакли давлат - мансубияти субектии ҳокимияти давлатӣ, ташкили марзии он, тарзу усулҳои амалисозии он фаҳмида мешавад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ се шакли давлат ва се унсури давлат мавҷуд аст.

1) Шакли идоракунӣ
2) Шакли сохти давлатӣ
3) Режими сиёсӣ

Унсурҳояш:

1. тарзи ташкили ҳокимият
2. ташкили ҳудудии ҳокимият
3. усулҳои татбиқи ҳокимиятро муайян мекунад.

Ҳар як давлатро аз рӯи ин се унсур аз дигар давлатҳо фарқ мекунанд. Масалан: Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия шакли идоракунии президентӣ, сохти давлатии ягона, режими демократӣ дорад. Давлати Олмон шакли идоракунии парлумонӣ, сохти федеративӣ ва режими либералӣ-демократӣ дорад.

1) Шакли идоракунӣ - гуфта тарзи ташкилу фаъолияти ҳокимияти олиро меноманд, яъне шакли идоракунӣ ба кӣ тааллуқ доштани ҳокимияти олиро муайян месозад.

Шакли давлат ду намуд дорад:

1) монархия
2) ҷумҳурӣ.

1) Монархия - шакли идоракунии давлатие, ки ҳокимияти давлатӣ мансуби ҳокими яккасардор (шоҳ, султон, амир, император, ва ғ.) мебошад.

2) Ҷумҳурӣ - чунин шакли идоракунии давлатие, ки дар он ҳокимият дар асоси принсипи тақсимоти ҳокимият байни мақомоти қонунгузор, ичроия ва судӣ тақсим шудааст. На дар ҳамаи намудҳои ҷумҳурӣ тақсимоти ҳокимият ҷой дорад (Маса-

лан, ҷумҳуриҳои Афина, Спарта, Юнони Қадим, ҷумҳуриҳои шӯравии сотсиалистӣ ва ғ.). Дар замони муосир ҷумҳурӣ дар асоси таҷзияи ҳокимият ва эътирофи ҳуқуқҳои инсон ташкил мешавад. Баъди солҳои 90-ум ин намуди ҷумҳурӣ дар собиқ давлатҳои сотсиалистӣ ташаккул меёбад. Ҷумҳурӣ хоси давлатҳои мусулмонӣ низ мебошад (масалан, Ҷумҳурии Исломии Эрон).

Дар замони муосир ду намуди ҷумҳурӣ вуҷуд дорад;

1) ҷумҳурии президентӣ

2) ҷумҳурии парлумонӣ.

Дар ҷумҳурии президентӣ Президент сарвари давлат ва ҳукумат аст (ШМА, Тоҷикистон ва ғ.). Ҳайати Ҳукумат бо тавсияи Президент парламент тасдиқ мекунад. Ҳукумат дар назди Президент ҳисоботдиҳанда мебошад. Яке аз намудҳои махсуси шакли идоракунӣ - ҷумҳурии омехтаи президентӣ-парлумонӣ мебошад, ки дар он Президент ва Парламент масъулияро байни худ чудо мекунанд (Франсия, Португалия, Россия).

Дар ҷумҳурии парлумонӣ ҳукуматро ҳизби сиёсии дар интихоботи парлумонӣ овози бештари интихобкунандагонро гирифта, ташкил мекунад. Олмон, Италия ва ғ. Одатан сарвари ин ҳизбро сардори ҳукумат интихоб мекунад. Парламент метавонад истеъфои ҳукуматро талаб кунад. Ҳукумат дар назди Парламент ҳисоботдиҳанда аст.

2) Шакли сохти давлатӣ

1. давлати ягона (унитарӣ)

2. давлати иттифоқӣ (федеративӣ)

3. давлати иттифоқии мураккаб (конфедеративӣ) мебошад.

1) давлати ягона - (унитарӣ - аз калимаи лотинӣ «унитас - uhitas» гирифта шуда, маънояш ягонагӣ), яке аз шаклҳои сохти давлат буда, бо таркиби давлат ва изҳори озодонаи иродаи тамоми халқи он вобаста мебошад.

Одатан дар давлатҳои ягона марзи давлатии ягона, шаҳрвандии ягона,конститутсияи ягона, мақомоти олии ягонаи қонунбарор, мақомоти олии иҷроия ва мақомоти олии судӣ дорад, ки санадҳои онҳо дар тамоми ҳудуди мамлакат амал мекунанд ва иҷрои онҳо ҳатмист. Ғайр аз ин давлати ягона рамзҳои давлатии ягонаи худро дорад, яъне дорои парчами давлатӣ, суруди миллӣ, нишон ва пойтахти давлатӣ мебошад.

2) давлати федеративӣ - (аз калимаи лотинӣ «федератсио - foederatio» гирифта шуда, маъноаш иттиҳод - мураккаб мебошад), давлати мураккаби иттифоқие мебошад, ки қисмҳо ё ки унсурҳои он дорои ҳуқуқи соҳибихтиёранд. Давлати федеративӣ дар таркибаш як чанд давлатҳо ё воҳидҳои давлатӣ дорад. Масалан: Австралия аз 6 штат ва 2 ҳудуд (Шимолӣ ва Марказӣ), ИМА аз 50 иёлот ва округи федералии Колумбия иборат аст. Яъне ин иттиҳоди давлатиест, ки хислати ҳуқуқи байналмилалӣ дорад. Давлати иттифоқӣ чунин хусусиятҳо дорад:

1) Давлати иттифоқӣ конститутсияи худро дорад;

2) Давлати иттифоқӣ марзи давлатии худро дорад;

3) Давлати иттифоқӣ шаҳрванди иттифоқӣ дорад;

4) Давлати иттифоқӣ субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ буда, ҳам манфияти иттифоқ ва ҳам манфияти хоси ҳар як аъзои иттифоқро ҳифз менамояд;

5) Давлати иттифоқӣ мақомоти олии ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дорад. ва ғ.

3) Конфедератсия - (аз калимаи лотинии «cohfederatio» иттиҳодия ё иттифоқи давлатҳо мебошад), ки мақсадҳои умумӣ дорад (ҳамкориҳои ҳарбӣ, сиёсӣ ва ғ.), дар асоси шартнома созмон дода мешавад. Конфедератсия аз федератсия бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад:

1) агар федератсия иттиҳоди давлатӣ буда, давлати навро ба вуҷуд оварад, конфедератсия иттиҳоди ҳуқуқии байналмиллалии давлатҳост, ки давлати нав ба вуҷуд намеорад;

2) конфедератсия ҳудуди ягона надорад, федератсия бошад ҳудуди ягона дорад;

3) конфедератсия шаҳрванди ягона надорад, федератсия баръакс, шаҳрвандии ягона дорад;

4) федератсия мақомоти олии давлатӣ (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) дорад, конфедератсия мақомоти ягонаро надорад, лекин мақомоти ҳамоҳангсоз доштa метавонад;

5) қувваҳои мусаллаҳи ягона надорад,чунонки ин ҳолат дар федератсия ҷой дорад ва ғ.

### 3. Режими сиёсии давлат, давлат дар низоми сиёсии ҷомеа.

Мафҳуми режим аз забони фаронсавӣ «regime» ва лотинӣ «regimeh» гирифта шуда маъноаш идоракунӣ мебошад.

Режими сиёсӣ ду маъно дорад.

Ҳамчун чараёни амалисозии ҳокимият, режими сиёсӣ - тарзу усулҳои амалисозии воқеии ҳокимияти давлатӣ аст.

Ҳамчун натичаи ниҳоии амаликунии ҳокимият (ҳокимиятдорӣ), режими сиёсӣ - вазъи сиёсии чомеа аст, ки дар чараёни истифодаи тарзу усулҳои муайяни амалисозии ҳокимияти давлатӣ ҳосил мешавад.

Амалияи таърихӣ-сиёсӣ якчанд намуди режимҳои сиёсиро медонад.

1. Режимҳои истибдодӣ, ки дар замони қадим ва асрҳои миёна ба кишварҳои манотиқи Баҳри Миёназамин, Шарқи Наздик, Осиё, Африка, Америкаи Лотинӣ хос буд. Дар режимҳои истибдодӣ ҳуқуқҳои шахсӣ чой надоранд, фишор ва таҳдиди сиёсӣ, зуроварӣ ва пахш кардани ҳама гуна озодфикрӣ, ҳокимияти муттамарказ мушоҳида мешаванд.

2. Режими авторитарӣ, калимаи «авторитарӣ» аз забони лотинӣ (au (c) toritas), гирифта шуда маънои ҳокимият, таъсирро дорад. Яъне ҳокимияти номаҳдуди як шахс, ки қонунҳоро поймол намуда, тамоми мардумро маҷбур мекунад, ки ба вай итоат намоянд. Дар чунин режим ҳокимияти давлатӣ зери назорати халқ нест, мақомоти намояндагӣ дар низоми ҳокимият ва ҳаёти ичтимоию сиёсӣ таъсири ҳалкунанда надоранд.

3. Режими фашисти, дар асоси миллатғароӣ ва бартарии як миллат нисбати миллатҳои дигар ба вучуд меояд. Зарурияти ҳукмронии миллати олинажод тарғиб мешавад. Нажодпарастӣ - мафкураи расмии фашизм буда, мақсади асосии ин - ҳимояи умумият ва манфиатҳои миллати ҳукмрон, ҳалли вазифаҳои сиёсӣ дар миқёси тамоми олам, ҳимояи тозагии нажод ҳисоб мешаванд. Дар асоси онҳо зарурияти чангҳои чаҳонӣ талқин мегарданд.

4. Режими демократӣ таърихи тулонӣ дошта, қариб ба ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихии давлатҳо хос аст (демократияи Афинагӣ, демократия дар шаҳр (полисҳо) - давлатҳои асрҳои миёна, демократияи буржуазӣ ва сотсиалистӣ). Дар замони Нав ва алалхусус дар асри XX режими демократӣ имкониятҳои арзишии худро ошкор мекунад, аз қабили кафолати ҳуқуқу озодиҳо, равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ,

раъйпурсӣ, низоми демократии интихобот, ошкорбаёнӣ, иштироки шаҳрвандон дар идоракуниро метавон ном гирифт.

5. Режими либералӣ-демократӣ хислатҳои зерин дорад: ривоҷи арзишҳои ҳуқуқи гуманитарӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ, эътирофи шаклҳои гуногуни моликият ва баробарии онҳо, авзавияти бартарии манфиатҳои шахсӣ, рушди фардияти шахсӣ, имкони вусъати муносибатҳои молию пулӣ, таъмини иқтисоди бозоргонӣ, дастгирии ташаббускории хусусӣ, номумкин будани дахолати беандоза ба иқтисод, шароити мусоид барои ракобати озод, низоми бисёрҳизбӣ, фаъолияти иттифокҳои ҷудогонаи соҳибкорон, созмонҳои иттифоқи касаба, динӣ, таҷзияи ҳокимият, ҳокимияти номуттамарказ, сатҳи баланди шуури сиёсӣ, ахлоқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ.

Низоми сиёсии ҷомеа гуфта маҷмӯи созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро меноманд, ки тавассути онҳо идоракунии сиёсӣ таъмин мегардад.

Унсурҳои низоми сиёсӣ ба 4 - намуд ҷудо мешаванд:

1) унсурҳои институтсионалӣ, субъекти бевоситаи таркибии низоми сиёсӣ мебошад. Масалан, (давлат, ҳизбҳои сиёсӣ созмонҳои ҷавонон ва г.).

2) унсури меъёрӣ-ҳуқуқӣ он меъёрҳое, ки таъсису фаъолияти унсурҳои низоми сиёсиро танзим менамояд. Масалан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғ.

3) унсури ташкилӣ-ҳуқуқӣ, яъне шаклҳо ва усулҳои махсуси назорати давлатӣ нисбати унсурҳои низоми сиёсӣ, равобити байни давлат ва унурҳои ҷудогона.

Дар ҷаҳони муосир як чанд навъи низоми сиёсӣ вуҷуд дорад.

1) Низоми сиёсии маъмурӣ- фармоишӣ чанд нишона дорад, аз ҷумла дар ин низом нақши роҳбарикунандаи давлат маҳдуд аст; маъни фаъолияти ҳизбҳо; низоми идоракунии як ҳизбӣ; дар ин низоми сиёсӣ бештар он давлатҳоест, ки дар онҳо режимҳои асосии тоталитарӣ, авторитарӣ, ҳарбӣ ҷой дорад.

2) Низоми сиёсии мусобиқавӣ чунин нишонаҳо дорад: фаъолияти ду ва зиёда аз ду ҳизби сиёсӣ; иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар мақоми давлат; муборизаи сиёсии байни ҳизбҳо барои ҳокимият; имконияти васеъи иштироки шаҳрвандон дар сиёсат.

Низоми сиёси дар ИМА, Олмон, Италия ва ғайраро мисол овардан мумкин аст.

3) Низоми сиёсии созиши иҷтимоӣ чунин нишонаҳо дорад: ҳизбҳо амал менамоянд, вале муборизаи онҳо на шакли мусобиқавӣ, балки ҳамкории иҷтимоӣ дорад; сатҳи баланди тараққиёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ; пешравии ҷомеа аз ҳисоби аз нав тақсимсозии даромад (андоз ва ғ.) Масалан, ин низоми сиёсӣ дар Шведсария, Фаронса, Норвегия ва давлатҳои тараққикардаи Арабистон ҷой дорад.

Дар ин низоми сиёсӣ чунин нақш дорад:

1. Давлат унсурҳои марказии низоми сиёсӣ аст.

2. Давлат таъсису фаъолияти ҳамаи дигар унсурҳои низомӣ сиёсиро зери назорат мегирад, яъне таъсиси онҳоро иҷозат медиҳад, дар мавриди зарурӣ фаъолияти молиявиро қатъ мегардонад, ба онҳо барои фаъолият биноҳои алоҳидаро ба иҷора медиҳад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як ҳизби сиёсӣ дар вазорати адлия ба қайд гирифта мешавад ва танҳо баъди гирифтани шаҳодатнома ба фаъолият оғоз менамоянд. Мувофиқи моддаи 8-и Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ манъ аст, агар мақсади нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро таргиб мекунад ва ё ба роҳи зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳонаро дошта бошанд.

**Адабиёт:**


1) Б.К.Бобохонов. Волоияти қонун - асоси давлати ҳуқуқбунёд. «Давлат ва ҳуқуқ» № 3. Душанбе-2004.

2) Достиев А. Сарқонуни нав - ойинаи таҳаввулоти Тоҷикистон. Москва-1997.

3) Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Душанбе-«Матбуот» с. 2003.

4) Имомов А.И. Ҳукуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-Оли Сомон, 1997.

5) Имомов А.И. Соҳибихтиёрии Ҷумҳури Тоҷикистон (Давлат ва ҳуқуқ). Душанбе-1997 №1.

6) Р.Ш.Сотиволдиев. Назария ва амалияи давлати ҳуқуқбунёд (Давлат ва ҳуқуқ), 2000 №2.

7) Усмонов О.У. Волоияти қонун яке аз принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд, (Давлат ва ҳуқуқ) 2001 №4.

8) Холиқов К.Н. Мавқеи суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳокимияти давлатӣ «Давлат ва ҳуқуқ» №3. Душанбе-2001.

9) Хакимов Ш.К. Становление и развитие конституции как политико-правового института в Таджикистане. Душанбе, «Деваштич», 2002. – 222 с.

10) Ҳакимов Ш.К. Ғояи миллӣ ва баъзе масъалаҳои давлатдорӣ дар Тоҷикистон // Масъалаҳои ташаккули идеяи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2007- С. 59 -67.

11) Буриев И.Б. Действие мусульманского права в доревлюдционном Таджикистане (VII- начало XX вв.) Душанбе, 1999. - 199 с.

12) Буриев И.Б. Масоили назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Душанбе, 2003-220 с.

## МАВЗӮИ 3. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муносибатҳо ва низоми ҳуқуқӣ.

1. Мафҳум, аломатҳо, намудҳо ва сохти меъёрҳои ҳуқуқ.
2. Қонунҳо, Қонунэҷодкунӣ ва тафсири ҳуқуқӣ.
3. Мафҳум субъект ва мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ.
4. Мафҳум ва асосҳои ташкили низоми ҳуқуқ.
5. Низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, низоми илмҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи омма ва ҳуқуқи хусусӣ.

### 1. Мафҳум, аломатҳо, намудҳо ва сохти меъёрҳои ҳуқуқ.

Меъёрҳои ҳуқуқ воҳидҳои таркибии ҳуқуқ буда, унсури ҳаётан муҳими амалияи ҳуқуқии тамоми мақомоти давлат, воситаи ҳуқуқии танзими рафтори одамон мебошанд.

**Меъёрҳои ҳуқуқӣ гуфта,** нишондодҳои ҳуқуқӣ фитрӣ ва давлатӣ - ҳокимиятиро меноманд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд.

Меъёрҳои ҳуқуқ аз дигар меъёрҳои иҷтимоӣ бо аломатҳои зерин фарқ мекунад:

1. Аз тарафи мақомоти ваколатдори давлат ва шахсони мансабдори босалоҳият муқаррар мегардад. Чунончӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқиро Маҷлиси Олӣ, Ҳукумати Тоҷикистон ва Президент муаян мекунанд, вале мақомоти судӣ чунин ҳуқуқро надоранд, яъне на ҳамаи мақомоти давлатӣ меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд.

2. **Меъёрҳои ҳуқуқиро дар мавридҳои зарурӣ худи шаҳрвандон низ қабул карда метавонанд.** Ин асосан ба меъёрҳои конститутсионӣ дахл дорад. Чунончӣ, Конститутсияи Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Бинобар он, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 98, қисми 1) махсус муқаррар мекунад, ки тағйиру иловаҳои Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад.

3. **Меъёрҳои ҳуқуқӣ шаклӣ муаян доранд.** Онҳо дар санадҳои ҳуқуқӣ инъикос гардида, муайян ва аниқ буда, дар асоси он рафтори одамон ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба танзим дароварда мешавад. Масалан, меъёрҳои ахлоқ шакли муайян надоранд, муайяну аниқ ва мушаххас нестанд, на дар ҳуҷҷатҳои

расмӣ, балки дар шуури одамон ҷой доранд. Ахлоқ куштани одамро манъ мекунад. Вале қонун куштани одамро ҳамчун ҷиноят эътироф намуда, барои он ҷазо муқаррар кардааст.

4. **Риоя намудан ва иҷро кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ.** Меъёрҳои ҳуқуқӣ аз тарафи давлат кафолат дода мешавад, яъне ҳар як меъёрҳои ҳуқуқӣ дар сурати иҷро нашуданаш ба тариқи маҷбурӣ ба иҷро мерасад. Бо ин мақсад дар ҳар давлат мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ таъсис дода мешавад (суд, прокуратура, милитсия, ва ғ.), ки нисбати шахсони алоҳида чораҳои маҷбурсозиро (ҷазо, чораҳои ҷавобгарии интизомӣ, пешгирии ҷиноят, ҳуқуқбарқароркунӣ ва ғ.) истифода мебарад. Моддаи 5 (қисми 2) Конститутсияи Тоҷикистон махсус таъкид мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат ҳифз менамояд.

5. Асоси принсипҳои асосии ҳуқуқи фитрӣ адолат ва озодӣ мебошад, ки ҳадди лозимии рафтори инсонро бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ муайян мекунад. Масалан, меъёрҳои боби II Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи ҳуқуқи башар, Пакти ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ва дигар санадҳои байналмилалӣ талаботу ғояҳои ҳуқуқи фитриро кафолат медиҳанд.

6. Меъёрҳои ҳуқуқ мувофиқи меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қабул мешаванд. Дар асоси моддаи 10 (қисми 3) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ буда, дар сурати мухолифати қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ ба санадҳои ҳуқуқию байналмилалӣ ва шартномаҳое, ки миёни Тоҷикистон ва дигар давлатҳо баста шуда, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байни давлатии Тоҷикистон, амал мекунанд.

Меъёрҳои ҳуқуқ вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ ба меъёрҳои ҳуқуқи коститутсионӣ, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи ҷиноӣ, ҳуқуқи молиявӣ ва ғ. ҷудо мешавад.

Вобаста ба мазмуни ҳуқуқӣ меъёрҳо ба се намуд таксим мешавад:

а) Меъёрҳои ваколатдоркунанда - меъёрҳое, ки ба шахс ҳуқуқи иҷрои амалҳои қонуниро медиҳанд. Чунончӣ ҳамаи меъёрҳои конститутсия ки ба шаҳрвандон ҳуқуқу (ба ҳаёт,

таҳсил, мусофират ва ғ.) озодиҳоро муқаррар намудааст, меъёрҳои ваколатдоркунанда мебошад.

б) Меъёрҳои вазифадоркунанда - меъёрҳое, ки ба зиммаи шахс вазифаи иҷро кардани амалҳои қонуниро мегузорад. Масалан, мувофиқи моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст».

в) Меъёрҳои маънкунанда - он меъёрҳое ки вазифаи худдорӣ намуданро аз амали зидди қонунӣ муқаррар мекунад. Масалан: Мувофиқи моддаи 90-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Судя наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омузгорӣ».

**Сохти меъёрҳои ҳуқуқӣ гуфта,** маҷмӯи унсурҳоеро меноманд, ки мазмуни мантиқии меъёрҳоро муқаррар мекунад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ аз 3 - унсури асосӣ иборат аст:

1) Гипотеза гуфта он қисми меъёрҳои ҳуқукро меноманд, ки шарту шароити иҷрои онро муқаррар мекунад. (аз қабили сину сол, вақт ва ғ.) Масалан, ҷинояткор шахсе эътироф мешавад,ки дар асоси содир кардани ҷиноят дар олами солими рӯҳӣ аст, шахсони номукалаф бошанд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озоданд.

Гипотеза як чанд намуд мешавад:

1) гипотезаи оддӣ як шарти татбиқи меъёрро пешбинӣ мекунад. Мисоли гипотезаи оддӣ моддаи 27 (қисми 3) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад, ки мовофиқи он: «Шаҳрванд аз сини 18 ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан дорад». Яъне барои ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро доштан, шаҳрванд албатта бояд 18 сола бошад.

2) гипотезаи мураккаб якбора ду ва зиёда шартҳоро пешбинӣ мекунад. Қисми 3, моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гипотезаи мураккаб аст: «Қонуне, ки баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунии шахс қабул шудааст (шарти якум) ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, (шарти дуюм ) қувваи бозгашт надорад».

3) гипотезаи алтернативӣ имконияти истифодаи меъёр вобаста ба яке аз шартҳои пешбинигашта муҳайё мегардад. Масалан, қисми 4, моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гипотезаи алтернативӣ аст. «Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал донистa шудаанд (як шарт ) ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озоди маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд (шарти дигари алтернативӣ), ҳуҳуқи дар интихобот ва раъйипурсӣ иштирок кардан надоранд».

2) Диспозитсия гуфта - он қисми меъёрҳои ҳуқукро меноманд,ки дар он худи қоидаҳои рафтор мустаҳкам шудааст.

Диспозитсия намудҳои алоҳида дорад:

1) диспозитсияи оддӣ қоидаи рафторро бе шарҳи он инъикос мекунад. Масалан, мувофиқи моддаи 79 (қисми 1)-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти намояндагӣ, раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар доираи салоҳияти худ санадҳои ҳуқуқи қабул мекунанд, диспозитсияи оддӣ аст, чунки мафҳуми «санадҳои ҳуқуқиро» шарҳ намедиҳад.

2) диспозитсияи мукаммал тамоми аломатҳои зарурии қоидаи рафторро дарҷ мекунад. Масалан, мувофиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сабти давлатии соҳибкориро, ки бидуни барпо кардани шахси юридикӣ ба амал бароварда мешавад, мақомоти давлатии андози ноҳияҳо, шаҳрҳо, мувофиқи ҷои зист ё фаъолият анҷом медиҳанд. Яъне ин меъёр ба таври мукаммал, бе тағиротҳои иловагӣ тартиби сабти давлатии ин шакли соҳибкориро аниқ мекунад.

3) диспозитсияи ҳаволакунанда қоидаи рафторро инъикос накарда, барои шиносоӣ бо он меъёрҳои дигар ишора мекунад. Масалан, қисми 6, моддаи 78 - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллиро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд». Яъне ин меъёр ба қонуни конститутсионӣ ишора менамояд.

4) Як шакли диспозитсияи ишоравӣ, диспозитсияи блантекӣ мебошад, ки барои шиносоӣ бо қоидаи рафтор ба дастурамалҳо, меъёрҳои техникӣ ва ғайра ҳавола мекунад. Меъёри дар моддаи 193 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикосгашта, ки барои муносибати ғайриқонунӣ бо маводи радиоактивӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини кардааст,

блантекӣ аст, зеро ки барои муқаррар кардани мафҳуми «радиоактивӣ» ба дигар санадҳои махсус ишора мекунад.

3) Санксия гуфта он қисми меъёрҳоеро меноманд, ки барои иҷро накардани диспозитсия чораи ҷавобгариро муқаррар мекунад.

Санксияҳо вобаста ба мазмуни чораҳои пешбинишуда, ба чанд намуд ҷудо мешаванд.

1) Санксияҳои ҳуқуқи ҷиноӣ чораҳои ҷавобгарии ҷиноиро пешбинӣ мекунад.

2) Санксияҳои ҳуқуқи маъмурӣ чораҳои ҷавобгарии маъмуриро муқаррар мекунад.

3) Санксияҳои ҳуқуқи гражданӣ ҷавобгарии граждаииро пешбинӣ мекунад.

4) Санксияҳои ҳуқуқи интизомӣ чораҳои ҷавобгарии интизомиро муқаррар мекунад.

### 2. Қонунҳо, қонунэҷодкунӣ ва тафсири ҳуқуқӣ.

**Қонун гуфта - санади меъёрии ҳуқуқии мақоми олии қонуигузор ё бевосита халқ аст, ки бо тартиби махсус қабул гардида, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро ба танзим даровarda, қувваи олии ҳуқуқӣ дорад.**

Қонунҳо аз дигар санадҳои меъёрӣ бо як қатор аломатҳояш фарқ мекунад:

1) қонунҳо танҳо аз тарафи мақомоти олии қонунгузор (парламент) ё шаҳрвандон қабул мешаванд;

2) қонунҳо бо тартиби махсус қабул мешаванд,(дар парламент тавассути овоздиҳӣ);

3) қонунҳо қувваи олии ҳуқуқӣ доранд, яъне нисбат ба тамоми санадҳои меъёрӣ (фармонҳои президент,қарорҳои ҳукумат ва ғ.) баландтар меистад ва дар сурати мухолифат байни қонун ва дигар санади меъёрӣ, қонун мустақиман амал мекунад ва санаде, ки хилофи қонун буда, беэътибор дониста мешавад;

4) қонун муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад;

5) қонун барои ҳамаи одамон баробар паҳн мешавад;

6) қонунҳо дар матбуоти даврӣ интишор мешаванд.

Конститутсия - қонуни асосии давлат, санади ҳуқуқии таъсиси кишвар аст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6

ноябри соли 1994 дар раъйипурсии умумихалқӣ қабул шуда, аз 10 боб ва 100 модда иборат аст.

Конститутсия аз қонунҳои дигар бо чунин аломатҳояш фарқ мекунад:

1) ба тариқи махсус қабул ва ба он тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад (масалан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи халқ бевосита қабул шудааст):

2) эътибори олии ҳуқуқӣ дорад, аз ҳамаи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин шартномаҳои байнидавлатии Тоҷикистон болотар меистад; қонунҳое, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд (моддаи 10 Конститутсия):

3) ягон мақоми давлат ё шахси мансабдор ҳуқуқӣ тағйир додани Конститутсияро надоранд; тағйиру иловаҳои Конститутсия бо роҳи раъйипурсии умумихалқӣ сурат мегирад (моддаи 98, қисми 1 Конститутсия):

4) Ҳуҷҷати ҳуқуқии таъсисӣ аст, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шакли давлатдорӣ, низоми судӣ ва дигар муносибатҳои муҳими ҷомеаро муқаррар мекунад.

Қонунҳои конститутсионӣ доир ба масъалаҳое қабул мешаванд, ки дар Конститутсия бевосита пешбинӣ шудаанд. Масалан, моддаҳои 7, 15, 47, 48, 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули қонунҳои конститутсиониро пешбинӣ мекунанд. Масалан, қонунҳои конститутсионӣ дар бораи сохтори судӣ, дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Қонунҳои ҷорӣ доир ба масоили ҳаёти ҷомеъа қабул мешаванд. Қонунҳои ҷорӣ мутобиқи Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ мебошанд.

Кодекс (аз калимаи лотини codex - маҷмӯаи қонунҳо) - намуди мустақили қонун аст. Кодексҳо одатан қонунҳои кодификатсионӣ, санадҳо - кодексҳо мебошанд.

Кодекс - қонуни ягона ва мураттабгаштаи дорои сатҳи баланди муайянияти мантиқӣ ва фаъолияти кодификатсионӣ аст, ки тавассути он як гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ пурра, ҳаматарафа ва бо низоми муаян танзим мешавад.

Дар Тоҷикистон қариб ҳамаи соҳаҳои асосии ҳуқуқ ҳоло кодексҳои худро доранд. Масалан, кодекси гражданӣ, кодекси

меҳнат ва ғ. Онҳоро кодексҳои соҳавӣ меноманд. **Ҷараёни қабули конунҳоро қонунэҷодкунӣ меноманд.**

Қонунэҷодкунӣ аз марҳилаҳои ташкиливу ҳуқуқӣ иборат аст:

1) ташаббуси қонунгузорӣ, яъне таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонун ба мақомоти қонунгузор; ин ҳуқуқ дар Тоҷикистон ба аъзои Маҷлиси Миллӣ, вакили Маҷлиси Намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Маҷлиси вакилони халқии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тааллуқ дорад (м. 58 Конститутсия);

2) тартиби қабули лоиҳаи қонун ва муҳокимаи он; Дар ин давра лоиҳаи қонун дар иҷлосияи Маҷлиси Намояндагон, ки аз аввали моҳи октябр то июл давом мекунад, муҳокима мешавад. Лоиҳаи қонунро барои муҳокима муаллифи лоиҳа, раиси комитети дахлдори Маҷлиси Намояндагон ва ё вакили Маҷилиси Намояндагон пешниҳод мекунад .

3) қабули қонун ва барои имзо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани он;

Агар Президент бо қонун розӣ набошад, онро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эъродҳо ба Маҷлиси Намояндагон бар мегардонад. Агар Маҷлиси миллӣ ва маҷлиси намояндагон қонунро аз нав бо аксарияти аз се ду ҳисса дастгирӣ намоянд, Президент дар муддати даҳ рӯз ба он имзо гузошта, интишор менамояд (моддаи 62 Конститутсия);

4) интишори расмии қонун; Қонунҳо пас аз интишори расмӣ амал мекунанд (моддаи 10, қисми 4 Конститутсия); мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интишори қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 декабри соли 1999 қонунҳои қабулшуда баъди имзои Президент на дертар аз 15 рӯз дар рӯзномаи «Ҷумҳурият», инчунин дар маҷмуаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор мешаванд.

Қонун ё санади дигари меъёрӣ мумкин аст пурра тафсир гардад, (масалан, тафсирҳои кодексҳои оилавӣ, меҳнатӣ ва ғ.).

**Тафсири ҳуқуқӣ гуфта аниқ равшан намудани мазмуни қонун ва меъёрҳои ҳуқукро меноманд.**

Сабаби гуногунии натиҷаи тафсир имконияти истифодаи се намуди тафсир аз рӯи ҳаҷм аст.

1) Тафсири аслӣ гуфта, тафсиреро меноманд, ки дар натиҷаи он мазмуни муайяншудаи меъёр ба матни он мувофиқ, мегардад. Масалан, аз рӯи моддаи 4 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе аст». Мувофиқи ин меъёр аён аст, ки Душанбе пойтахти Тоҷикистон аст.

2) Тафсири васеъ - чунин тафсирест, ки дар натиҷаи он мазмуни муайяншудаи меъёр аз матнаш васеътар мебошад. Масалан, тибқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои кайҳонӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигариҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд...».

3) Тафсири маҳдуд - дар натиҷаи он мазмуни муаяншудаи меъёр аз матни он маҳдудтар мегардад. Масалан, мувофиқи қисми 3, моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванд ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан дорад. Вале ин меъёрро айнан ё васеъ фаҳмидан мумкин нест, чунки на ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқи интихоб кардану интихоб шудан доранд. Шаҳрвандоне, ки ба синни муайян нарасидаанд (синни 18 барои интихоб кардан, синни 25 барои интихоб шудан ба Маҷлиси намояндагон), аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ё бо ҳукми суд аз озодӣ маҳрум гаштаанд, ҳуқуқи интихоб кардану интихоб шудан надоранд ( қисми 3 ва 4 моддаи 27, қисми 1, моддаи 49 Конститутсия). Яъне меъёри дар қисми 3, моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргашта маҳдуд тафсир шуда, дар натиҷа мазмуни муайяншудаи он нисбат ба матнаш маҳдудтар мегардад.

Бо назардошти аҳмияти ҳуқуқӣ 2 - намуди тафсири ҳуқуқӣ вуҷуд дорад:

1) Тафсири расмӣ тафсире, ки онро мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар доираи салоҳияташон ба таври расмӣ медиҳанд.

2) Тафсири ғайрирасмӣ тафсире, ки аҳамияти ҳатмии ҳуқуқӣ надорад. Аммо он барои татбиқи қонунҳо аҳамияти муҳими илмӣ ва тавсиявӣ дорад ва воқеъан дар амалияи ҳуқуқӣ васеъ истифода мешавад.

### 3. Мафҳум, субъект ва мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ гуфта, муносибатҳои ҷамъиятиро меноманд, ки дар асоси меъёрҳои ҳуқуқ ва ҳолатҳои воқеии ҳуқуқӣ пайдо шуда иштирокчиёни онҳо бо ҳамдигар бо ҳуқуқу вазифаҳои юридикӣ вобастагии ҳуқуқӣ доранд. Ба таври дигар ин робитаест байни субъектони (барандагони) ҳуқуқ, ки дорои ҳуқуқҳои зеҳнӣ (субъективӣ) ва вазифаҳои ҳуқуқианд.

Масалан, шахс ҳақ дорад соҳиби моликият бошад. Шахсони дигар вазифадоранд, ки ин ҳуқуқро халалдор накунанд.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ аз дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо як қатор аломатҳояш фарқ мекунад:

1) Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар асоси талаботҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дар натиҷаи ҳолатҳои воқеи ҳуқуқӣ пайдо мешавад. Яъне бе нишондоди талаботҳои қонун муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо шуда наметавонад. Мисол: муносибатҳое, ки байни мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷинояткорон пайдо мешавад, муносибатҳое, ки дар натиҷаи бастани шартномаҳо пайдо мешавад ва ғ.

2) Муносибатҳои ҳуқуқӣ мазмуни иродавӣ доранд. Лекин пайдоиши онҳо метавонад, мазмуни ғайрииродавӣ дошта бошад. Масалан, як қатор муносибатҳои ҳуқуқӣ дар натиҷаи офатҳои табиӣ (заминларза. сел ва ғ.) мумкин аст пайдо шаванд. Яъне танҳо вобаста ба шууру иродаи иштирокчиёни онҳо пайдо мешавад. Агар шахс пайдоиши онҳоро нахоҳад, пас чунин муносибатҳо ба вуҷуд намеояд. Мисол, шахс бо хоҳиши худ шартномаи хариду фурӯши манзил мебандад, ҷинояткор дидаву дониста ҷиноят содир мекунад, шахс бо хоҳишаш ба мактаби олӣ дохил мешавад, ҳуқуқи худро ба таҳсил амалӣ мегардонад.

3) Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷавобгӯи талаботҳои муайяни физиологӣ ва психологӣ мебошанд. Барои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ синни муайян пешбинӣ шудааст, масалан, шахси ба синни 18 расида дар интихобот иштирок карда метавонад ё никоҳро шахси ба синни 17 расида мебандад. Шахсони гайри қобили амал эътирофгашта (бо сабаби бемории рӯҳӣ) дар муносибатҳои ҳуқуқи граждании иштирок намекунад. Шахси номукаллаф субъекти ҷиноят нест.

4) Дар баъзе мавридҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ бо чораҳои маҷбуркунии давлатӣ кафолат дода мешавад. Масалан, дар сурати барнагардонидани қарзи гирифташуда мақомоти судӣ шахси қарздорро маҷбур мекунад, ки ин вазифаашро иҷро намояд ё ин ки дар сурати иҷро накардани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноӣ нисбати чунин шахс чораи маҷбуркунӣ истифода мешавад.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа намудҳои гуногун доранд.

1. Вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ онҳо ба муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, маъмурӣ, граждани, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғ. тақсим мешаванд.

2. Вобаста ба функсияҳои ҳуқуқ ба муносибатҳои танзимсозӣ ва ҳифзкунӣ тақсим мешавад:

а) муносибатҳои ҳуқуқии танзимӣ, ки бо нишондоди меъёрҳои танзимкунанда пайдо шуда, аз ҳуқуқҳои зеҳнӣ ва вазифаҳои ҳуқуқии муқарраршуда иборатанд. Масалан, бештари муносибатҳои гражданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғ.

б) муносибатҳои ҳуқуқии ҳифзӣ, ки дар натиҷаи кирдорҳои гайриқонунии шахсони алоҳида пайдо шуда, мазмуни онҳоро истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда ташкил медиҳад, аз қабили муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноӣ, маъмурӣ ва ғ.

3. Вобаста ба меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ ду намуди муносибатҳои ҳуқуқиро ба ду намуд ҷудо мекунанд:

а) муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ, ки дар асоси меъёрҳои моддӣ пайдо шуда, аз ҳуқуқу вазифаҳои иштирокчиёни онҳо иборатанд (муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноӣ, муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатӣ, муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ва ғ.);

б) муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавӣ, ки дар асоси меъёрҳои мурофиавӣ пайдо шуда, тартиби амалӣ кардани ҳуқуқу вазифаҳоро муқаррар мекунанд ба монанди муносибатҳои мурофиавии ҷиноӣ, ғражданӣ, маъмурӣ ва ғ.

Таркиби муносибатҳои ҳуқуқӣ ғуфта, маҷмӯи унсурҳоеро меноманд, ки асосҳои пайдоиш, тағйирёбӣ, қатъшавӣ ва мазмуни ин муносибатҳои ҳуқуқиро муайян мекунад.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:

1) Субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ

2) Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ

3) Ҳолатҳои воқеии ҳуқуқӣ

4) Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ.

1) Субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ гуфта, иштирокчиёни бевоситаи муносибатҳои ҳуқуқиро меноманд. Субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

а) шаҳрвандон

б) давлат ва мақомотҳои давлатӣ

в) шахсони юридикӣ

а) шаҳрвандон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ он шахсоне мебошанд, ки ҳолати зарурии рӯҳӣ дошта, ба синни муайян расидаанд.

Шаҳрвандон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ба 3 - категория ҷудо мешаванд:

1) шаҳрвандони давлат,

2) шаҳрвандони хориҷӣ,

3) шахсони бе шаҳрвандӣ.

1) шаҳрвандон ҳамчун субъект дорои 2 - аломати асосӣ мебошанд:

1) қобилияти ҳуқуқдорӣ

2) қобилияти амалкунӣ.

1) қобилияти ҳуқуқдорӣ гуфта қобилияти доштани ҳуқуқҳои субъективӣ ва вазифаҳои юридикиро меноманд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ аз лаҳзаи таваллуд пайдо шуда, бо вафоташ ба`итмом мерасад.

2) Қобилияти амалкунӣ гуфта - қобилияти мустақилона амалӣ сохтани ҳуқуқҳои субъективӣ ва вазифаҳои юридикиро меноманд. Қобилияти амалкунӣ аз синни муқаррарнамудаи қонун пайдо мешавад. Масалан, дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноӣ қобилияти амалкунӣ аз синни 16 ба вуҷуд меояд, яъне танҳо шахси ба синни 16 - расида барои ҷинояти содиркарда ба ҷавобгарӣ ҷалб карда мешавад. Дар баъзе мавридҳо барои ҷиноятҳои вазнин қобилияти амалкунӣ аз сини 14-солагӣ муқаррар карда шудааст. Дар соҳаи ҳуқуқи граждани якчанд намуди қобилияти амалкунӣ вуҷуд дорад. Қобилияти амалкунии пурра, қобилияти амалкунии ноболиғони аз 15 то 18-сола; қобилияти амалкунии ноболигони то 15-сола; қобилияти

маҳдуди амалкунии шахси майзада ва гиёҳманд. Қобилияти амалкунии меҳнатӣ аз синни 15 сар мешавад. Яъне аз синни 15 солагӣ шахс метавонад тарафи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бошад. Барои шахси 14 сола қобилияти амалкунии шартӣ пешбинӣ мешавад, яъне онҳо бо розигии яке аз волидон ё шахсе, ки онҳоро иваз мекунад ба кор қабул карда мешаванд.

2) шахсони хориҷӣ, гуфта, он созмонҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои хориҷиеро меноманд, ки субъекти бевоситаи муносибатҳои ҳуқуқӣ шуда метавонад.

Барои он, ки созмони байналмилалӣ ё ширкати хориҷӣ субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ шуда тавонад, вай бояд ба талаботҳои зерин ҷавоб дода тавонад:

а) молу мулки мустақил дошта бошад,

б) дар асоси ойинома ва дигар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ амал намояд,

в) дар мурофияҳои судӣ ба сифати даъвогар ё ҷавобгар шуда тавонад.

Давлат яке аз тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо давлатҳои хориҷӣ мебошад. Дар дохили кишвар давлат иштирокчии муносибатҳои молиявӣ оид ба буҷети давлатӣ, муносибатҳои молу мулкӣ ҳамчун соҳибмулки замин, сарватҳои зеризаминӣ ва дигар моликияти истисноии давлатӣ мебошад. Давлат иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноӣ низ мебошад, зеро ҳукмро суд аз номи давлат қабул мекунад. Воҳидҳои марзиву- маъмурӣ (вилоят, шаҳру ноҳияҳо) низ иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ мебошанд.

2) Объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ гуфта - 1. Он ҳолатҳоеро меноманд, ки вобаста ба он муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо мешавад. 2. Он ҳолатҳоеро меноманд, ки нисбат ба он муносибатҳои ҳуқуқӣ равона мешавад. Яъне, ду мафҳуми объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷой дорад. Мисол, дар ҷинояти одамкушӣ объекти ҷиноят ҳаёти инсон мебошад, дар муносибатҳо оид ба хариду фурӯш объект бевосита он ашёе мебошад, ки вобаста ба он шартномаи хариду фурӯш баста мешавад.

Пас объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ неъматҳои моддӣ ё ғайримоддӣ мебошанд, ки вобаста ба онҳо ё нисбати онҳо муносибати ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст.

Объектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ намудҳои гуногун доранд.

1. Объекти ғайримоддӣ ба монанди ҳаёт ва саломатии инсон, қадру қимати инсон ва г.

2. Объектҳои моддӣ ба монанди воситаҳои нақлиёт, пул, қоғазҳои қимматнок ва ғ.

Ашё - объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ аст. Масалан дар хариду фурӯши молҳои сермасриф, иҷораи манзил, тӯҳфаи ягон чиз ва ғ. Неъматҳои моддӣ ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ аз як тараф, чизҳои табиӣ мебошанд. Масалан, бойигариҳои зеризаминӣ, аз тарафи дигар, дар ҷараёни фаъолияти меҳнатии инсон ҳосил мешаванд, масалан, молҳои рӯзгор.

3. Объектҳои маънавӣ, яъне натиҷаи фаъолияти эҷодӣ, ба монанди, асарҳои санъат, адабиёт, тасвирӣ ва ғ.

3) Ҳолатҳои воқеӣ-ҳуқуқӣ гуфта - он ҳолатҳои дар қонун пешбинишударо меноманд, ки дар сурати ба вуҷуд омадани онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ пайдо мешавад, тағйир меёбад ва ё қатъ мегардад.

Ҳолатҳои воқеӣ-ҳуқуқӣ ба ду намуд ҷудо мешавад:

1) Ҳодиса.

2) Ҳаракат.

1) Ҳаракат гуфта, он ҳолатҳоеро меноманд, ки вобаста ба иродаи инсон пайдо мешавад. Масалан, бастани шартномаҳо, содир намудани ҷиноят ва ғ.

2) Ҳодиса гуфта, он ҳолатҳоеро меноманд, ки новобаста аз иродаи инсон пайдо мешавад. Масалан, заминҷунбӣ, обхезӣ ва ғ.

4) Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ гуфта, ҳуқуқҳои субъективӣ ва вазифаҳои юридикиро меноманд.

Ҳуқуқҳои субъективӣ гуфта, меъёр ва имконияти иҷозат додашудаи субъекти ҳуқуқро меноманд.

Вазифаҳои юридикӣ гуфта, меъёр ва ҳаракати зарурии субъекти ҳуқуқро меноманд. Ҳамин тавр, вобастагии ҳуқуқҳои зеҳнӣ ва вазифаҳои ҳуқуқӣ, робитаи ҳуқуқии байни шахсонро таъмин мекунад. Ба воситаи ҳуқуқу вазифаҳо шахсони муайян байни худ бо муносибатҳои ҳуқуқӣ пайваст мегарданд.

### 4. Мафҳум ва асосҳои ташкили низоми ҳуқуқ.

Низоми ҳуқуқ гуфта, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро меноманд, ки байни ҳамдигар робитаи устувори мантиқӣ дошта, як соҳаи муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Яъне низоми ҳуқуқ аз маҷмӯи соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ иборат буда, байни ҳамдигар робитаи устувор дошта як низоми муайянро ташкил медиҳад. Низоми ҳуқуқ дар ҳар як давлат хусусиятҳои миллӣ дошта мустақилона инкишоф меёбад. Дар ҷаҳони муосир чанд навъи оилаи ҳуқуқӣ инкишоф меёбад. Масалан, оилаи ҳуқуқи романӣ-олмонӣ, оилаи ҳуқуқи умумӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ ва ғ.

Низоми ҳуқуқ аз се унсури асосӣ иборат аст:

1) меъёри ҳуқуқ,

2) институти ҳуқуқ,

3) соҳаи ҳуқуқ.

1) Меъёри ҳуқуқ - унсури ибтидоии низоми ҳуқуқ буда, як намуди меъёри иҷтимоист, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мешавад.

2) Институти ҳуқуқӣ гуфта, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии бо ҳам наздикро меноманд, ки як гурӯҳи мушаххасгардидаи муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд. (масалан, институти ҳуқуқи интихоботӣ, интизоми меҳнат, институтҳои ҳуқуқи моликият ва ғ.)

3) Соҳаи ҳуқуқ гуфта, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро меноманд, ки як соҳаи ҷудогонаи муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Аз меъёрҳо ва иститутҳои ҳуқуқӣ соҳаҳои ҳуқуқ ташкил мешаванд. Онҳо як соҳаи муносибатҳои ҷамъиятии якхеларо ба танзим медароранд, ба монанди ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи ҷиноӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғ.

Бо дарназардошти нуктаҳои дар боло ишорашуда гуфтан мумкин аст, ки низоми ҳуқуқи Тоҷикистон ба соҳаҳои зерин тақсим мешавад:

Ҳуқуқи конститутсионӣ
Ҳуқуқи маъмурӣ
Ҳуқуқи гражданӣ
Ҳуқуқи оилавӣ
Ҳуқуқи меҳнатӣ

Ҳуқуқи молиявӣ
Ҳуқуқи соҳибкорӣ
Ҳуқуқи андоз
Ҳуқуқи гумрукӣ
Ҳуқуқи экологӣ
Ҳуқуқи ҷиноӣ
Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноӣ
Ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ
Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноӣ
Ҳуқуқи байналмилалӣ

Ҳамин тавр, низоми ҳуқуқ бо зарурияти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мегардад. Гуногунии муносибатҳои ҷамъиятӣ сохти дохилии ҳуқуқро, яъне низоми ҳуқуқро муайян мекунад. Ба ибораи дигар, низоми ҳуқуқӣ натиҷаи гуногунрангии муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда аст. Аз ин нигоҳ, он мазмуни айнӣ дорад. Аз тарафи дигар, меъёрҳои ҳуқуқро қонунгузор муқаррар мекунад, яъне низоми ҳуқуқ, аниқтараш бунёди он, ба институтҳову соҳаҳо тақсим кардани меъёрҳои ҳуқуқ аст.

### 5. Низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, низоми илмҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи омма ва ҳуқуқи хусусӣ.

Мафҳумҳои «низоми ҳуқуқ» ва «низоми қонунгузорӣ» аз ҳамдигар фарқ доранд.

Низоми ҳуқуқӣ аз меъёрҳо, институтҳо, соҳаҳои ҳуқуқ иборат аст.

Низоми қонунгузорӣ аз маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои меъёрию - ҳуқуқии зериқонунӣ иборат аст. Агар низоми ҳуқуқ сохти дохилии ҳуқуқ бошад, пас низоми қонунгузорӣ шакли берунаи ифодаи ҳуқуқ буда, аз сарчашмаҳои ҳуқуқӣ иборат аст.

Низоми қонунгузорӣ сохти уфуқӣ (горизменталӣ) ва амудӣ (вертикалӣ) дорад. Сохти уфуқӣ ба мавзӯи танзими ҳуқуқӣ асос ёфта, аз соҳаҳои алоҳидаи қонунгузорӣ иборат аст, ки ба соҳаҳои дахлдори ҳуқуқ мувофиқ мебошанд. Масалан, қонунгузории гражданӣ ба ҳуқуқи гражданӣ, қонунгузории маъмурӣ ба ҳуқуқи маъмурӣ ва ғ.

Ғайр аз он, қонунгузорӣ аз соҳаҳои комплексӣ иборат аст, ки ба соҳаҳои комплексии ҳуқуқ рост меоянд. Масалан, ба

ҳуқуқи экологӣ қонунгузории экологӣ, ба ҳуқуқи соҳибкорӣ қонунгузории соҳаи соҳибкорӣ мувофиқ аст.

Сохти амудии қонунгузорӣ ҷойгиркунии зинавии санадҳоро дар назар дорад. Дар ин низоми мартаботи ҷойи аввалро Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, санадҳои зериқонунӣ, ҷойи охирро санадҳои локалӣ соҳибанд. Ин санадҳо дар низоми амудӣ вобата ба эътибори ҳуқуқиашон ҷойгир мешаванд. Чунин сохти қонунунгузорӣ ба низоми ҳуқуқ мувофиқ нест. Соҳаҳои ҳуқуқ вобаста ба нуфузашон сохти мартаботӣ дошта наметавонанд, вагарна аҳмияти баъзе соҳаҳо баланд, соҳаҳои дигар пасттар мешавад.

Баъзе илмҳои ҳуқуқӣ ҳастанд, ки новобаста аз соҳаҳои ҳуқуқ ҷой доранд. Масалан, илмҳои криминалистика, криминология ва ғ. илмҳои махсуси ҳуқуқӣ буда, масоили ҳуқуқиро бо истифодаи донишҳои дигари ғайриҳуқуқӣ меомӯзанд.

Ҳуқуқи позитивии давлат чун қоида ҳуқуқи расмӣ, ҳуқуқи омма аст. Онро бевосита давлат муқаррар мекунад. Вале дар илми ҳуқуқӣ истилоҳи «ҳуқуқи омма» боз ба маънои дигари маҳдуд истифода мешавад.

**Ҳуқуқи омма** он қисми ҳуқуқро ташкил медиҳад, ки бевосита ба манфиатҳои давлат, фаъолияти ҳокимиятӣ алоқамандананд.

Қисми дигари ҳуқуқ, ҳуқуқи хусусӣ аст, ки ҳимояи манфиатҳои хусусиро дар назар дорад, имконияти рафтори озодонаи одамонро таъмин мекунад. Ҳуқуқи римӣ, ки асоси пайдоиши ҳуқуқи романӣ - олмонӣ гардид, ҳамчун ҳуқуқи хусусӣ пайдо шуд. Ҳуқуқшиноси римӣ Улпиан (с. 170 - 228) аввалин таснифи ҳуқуқро ба ҳуқуқи омма ва ҳуқуқи хусусӣ гузаронид, ки оянда таснифи классикӣ гардид. Ҳуқуқи омма ба «мавқеи давлати Рим» ва ҳуқуқи хусусӣ ба «фоидаи шахсони ҷудогона» паҳн мешуд.

Соҳаҳои ҳуқуқ байни ҳуқуқи омма ва ҳуқуқи хусусӣ тақсим мешаванд. Ҳуқуқи омма аз соҳаҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ҷиноӣ, молиявӣ, мурофиавӣ, экологӣ ва ғ. иборат аст.

Таснифи ҳуқуқ ба ҳуқуқи омма ва хусусӣ дар кишварҳои ҳуқуқи романӣ-олмонӣ (Франсия, Олмон, Италия, Австрия, Португалия ва ғ.) асосӣ аст. Асоси ҳуқуқи ин кишварҳоро ҳуқуқи хусусии римӣ ташкил додааст. Ҳуқуқи хусусӣ дар

давлатҳои номбурда пешбаранда буда, ҳуқуқи омма дар натиҷаи фаъолияти иҷтимоиву иқтисодии давлат, махсусан баъди ҷанги дуюми ҷаҳон бо таъсири назарияи «давлати хайри умум» вусъат ёфтааст.

Дар шароити кунунӣ, дар замони ривоҷи муносибатҳои бозоргонӣ ва озодиҳои шаҳрвандӣ мазмуни соҳаҳои ҳуқуқи кишварамон, вазифа ва нақши меъёрҳои ҳуқуқ ба таври куллӣ дигаргун гаштаанд. Эътирофи шаклҳои гуногуни моликият эълон шудааст. Давлат фаъолияти озодӣ иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад (моддаи 12 Конститутсияи Тоҷикистон). Дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, сармояғузории хориҷӣ ва ғ. санадҳои меъёрӣ қабул шудаанд. Дар чунин шароит маҳз ҳуқуқи хусусӣ ҳолати ҳуқуқии шахси мухтор, озодии иқтисодӣ, мустақилият ва баробарии тарафҳо, манфиатҳои молистеҳсолкунандагон, дахлнопазирии соҳибмулкони хусусӣ, ҳуқуқҳои иштирокчиёни муомилотро аз дахолати давлат, худсарии вай таъмину ҳимоя мекунад.

### Адабиёт


1) Абдуллоев Н.А. Риояи қонун аз поён то боло // Ҳуқуқшинос, 2000. - 31 декабр.

2) Гулчеҳра Шарипова; Ҷонмаҳмад Раҷабов., Асноди асосии байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқи башар Душанбе 1999.

3) Имомов А.И. Мавқеи ҳизбу созмонҳои сиёсӣ дар марҳилаи ҳозира // Партии и движения Таджикистана. 2000. №1. с.4-6.

4) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 майи 2004.

5) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳо аз 22 июни 2003. Душанбе-2003.

6) Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1994 №13 мод. 195 с.1999 №9 мод.238).

7) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интишори қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 декабри соли 1999.

8) Маҳмудов М.А. Бунёди давлат бар ҳуқуқ аст. // Садои мардум. 1993. 18 июл.

9) Сотиволдиев Р.Ш. Мафҳумҳои ҳуқуқ дар иртибот бо усулҳои тадқиқи илмӣ: назария ва равияҳои асосии ҳуқуқ // Давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 2001. №2. - С 23-35.

10) Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат Душанбе 2002.

11) Хакимов Ш.К. Организационно – правовые аспекты законодательной инициативы: Таджикистан и зарубежный опыт // Сборник научных трудов налогово-правого института №4 Душанбе,2002.- С. 142-148.

12) Хакимов Ш.К. Социальная ценность и природа представительных органов в системе государственной власти // Сборник научных трудов Налогово-правого института. Выпуск № 7. Часть1. Душанбе, 2005. –С. 40 – 61.

13) Хакимов Ш.К. К вопросу о высшей юридической силе Конституции Республики Таджикистан // Государство и право №2, Душанбе, 2002.- С. 10 – 16.

14) Давлатов Д.М., Муродов Д.Х., Менглиев Р.Ш., Фозилов Н.Н. Методическое пособие по разработке нормативных правовых актов. Душанбе, 2005.- 151с.

15) Сайфиддинов А.А. Становление и развитие избирательного права в Таджикистане. Автореф. дис. на соиск. Уч. степени к. ю. н. Москва, 2002.- С. 18.

16) Гадоев Б.С. Правовые проблемы организации и проведения референдума в Республике Таджикистан. Автореф. дис. на соиск. Уч. степени к. ю. н. Москва, 2002. – С. 20.

17) Кабиров М.Т. Политические партии и общественные движения Таджикистана в условиях государственной независимости. Автореф. дис. на соиск. Уч. степени кондидата политических наук.

18) Проблемы правового воспитания школьной молодёжи в Республике Таджикистан, Автореф. дис. на соиск. Уч. степени к. ю. н. Душанбе, 2003. - 23 с.

**МАВЗӮИ 4. Асосҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар ҷомеаи шаҳрвандӣ.**

1. Мафҳум, сарчашма, хусусият ва муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ.
2. Мафҳум ва принсипҳои асосии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд.
3. Қонунгузорӣ дар бораи шаҳрвандӣ.

## 1. Мафҳум, сарчашма, хусусият ва муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ.

Чи тавре ки қайд гардид ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаи муҳим дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соҳаи муҳим будани ҳуқуқи Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он вобаста мебошад, ки дар ин соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятӣ ба танзим дароварда мешавад. Ин муносибатҳои ҷамъятӣ дар бораи асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи шакли идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи моҳияти Тоҷикистон, дар бораи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳои ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ва тартиби ташкили фаъолияти давлат маълумот медиҳад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи намоёни ҳуқуқи ҷумҳурӣ буда, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки мувофиқи ирода ва манфиати халқ, асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ мустаҳкам намуда, асосҳои ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, усули таҷзияи ҳокимият, асосҳои пурраҳокимиятии халқ ва дар рафти ба амал баровардани ҳокимияти давлатии ба халқ тааллуқ дошта муносибатҳои ба вуҷуд ояндаро ба танзим медарорад.

Ҳар як соҳаи ҳуқуқ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқ иборат аст, ки мавзӯи ба танзимандозии онро ташкил медиҳад. Вале меъёрҳои ҳуқуқ худ ба худ вуҷуд надорад. Ҳар як соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

Меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳуқуқи конститутсиониро ба танзим медарорад, меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ном дорад. Меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ аз рӯи чанд асосҳо аз ҳамдгар фарқ мекунад:

Онҳо бо меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон умумият ва дар баробари ин, хусусиятҳои ба худ хос доранд.

1) Эътироф шудааст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ аз се қисм гипотеза, диспозитсия ва санксия иборатанд. Аммо барои қисми зиёди меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ мавҷуд будани фақат яке аз онҳо - диспозитсия хос аст. Дар баъзе ҳолатҳо гипотеза ва диспозитсия низ вомехӯранд. Масалан, моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (ҳукумат) аст» фақат дорои диспозитсия буда, дар он гипотеза ва санксия нест.

2) Бисёр меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ иборат аз гипотеза ва диспозитсия мебошанд. Масалан, дар қисми дуюми моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷкистон ҳам гипотеза ва ҳам диспозитсия ҷой дорад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда – гипотеза, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад - диспозитсия мебошад. Айнан ҳамин тариқ қисми якуми моддаи 5 Конститутсия - гипотеза қисми дуюм ва сеюм - диспозитсия буда, дар қисми сеюми ҷумлаи дуюм як нав санксия мавҷуд аст.

3) Хусусиятҳои фарқкунандаи меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ боз дар он аст, ки онҳо амри муайян (санксия) муқаррар намекунанд, вале ин мазмуни онро надорад, ки дар сурати вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ҳеҷ гуна ҷавобгарӣ пешбинӣ карда намешавад. Масалан, дар моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки «таъсис ва фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ба ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст». Барои вайрон кардани ин меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ қонунҳо ҷазои ҷиноӣ муқаррар кардаанд.

Таснифи меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ дар асоси хусусиятҳои гуногун ба амал бароварда мешавад. Мувофиқи

мазмунашон, меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ меъёрҳоеянд, ки асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ташкили мақомоти давлатӣ бо риояи усули таҷзияи ҳокимият, тартиби ташкилёбӣ ва фаъолияти онҳоро муқаррар мекунанд.

Аз рӯи хусусияти дастурҳои дар онҳо ҷой дошта меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ба:

1) ҳуқуқдоркунанда,

2) ӯҳдадоркунанда,

3) манъкунанда тақсим мешаванд.

1) **Меъёрҳои ҳуқуқдоркунанда,** меъёрҳое, ки салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон (моддаи 55), Маҷлиси миллӣ (моддаи 56), Маҷлиси намояндагон (моддаи 57), Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 69), салоҳияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 89) ва ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро муайян мекунад.

2) **Меъёрҳои ӯҳдадоркунанда,** вазифаҳои шаҳрвандон ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро муқаррар менамоянд.

3) **Меъёрҳои манъкунанда,** ин ё он қоидаи хислати манъкунӣ доштаро муайян менамояд. Масалан, мувофиқи моддаи 6 қисми сеюми Конститутсия « ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ, гурӯҳи одамон ва ё фарде ҳақ надорад, ки ҳокимияти давлатиро тасарруф намояд ». Ё ки мувофиқи қисми дуюми моддаи 11 Конститутсия дар Тоҷикистон ташвиқоти ҷанг манъ аст. Агар чунин кирдор аз тарафи шахсе зоҳир гардад, мувофиқи қонунҳои ҷиноӣ ӯ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Агар ин кирдор аз тарафи иттиҳодияи ҷамъиятӣ содир гардад, фаъолияти ӯ манъ карда мешавад.

Бо дараҷаи саҳеҳии дастури дар онҳо ҷой дошта, меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ба 1) императивӣ, 2) диспозитивӣ ҷудо мешаванд. Дар меъёрҳои конститутсионӣ чунин мисолҳо зиёданд. Масалан, мувофиқи қисми якуми моддаи 18 Конститутсия ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад, ки ин меъёри императивӣ буда, мувофиқи қисми дуюми ҳамин модда ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад ба истисноии ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин, меъёри диспозитивӣ аст.

Вобаста ба субъекти онҳоро қабул карда, меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ба меъёрҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ (қонунгузорӣ), мақомоти иҷроия ва мақомоти судӣ (суди конститутсионӣ) тақсим мешаванд. Масалан, меъёри қонунҳо ва қарорҳои аз тарафи Маҷлиси Олӣ, меъёрҳои фармонҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон, меъёрҳои баъзе қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардашуда, тааллуқ доранд.

**Маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ муқаррар ва ба танзим дароварда мешавад, муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ном дорад.**

Муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ дар байни дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ мақоми хосса дорад, яъне аҳмияти онҳо ҳам барои мавҷудият ва фаъолияти давлат, ҷамъият ва барои муайян намудани вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд зарур аст.

Муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ иборат аст аз:

1) Муносибатҳое, ки аз муайян кардани асосҳои сохти конститутсионӣ бар меояд.

2) Муносибатҳое, ки бо муқаррар кардани вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд муайян мешавад.

3) Муносибатҳое, ки бо муайян кардани сохти давлатӣ ва шакли идоракунии давлат ва муносибатҳое, ки бо муайян кардани низоми сохти марзиву - маъмурии Тоҷикистон робита дорад.

4) Муносибатҳое, ки бо ташкилёби ва фаъолияти мақомотҳои давлатӣ алоқаманд аст.

Ин муносибатҳо хеле мураккаб буда, бо воситаи қариб 20 - меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, 10-ҳо қонунҳои ҷорӣ ва 100 – ҳои дигар санадҳои ҳуқуқию- меъёрӣ ба танзим дароварда мешавад.

Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

1. Халқи Тоҷикистон
2. Давлати Тоҷикистон
3. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
4. Мақомоти давлатӣ
5. Вакилони халқ

6. Шаҳрвандони Тоҷикистон
7. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони шаҳрванди надошта
8. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ
9. Мақомоти марзии худидораи ҷамъиятӣ

Яке аз иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон мебошад, ки дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқҳои ба худ хос дорад. Масалан, марзи ВМКБ-ро бе ризояти Маҷлиси вакилони халқи вилоят ҳеҷ кас тағйир дода наметавонад. Дар асоси моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад. Чунин ҳуқуқҳоро дигар вилоятҳо надоранд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи-конститутсионӣ имконияти ҳуқуқдории васеъ дошта, қатъи назар аз баъзе фарқиятҳо иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд. Мазмун ва ҳаҷми имконияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз синну сол, аҳволи саломатӣ ва қобилияти ӯ вобаста аст. Масалан, шахс аз синни 6-солагӣ ҳуқуқ ба таҳсил ва аз синни 17-солагӣ ҳуқуқи ақди никоҳро дорад. Шаҳрванди Тоҷикистон аз синни 18-солагӣ ҳуқуқи интихоб кардан ва ҳуқуқи овоздиҳӣ дар раъйпурсӣ дорад, аз синни 25-солагӣ ӯ метавонад вакили Маҷлиси намояндагон ва аз синни 35-солагӣ узви Маҷлиси миллӣ ва аз синни 35-солагӣ Президент интихоб гардад. Шаҳрванди синнаш ба 18 сола расида вазифаи муқаддаси хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳро дорад. Шаҳрванде, ки аҳволи саломатии ӯ барои иҷрои ин вазифа мувофиқ нест, аз хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ он озод карда мешавад.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, дар Тоҷикистон аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баъзе вазифаҳои қонун муқарраркардаро иҷро менамоянд. Масалан, аксарияти ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва озодиҳои фардии барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардида, ба онҳо низ тааллуқ доранд. Вале баробари ин як қисми ҳуқуқҳои сиёсӣ ба онҳо паҳн намегардад. Аз ҷумла, онҳо ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти намояндагӣ надоранд,

вазифаи фахрии хизмати ҳарбӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ба онҳо паҳн намегардад ва ғ.

Муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ на фақат дорои субъектҳо, балки дорои объектҳои хоси худ мебошад. Ин объектҳо инҳоянд: марзи давлатӣ, қоғазҳои қиматнок, рафтори одамон, амали мақомоти давлат ва иттиҳодияи ҷамъиятӣ, неъматҳои шахсии ғайри молу мулкӣ (шаъну шараф, виҷдон, қадр, номус) ва ғайра.

Дар баъзе ҳолатҳо санадҳои мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, шахсони мансабдори олии давлатӣ, қарорҳои мақомоти марказии иттиҳодияи ҷамъиятӣ объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ мегарданд. Масалан, дар ҳолати аз тарафи Суди конститутсионӣ муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии палатаҳои Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ худи қонун ва ё санади мазкур ҳисобида мешавад.

**Сарчашмаи ҳуқуқ гуфта, шакли ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқи конститутсиониро меноманд.**

Ҳар як соҳаи ҳукуқ сарчашмаи ҳуқуқии ба худ хос дорад. Вале баъзе сарчашмаҳо ба ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ хос мебошанд.

1) Сарчашмаи асосии ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки меъёрҳои он асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати ҳуқуқии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраро муқаррар менамояд.

2) Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ доранд, сарчашмаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошанд. Ин қонунҳо сершуморанд, онҳо муносибатҳои муҳимтарини ҳуқуқи конститутсиониро ба танзим медарорад ва ба ҳамин муносибат хусусияти ҳуқуқи конститутсионӣ пайдо мекунанд. Мисол, Қонун дар бораи интихобот ба Маҷлиси вакилони халқ дар маҳалҳо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шаҳрвандӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони шаҳрвандӣ надошта, Қонун дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ ва ғайра.

3) Баъзе қарорҳои Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти ҳуқуқи конститутсионӣ доранд, сарчашмаи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Масалан, қарорҳои Маҷлиси Олӣ дар бораи сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи чораҳои аввалиндараҷае, ки ба татбиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст ва ғайра.

4) Баъзе фармонҳои дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ доштаи Президент, ки хислати ҳуқуқи конститутсионӣ доранд, сарчашмаи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Масалан, фармонҳо дар бораи эълон кардани ҳолати фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар маҳаллӣ алоҳида, фармонҳо дар бораи ташкили вазорат ва кумитаҳои давлатӣ ва тасдиқи Низомнома дар бораи онҳо, фармонҳо дар бораи таъини раиси вилоят ва шаҳру ноҳия ва ғайра.

5) Яке аз сарчашмаи муҳими ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон сандаҳои ҳуқуқӣ байналмиллалие мебошанд, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст. Агар қонунҳои миллӣ ба ин санадҳо мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмиллалӣ бевосита амал мекунанд. Онҳо фақат баъди дар ҷумҳурӣ расман интишор ёфтан ба амал медароянд. Дар байни онҳо Эъломияи умумии ҳуқуқӣ башар (10 - декабри соли 1948), санадҳои байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ (соли 1966), дар бораи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966), санади хотимавӣ оид ба бехатари ва ҳамкорӣ дар Европа ва ва ғайра.

## 2. Мафҳум ва принсипҳои асосии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд.

Мавзӯи вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд қисми таркибии ҳуқуқи конститутсионӣ буда, ба танзим андохтани ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосӣ бо воситаи конститутсия, қонунҳои конститусионӣ, қонунҳои ҷорӣ ва дигар санадҳо амалӣ гардонида мешавад. Вазъи конститутсионии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсия, баъзе меъёрҳои бобби 1 ва бобби 2-и Конститутсия ба танзим андохтаанд. Дар дебочаи ( преамбула) -и Конститутсия эълон гардидааст, ки халқи Тоҷикистон озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас

шуморида, онро дар конститутсия эълон медорад. Гарчи ин меъёр аз як сатр иборат бошад ҳам, аҳмияти он барои муайян кардани вазъи конститутсионии инсон ва шаҳрванд хеле муҳим мебошад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд на фақат дар конститутсия балки дар дигар санадҳои ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд.

**Дар зери мафҳуми принсипҳои асоси вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд муносибатҳои муҳимтарини байни давлат ва шаҳрвандон вобаста ба мавқеи онҳо дар ҷомеа фаҳмида мешавад.**

Принсипҳои асосии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мувофиқи Сарқонуни Тоҷикистон аз инҳо иборат аст: дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон; баробарҳуқуқии шаҳрвандон; ягонагии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои шаҳрвандон.

Яке аз принсипҳои асосии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон дахлнопазири фитрии шахс мебошад. Он ҳуқуқу озодиҳое, ки дар конститутсяи Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро давлат дахлнопазир эълон медорад. Ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсон шарти асосии ба онҳо паҳн шудани дигар ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Усули дигари вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон баробарҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Моддаи 17 Сарқонун муқаррар менамояд, ки ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, маълумот ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Хусусияти ин меъёр дар он аст, ки он на фақат ба шаҳрвандони Тоҷикистон, балки барои ҳамаи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа дар ҷумҳурӣ таъин гардидааст.

Яке аз принсипҳои муҳими вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон ягонагии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳо мебошад. Гарчи дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин меъёр бевосита ифода наёфтааст, аммо алоқамандию ягонагии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳо бешубҳа аст ва ба таври нисбӣ дар ин хусус дар моддаи 14 гуфта шудааст, ки «маҳдуд кардани ҳуқуқ

ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигарон» раво дониста мешавад. Бо принсипи ягонагии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон меъёри конститутсионӣ дар хусуси он ки надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад, алоқаманд аст. Яъне донистани қонунҳои Тоҷикистон риоя кардани онҳо вазифаи инсон мебошад. Вале дар Конститутсия гуфта нашудааст, ки фақат донистани он қонунҳое ҳатмӣ мебошад, ки ба таври расмӣ интишор гардидаанд ва онҳо дастраси мардум бошанд. Ягона воситаи интишори қонунҳо рӯзномаи «Садои Мардум» ва Ахбори Маҷлиси Олӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, принсипҳои номбурда барои ба тарзи демократӣ муайян намудани ҳуқуқу озодиҳо ба роҳ мондани асосҳои ҳуқуқӣ, ҳамкории давлат ва ҷомеа бо инсон ва шаҳрвандонро таъмин менамояд.

### 3. Қонунгузорӣ дар бораи шаҳрвандӣ.

Мавриди зикр аст, ки баъди ташкилёбии ИҶШС шаҳрвандии ягонаи иттифоқӣ муқаррар карда шуда буд. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар як вақт шаҳрвандии ҶШС буд. Бинобар ин, аксарияти масъалаҳои шаҳрвандӣ тавассути қонунгузории иттифоқӣ ҳаллу фасл карда мешуд. Хусусан, қонунҳои ИҶШС дар бораи шаҳрвандӣ аз 19 августи соли 1938 ва 1 декабри соли 1978 дар ҳалли масъалаҳои шаҳрвандӣ мавқеи хеле баланд доштанд. Дар Конститутсияи ИҶШС (соли 1977) ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон (соли 1978) бори аввал дар фасли давлат ва шахс баробари дигар масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии шахс, масъалаҳои асосии шаҳрвандии Тоҷикистон, асоси вазъи ҳуқуқии шахс, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ба тариқи конститутсионӣ танзим ёфтанд. Қонун « Дар бораи табаияти ҶШС Тоҷикистон » аз 28 июни соли 1991 санади аввалини ҳуқуқии Тоҷикистон аст. Дар асоси ин қонун дар Тоҷикистон дигар санадҳо қабул гардиданд, ки масъалаҳои шаҳрвандиро ба танзим медароранд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои шаҳрвандии ҷумҳурӣ, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандиро дар Тоҷикистон муайян кардааст. Бо мақсади амалӣ гардонидани меъёру усулҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ ва Конститутсияи

Тоҷикистон, ки ба шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи инсон дахл доранд, барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон муҳайё сохтани шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва аз ҷониби давлат ҳимоя ва пуштубонӣ кардани онҳо дар хориҷӣ кишвар, Маҷлиси Олӣ қонунро «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 4 ноябри соли 1995 қабул намуд. Қонуни мазкур қонуни соли 1991-ро аз эътибор соқит кард. Қонунғузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шаҳрвандӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мегирад ва аз қонунҳо ва санадаҳои меъёрию ҳуқуқии зерин иборат аст: Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с. 1995), Қонун «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с. 1996), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби баррасии масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с. 1996); Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомнома низоми Шиноснома дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, (с. 1997), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ кардани шиносномаҳои хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с. 1998); қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қоидаҳои убури транзитии шаҳрвандони хориҷӣ аз тариқи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 1999), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тақсими салоҳият оид ба масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори мақомоти корҳои дохилӣ» (с. 1999) ва ғайра.»

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои зерини соҳиб шудан ба шаҳрвандии Тоҷикистонро пешбинӣ намудааст.

1. Пеш аз ҳама шаҳрвандии Тоҷикистон дар асоси таваллудшавӣ муайян карда мешавад. Дар вақти муайян кардани шаҳрвандии ҷумҳурӣ қонунгузории Тоҷикистон дар бораи шаҳрвандӣ ду принсипе, ки ҳуқуқи байналмилалӣ онҳоро эътироф намудааст ба асос гирифтааст.

1) принсипи хун,

2) принсипи хокро ба асос гирифтааст.

1) Мувофиқи принсипи хун кӯдаке, ки волидонаш то рӯзи таваллуди ӯ шаҳрванди Тоҷикистон будан, сарфи назар аз макони таваллудаш шаҳрвандӣ Тоҷикистон мебошад. Инчунин

кӯдаке, ки яке аз волидонаш то лаҳзаи тавлиди ӯ шаҳрвандӣ Тоҷикистон буда, волидайни дигараш шахси бешаҳрванд ва ё номаълум бошад новобаста аз макони тавлид шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

2) Аз рӯи принсипи хок ҳар кӯдаке, ки дар хоки Тоҷикистон таваллуд шудааст, агар волидони ӯ шаҳрванди хориҷӣ набошад, шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

Қонуни соли 1995 дар бораи шаҳрвандӣ яке аз асосҳои нави қабул ба шаҳрвандиро аз рӯи тартиби ба қайдгирӣ муқаррар намудааст. Аз рӯи ин тартиб, шахсони зерин ба шаҳрвандии Тоҷикистон қабул карда мешаванд;

а) шахсоне, ки ҳамсарашон ва ё хеши наздикашон шаҳрванди Тоҷикистон мебошанд.

б) шахсоне, ки ҳангоми таваллуд ақаллан яке аз волидонашон шаҳрванди Тоҷикистон буда, дар зарфи 5 соли баъди расидан ба синни 18-солагӣ шаҳрванди давлати дигар шуда буданд.

в) Фарзандони собиқ шаҳрвандони Тоҷикистон, ки баъд аз қатъ гардонидани шаҳрвандии волидайн тавлид шудаанд, дар зарфи 5 соли баъди расидан ба синни 18-солагӣ.

3. Асоси дигари соҳиб шудан ба шаҳрвандии Тоҷикистон қабул шудан ба шаҳрвандӣ мебошад.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандие, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ иқомати доимӣ ё хоҳиши иқомат доранд аз рӯи муроҷиаташон мувофиқи қонун ба шаҳрвандии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

4. Асоси дигари соҳиб шудан ба шаҳрвандии Тоҷикистон мувофиқи қонун ба фарзандӣ қабул кардан мебошад. Кӯдаке, ки шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ аст, дар сурати аз тарафи шаҳрванди Тоҷикистон ба фарзандӣ қабул шуданаш шаҳрванди ҷумҳурӣ мегардад.

5. Шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон заминаҳое пешбинӣ карда метавонанд, ки барои соҳиб шудан ба шаҳрвандии он асос мегарданд.

Қонунгузории Тоҷикистон дар хусуси шаҳрвандӣ якчанд асосҳои қатъ гаштани шаҳрвандиро пешбинӣ намудааст:

1. Дар мадди аввал қонун тарки шаҳрвандиро муқаррар кардааст.

Шахс метавонад ихтиёран аз шаҳрвандии Тоҷикистон барояд. Масъалаи баромадан аз шаҳрвандӣ бо дархости шахс аз тарафи мақомоти салоҳиятдор иҷозат дода мешавад. Дар амал аксари чунин дархостҳо дар сурати риоя шудани тартиби муқарраркардаи қонун қонеъ гардонида мешаванд.

2. Қонун яке аз асосҳои қатъ гаштани шаҳрвандиро дар натиҷаи бекор кардани қарор дар бораи қабул кардан ба шаҳрвандӣ пешбинӣ менамояд. Чунин қарор нисбати шахсе бекор карда мешавад, ки ӯ дар асоси маълумоти бардурӯғ ва ҳуҷҷатҳое, ки қалбакӣ буданашон аз тарафи суд муқаррар карда шудааст, шаҳрвандиро соҳиб гаштааст.

3. Асоси дигари қатъ гардидани шаҳрвандии Тоҷикистон маҳрум шудан аз он мебошад. Қонунгузории ҷумҳурӣ масъалаи маҳрум кардан аз шаҳрвандиро то соли 1995 ба танзим наандохта буд. Қонуни нав бошад, дар моддаи 29 пешбинӣ намудааст, ки шахс дар мавридҳои зерин аз шаҳрвандии Тоҷикистон маҳрум шуда метавонад;

а) Дар сурати ба хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳ, Ҳадамоти амният, полис, мақомоти адлия ва мақомоти дигари ҳокимият ва идораи давлатии кишвари хориҷӣ гузаштан;

б) дар мавриди бе сабабҳои узрнок наистодан дар қайди консулӣ аз тарафи шаҳрванде, ки дар хориҷа иқомати доимӣ дорад.

4. Муайян карда шудааст, ки бо роҳи интихоби шаҳрвандӣ (оптатсия), ҳангоми тағйир ёфтани мансубияти давлатии ҳудуд, нисбати сокинони он шаҳрвандии Тоҷикистон қатъ мегардад.

5. Қатъ гардидани шаҳрвандии Тоҷикистон аз рӯи асосҳое, ки дар шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон пешбинӣ гаштаанд, низ ҷой дошта метавонад. Конститутсияи Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои шаҳрвандии ҷумҳуриро ба салоҳияти Президент вогузор менамояд (моддаи 69).

Қонун ғайр аз Президент мақомоти дағарро Комиссия оид ба масъалаҳои шаҳрвандии назди Президент, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷиро низ барои ҳалли масъалаҳои шаҳрвандӣ ваколатдор кардааст.

**Адабиёт**

1) «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Материалы научно-теоретической конференции профессрско-преподавательского составами студентов «День науки». Душанбе, 2000. с.147-148.

2) Имомов А.И. Асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Изв. АН Респ. Тадж. Сер.: Философия и правоведение. 1996. №2. с.2-15.

3) Имомов А.И. Интихобот ва парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2001.

4) Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2003.

5) Имомов А.И. Ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд. Душанбе, 1997. 122 с.

6) Имомов А.И. Шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Ҷумҳурият. 1992. 26 июн.

7) Имомов А.И., Холиқов К.Н. Асосҳои ҳуқуқи конститутсионӣ //Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1999. Фасли 2. с.31-61.

8) Раҷабов М.Н. Хусусиятҳои қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9) Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оиди масъалаҳои мурочиатҳои шаҳрвандон. Душанбе-2000с.

10) Хакимов Ш.К. О соотношении норм Конституции Таджикистана и международно - паравовых норм //Вклад молодых ученых в развитие науки. Душанбе, 1999. - С.165-173.

11) Ҳакимов Ш.К., Зойиров Р.Х. ва ғ. Шаҳрвандӣ ва иштирок дар идоракунӣ. Дастур барои омузгорон, Қисми якум (нашри дувум). Душанбе, 2003, -267 с.

12) Хакимов Ш.К. Конституция Республика Таджикистан и проблемы сущности государства //Государство и право №2. Душанбе, 2001- С. 19-23.

13) Хакимов Ш.К. Роль конституции развитии прав и свобод человека //Материалы 2-ой конференции молодых ученых и специалистов. Душанбе, 2000.- С.40 -47.

14) Раджабов М.Н. Гражданско- правовой статус иностранцев в Республике Таджикистан. Афторев. дис. на соиск. ученой степени. к.ю.н. Душанбе, 2004.-25с.

## МАВЗӮИ 5. Сохтори давлатӣ ва асосҳои ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ.

1. Мафҳуми сохтори марзию маъмурӣ, таъинот ва принсипҳои он.
2. Мафҳуми низом ва ҳуқуқи интихобот.
3. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### 1. Мафҳуми сохтори марзию маъмурӣ, таъинот ва принсипҳои он.

Ҳар як давлат вобаста ба ҳудуди марзи давлатии худ, хусусиятҳои ҷуғрофии он, ҷойгиршавии анъанавии марказҳои ҳамкории иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ, зичии аҳолӣ, мақсаду мароми давлат дар давраҳои муайяни инкишофи он, дурнамои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии марзи муайян ва ғайра низоми марзию маъмурии худро ташкил менамояд.

Дар Тоҷикистон ҳамчун давлати ягона низоми бутуни марзию маъмурии он амал мекунад. Дар дохили ин низом Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низоми марзию маъмурии худро дорад, ки бе ризоияти Маҷлиси вакилони халқи вилоят онро тағйир додан мумкин нест. Вале ин ҳолат ба ҳеҷ ваҷҳ қисми таркиби ҷудонопазири Тоҷикистон будани ВМКБ-ро халалдор намекунад.

Мафҳуми сохтори марзию маъмуриро бо диғар мафҳумҳои бо он наздик, ба монанди ташкили марзии давлат, ташкили иқтисодии марз, бунёди миллии давлатӣ ва ғайра як шуморидан дуруст нест. Чунки ҳар яке аз онҳо мазмуну таъиноти мустақил дорад. Воҳидҳои марзию маъмурӣ дар ҳар як сохти ҷамъиятию сиёсӣ мавқеи муҳими ба худ хос дорад. Ҳар як воҳиди марзию маъмурӣ ин қисми ба худ хоси иҷтимоию иқтисодии таркиби давлат мебошад. Воҳидҳои марзию маъмурӣ нишондиҳандаҳои ҷуғрофию иқтисодӣ ва ҷойгиршавии аҳолиро инъикос намуда, тақсимшавии қувваҳои истеҳсолкунандаро дар ҷамъият ба эътибор мегирад ва ҳамчун манбаи иҷтимоию иқтисодии ташкили низоми мақомоти маҳаллӣ хизмат мекунад.

Принсипҳои асосии сохтори марзию маъмурии Тоҷикистон ба андешаи мо бояд чунин омилҳоро ба инобат гирад.

Баҳисобгирии шароити иқтисодӣ маҳал;

Баҳисобгирии шароити табиии ҷуғрофии маҳал;

Баҳисобгирии алоқаҳои анъанавии таърихии маҳал бо маҳалли дигар;

Баҳисобгирии ҳайати миллии аҳолии маҳал;

Наздик гардонидани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба аҳолӣ.

Ин принсипҳои умумие мебошанд, ки барои ташкил кардан ва амали низоми воҳидҳои марзию маъмурӣ аҳамияти калон доранд.

Масъалаҳои сохтори марзию маъмурии Тоҷикистон ба таври муфассал ва зарурӣ ҳанӯз аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ нашудаанд. Дар ин робита баъзе масоили ин мавзӯъ дар чанд мақолаҳои олимони соҳаи ҳуқуқи ҷумҳурӣ чоп шудааст.

## 2. Мафҳуми низом ва ҳуқуқи интихобот.

Низоми интихобот падидаи муҳими демократия буда, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар алоқамандӣ бо ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи субъективии шаҳрванд оид ба интихоб кардан, интихоб шудан ба вуҷуд меоянд. Интихобот яке аз муракабтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ҳар маъракаи интихоботӣ иштироки мақомоти ваколатдори давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ва шаҳрвандонро дар бар мегирад. Ҳуқуқи интихобот ҳамаи муносибатҳои ба интихобот алоқамандро пурра танзим карда наметавонад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои муҳимтарини интихоботро танзим менамоянд.

Маъракаи интихоботи вакилони Маҷлиси Олӣ соли 2005 дар асоси тағйироту иловаҳои (соли 1999) ба Конститутсия ворид гардида ва қонуни нави конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 10 декабри соли 1999) баргузор гардид. Дар ин маърака бисёр қоидаҳои интихобот тағйир ёфт аз ҷумла, ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ, пешбарии номзадҳо ба вакилӣ, тартиби инъикоси маъракаи пеш аз интихоботӣ дар воситаҳои ахбори омма ва ғ.

Ҳуқуқӣ интихобот дар Тоҷикистон се маъни дорад.

1) чун ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вакилии Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллӣ.

2) чун шакли ягонаи ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

3) чун падидаи демократӣ дар идораи давлат.

Ҳуқуқи интихобот маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки тартиби ташкил ва ҷамъбасти интихоботи мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим карда, принсипҳои низоми интихоботро муқаррар менамоянд.

Меъёрҳои ҳуқуқии интихобот барои муқаррар ва таҳкими муносибатҳои зерин таъин шудаанд; а) муайян кардани шахсе, ки ҳуқуқи интихоб кардан (ҳуқуқи интихоби фаъол) ва ҳуқуқи интихоб шудан (ҳуқуқи интихоби ғайрифаъол) ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакили Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллӣ доранд; б) муқаррар кардани усулҳои интихобот; в) тартиби ташкил ва ҷамъбасти интихобот, муайян кардани муносибати интихобкунандагон ба вакилон.

**Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба воситаи онҳо масъалаҳои ташкил ва гузаронидани интихобот ба танзим дароварда мешаванд, ҳуқуқи интихобот номида мешаванд.**

**Муносибатҳои ҷамъиятие, ки оид ба ташкилу ҷамъбасти интихобот ба вуҷуд меоянд, муносибатҳои ҳуқуқи интихобот номида мешаванд.**

Низоми интихобот асосан ба ду хел, яъне мажоритарӣ ва мутаносибӣ мешавад. Дар баъзе давлатҳо ҳар ду низоми интихоботи амал мекунад.

Дар низоми интихоботии мажоритарӣ дар ҳавзаи интихоботӣ номзаде (ё рӯйхати номзадҳо) интихобшуда ҳисобида мешавад, ки аксари овозҳои муайян кардаи қонунро соҳиб шуда бошад. Дар таҷриба се намуди ин низоми интихобот амал мекунад.

1. Низоми мажоритарии аксарияти мутлақ, ки дар он номзаде интихобшуда ҳисоб меёбад, ки овози аксарияти мутлақ, яъне аз нисф зиёди интихобкунандагонро дар ҳамин хавзаи

интихоботӣ гирифта бошад. Аммо ин на ҳамеша муйяссар мегардад, бинобар ин овоздиҳӣ бештар дар ду навбат сурат мегирад ва дар навбати дуюм ҳисоби овозҳо аз рӯи нисбати овози дигар номзадҳо гирифта муайян мегардад.

2. Низоми мажоритарии аксарияти нисбӣ, ки дар он барои голиб омадан нисбат ба ҳар як номзади дигар зиёдтар овоз гирифтан зарур аст. Дар ин маврид гурӯҳҳои интихоботии ҳизбӣ бештар бурд карданашон аз эҳтимол дур нест. Ҳатто ҳизби ба аксарияти нисбии овозҳо соҳибшуда, метавонад ба аксари мутлақи ҷойҳо дар парлумон соҳиб шавад.

Низоми мутаносибии интихобот онро ифода мекунад, ки дар байни овозҳои додашуда ба ҳизби муайян ва ҷойҳои вакилони он соҳиб шуда таносуб риоя мешавад.

Низоми мутаносибӣ интихобот дар бисёр давлатҳо мавҷуд аст. (масалан, Финляндия, Шветсия, Норвегия, Белгия, Исроил, Австралия ва ғайра). Дар баъзе давлатҳо, аз ҷумла дар Италия ва Ҷумҳурии Федералии Олмон ин низом якҷоя бо низоми мажоритарӣ вуҷуд дорад.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ дар ҳавзаҳои интихобот сурат мегирад ва аз ҳар ҳавзаи интихобот як вакил интихоб мешавад. Тибқи тағйироту иловаҳои дар раъйипурсии соли 1999 ба Конститутсия дохилгардида интихоботи Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад. Ба вакили Маҷлиси намояндагон шаҳрванде интихоб мешавад, ки синни ӯ аз 25 кам набошад.

Аз чор се ҳиссаи Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим дар Маҷлисҳои якҷояи вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (якҷоя) бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мегардад. Дар Маҷлиси миллӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ намоядагони баробар доранд. Аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин мекунад. Аъзои Маҷлиси миллӣ шаҳрванде интихоб ва таъйин мешавад, ки ба синнаш 35 сола ва соҳиби маълумоти олӣ бошад. Ҳар Президенти собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви якумраи

Маҷлиси миллӣ мешавад, агар ӯ аз истифодаи ин ҳуқуқ даст накашад.

### 3. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақомоти давлатӣ чун қисми таркибии давлат сохтори ба худ хос дорад, ки онро дастгоҳи давлатӣ меноманд. Дастгоҳи давлатӣ аз низоми мақомоти давлатӣ иборат аст, ки ба воситаи онҳо ҳокимияти давлатӣ ва вазифаҳои (функсияҳои) давлат ба амал бароварда мешаванд.

Мақомоти давлатӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои ғайридавлатӣ ин гунна хусусиятҳоро надоранд. Масалан:

1. Мақомоти давлатӣ узви таркибии давлат буда, рукни ҷудогонаи дастгоҳи давлатиест, ки таъиноти махсуси хизматӣ дорад.

2. Мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиб ва ҳолатҳое, ки Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ муқаррар кардааст, таъсис,тағйир ва барҳам дода мешавад. Масалан, ҳамаи мақомоти намояндагии давлатӣ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси интихоботи умумӣ, баробар ва мустақим бо овоздиҳии пинҳонӣ шаҳрвандон интихоб мекунанд. Ҳайати Ҳукумати Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси таъин намудан ва озод карданни Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат ба тасдиқи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мегардад. Ҳайати Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро Президент барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллиӣ Маҷлиси Олӣ пешниҳод менамояд. Президент ҳайати судҳои ҳарбӣ, судҳои ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоят ва шаҳри Душанберо бо пешниҳоди Шӯрои адлия таъин ва озод мекунад.

3. Мақомот аз тарафи давлат барои татбиқ кардани мақсаду вазифаҳояш ваколатдор карда мешавад. Дар баробари ин, мақомот метавонад яке аз вазифаҳо ё чанд вазифаҳои давлатиро иҷро намояд. Масалан, Маҷлиси Олӣ, Президент ва

Ҳукумати Тоҷикистон чандин вазифаҳои давлатиро иҷро менамоянд. Вазорати маориф бошад, - фақат вазифаи идораи соҳаи маориф, Вазорати корҳои хориҷӣ - соҳаи сиёсати хориҷии давлат, Вазорати тандурустӣ - соҳаи таъмини сиҳатии мардум, Вазорати корҳои дохилӣ - вазифаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандонро амалӣ мекунад, яъне онҳо ба як соҳаи мушаххаси идораи давлатӣ машғуланд.

4. Мақомоти давлатӣ салоҳияти ҳукмфармоии давлатӣ дорад.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло чунин таърифи мақомоти давлатиро пешниҳод менамоем.

**Мақомоти давлатии Тоҷикистон узви таркибии давлат, дастгоҳи он буда, бо тартиби муқаррар кардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбад ва барҳам мехӯрад, барои татбиқи мақсаду вазифаҳои давлат ваколатдор мебошад, салоҳияти махсуси давлатӣ дорад, дар шаклҳои ташкилии муайяншуда амал мекунад ва дар доираи салоҳияти худ санадҳои ҳуқуқӣ қабул мекунад.**

Мақомоти давлатии Тоҷикистон ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад.

Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) ҳокимияти қонунгузорӣ ба воситаи палатаҳои Маҷлиси Олӣ- парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад.

Ҳокимияти иҷроия тавассути Президент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (ҳукумат) амалӣ гардонда мешавад.

Ҳокимияти судӣ тавассути Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Судҳои вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр ва ноҳияҳо амалӣ мегардад. Қисми таркибии ҳокимияти судӣ мақомоти прокурорӣ мебошад, ки дар шакли ба худ хос назорати прокурориро анҷом медиҳанд.

Ҳамин тавр, мақомоти ҳокимияти давлатиро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

1. Мувофиқи сатҳи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти олию марказии ҳокимияти давлатӣ ва ба

мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тақсим мешаванд. Тибқи Конститутсия ба мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ Маҷлиси Олӣ, Президент, Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокурори генералии Тоҷикистон дохил мешаванд. Мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳое мебошанд, ки дар миқёси ҷумҳуриявӣ фаъолият мекунанд. Мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ аз Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, ҳукумати вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, саридора, идора ва шӯъбаҳои онҳо, судҳои вилояту шаҳр ва ноҳияҳо иборат аст.

2. Дар сатҳи умумидавлатӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузорӣ, мақомоти иҷроия ва мақомоти судӣ ҷудо мешаванд. Мақомоти қонунгузории ҷумҳурӣ Маҷлиси Олӣ (Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагон) мебошад, ки онро шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мекунад.

Ирода ва манфиатҳои халқро ҳангоми баррасии масъалаҳои гуногун Маҷлиси Олӣ тибқи тартиби қонунгузор муқаррар кардааст ба инобат мегирад.

Бо мақсади таъмини фаъолияти самарабахши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгоҳи махсус таъсис дода мешавад.

Ҳокимияти судӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, ҳокимияти ягонаи судиро амалӣ мегардонанд. Мақомоти судӣ адолати судиро дар асоси гузаронидани мурофиаи конститутсионӣ, ҷиноӣ, граждани ва маъмурӣ таъмин менамояд.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйипурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ягон шохаи ҳокимият тааллуқ надорад ва дар фаъолияти худ ба ягон мақомоти давлатӣ вобаста нест. Вазъи ҳуқуқии Комиссияи марказиро бо Конститутсия, қонуни конститутсионӣ дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад, Комиссияи марказии интихобот ва раъйипурсиро бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагон таъсис медиҳад, Раис, муовин ва аъзоёни онро интихоб мекунад. Қарор ва дигар санадҳои Комиссияи марказӣ, ки дар доираи салоҳияташ қабул намудааст, барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидора, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилоту шахсони

мансабдор, номзадҳо, интихобкунандагон, комиссияҳои поёнии интихобот ҳатмист, Комиссияи марказӣ аз кори худ ба касе ҳисобот намедиҳад. Натиҷаи интихобот ва ё раъйипурсиро дар матбуот чоп мекунад.

4. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз рӯи тарзи фаъолияти худ ба мақомоти дастаҷамъӣ (коллегиалӣ) ва яккасардорӣ тақсим мешавад. Аксари мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти судӣ ва Ҳукумати ҷумҳурию ҳукуматҳои маҳаллӣ дар асоси дастҷамъӣ фаъолият мекунанд. Мақомоти яккасардорӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, саридора ва идораҳои мақомоти иҷроия, инчунин прокурори генералӣ ва прокурорҳои вилояту шаҳр ва ноҳия мебошанд.

Ҳамин тавр Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, қонуну санадҳои зерқонунӣ кафолати татбиқи усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон мебошанд.

## Адабиёт


1) Имомов А.И. Асосҳо ва тартиби ташкил ва барҳам додани воҳидҳои маъмурӣ - ҳудудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз: Маводи конфронси илмӣ бахшида ба 70-солагии таъсиси ҶТ. Душанбе, 1994. С.12-14.

2) Имомов А.И. Баҳсу андешаҳо перомуни парлумон //Партии и движения Таджикистана. 1998. №5. С.6-7.

3) Имомов А.И. Интихобот ва парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2001.

4) Имомов А.И. Марзбандӣ ва таҳкими ҳамбастагӣ //Садои мардум. 1991. 23 май.

5) Имомов А.И. Ҳамапурсии умумихалқӣ - зинаи нави демократия. //Садои мардум. 1991. 7 феврал.

6) Имомов А.И. Худшиносӣ ва интихоби Президент. //Садои мардум. 1991. 2 октябр.

7) Низомнома оид ба тартиби иштироки нозирон дар интихобот. Душанбе, 2004.

8) Раззоқов Б.Ҳ. Ҳокимияти иҷроия: гузориши масъала, моҳият ва хосиятҳои асосӣ //Давлат ва ҳуқуқ. 1999. №1. С.54-56.

9) Раҷабов С.Р. Маҷлиси Олӣ - мақоми олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ // Давлат ва ҳуқуқ. 1997. №4. С.45-48.

10) Роҳнамои омӯзишӣ - барои комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот. 27 феврали 2005.

11) Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи тақсимоти ҳокимият (асосҳои ғоявӣ ва марҳилаҳои асосии инкишоф). Паёми Донишгоҳ. Бахши таърих ва ҳуқуқ. Душанбе, 1991. №2. С.63-66.

12) Хакимов Ш.К. Конституции и конституционное законодательства стран СНГ о выборах в представительные органы государственной власти ( сравнительно правовой анализ) // Государство и право № 4.Душанбе, 1998, - С. 63 -67.

13) Хакимов Ш.К. Общественно - политические преобразование и эволюция конституционных реформ в СНГ и странах Восточной Европы (сравнительно правовой анализ ) //Вестник Пед. университета № 4. Душанбе,1998, С.145-158.

14) Хакимов Ш.К. О проблемах реализации политических прав //Материалы 5-ой международной научно- практической конференции « Миротворический процесс в Таджикистане: консолидация и гарантирование меротворческого процесса».Душанбе, 1999. - С. 69-72.

15) Хакимов Ш.К. Политико-правовые проблемы оппозиционной деятельности в Таджикистане //Таджикистан и Современный мир №1(2). Душанбе,2003.- С.72-78.

16) Хакимов Ш.К. Проблемы реализации избирательных прав граждан Республики Таджикистан: законодательства и политическая практика //Вестник Национального Университета №1. Душанбе, 2003.- С. 58-74.

## МАВЗӮИ 6. Ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ.

1. Мафҳум, сарчашма, субъект ва объектҳои ҳуқуқи гражданӣ.

2. Аҳдҳо: Ҳуқуқи моликият ҳуқуқи мерос, шартнома ва ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ.

### 1. Мафҳум, сарчашма, субъект ва объектҳои ҳуқуқи гражданӣ.

Мувофиқи моддаи 1 Кодекси гражданӣ ҳуқуқи гражданӣ муносибатҳои:

а) молумулкӣ; б) шахсии ғайримолумулкии ба молу мулк вобаста ва в) гайримолумулкии ба молу мулк вобаста набударо танзим менамояд.

Бо вуҷуди ин, ҳоло ҷонибидорони ҳуқуқи ҳоҷагӣ ба ақидаи худ тобиши дигар додаанд.

**Ҳуқуқи гражданӣ - системаи қонунҳое (сарчашмаҳое), ки қоида, тарзу моҳият, мақсад ва натиҷаи рафтору фаъолияти субъектҳо ва объекти муносибатҳоро муайян намуда, муносибатҳои молумулкӣ, пулу қоғазҳои қимматнок, бемузд, шахсии ғайримолумулкӣ ва вобастагии ҳамаи ин муносибатҳоро, ки ба баробарҳуқуқии субъектҳо, баробарии мавқеъи тарафҳо дар муносибатҳо, мустақилияти шахсӣ ва арзишнок, ки ба манфиатнокии тарафҳо, ташаббускории онҳо асос ёфтааст, танзим менамояд.**

Ҳамин тавр, предмети ҳуқуқи гражданӣ пеш аз ҳама

а) Муносибатҳои молумулкӣ мебошанд.

Муносибатҳои молумулкӣ яке аз гурӯҳҳои предмети ҳуқуқи гражданӣ ба ҳисоб меравад. Аз сабаби он ки дар қонуни гражданӣ таърифи мафҳуми муносибатҳои молумулкӣ пешбинӣ нашудааст, олимон дар мавриди таҳлил ин мафҳумро ҳар хел маънидод мекунанд. Ба ақидаи баъзе олимон муносибатҳои молумулкӣ ин муносибатҳои иқтисодӣ аст, ба андешаи дигарон муносибатҳои истеҳсолӣ, музднок, арзишдор, арзиши баробардошта, муносибатҳои ба мол, пул вобастабуда ва ғайра муносибатҳои молу мулкӣ мебошад.

Муносибатҳои молумулкӣ вобаста ба мақсад ва амали худ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1) муносибатҳои моликӣ, ки ба азхудкунӣ ва вобастагии неъматҳои моддӣ ва шахсони алоҳида, ҷамъият, давлат, соҳибкор, корхона ва ташкилотҳо вобаста аст.

2) муносибатҳои молумулкие, ки аз ӯҳдадориҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд. Ба воситаи ӯҳдадорӣ неъматҳои моддӣ аз як шахс ба шахси дигар мегузарад.

Ба предмети ҳуқуқи гражданӣ инчунин муносибатҳои бемузд ҳам дохил мешаванд. Масалан, бахшидани молу мулк, бемӯзд нигоҳубин намудани молу мулк ва монанди инҳо.

Хулоса, муносибатҳои молу мулкӣ - муносибатҳое мебошанд, ки ба молу мулк, пул ва дигар натиҷаҳои фаъолияти арзишнок вобаста буда, байни субъектҳои дар қонун пешбинишуда ба миён омада, тарзҳои тасарруфӣ, истифодабарӣ, ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои истеҳсолот, предметҳои истеъмолӣ ва ғайра, инчунин аз як субъект ба субъекти дигар гузаштани онҳоро дар муносибатҳои иқтисодӣ муайян менамоянд.

Предмети ҳуқуқи гражданӣ, инчунин танзими муносибатҳои шахсии ғайри молумулкӣ аст.

Бо мурури замон масъалаи танзими муносибатҳои шахсӣ, муайян намудани табиати юридикии онҳо ба миён гузошта шуд.

Мавриди зикр аст, ки муносибатҳои ташкилӣ низ предмети ҳуқуқи гражданӣ мебошад.

Ақида оид ба муносибатҳои ташкилӣ чун ҷузъи предмети ҳуқуқи гражданӣ бори нахуст аз ҷонибии профессор О.А.Красавчиков соли 1966 пешниҳод шуда буд.

Вобаста аз ваколату савияи мақомоти давлатӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки онҳо қабул мекунанд, низоми муайянеро ташкил медиҳанд.)

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда буд, қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, усулҳои бунёдии танзими ҳуқуқиро таъмин мекунад ва асоси ҳуқуқии қонунгузории ҷорӣ ва манбаи бевоситаи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Масалан, чунин меъёрҳои Конститутсия, ки ба ҳуқуқи моликият (моддаи 12, 13, 40), моликияти шаҳрванд ва мерос (моддаи 32, 40), ҳуқуқи интихоби маҳалли зист (моддаи

24), ҳуқуқ ба манзил (моддаи 36) ва ғайра бахшида шудаанд, бевосита ба ҳуқуқи гражданӣ дахл доранд.

Қонунҳоеро, ҳамчун мисол, номбар кардан мумкин аст, ки меъёрҳои конститутсиониро мушахас мекунад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 декабри соли 1996; «Дар бораи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ»; «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 декабри соли 1991; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификати маҳсулот ва хизмат» аз 13 декабри 1996; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 ва ғайра.

Кодекс - қонунест, ки тамоми меъёрҳо ё қисми зиёди меъёрҳоро, ки соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад, дар бар мегирад.

30 июни соли 1999 дар сесияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми якуми кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки он яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз 3 фасл, 28 боб ва 487 модда иборат мебошад.

Ин Кодекс аз 1 январи соли 2000-ум мавриди амал қарор гирифт.

11 декабри соли 1999 қисми дуюми кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки аз 1 июли соли 2000 мавриди амал қарор гирифт. Қисми дуюми кодекси гражданӣ, ки аз 47 бобу 636 модда иборат мебошад, ба танзими намудҳои алоҳидаи ӯҳдадорӣ бахшида шудааст.

Дар низоми санадҳои меъёрии қонунгузории гражданӣ фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои танзими муносибатҳои конкретии молумулкӣ (амволӣ) равона карда шудаанд, мақоми муҳимро ишғол менамоянд ва ҳамчун санади мақомоти олии ҳокимияти иҷроия характери зерқонунӣ доранд. «Президент, - қайд карда мешавад дар моддаи 10 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 «Дар бораи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ», - дар асоси Конститутсия, қонуни конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ фармон ва амрҳо мебарорад. Санади

меъёрии ҳуқуқии Президент дар шакли фармон бароварда мешавад».

Санади дигаре, ки вазорату комитетҳои давлатӣ ва идораҳо мебароранд (низомнома, дастур, мактуб, қоидаҳо ва ғ.) бо фармону қарорҳои дахлдор тасдиқ карда мешаванд.

Қобили тазаккур аст, ки агар вазорату идораҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ё тасдиқ кунанд бояд албатта асоси ҳуқуқии ин санадро нишон диҳанд.

Ҳамин тавр, қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, Кодекси гражданӣ, қарорҳои Маҷлиси Олӣ, фармонҳои Президент, қарорҳои Маҷлиси Олӣ, қарори Ҳукумат, санадҳои вазоратҳо, комитетҳои давлатӣ ва идораҳои ҷумҳуриявӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлат (вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо), мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳа ва инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст мебошанд.

Таркиби муносибати ҳуқуқии гражданӣ аз унсурҳои зерин: субъект, объект ва мазмун иборат мебошад, ки дар бораи ҳар яки онҳо дар қисматҳои алоҳидаи ин боб маълумоти муфассал дода мешавад.

**Субъект ва объекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ**

Дар ҳар як муносибати ҳуқуқи гражданӣ ақаллан ду субъект (ду тараф) иштирок менамояд.

Шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои давлатию воҳидҳои марзию маъмурие, ки ҳуқуқи субъекти гражданӣ доранд, субъекти муносибати ҳуқуқи гражданӣ шуда метавонанд. Заминаи ин муносибатро қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ ва қобилияти амалкунии гражданӣ ташкил медиҳанд.

Тавре ки ишора шуд, қобилияти соҳиби ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои гражданӣ буданро қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ меноманд (моддаи 18 кодекси гражданӣ). Қобилияти амалкунии гражданӣ бошад, ин қобилияти бо ҳаракатҳои худ ба даст овардани ҳуқуқҳои гражданӣ ва барои худ ба вуҷуд овардани ӯҳдадориҳои гражданӣ мебошад (моддаи 22 кодекси гражданӣ).

Шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони қобилияти амалкунии гражданӣ дошта барои субъекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ шудан ҳамаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳо доранд. Ноболиғон ва шаҳрвандоне, ки гайри қобили амал эътироф шудаанд, азбаски қобилияти соҳиби ҳуқуқ ва ӯҳдадорӣ ҳастанд, мумкин аст иштирокчии муносибати ҳуқуқӣ гарданд. Масалан, фарзандони ноболиғ ворис шуда метавонанд. Аммо ҳуқуқи онҳоро намояндаи қонуниашон - волидон ё васиён амалӣ мегардонанд.

Объекти муносибати ҳуқуқи гражданиро неъматҳои моддӣ ё ғайримоддие, ки барои ҳифз ва мустаҳкам намудани муносибати ҳуқуқӣ пайдо мешавад, ташкил медиҳад. Аз ин ҷиҳат объекти муносибати ҳуқуқи гражданӣ: амвол (молу мулк), маҳсули меҳнати эҷодӣ, асарҳои илмӣ, адабиёт, санъат, ихтироот ва ба фоидаи касе иҷро кардани ягон кор ё хизмат расонидан, неъматҳои ғайримоддӣ шуданаш мумкин аст. Масалан, дар натиҷаи эҷод намудани асари бадеӣ, муносибати ҳуқуқи муаллифӣ пайдо мешавад. Аз рӯи шартномаи пудрат пудратчӣ ӯҳдадор мешавад, ки бо талаби супоришдиҳанда хавфу хатари кори муайянеро ба зиммаи худ гирифта, онро аз амволи супоришдиҳанда ё маводи худ ба ҷо оварад, супоришдиҳанда бошад, ӯҳдадор мешавад, ки кори иҷро кардашударо қабул кунад ва ҳаққашро диҳад (банди 1 моддаи 714 кодекси гражданӣ).

Ҳаёт, саломатӣ, ном, шаъну шараф ва ғ. объекти муносибати ҳуқуқии ғайримоддӣ ҳисоб мешаванд. Масалан, дар мавриди маъюб кардан ё дигар гуна зарар расонидан ба саломатӣ, қонуншикане, ки барои зараррасонӣ ҷавобгар мебошад ӯҳдадор аст музди кори ҷабрдидаро, ки ӯ дар натиҷаи гум кардани қобилияти меҳнатӣ ё кам шудани он маҳрум шудааст, инчунин маблағҳоеро, ки бо сабаби зарари расондашуда сарф шудаанд (масалан, барои хӯроки пурқувват, протез кардан ва ғ.), ҷуброн кунад (банди 1моддаи 1079 кодекси гражданӣ).

## 2. Аҳдҳо: Ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи мерос, шартнома ва ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ.

Инсоният ва ташкилотҳо доимо ба ин ё он маводи зарурӣ эҳтиёҷ доранд ва кӯшиш менамоянд, ки талаботҳои худро қонеъ гардонанд.

Масалан, барои қонеъ гардонидани ягон талабот шаҳрванд ё ташкилот шартномаи кирояи молу мулк мебандад.

Хулоса, аҳдҳо метавонанд се навъ оқибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд оваранд:

а) аҳдҳо асоси ба вуҷуд овардани муносибатҳои граждании, яъне ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд. Масалан, шаҳрванд А. шартномаи иҷораи манзил мебандад. Ин сабаби ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иҷораи манзил мешавад;

б) аҳдҳо асоси тағйир ёфтани муносибати тарафҳо шуданаш мумкин. Масалан, муҳлати шартномаи иҷора дароз карда мешавад ё ҳаққи иҷора зиёд ё кам карда шавад ва гайра;

в) аҳдҳо асоси қатъ гардидани муносибатҳо шуданаш мумкин аст. Масалан, соҳиби хонаи ба иҷорадода мумкин объекти ин шартномаро фурӯшад. Дар ин ҳол муносибатҳое, ки аз иҷора ба вуҷуд омада буданд, қатъ мегардад.

Ҳамин тавр, аҳд - амали шаҳрвандон ва шахсони юридикӣ мебошад, ки барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъ гардонидани ҳуқуқ, ва ӯҳдадориҳои граждании равона карда шудааст (моддаи 178 кодекси граждании).

Таснифи аҳдҳо:

1. Вобаста аз иродаи шумораи иштирокчиён аҳдҳо як, ду ва бисёртарафа мешаванд (моддаи 179 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон):

**Аҳдҳои яктарафа** аҳдҳое мебошанд, ки барои ба миён омадани онҳо иродаи як шахс кифоя аст. Масалан, гузоштани васиятнома, қабул намудани мерос ва гайра. Аммо оқибатҳои ҳуқуқии аҳди яктарафа мумкин аст ба якчанд шахс дахл дошта бошад. Масалан, молу мулке, ки васият карда мешавад, мумкин аст ба якчанд шахс дахл дошта бошад.

**Аҳдҳои дутарафа** (шартномаҳо) бо амал ва ифода намудани иродаи ду тараф ба миён меоянд. Дар мавриди содир намудани чунин аҳдҳо тарафҳо бояд розӣ бошанд. Чунин аҳдҳоро созишнома меноманд. Аҳдҳои дутарафа паҳншудатарин намуди аҳдҳост, масалан, созишномаи хариду фурӯш. Як тараф мехоҳад моли худро фурӯшад, тарафи дигар мехоҳад онро харида гирад.

Ба гурӯҳи созишномаҳо **аҳдҳои бисёртарафа** ҳам дохил мешаванд. Чунин аҳдҳо аз аҳдҳои дутарафа бо он фарқ мекунанд, ки дар аҳдҳои бисёртарафа се ва аз он ҳам зиёд иштирок-

чиён иштирок мекунанд. Дар чунин аҳдҳо мақсади тарафҳо ба якдигар зид нест, бо вуҷуди он ки ҳар яке аз онҳо иродаи худро мустақилона ифода менамояд. Масалан, созишномаи амалиёти якҷоя оид ба ташкили ширкатҳои оддӣ, созишнома дар бораи таъсиси баъзе шахсони ҳуқуқӣ. Иродаи иштирокчиён дар чунин аҳдҳо бо ҳам мувофиқанд.

2. Вобаста ба гирифтан ё нагирифтан, пайдо кардан ё накардани қаноатмандии мутақобила оид ба супоридани мол, хизмати расонидашуда, кори иҷрошуда аҳдҳо музднок ва бемузд мешаванд. Мафҳуми аҳдҳои музднок ва бемузд дар моддаи 455 кодекси гражданӣ пешбинӣ шудааст. Аз рӯи меъёри ин модда аҳде, ки мутобиқи он як тараф бояд музд гирад ё барои иҷрои ӯҳдадориҳояш пасгардонии дигари мутақобилро гирад, музднок ҳисоб мешавад. Ва баръакс, аҳде, ки мутобиқи он як тараф ӯҳдадор мешавад ба тарафи дигар бе музд ё пасгардонии чизе диҳад, аҳди бемузд эътироф карда мешавад.

3. Вобаста аз лаҳзаи баста шудани аҳд, аҳдҳо ба консенсуалӣ ва реалӣ (воқеӣ) ҷудо мешаванд.

Аҳдҳои консенсуалӣ (аз калимаи лотинӣ consensus-созиш)

аз лаҳзаи байни тарафҳо доир ба шартҳои муҳим ва дар шакли пешбинишудаи қонун ба созиш омадани тарафҳо басташуда ҳисобида мешавад. Шартномаҳои хариду фурӯш, маҳсулотсупорӣ ва г. ба ин намуди аҳд мисол шуда метавонанд.

Барои аҳди басташуда эътироф кардани аҳди реалӣ (реалӣ аз калимаи лотинӣ res - ашё) доир ба шартҳои муҳими аҳд ба созиш омадани тарафҳо кифоя нест. Масалан, дар шартномаи амонатнигаҳдорӣ то он даме ки ашё ба амонатнигаҳдоранда супорида нашавад, аҳд басташуда ҳисоб намеёбад.

Ҳамин тавр, аҳдҳои реалӣ танҳо аз лаҳзаи ба таври реалӣ иҷро шудани предметаш аҳди басташуда эътироф карда мешавад.

4. Вобаста ба он ки барои эътиборнокии аҳд асоси ба вуҷуд омадани он аҳамият дорад ё не, аҳдҳо асоснок (казуалӣ) ва аҳдҳои норавшан (абстрактӣ) мешаванд.

Казуалӣ - аз калимаи лотинии (causa - сабаб, асос) гирифта шуда, сабабро ифода менамояд.

Абстрактӣ - аз калимаи лотини (abstrabere - ҷудо, алоҳида, ҷудокардашуда мебошад.)

5. Ғайр аз он аҳдҳои одатӣ, яъне муқаррарӣ, маълум ва шартиро фарқ мекунанд. Дар аҳдҳои одатӣ ҳуқуқ ва уҳдадории тарафҳо мувофиқи талаб ва муҳлате, ки дар қонун ё созиши тарафҳо муайян карда шудааст, ба вуҷуд меоянд ва қатъ мегарданд.

Аҳдҳои шартӣ гуфта, дар сарчашмаҳои юридикӣ чунин аҳдҳоеро меноманд, ки оқибатҳои ба вуҷуд омадан ё қатъ гардидани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо аз чунин аҳдҳо ба ҳолатҳое вобаста карда мешаванд, ки мумкин аст онҳо дар оянда ба вуҷуд оянд (шарти мусбат) ё ба вуҷуд наоянд (шарти манфӣ).

6. Вобаста ба вақти бастан ва иҷрои он аҳдҳо ба аҳдҳои бемуҳлат ва муҳлатнок тақсим мешавад.

Дар аҳдҳои бемӯҳлат вақти баста шудан ва қатъ гардидани он муайян карда намешавад. Масалан, шахс аз мағоза китобро харидорӣ кард, арзишашро супорид. Агар дар аҳд мӯҳлат нишон дода нашуда бошад, чунин аҳд ба муҳлати номуайян басташуда ҳисоб мешавад. Мӯҳлат дар аҳд мумкин аст бо тарзҳои гуногун, яъне

1) бо нишон додани муҳлати аниқ масалан, 10 сентябри соли 2000;

2) ба воситаи нишон додани вақти муайян, масалан, пас аз 10 рӯз, пас аз як сол ва ғайра;

3) бо нишон додани ҳодисае, ки бояд ба миён ояд, масалан, аз вақти саршавии киштиронӣ (навигация), пас аз ҷамъ кардани ҳосил ва ғайра.

Мавриди зикр аст, ки аҳдҳои биржавӣ, фючерӣ, бонкӣ, хориҷӣ ва ғайра навъҳои дигари аҳдҳо мебошанд, ки дар адабиёти илмӣ олимон оид ба умумият, хусусият ва тафовути онҳо навиштаанд.

Шартҳои боэътибор донстани аҳдҳо:

Аҳдҳо дар асоси шартҳои умумие, ки кодекси гражданӣ онҳоро эътироф кардааст, боэътибор дониста мешавад.

Кодекси гражданӣ ду шакли асосии аҳдро фарқ мекунад, шакли даҳонӣ ва хаттӣ. Шакли хаттӣ дар навбати худ ба шаклӣ хаттии оддӣ ва нотариалӣ тақсим мешавад.

Аҳдҳое, ки барои бастани дар қонун шакли хаттӣ пешбинӣ нашудааст, мумкин аст даҳонӣ баста шавад. Агар дар қонун тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, аҳде, ки бо додани

жетон, чипта (билет) ё аломати дигари одатан қабулшуда тасдиқи худро ёфтааст, аҳди басташуда, яъне анҷомёфта эътироф карда мешавад (қисми 4 моддаи 183 кодекси граждани̅).

Дар кодекси граждани̅ дар кадом мавридҳо аҳд дар шакли даҳони̅ (моддаи 184 кодекси граждани̅), дар кадом ҳолатҳо дар шакли хаттии одди̅ (моддаи 186 кодекси граждани̅) ва дар кадом ҳолатҳо дар шакли нотариалӣ (моддаи 188 кодекси граждани̅) баста мешаванд, ба таври амиқ пешбини̅ карда шудааст.

Агар шахс бо сабаби иллати ҷисмони̅, бемори̅ ё бесаводи̅ аҳдро шахсан имзо гузошта натавонад, бо хоҳиши ӯ дар аҳд шахси дигар имзо карда метавонад. Аммо имзои ин шахс аз ҷониби нотариус ё мансабдори дигари барои анҷоми чунин амали нотариалӣ ваколатдошта бо зикри сабабҳояш тасдиқ карда мешавад.

Дар натиҷаи риоя накардани шакли нотариалӣ ё талаботи бақайдгирии давлати̅ (моддаи 189 кодекси граждани̅) аҳд беэътибор дониста мешавад. Бинобар ин шакли дар қонун пешбининамудаи аҳд бояд риоя карда шавад.

Аҳдҳои беэътибор ва оқибатҳои он:

Аҳдҳои беэътибор гуфта, аҳдҳоеро меноманд, ки натиҷаҳои ҳуқуқие, ки бояд тарафҳо ба он ноил мешуданд, бо сабаби ба талаби қоидаҳои қонун мувофиқ набудани онҳо ба он натиҷаҳои ҳуқуқи̅ мувофиқ шуда наметавонанд.

Ду намуди аҳдҳои беэътиборро қонун фарқ мекунад, аҳдҳои тамоман беэътибор ва аҳдҳои баҳснок (моддаи 191 кодекси граждани̅). Ба гӯруҳи аввал аҳдҳое, ки аз вақти баста шуданашон беэътиборанд дохил мешаванд. Чунин аҳдҳо новобаста аз он ки барои онҳо ба суд мурочиат шудааст ё не, беэътиборанд. Ба чунин аҳдҳо дохил мешаванд:

а) аҳдҳое, ки бар хилофи тартиботи ҳуқуқи̅ ва ахлоқ баста шудаанд (моддаи 194 кодекси граждани̅).

б) аҳдҳое, ки шахси ҳуқуқи̅ берун аз қобилияти ҳуқуқдориаш бастааст ва ба талаби оинома ва ё низомномаи он зид аст (моддаи 198 кодекси граждани̅);

в) аҳдҳои руяки̅ ва қалбаки̅, яъне рупуш (моддаи 195 кодекси граждани̅);

г) аҳдҳое, ки ноболиғи то синни̅ 14 - сола бастааст (моддаи 197 кодекси граждани̅);

д) аҳдҳое, ки аз тарафи шахси ғайриқобили амал эътирофгардида баста шудааст (моддаи 196 кодекси гражданӣ) ва ғайра.

Ба гӯруҳи дуюм аҳдҳое дохил мешаванд, ки якбора беэътибор донista нашуда, доир ба беэътибории онҳо байни тарафҳо баҳс ба миён омада, ба суд мурочиат карда шудааст ва суд бояд дида баромада, қарори дахлдор барорад.

Ба ин гӯруҳ, аҳдҳои зерин дохил мешаванд; аҳдҳое, ки дар натичаи гумроҳӣ баста шудааст (моддаи 203 кодекси гражданӣ); аҳдҳое, ки бо фиреб, зӯроварӣ, таҳдид, созиши бадқасдонаи намояндаи як тараф бо тарафи дигар ё шароити вазнин баста шудааст ва гайра.

Моликият - муносибати шахс ба ашё ҳамчун ба ашёи худ мебошад, ки дар тасарруфӣ, истифодабарӣ, ихтиёрдорӣ ва инчунин бартараф кардани ҳама гуна дахолатҳои шахсони сеюм дар тақдири ҳуқуқи моликият ифода меёбад.

Мазмуни ҳуқуқи моликиятро ваколатҳои ҳуқуқии соҳибмулк нисбати тасарруфӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ашё ташкил медиҳад.

**Ваколатҳои тасарруфӣ** - ин имконияти ҳуқуқии ҳокимияти хочагидории соҳибмулк аз болои ашё мебошад. Тасарруфӣ метавонад конунӣ ва ғайриқонунӣ бошад. Тасарруфии қонунӣ чунин тасарруфие мебошад, ки асоси қонунӣ дорад. Тасарруфии ғайриқонунӣ ин гуна асос надорад. Соҳибмулкони ғайриқонунӣ дар навбати худ бовичдон ва бевичдон мешаванд. Соҳибмулкони ғайриқонунии бовичдон шахсест, ки намедонист ва намебоист донад, ки ҳуқуқи тасарруфиро ба ашё надорад. Соҳибмулки ғайриқонунии бевичдон бошад, медонист ва ё мебоист донад, ки ҳуқуқи тасарруфиро ба ашё надорад.

Ваколати истифодабарӣ - ин имконияти ҳуқуқии ба даст даровардани хусусиятҳои фоидаовари ашё дар чараёни истифодабарии шахсӣ ва ё истеҳсолии он мебошад.

Ваколати ихтиёрдорӣ - ин имконияти ҳуқуқии ҳал кардани тақдири ашё бо роҳи ичро кардани ҳаракатҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ин ашё мебошад. Соҳибмулк ҳуқуқ дорад ашёи ба ӯ тааллуқдоштаро фурӯшад, ба ичора диҳад, ба ғарав монад, ба мерос гузорад ва ҳатто онро несту нобуд намояд.

Ба мафҳуми ҳуқуқи моликият ба маънои субъективӣ такя намуда, мафҳуми ҳуқуқи моликиятро ҳамчун институти ҳуқуқи шарҳ додан мумкин аст.

Ҳуқуқи моликият - ин низоми меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки муносибатҳои соҳибмулкро нисбати тасарруфӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ашё бо хоҳиш ва ба манфиатҳои соҳибмулк, инчунин бартараф кардани дахолатҳои ҳама гуна шахсони сеюмро ба доираи ҳокимияти хоҷагидории онро танзим менамояд.

Шаклҳо ва намудҳои ҳуқуқи моликият.

Мувофиқи моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама гуна шаклҳои моликият ва инчунин моликияти хусусӣ эътироф ва ҳифз мешавад. Мувофиқи моддаи 236 кодекси граждани моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду шакл тақсим мешавад: моликияти хусусӣ ва оммавӣ (давлатӣ). Инчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ вуҷуд дошта метавонанд. Аз мазмуни моддаи 237-238 кодекси гражданӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба моликияти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, моликияти давлатӣ бошад, ба моликияти ҷумҳуриявӣ, ки бевосита ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад, моликияти Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ, моликияти воҳидҳои марзию - маъмурӣ ва моликияти коммуналӣ тақсим мешаванд. Қонунгузории гражданӣ (моддаи 14 ва 15 кодекси гражданӣ ) дар баробари моликияти хусусӣ ва давлатӣ, инчунин моликияти коллективӣ ва шахсиро ҷудо менамояд. Ба моликияти коллективӣ - моликияти шахсони ҳуқуқӣ ва ба моликияти шахсӣ - моликияти шаҳрвандон дохил мешавад. Лекин ҳам моликияти коллективӣ ва ҳам моликияти шахсӣ ба моликияти хусусӣ дохил карда мешаванд.

Намудҳо ва зернамудҳои ҳуқуқи моликият:

Намудҳои ҳуқуқи моликият метавонад ба зернамудҳо тақсим карда шавад. Масалан, дар илми ҳуқуқи гражданӣ асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликиятро ба аввалиндараҷа ва муштақ тақсим менамоянд. Ба воситаи аввалиндараҷа ба даст даровардани ҳуқуқи моликият он ҳолатҳое дохил меша-

ванд, ки дар он ҳуқуқи моликият ба ашё бори аввал ва ё бархилофи иродаи соҳибмулки пешина ба вуҷуд меояд. Ба воситаи муштақи ба даст даровардани ҳуқуқи моликият он ҳолатҳое дохил мешаванд, ки дар он ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият бо ирода ва бо хоҳиши соҳибмулки пешина ба вуҷуд омада метавонад.

Ба воситаи аввалиндараҷа ба даст даровардани ҳуқуқи моликият дохил мешаванд: ба даст даровардани ҳуқуқи моликият ба ашёи нав тайёркарда (моддаи 252 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон), коркард (моддаи 243 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон), ба моликияти худ даровардани ашёи умумӣ (моддаи 244 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон), ба даст даровардани ҳуқуқи моликият ба амволи бесоҳиб (моддаи 249), ашёҳои ёфтшуда (моддаи 251-254).

Ба воситаи муштақи ба даст даровардани ҳуқуқи моликият дохил карда мешаванд: милликунонӣ (моддаи 8 кодекси гражданӣ), хусусигардонӣ, ба даст даровардани ҳуқуқи моликият ба амволи шахсӣ, юридикӣ ҳангоми азнавташкилшавӣ ва ё барҳамхурии он, ташкили руёниш ба амволи соҳибмулк аз рӯи ӯҳдадориҳои он (моддаи 261 кодекси гражданӣ), ба моликияти давлатӣ дохил кардани амвол бар манфиатҳои ҷамъият (реквизитсия) (моддаи 266) ё ҳамчун санксия барои ҳуқуқвайронкунӣ (конфискатсия) (267 кодекси гражданӣ).

Қатъ гаштани ҳуқуқи моликият:

Ҳуқуқи моликият бо бавуҷуд омадани фактҳои юридикии муайян қатъ мегардад. Пеш аз ҳама бо ҳолатҳое, ки бо қатъ гаштани мавҷудияти объекти ҳуқуқи моликият вобастагӣ доранд (истеъмоли пурраи ашё аз тарафи соҳибмулк, несту нобуд шудани ашё ва ғ.). Дуввум, бо қатъ гаштани мавҷудияти субъекти ҳуқуқи моликият (бо вафоти молик - шаҳрванд, ё қатъ гаштани молик -шахси юридикӣ). Дар ин ҳолат ҳуқуқи моликият қатъ мегардад, амвол бошад, объекти моликияти шахсони дигар ё давлат мегардад. Сеюм, ҳолатҳои қатъ гаштани ҳуқуқи моликият бар хилофи иродаи соҳибмулк. Дар боло ин воситаҳои қатъ гаштани ҳуқуқи моликиятро дида баромадем. Ин ҳолатҳо дар моддаи 259 кодекси гражданӣ пешбини гардидаанд.

**Ҳуқуқи мерос**, мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун аз меросдиҳанда ба ворис гузаштани ҳуқуқи молумулкӣ ва баъзе

ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ мебошад. Марг сабаби қатъ гаштани танҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои бевосита ба шахсияти меросдиҳанда вобаста буда мегардад. Ҳуқуқи мерос ҳамчун қоида характери универсалӣ дорад, яне якбора ба ворис ҳамаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахси вафоткарда мегузарад. Мерос мувофиқи қонун ва аз рӯи васият дода мешавад.

**Мерос мувофиқи қонун**. Дар мавридҳои зерин мерос мувофиқи қонун дода мешавад:

1. агар меросдиҳанда васиятнома тартиб надода бошад ё васиятнома пурра беэътбор דониста шуда бошад.

2. агар қисми молу мулк васият нашуда бошад ё васиятнома қисман беэътибор дониста шавад.

3. агар ворисн мувофиқи васиятнома таъиншуда, пеш аз кушода шудани мерос вафот кунад ё аз гирифтани мерос даст кашад.

Мувофиқи қонун ҳангоми тақсими мерос инҳо барои гирифтани ҳиссаҳои баробар ҳамчун ворис ҳуқуқ доранд:

дар навбати аввал - фарзандон (ба фарзандӣ қабулшудагон), зан ё шавҳар, падару модарони (ба фарзандӣ қабулкардагон), шахси вафоткарда, инчунин кӯдаки шахси вафотшуда, ки баъд аз вафоти меросдиҳанда таваллуд ёфтааст;

дар навбати дуюм - додарон ва хоҳарони шахси вафотшуда, бобо ва мадаркалони вай чи аз тарафи падар ва чи аз тарафи модар.

Ба қатори ворисони қонунӣ шахсоне низ дохил мешаванд, ки қобилияти меҳнат надошта, пеш аз вафоти меросдиҳанда на камтар аз як сол дар таъмини ӯ буданд. Агар ворисони дигар ҳам бошанд, онҳо баробари ворисони навбати, аввал ки ба меросгирӣ даъват карда мешаванд, мерос мегиранд.

Набераю аберахҳои меросгиранда аз рӯи қонун ба шарте ворис мешаванд, ки агар онҳо дар вақти кушода шудани мерос аз падару модарони онҳо ҳамон шахсе, ки ворис мешуд, зинда набошад. Онҳо ҳамон ҳиссаи баробареро мерос мегиранд, ки ҳангоми меросдиҳӣ аз рӯи қонун ба падар ё модари вафоткардаи онҳо мерасид.

Ба фарзандӣ кабулшудагон ва авлоди онҳо пас аз вафоти падару модарони худ, дигар хешу табори аҷдодиашон, инчунин бародарону хоҳарони аз як падару модар таваллудёфтаи ӯ аз

рӯи қонун мерос гирифта наметавонанд. Ва баръакс, падару модар ва дигар хешу табори аҷдодиаш, инчунин бародарону хаҳарони аз як падару модар таваллудёфтаи ӯ, баъди вафоти ба фарзандӣ қабулшуда ва авлодаш, мерос гирифта наметавонанд.

**Мерос аз рӯи васиятнома**. Васиятнома амри дар шакли қонунӣ тартибдодаи соҳибмулк нисбати молумулкаш (пас аз вафоти ӯ) мебошад. Васиятнома бояд ба тарзи хаттӣ навишта шуда, дар он ҷой ва вақти тартиб додани он дарҷ ёфта, бо дасти худи васияткунанда имзо ва аз тарафи нотариус тасдиқ карда шавад.

Бо ҳуҷҷатҳои ба тариқи нотариалӣ тасдиқ гашта баробар ҳисоб карда мешаванд:

1. васиятномаҳои шаҳрванде, ки дар беморхонаҳо дигар муассисаҳои табобатию профилактикӣ, санаторияҳо дар муолиҷа мебошад ё дар хонаҳои кӯҳансолон, инвалидон зиндагӣ мекунанд, ки онҳоро сардухтурон ҷонишинони онҳо оид ба қисми тиббӣ ё духтурҳои муассисаҳои номбаршуда тасдиқ кардаанд;

2. васиятномаҳои шаҳрвандоне, ки дар вақти шино дар киштиҳои баҳри ё киштиҳои дар обҳои дохилӣ дар зери байрақи ҶТ шинокунанда мебошанд, ки онҳоро капитанҳои ин киштиҳо тасдиқ кардаанд;

3. васиятномаҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар шахсоне, ки дар госпиталҳо, санаторияҳо ва дигар муассисаҳои табобатии ҳарбӣ дар муолиҷа мебошанд, ки онҳоро сардорон, ҷонишинони сардорон оид ба қисми тиббӣ, духтурони калон ва навбатдори ин госпиталҳо, санаторияҳо ва муассисаҳои табобатии ҳарбӣ тасдиқ кардаанд;

4. васиятномаҳои шахсоне, ки дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрум мебошанд, ки онҳоро сардорони ҷойҳои аз озодӣ маҳрум тасдиқ кардаанд.

Мувофиқи васиятнома шахсони бегона, ташкилотҳои алоҳида, давлат ҳам ворис шуда метавонад. Шахсоне, ки дар ҳаққи меросдиҳанда, дар ҳаққи ягон каси дигар ҷинояти вазнин содир кардаанд на аз рӯи қонун, на аз рӯи васиятнома ворис шуда метавонанд.

Бекор кардан ё тағир додани васиятнома. Васияткунанда метавонад васиятномаи нав тартиб дода васияти пештар карда-

гиашро таъғйир диҳад ё бекор кунад. Васияткунанда метавонад ба воситаи васиятномаааш ворисн иловагӣ иҷрокунандаи васиятнома таъин кунад, ба зиммаи ворис иҷрои ягон ӯҳдадориро ба фоидаи яке ё якчанд шахсон гузорад.

Қабул кардани мерос. Барои ба даст даровардани мерос ворис бояд вайро бе ягон шарт ё эзоҳ қабул кунад. Ворисе, ки имконияти тасарруфӣ ё молу мулкии меросиро пайдо карда ба идораи нотариалии давлатии ҷои кушодашудани мерос дар бораи қабул кардани мерос ариза додааст, меросро қабулкарда ҳисоб мешавад. Чунин амалиётҳо бояд дар тули шаш моҳи аз рӯзи кушода шудани мерос ба ҷо оварда шавад.

**Ҷавобгарии ворис** аз рӯи қарзҳои меросгузоранда. Ворисе, ки меросро қабул кардааст, аз рӯи қарзҳои меросгузоранда дар ҳаҷми арзиши ҳақиқии молу мулки ба вай меросгузошта ҷавобгар мешавад. Барои он ки қарзхоҳони меросдиҳанда аз ворисон қарзашонро рӯёнад, бояд дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушода шудани мерос ба ворисон ё иҷрокунандаи васият ё ба идораи нотариалии давлатии ҷои кушода шудани мерос ё ба суд арз кунанд.

**Ба давлат гузаштани мерос**. Дар мавридҳои зерин мерос ба давлат мегузарад. 1) меросгузоранда ворис надошта бошад. 1) ҳамаи ворисон аз мерос даст кашанд. 3) ҳамаи ворисон аз ҳуқуқи меросгирӣ маҳрум карда шуда бошанд. 4) молу мулки меросӣ ба давлат васият шуда бошад. 5) яке аз ворисон ба фоидаи давлат аз мерос даст кашида бошад.

**Шартнома** факти юридикие мебошад, ки дар асоси он муносибатҳои ҳуқуқӣ-ӯҳдадорӣ ба вуҷуд меояд. Яъне шартнома созиши ду ва ё якчанд шахс дар бораи ба вуҷуд омадан, тағйир додан ва қатъ намудани ҳуқуқ ва ухдадориҳои гражданӣ мебошад (банди 1 моддаи 452 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

**Мазмун ва шакли шартнома:**

Мазмуни шартнома шартҳое, ки нисбат ба онҳо тарафҳо ба созиш омадаанд, мазмуни шартномаро ташкил медиҳанд. Вобаста ба аҳамияти юридикии шартҳои шартнома ҳамаи шартҳоро ба шартҳои муҳим, муқаррарӣ ва тасодуфӣ (иловагӣ) тақсим менамоянд.

**Шартҳои муҳим** чунин шартҳое мебошанд, ки барои бастани шартнома зарур ва кифоя мебошанд. Масалан, нарх дар шартномаи хариду фурӯши бино, иншоот, манзил ё дигар молумулки ғайриманқул шарти муҳим эътироф мешавад, ҳарчанд барои шартномаи хариду фурӯши оддӣ нарх шарти муҳим нест.

**Шартҳои муқарраpӣ** ба созиш омадани тарафҳоро талаб намекунад. Шартҳои муқарраpӣ дар санадҳои меъёрии муайян пешбинӣ шудаанд ва аз лаҳзаи бастани шартнома бевосита амал менамоянд. Масалан, ҳангоми бастани шартномаи иҷора он шарте амал мекунад, ки хатари ногаҳон несту нобуд шудани предмети шартнома дар зимаи соҳибмулк аст. Дар баробари ин агар тарафҳо хоҳиши бастани шартномаро бо шартҳои муқарраpӣ надошта бошанд, онҳо метавонанд ин шартҳоро тағйир диҳанд.

**Шартҳои тасодуфӣ (иловагӣ)** чунин шартҳое мебошанд, ки шартҳои муқаррариро тағйир медиҳанд, ё ба он иловаҳо дохил менамоянд. Ин шартҳо ба матни шартнома бо хоҳиши тарафҳо дохил карда мешаванд. Набудани шартҳои тасодуфӣ ба эътибориокии шартнома таъсир намерасонад.

**Шакли шартнома.** Барои бастани шартнома ба созиш омадани тарафҳо нисбати ҳамаи шартҳои муҳим ва ифода ёфтани он дар шакли муқарраршуда зарур аст. Мувофиқи банди 1 моддаи 466 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаро дар ҳама гуна шакле. ки барои анҷом додани аҳд пешбинӣ шудааст, бастан мумкин аст, ба шарте ки қонун барои шартномаи шакли зикршуда шакли муайян муқаррар накарда бошад. Агар мувофиқи қонунгузорӣ ё созиши тарафҳо шартнома ба таври хаттӣ баста шавад, он метавонад бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷати ягонаи бо тарафҳо имзошуда, инчунин бо роҳи иваз намудани ҳуҷҷатҳо ба воситаи алоқаи почта, телеграф, телетайп, телефон, алоқаи электронӣ ё дигар навъи алоқае, ки имконияти аз ҷониби тарафи шартнома фиристода шуданашро муътамад тасдиқ менамояд, баста шавад.

**Намуди шартномаҳо:**

Шартномаҳо ба намудҳои муайян тақсим карда мешавад.

а) Вобаста ба равияи ҳуқуқиашон шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ ба асосӣ ва пешакӣ тақсим мешавад. Шартномаи

асосӣ бевосита ҳуқуқ ва уҳдадориҳоеро ба вуҷуд меорад, ки он ба гузариши неъматҳои моддӣ вобастагӣ дорад, додани мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ғ. Шартномаи пешакӣ - ин созиши тарафҳо дар бораи бастани шартномаи асосӣ мебошад. Мувофиқи шартномаи пешакӣ, тарафҳо уҳдадор мешаванд дар оянда шартнома дар бораи додани ашё, иҷрои кор ва ё расондани хизмат (шартномаи асосӣ) бо шартҳои дар шартномаи пешакӣ пешбинишуда банданд.

б) Шартномаҳо ба фоидаи иштирокчиён ва шартномаҳо ба фоидаи шахсонн сеюм. Чун қоида шартномаҳо ба фоидаи иштирокчиёнаш баста мешавад ва ҳуқуқи талаб кардани иҷроиши ин шартномаҳоро худи иштирокчиёни он доранд. Мувофиқи моддаи 462 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома ба манфиати шахси сеюм шартномае мебошад, ки дар он тарафҳо муқаррар намудаанд, ки қарздор бояд иҷрои уҳдадориро ба кредитор нею ба шахси сеюми дар шартнома зикршуда ва ё зикрнашуда, ки ҳуқуқи талаб кардани иҷрои уҳдадориро ба фоидаи худ дорад, иҷро намояд. Масалан, агар иҷорагир молумулки иҷоравиро ба фоидаи соҳибмулки он суғурта намуда бошад, ҳуқуқи талаб намудани додани товони маблағи суғуртавиро ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолати суғуртавӣ иҷорадеҳ дорад, ки ба фоидаи ӯ шартномаи сугурта баста шуда буд.

в) Шартномаҳои яктарафа ва дутарафа. Дар шартномаи яктарафа як тараф танҳо ҳуқуқҳо ва тарафи дигар уҳдадориҳо доранд. Дар шартномаҳои дутарафа бошанд ҳар ду тараф ҳам дорои ҳуқуқҳо ва ҳам уҳдадориҳо мебошанд. Қисми зиёди шартномаҳо - бисёртарафаанд. Масалан, дар шартномаи хариду - фурӯш фурӯшанда ҳуқуқи талаб кардани додани маблағи амволи фурухтаро аз харидор дорад ва уҳдадор аст амволро ба харидор диҳад. Харидор бошад, дар навбати худ ҳуқуқи талаб кардани амволи фурухташударо дорад ва уҳдадор аст маблағи онро ба фурушанда диҳад. Лекин шартномаҳои яктарафа низ вомехуранд. Масалан, шартномаи қарз яктарафа мебошад, чунки дар он кредитор ҳуқуқи талаб кардани баргардондани қарзро дорад ва ягон уҳдадорӣ нисбати қарздор надорад. Қарздор бошад, танҳо уҳдадории баргардондани қарзро дорад.

г) Шартномаҳои музднок ва бемузд. Шартномае, ки мутобиқи он як тараф бояд музд ё барои иҷрои уҳдадорияш пасгардондани дигари мутақобиларо гирад, шартномаи музднок ба ҳисоб меравад. Шартномае, ки мутобиқи он як тараф уҳдадор мешавад ба тарафи дигар бе музд ё пасбаргардонии чизе диҳад, шартномаи бемузд эътироф карда мешавад (моддаи 455 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Масалан, шартномаи хариду фурӯш умуман музднок аст ва дигар хел шуда наметавонад. Шартномаи туҳфа бошад, ҳама вақт бемузд мебошад.

д) Вобаста ба асоси бастани шартномаҳо ҳамаи онҳоро ба шартномаҳои озод ва ҳатмӣ тақсим менамоянд. Шартномаҳои озод чунин шартномаҳое мебошанд, ки бастани онҳо пурра аз хоҳиши тарафҳо вобастагӣ дорад. Бастани шартномаи ҳатмӣ бошад, ба як ё ҳар ду тараф ҳатмӣ мебошад.

**Тағйир додан ва қатъ гаштани шартномаҳо:**

Тағйир додан ва қатъ кардани шартномаро танҳо бо розигии тарафҳо ба амал баровардан мумкин аст. Масалан, тарафҳо дар шартномаи иҷорае, ки ба муҳлати 5 сол баста шудааст, метавонанд бо розигии тарафайн шартномаро пеш аз муҳлат қадъ намоянд.

Дар ҳолатҳои яктарафа қисман ва ё пурра даст кашидан аз иҷрои шартнома, агар ин гуна дасткашӣ бо қонун ва ё шартнома иҷозат дода шуда бошад, шартнома тагйир ёфта ва ё қатъшуда эътироф мешавад. Қарори суд дар ин ҳолат талаб карда намешавад. Мувофиқи моддаи 456 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир додани нарх баъди бастани шартнома дар ҳолатҳои бо қонун, шартнома ва ё тартиби дигари бо қонун пешбинишуда мумкин аст. Дар ҳолатҳое, ки дар шартнома ва ё қонун имконияти тағйир додан ва қатъ шудани шартнома пешбинӣ нашуда бошад, шартнома метавонад бо талаби яке аз тарафҳо танҳо бо қарори суд ва танҳо дар ҳолатҳои зерин тағйир ва ё қатъ карда шавад: 1) ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон кардани тарафи дигар; 2) дар ҳолатҳои ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолатҳое, ки тарафҳо ҳангоми бастани шартнома ба он такя мекарданд; 3) дар дигар ҳолатҳои бо қонун ва ё шартнома пешбинишуда. Дар ин сурат тарафҳо

метавонанд оид ба пеш аз мухлат қатъ гардонидани шартнома ба созиш оянд.

Лекин агар тарафҳо нисбати тағйир додан ва ё қатъ намудани шартнома ба созиш наоянд, тарафи манфиатдор метавонад ба воситаи суд дар ҳолати мавҷуд будани шартҳои зерин тағйир додан ва ё қатъ намудани шартномаро талаб намояд:

1) ҳангоми бастани шартнома тарафҳо оид ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳо ба созиш наомада буданд;

2) агар ҳолат бо сабабҳое тағйир ёфта бошад, ки тарафи манфиатдор пас аз рух доданаш онро ба ҳадди ғамхорӣ ва эҳтиёткорие, ки аз талаби шартнома ва шарти аҳдҳо бармеоянд, бартараф карда наметавонист;

3) иҷрои шартнома бо шартҳои пешина мувофиқати манфиатҳои молумулкии тарафҳоро то дараҷае вайрон намудааст ва ба ин тараф чунин зараре расонидааст, ки аз манфиати калоне, ки ҳангоми бастани шартнома мехост ба даст дарорад, маҳрум шуда метавонист ва ғ.

**Ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ:**

Вақте ки мо дар бораи ҷавобгарӣ сухан меронем, пеш аз ҳама, мо ҷавобгарӣ барои рафтореро дар назар дорем, ки боиси ҳуқуқвайронкунӣ гардидааст ва он дар намуди оқибат барои чунин вайронкунӣ ба миён омадааст.

Пас, **ҷавобгарии гражданӣ гуфта**, дар зери маҷбуркунии давлатӣ иҷро намудани уҳдадориҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро аз тарафи субъектони муомилоти гражданӣ меноманд.

Ҷавобгарии гражданӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад. Пеш аз ҳама, ҷавобгарии гражданӣ мазмуни молумулкӣ дорад. Аз ин ҷо вай функсияи молумулкии таъсиррасониро нисбати ҳуқуқвайронкунанда иҷро менамояд. Пас, ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ аз чораҳои характери молумулки доштаи таъсиррасонӣ ба ҳуқуқвайронкунанда иборат аст. Барои ҳамин ҳам чораҳои татбиқнамоии ҳуқуқи гражданӣ ҳамавақт боиси ба ҳуқуқвайронкунанда гузоштани оқибатҳои номусоиди молумулкӣ барои рафтори нодурусти он мебошад. Хусусияти дигари ҷавобгари аз он иборат аст, ки натиҷаи муҷозоти молумулкии ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда гузошта мешуда ба

манфиати ҷабрдида рӯёнида мешавад. Чунин алоқамандии иштирокчиёни муомилоти гражданӣ гувоҳи он аст, ки дар ҳуқуқи гражданӣ ҷавобгарии як рақиб дар назди дигар, ҷавобгарии вайронкунанда дар назди зарардида вуҷуд дорад

**Шакл ва намудҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳо:**

Шакли ҷавобгарии ҳуқуқи-гражданӣ гуфта он оқибатҳои нохуши амволиеро меноманд, ки ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда гузошта мешавад. Ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳо дар шакли рӯёнидани зарар, супоридани ноустуворона, аз даст додани байъона, руёнидани зарари маънавӣ ва ғайраҳо ифода меёбад.

Ҷавобгари барои ҳуқуқвайронкунии молумулкӣ дар ҳуқуқи гражданӣ ба шартномавӣ ва ғайришартномавӣ ҷудо мешавад.

Асоси ҷавобгарии шартномавӣ созиши тарафҳо шуда метавонад. Барои ҳамин ҳам чунин ҷавобгарӣ мумкин аст барои ҳуқуқвайронкуние, ки бевосита ба муҷозоти қонунгузории амалкунанда таъмин нагардидааст, муқаррар карда шавад. Ҷавобгарии ғайришартномавӣ фақат дар ҳолат ва андозаи бевоситаи пешбининамудаи қонун мумкин аст истифода шавад. Ҷавобгарии гайришартномавӣ ҳангоми расонидани зарар ба шахсият ё молумулки зарардида ба вуҷуд меояд. Вай ба иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳое, ки ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда дар асоси шартнома гузошта шудааст, вобастагӣ надорад.

**Асос ва шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ:**

Ҳолатҳое, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ-гражданӣ ба миён меояд, асосҳои бавуҷудоии он меноманд. Чунин асос, пеш аз ҳама, содир намудани ҳуқуқвайронкуние шуда метавонад, ки дар қонун ё шартнома пешбинӣ карда шудааст. Мисоли он иҷро накардан ё бо таври дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ, инчунин расонидани зарари молумулкӣ ба ягон шахс шуда метавонад. Вале барои ба ҷавобгарии молумулкӣ кашидани шахс, ғайр аз асос, инчунин мавҷуд будани шартҳои умумии ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ зарур аст.

Ба онҳо дохил мешаванд:

1) Рафтори ё ( беамалии) зиддиҳуқуқӣ;

2) Алоқаи сабабӣ дар байни рафтори зиддиҳуқуқӣ ва оқибати бавуҷудомада;

3) Гуноҳ;

4) Мавҷудияти зарар ё зиён.

Маҷмӯи шартҳои номбаршуда ҳамчун қоидаи умумӣ барои гузоштани ҷавобгарӣ ба зиммаи шахси конкретӣ зарур буда ва дар якҷоягӣ таркиби ҳуқуқвайронкунии граждaниро ташкил медиҳанд. Ҳамчун қоидаи умумӣ, ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома набудани ақаллан яке аз шартҳои номбаркардашуда татбиқи ҷавобгариро инкор менамояд.

## Адабиёт


1) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 3. Душанбе 2005.

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 15 майи соли 1997.

3) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификати маҳсулот ва хизмат» аз 13 декабри соли 1996.

4) Асосҳои давлат ва ҳуқуқи ҶТ. Китоби дарсӣ.// Зери таҳрири узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илми ҳуқуқ, профессор Усмонов О.У. Душанбе, «Маориф» 1999- 288.с.

5) О.У.Усмонов. Асосҳои қонунгузории граждани́ // Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1999. Фасли 5. С.84-118.

6) О.У.Усмонов. Моликияти шахсӣ дахлнопазир гардид. // Садои мардум. 1995. 7 январ.

7) О.У.Усмонов. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1. Китоби дарсӣ. Душанбе, 2001. С.317.

8) О.У.Усмонов. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 2. Душанбе, 2003.

9) Тағойназаров Ш.Т. Защита личных прав граждан. Душанбе, 1991.

10) Носиров Х.Т. Правовые формы имущественной самостоятельности предприятий. Автореферат диссертации на соискание ученой степени канд. юр. наук. Душанбе,1998- 20 с.

11) Менглиев Р.Ш. Защита права владения в гражданском праве. Автореферат дис. на соиск. уч. ст. канд. юр. наук. Душанбе,1999. -23 с.

12) Ишанқулова Е.М. Проблемы права частнойсобственности граждан в Республике Таджикистан. Автореф. дис. на соиск. уч. степени канд. юр. наук. Душанбе, 2003-25 с.

13) Нодирова Ш.А. Правовое регулирование залога в Республике Таджикистан. Автореф. дис. на соиск. уч. ст. канд. юр. наук. Душанбе, 2003- 25 с.

14) Бобоев У.Х. Организационно - правовые фермы совместной хозайственной деятельности. Автореф. дис. на соиск. уч. ст. каид. юр. наук. Душанбе, 2004 – 25с.

## МАВЗӮИ 7. Асосҳои ҳуқуқи оилавӣ.

1. Мафҳум ва принсипҳои ҳуқуқи оила.
2. Ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳамсарон.
3. Қатъ гардидани никоҳ, фарзандхонӣ.

### 1. Мафҳум ва принсипҳои ҳуқуқи оила.

Бе оилаи солим мавҷудияти ҷомеаи солим, гайри имкон аст. Муносибатҳои никоҳию оилавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсия (Сарқонуни) кишвар, Кодекси оила ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ танзим менамояд.

Мавриди зикр аст, ки ҳуқуқи оилавӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ буда, муносибатҳои шахсӣ ва молумулкие, ки бо сабаби никоҳ, тавлиди кудак, фарзандхонӣ, хешу таборӣ ба тарбия гирифтани кудак байни шаҳрвандон, шаҳрвандону шахсони юридикӣ, шаҳрвандону давлат пайдо мешаванд, танзим менамояд.

Вазифаҳои асосии ҳуқуқи оилавӣ аз ҳалли масъалаҳои зерин иборат аст: мустаҳкам кардани оила, ки ба принсипи ахлоқии ҷамъият асос ёфтааст; дар асоси иттифоқии ихтиёрии никоҳи зану мард, ҳиссиёти аз гаразҳои моддӣ озодӣ муҳаббати якдигар, дӯстӣ ва эҳтироми тарафайни ҳама аъзои оила, ҳамаҷониба муҳофизат намудани манфиати модару кӯдак ва таъмини ҳаёти хушбахтонаи ҳар як кӯдак; дар муносибатҳои оилавӣ қатъиян барҳам додани урфу одат ва расму оинҳои зарарноки замони гузашта; доштани эҳсоси баланди масъулият дар назди оила.

Предмети ҳуқуқи оилавӣ маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар натиҷаи бастан ё бекор кардани никоҳ, таввалуди кӯдак, хешӣ, фарзандхонӣ, парасторӣ васоят, пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд.

Принсипҳои ҳуқуқи оилавӣ идеяи (ғояҳои) роҳбарикунандае мебошад, ки моҳияти соҳаи ҳуқуқро тавсиф намуда, санадҳои онҳоро таъкид карда, ҳангоми ғузаронидан корҳои кодификатсионӣ татбиқи қонунҳо, аз ҳамдигар фарқ кардани соҳаи ҳуқуқро меомӯзад ё муайян мекунад. Мувофиқи моддаи 1 қисми 4-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи оилавӣ аз принсипҳои зерин иборат аст:

1. Баробарҳуқуқии зану мард дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ. Ин принсипи конститутсионӣ буда баробарҳуқуқи натанҳо ҳангоми аз акди никоҳ гузаштан балки баъд аз ин ҳам ниғоҳ дошта мешавад. Онҳо ҳуқуқи баробарии шахсӣ ва молу мулкӣ пайдо мекунанд.

2. Баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар муносибатҳои оилавӣ сарфи назар аз миллат, нажод ва муносибаташон ба дин. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти акди никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ аз рӯи аслу насаб мавқеи иҷтимоӣ ва молу мулкдорӣ, мансубияти нажодӣ ва миллӣ маълумот, забон, муносибат ба дин, навъ ва характери касбу кор, ҷои истиқомат ва дигар ҳолатҳо ба ягон тарз бевосита ё бевосита маҳдудкунии ҳуқуқ, муқаррар намудани афзалиятҳои бевоситаю бавосита роҳ дода намешавад. Масалан, ҳеҷ яке аз аломатҳои дар боло зикр шуда барои бастани никоҳ мамоният карда наметавонад ё ки сababи маҳдуд кардани ин ё он ҳуқуқи тарафҳо шуда наметавонад. Қонунҳои мамлакатҳои капиталистӣ, масалан; ИМА, Америкаи Ҷанубӣ, Родезия ва ғ. ин ғуна принсипро риоя намекунанд. Чунончӣ дар 31-штати Америка хонадор шудани сафедпустону зангиёнро қонун манъ мекунад; Дар Штатҳои Мериленд, Арконзас зане сафедпусте, ки соҳиби фарзанди зангӣ гаштааст аз 18 моҳ то 5 сол ба ҳабс гирифта мешавад; дар Исроил шавҳари Араб кардани яҳудизанро «диверсияи зидди асосҳои давлатӣ» мешуморанд ва ғ.

3. Муҳофизат ва ҳавасманд кардани модарӣ. Давлат дар ҳаққи оила ба воситаи ташкил ва инкишоф додани шумораи зиёди таваллудхонаҳо ширхоргоҳҳо, кудакистонҳо, мактаб-интернатҳо ва дигар муассисаҳои кудакон, додани рухсатию ёрдампулӣ, ҷиҳати ҳомила ва таваллуди кудак, додани ёрдампулию имтиёзҳо ба модарони яккаву танҳо ва оилаҳои серфарзанд ва дигар намудҳои ёрдампулию кӯмак ғамхории зиёде зоҳир менамояд.

Қонунҳои оилавӣ барои ҳифзи саломатӣ ва манфиати занони ҳомила ва кӯдакдор якчанд имтиёзи ҳуқуқӣ муайян кардааст: Масалан шавҳар бе розигии зан барои сар кардани кор дар бораи бекор кардани никоҳ дар давраи ҳомиладории вай ва дар давоми як сол баъди таваллуди кӯдак ҳуқуқ надорад.

4. Ғамхорӣ дар бораи тарбияи фарзандон ва таъмини манфиати онҳо. Падару модарон вазифадоранд фарзандашонро тарбия намоянд, дар бораи саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқ дар бораи таълими онҳо ғамхорӣ кунанд, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ тайёр намуда, ҳамчун узви сазовори ҷамъият ба камол расонанд. Дар баъзе мамлакатҳои капиталистӣ ба падару модарон ҳуқуқ дода мешавад, ки ҳатто фарзандони ноболиғи худро мояи (объект) савдо гардонанд. Масалан, аз ҳаёти оилаи шаҳрвандони ИМА зану шавҳар Итернҳо пулу чизи зиёде дошта, мухтоҷи фарзанд буданд. Оилаи Уайтхедҳо, баракс фарзанд доштанд, аммо ҳаёти қашоққона аз сар мегузаронидаанд. Байни ин ду сила қарордоди оилавӣ баста шуд. Мувофиқи ин аҳднома ба ивази 10.000 доллар ҳамсари Уайтхед Мери-Бет духтарчаи семоҳаашро ба ҳамсарон Штаернҳо фурӯхт, ки ин хилофи қонунгузори оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

5. Якканикоҳӣ (моногамӣ). Моҳияти ин принсип дар он зоҳир мешавад, ки ҳар кас фақат дар як никоҳ буда метавонад.

6. Озодона ва ихтиёрӣ бастани никоҳ.

7. Аз ҳалли масъалаҳои оила ҷудо будани дин. Никоҳе, ки бо тариқи динӣ баста шудааст, асоси ҳуқуқӣ надорад. Яъне қонуни оила он никоҳҳои диниеро ба никоҳҳои қонунӣ баробар меҳисобад, ки то 19 декабри 1929 ба ҷо оварда шудаанд. Сабабаш ҳамин аст, ки то соли 1928 судҳо қисман вазифаҳои САҲШро ба ҷо меоварданд.

8. Дар зери назорати давлат озодона бекор кардани никоҳ. Мувофиқи ин принсип зану шавҳар озодонаю ихтиёрона хонадор шуда дар айни ҳол метавонад мувофиқи қонун никоҳи худро бекор намояд.

9. Аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ масъули ҳамдигар будан, ғамхори ҳамдигарии аъзои оила. «Волидон барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобилияти меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини волидон масъуланд қайд карда мешавад дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Ҳамин тавр, масъалаҳои никоҳу оилавӣ, муносибатҳои дохили оилавӣ бисёр вақтҳо мувофиқи нормаҳои якҷояи ҳуқуқию ахлоқӣ, баъзан танҳо аз рӯи қонун ё қоидаи ахлоқӣ ҳал карда мешавад.

## 2. Ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳамсарон.

Муносибатҳои ҳуқуқии шахсӣ чунин муносибатҳое мебошанд, ки дар асоси аз тарафи ҳамсарон ҳангоми бастан ё бекоркунии никоҳ ҳаллу фасли якҷояи масъалаҳои ҳаёти оилавӣ интихоби озодонаи машғулият, касб ва ҷои истиқомат, розигӣ додан ба фарзандхонӣ, ҳалли масъалаҳои бекоркунии никоҳ ва ғ. ба вуҷуд меоянд.

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои зану шавҳар - гуфта шудааст дар қисми 2 моддаи 10 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз лаҳзаи дар мақомоти САҲШ ба қайди давлатӣ гирифтани акди никоҳ ба миён меояд. Ҳуқуқҳои шахсӣ ба шахсияти ҳамсарон алоқаманд буда ҷудо нопазир мебошад. Ҳуқуқҳои шахсӣ аз лаҳзаи бастани никоҳ ба вуҷуд омада, ҳангоми вафот қадъ мегардад.

1) Ҳуқуқ ва вазифаҳои шахсии ҳамсарон асосан онҳоянд:

1) Ҳуқуқи интихоби насаб (фамилия).

Мувофиқи моддаи 33 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зану шавҳар ҳангоми бастани никоҳ аз рӯи хоҳиши худ метавонанд, насаби яке аз ҳамсаронро ба сифати насаби умумии худ интихоб намоянд ё ҳар кадоми онҳо насабӣ пештараи худро нигоҳ медоранд ё ба насабашон насаби ҳамсари худро илова менамоянд. Чунончӣ аз 13280 акди никоҳе, ки дар хонаи акди никоҳи шаҳри Душанбе сабт шудааст, 84,7 фоизи занон насаби шавҳарони худро интихоб намудаанд.

2) Ҳуқуқи интихобӣ машғулият ва касбу ҳунар. Дар моддаи 32 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки ҳар зану шавҳар дар интихоби шуғл, касб, намуди фаъолият соҳибихтиёр аст.

3) Ҳуқуқи ҳамсарон барои интихоби ҷои истиқомат. Ин чунин маъни дорад: ӯҳдадории ҳуқуқие вуҷуд надорад, ки дар сурати ҷои истиқоматро дигар кардани яке аз ҳамсарон нафари дуюм ҳам ҳатман аз паси ӯ равад. Маслан, ба зану шавҳари ҷавон, ки донишкадаю донишгоҳҳои олиро хатм кардаанд дар корхонаҳо ва муассисаҳои воқеӣ як шаҳр бо кор таъмин карда мешаванд.

4) Ҳуқуқҳо оид ба масъалаҳои ҳаёти оилавӣ ва тарбияи фарзандон. Ҳуқуқи иштирок дар ҳалли масъалаҳои тарбияи

фарзандон асосан дар шаклҳои зерин ба амал баровварда мешавад; тарбияи ҳаматарафаи фарзандон, муқаррар кардани ном ва насаби фарзандон, ҷойи истиқомати фарзанди ноболиғро муайян кардан, фарзандонро аз дигар шахс ки ғайри қонунӣ нигоҳ медорад талаб карда гирифтан ва ғ.

2) Мувофиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулки дар давраи хонадорӣ ҷамъкардаи зану шавҳар моликияти умумии якҷояи онҳо мебошад.

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 36 шартҳои ба ҳар кадоми зану шавҳвар тааллуқ доштани молу мулкро муайян кардааст.

Яъне амволе, ки то ақди никоҳ ба зан ё шавҳар тааллуқ дорад моликияти шахсии ӯ ба ҳисоб меравад. Масалан, то хонадоршавӣ яке аз ҳамсарон соҳиби хонаи истиқоматӣ автомобил ва дигар навъи амвол бошад. Ин амвол пас аз ба никоҳ даромадан низ ҳамчун моликияти алоҳидаи вай эътироф мешавад.

Шарти дигаре ки қонун моликияти алоҳидаи зану шавҳар эътироф мекунад, дар давраи занушуӣ яке аз ҳамсарон ин амволро ҳамчун ҳадя ё мерос гирифта бошад. Ҳар кадоме аз онҳо метавонанд аз падару модар, хешовандон, молу мулки гуногун (телевизор, яхдон, мебел)-ро ҳадя гиранд. Қонун инчунин ашёи истифодаи шахсӣ (либос, пояфзол ва ғ.)-ро новобаста аз он, ки дар давраи ҳамзистии якҷоя аз ҳисоби маблағҳои умумии зану шавҳар ба даст оварда шудаанд ё не моликияти шахсии ҳар як кадоме аз зану шавҳар эътироф менамояд. Аммо қонунгузор на ҳамаи молу мулки истифодаи шахсиро ба ин маъно эътироф менамояд. Агар дар давраи зиндагии якҷоя зану шавхар ҷавоҳирот ва асбоби дигари зебу зиннатро (ба монанди ангуштаринҳои тиллоӣ, нуқрагин, гӯшвораҳои бо сангҳои қиматбаҳо – брилиантҳо орододашуда ва ғ.), ки аз ҳисоби маблағҳои умумӣ ба даст омадаанд, новобаста аз истифодаи шахсӣ моликияти номбурда, моликияти ҳар кадоми аз ҳамсарон ба ҳисоб меравад. Масалан, шаҳрвнад. Ҳакимова К. ба суди ноҳияи Роҳи Оҳани шаҳри Душанбе бо даъво барои талоқ ва тақсими молу мулк бо Ҳакимов Ҷ. муроҷиат намуд. Ҳангоми баррасии тақисмоти молу мулк Ҳакимов Ҷ. аз суд талаб намуд, ки 12 дандони тиллоии ҳамсараш ба ӯ баргардонида шавад, зе-

ро онҳо аз ҳисоби маблағҳои шахсии ӯ тайёр карда шуда буданд.

Ҳакимова К. бошад, қатъиян ба ин талаб зид баромада, шавҳарашро ба чизпарастӣ гунаҳгор намуд ва изҳор дошт, ки дандонҳои тиллоӣ моликияти шахсии ӯст. Суд муқаррар намуд, ки дар ҳақиқат дандонҳо дар давраи ҳамсарӣ аз ҳисоби маблаги Ҳакимов И. гузошта шудаанд ва он бояд моликияти умумии якҷояи зану шавҳар эътироф карда шавад. Суд бо қарори худ Ҳакимова К.-ро ӯҳдадор намуд, ки нисфи арзиши дандонҳоро ба шавҳараш баргардонад. Дар баррасии ин парванда суд дуруст рафтор намуда қарор баровард, зеро дар моддаи 26 Кодекси оила гуфта шудааст: «ашёи истифодаи шахсӣ (либос, пояфзол ва г.), ба истисноӣ ҷавоҳирот ва асбоби дигари зебу зиннат, ҳарчанд дар давраи заношӯӣ аз ҳисоби маблағҳои умумии зану шавҳар ба даст оварда шудаанд, моликияти шахсии ҳар кадоме аз зану шавҳар ба ҳисоб мераванд».

### 3. Қатъ гардидани никоҳ, фарзандхонӣ.

Никоҳ - иттифоқи озод, ихтиёрона, баробарҳуқуқ ва ҳамчун қоида умрбоди зану шаҳвар, ки ба муҳаббату эҳтроми тарафайн бо мақсади ташкили оила баҳри тавлид ва тарбияи фарзанд асос ёфта, бо риояи ҳамаи шартҳои нишондодаи қонун, умумияти маънавӣ ва хоҷагиро, ин чунин ҳуқуқу ӯҳдадориро дар байни аъзоёни оила ба миён меорад ва дар ҳифзи давлат мебошад.

Барои бастани никоҳ риоя кардани шартҳои зерин зарур мебошад.

1) Розигии никоҳшавандагон. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Кодекси оила никоҳ бо розигии зану мард, асос меёбад.

2) Расидан ба синну соли никоҳӣ. Ҳоло дар ҶТ мувофиқи моддаи 13 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон синни никоҳи барои ҳарду ҷинс аз 17 солагӣ муқаррар карда шудааст. Суд дар мавридҳои истисноӣ аз рӯи илтимоси шахсони дахлдори алоҳида синни никоҳи муқарраркардаи ҳамин моддаро кам карда метавонад, вале на бештар аз як сол.

3) Ҷой надоштани монеъаҳои ақди никоҳ.

Мувофиқи моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ақди никоҳ байни шахсони зерин қатъ аст:

байни шахсоне, ки яке аз онҳо дар никоҳи дигар ба қайд гирифташуда қарор дошта бошад;

байни бародарону хоҳарони уғай (ки аз як падар ё модаранд);

байни фарзандхондагон ва фарзандхоншудагон;

байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории рӯҳӣ ё сустақлиаш (ноқисулақлиаш) ғайри қобили амал эътироф карда аст;

байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби суистифодаи нушокиҳои спиртӣ ё маводи нашъадор дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст.

Талоқ чунин ҳаракати иродавии зан ё шаҳвар мебошад, ки ба қатъ гардидани никоҳ равона карда шуда, бо тартиби муқарраркардаи қонун ба амал бароварда мешавад.

Тибқи моддаи 16 Қонунгузории оилавии Тоҷикистон никоҳ дар натиҷаи вафот кардан ё ба тариқи судӣ вафот ёфта эълон кардани зану шаҳвар ва ҳангоми дар ҳаёт будани ҳамсарон талоқ мегардад.

Дар ду ҳолати аввала никоҳ аз вақти қайди воқеаи марг ё вафот ёфта эълон кардани зан ё шавҳар қадъ мегардад. Барои бо ин сабабҳо қадъ гардидани никоҳ дигар ягон амалиётеро иҷро кардан ё ҳуҷҷатеро тартиб додан лозим нест. Агар дар давоми як сол дар ҷои истиқомати доимии зан ё шавҳар дар бораи ҷои зисташ маълумот набошад, мувофиқи аризаи тарафи манфиатдор ӯро бо роҳи судӣ бедарак ғойибшуда эътироф менамояд. (моддаи 43 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) Қонун ду тартиби қадъ гардидани никоҳро дар мавриди дар ҳаёт будани ҳамсарон пешбинӣ намудааст: дар мақомоти суд ва САҲІШ.

Санҷиши амалиёти судӣ исбот менамояд, ки сабабҳои вайрон шудани никоҳ - паст будани маданияти шуурнокии ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ мебошад. Ин хислат бадмастӣ, пулу чизпарастӣ, қаллобӣ, бе масъулиятӣ ва дигар амалиётҳои манфӣ мебошад.

Тоҷинисо Шарифова ки гоҳу бегоҳ аз хонаи шавҳараш роҳи хонаи падару модаршро пеш мегирифту муддати тулонӣ

«меҳмонӣ» онҳо мешуд ба вартаи саргардонӣ меафтад. Шавҳараш Умар Ғафуров коргари савдост. Чор сол бо Тоҷинисо рӯзгор диду Моҳинав ном духтарча ёфт. Рӯзӣ як моҳагии духтарчааш тӯи бодабдабаи «комсомолӣ» ороста, бо Неъматова Идимоҳ ном духтари дигаре хонадор шуд. Магар ин оқибати пулпарастӣ нест? Ин хел мисолҳо ниҳоят зиёд аст.

Бо роҳи судӣ никоҳ дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

1) байни ҳамсароне, ки яке аз онҳо барои бекор кардани никоҳ розӣ нест;

2) байни ҳамсароне, ки аз ҳамин никоҳ фарзандони ноболиғ доранд;

3) байни ҳамсароне, ки барои бекор кардани никоҳашон розӣ буда, вале доир ба тақсимоти молу мулк баҳс пайдо шудааст;

4) байни ҳамсароне, ки аз ҳамин никоҳ фарзандони ноболиғ надоранд ва барои бекор кардани никоҳ розӣ буда вале барои ба расмият даровардани талоқашон ба мақомоти (сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ) САҲШ яке аз онҳо намеоянд.

Инчунин суд барои оштӣ додани зану шавҳар чораҳо мебинад ва ба зану шавҳар то 6-моҳ муҳлат муайян карда, муҳокимаи парвандаро ба таъхир мегузорад.

Мувофиқи моддаи 19 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар мақомоти САҲШ бекор кардани никоҳ шартҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

а) ба талоқ розӣ будани зану шавҳар

б) ба ҳамин никоҳ надоштани фарзандони ноболиғ

в) байни ҳамсарон набудани баҳси тақсимоти молу мулки умумии якҷоя ё алимент.

**Фарзандхонӣ:**

**Фарзандхонӣ** - ин санади юридикие мебошад, ки дар натиҷаи он байни ашхоси ба фарзандгирандаю кӯдаку (фарзандхон) хешовандони онҳо, аз як тараф, ва кудакони фарзандхондшаванда (фарзандхондшуда), аз тарафи дигар айнан соҳиби чунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое мешаванд, ки байни падару модарону фарзандон хос аст.

Тибқи моддаи 125 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон а) фақат кӯдакони ноболигро бо назардошти манфиатҳои онҳо ба

писархондӣ ё духтархонд (минбаъд фарзандхондӣ) қабул кардан мумкин аст. Кӯдаки ба синни 18-солагӣ расида фарзандхонд шуда наметавонад, чунки ӯ дорои қобилияти пурраи амал мебошад.

б) ба фарзадхондӣ гирифтани бародарону хоҳарон аз ҷониби шахсони мухталиф, ба истиснои ҳолатҳое, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдакон мебошад иҷозат дода намешавад.

Тибқи қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ба фарзандхондӣ қабул кардан аз инҳо иборат аст:

1) Фарзадхондӣ дар асоси шахсоне (шахсе), ки кӯдакро ба фарзандӣ қабул кардан мехоҳад, аз тарафи суд расмӣ карда мешавад ва дар мурофияи суди баррасӣ мешавад.

2) Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихоби худ ба суди маҳалли истиқомати кӯдакӣ ба фарзандхондӣ қабулшаванда ё ба судӣ маҳаллӣ истиқомати худ барои ба фарзандхондӣ гирифтани кӯдак ариза медиҳанд.

3) То аризаи фарзандхондиро баррасӣ намудани суд мақомоти васояту парастори вазифадоранд шароити зиндагии шахсеро, ки хоҳиши ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдакро дорад, санҷида муайян мекунад, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак аст ё не, оё барои фарзанд хондан монеа ҳаст, инчунин муносибати кӯдак ба фарзандхондӣ ва фикри ӯро барои ба фарзандхондӣ қабул шуданаш, муайян намуда, хулосаҳояшонро дар хусуси имконияти фарзандхондӣ ба суд пешниҳод намояд.

4) Барои он ки фарзандхондӣ сари вакт ба қайди давлатӣ гирифта шавад, суд дар муддати 3-рӯзи баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома иқтибоси онро ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли қабули ҳалнома мефиристад.

Агар кӯдак ба синни 10-солагӣ расида бошад, ӯро берозигиаш ба фарзандӣ гирифтан мумкин нест. Розигии кӯдаконро мақомоти васоят ва парасторӣ, роҳбари муассисае, ки кӯдак дар тарбияи он мебошад, муайян мекунад.

Мувофиқи моддаи 127 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне, ки ҳуқуқи ба фарзандхондӣ қабул карданро доранд.

1) Ба фарзандхондӣ қабул кардан аз тарафи мардон ва занони ба балоғатрасида, ба истисноӣ шахсони зерин сурат гирифта метавонанд:

а) шахсоне, ки суд онҳоро ғайри қобили амалашон маҳдуд эътироф намудааст.

б) зану шавҳаре, ки суд яке аз онҳоро ғайри қобили амал ё қобилияти амалаш маҳдуд эътироф намудааст.

в) шахсоне, ки суд онҳоро аз ҳуқуқи волидон маҳрум сохтааст ё ҳуқуқи волидонро маҳдуд кардааст.

г) шахсоне, ки қаблан фарзандхонд доштанду вале фарзандхондӣ бо гуноҳи онҳо аз ҷониби онҳо аз ҷониби суд бекор карда шудааст.

2) шахсоне, ки байни худ никоҳ надоранд, наметавонанд ҳамон як кӯдакро муштаракан ба фарзандхондӣ қабул кунанд.

Аз ин хулосае бар меояд, ки агар амалиёти фарзандхонӣ мувофиқи тартиботӣ бо қонун муқарраркардашуда ба расмият даровардa нашуда бошад, муносибати ҳуқуқии фарзандхонӣ пайдо намешавад.

## Адабиёт

1) Маҳмудов М.А. Асосҳои ҳуқуқи оилавӣ // Асосҳои давлат ва ҳуқуқи ҶТ. Душанбе, 1999. Фасли 7.- С.131-152.

2) Маҳмудов М.А. Ҳифзи хуқуқии занон дар ҶТ. (Маҷмӯи қонунҳои ҶТ ва асноди байналмилалӣ) - Душанбе, 2000.

3) Маҳмудов М.А. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамсарон дар оила. Душанбе-2003, Эр-граф.

4) Маҳмудов М.А. Ҳуқуқи никоҳӣ ва оилавӣ (семейное брачное право) Дастур оид ба таълими ҳуқуқи занон. Пособие по правовому просвещению женщин. Душанбе: Авесто, 1998. - С. 84-96.

5) Маҳмудов М.А. Тадқиқот дар боби оиладорӣ // Паёми Донишгоҳ. Бахши таърих ва ҳуқуқ. Душанбе, 1991. №2, С.98-99.

6) Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Тафсири Кодекси оилаи ҶТ. Душанбе: «Эр-граф», 2005.

7) Маҳмудов М.А., Шарипов Т.Ш. Оила дар ҳифзи қонун. Душанбе: Мир путешествий, 2001.

8) О.Усмонов. Маҳмудов. Ҳуқуқи оилавии ҶТ. Душанбе: «Сино», 1994.

9) Т.М. Афанасьева. Оила, Душанбе, «Маориф», 1987.

10) Усмонов О.У. Никоҳ, оила, ахлоқ ва қонун. Душанбе: Ирфон, 1990.

11) Усмонов О.У. Фарзандонӣ // Фируза, 1003, № 6-7-С. 7-8.

## МАВЗӮИ 8. Асосҳои ҳуқуқи меҳнатӣ.

1. Мафҳум предмет ва сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат.
2. Шартномаи меҳнатӣ, вақти истироҳат, танзими ҳуқуқии музди меҳнат.
3. Интизоми меҳнат ва ҷавобгарии интизомӣ.

### 1. Мафҳум предмет ва сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат.

Ҳуқуқи меҳнатӣ - яке аз соҳаҳои мустақили ҳуқуқӣ ба шумор меравад, ки муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятии алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатиро ба танзим медарорад.

Муносибатҳои меҳнатӣ гуфта чунин муносибатҳоеро меноманд, ки фаъолияти бевоситаи меҳнатии корманд ва фаъолияти корфарморо ҷиҳати идоракунии ҷараёни меҳнат фаро мегиранд.

Субъекти муносибатҳои меҳнатӣ, яъне иҷрокунандаи кор ба каллективи корхона, муассиса, хоҷагӣ шомил гашта, бо меҳнати шахсии худ, дар фаъолияти онҳо иштирок менамояд;

Объекти муносибатҳои меҳнатиро дар мадди аввал на натиҷаи меҳнат, балки ҷараёни меҳнат ташкил медиҳад. Субъекти муносибатҳои меҳнатӣ бошад, на супоришҳои мушаххаси индивидуалӣ, балки функсияи муайяни меҳнатиро бардавом иҷро менамояд.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ гуфта шакли ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқиро меноманд, ки муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқамандро танзим менамоянд. Сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ тибқи моддаи 2-и Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат мебошанд:

1. Конститутсияи (сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи умда барои тамоми соҳаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнатӣ мансуб мегардад.

Тибқи моддаи 35 Конисититутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ба музди ба андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат ҳуқуқ дорад.

Дар моддаи 37 Конисититутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ҳуқуқи шаҳрвандонро ба истироҳат муайян намудааст,

ки он бо роҳи муқаррар намудани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи меҳнатӣ, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат таъмин карда мешавад. Кониститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 39) сухан дар бораи аз таъминоти иҷтимоии шаҳрвандон дар пиронсолагӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти корӣ, ва дигар мавридҳое, ки қонун муайян намудааст, дар бар мегирад.

2. Дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат баъди Конститутсия мавқеи марказиро Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми майи соли 1997 бо тагйироту иловаҳо аз 15- уми майи соли 2004 ишгол менамояд, ки аз 11 майи соли 1997 мавриди амал қарор дода шудааст. Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 боб иборат буда 228 моддаро дар бар гирифтааст.

3. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалқаи навбатиро дар силсилаи санадҳои ҳуқуқӣ, қонунҳое ташкил медиҳанд, ки баҳри танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои алоҳида ва мушаххаси меҳнат пешбинӣ шудаанд. Ҳамчун намунаи қонунҳои мазкур, ки феълан мавриди амал қарор доранд, қонунҳои зайлро овардан мумкин аст:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24 декабри соли 1991.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо» аз 12 марти соли 1992.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ ва созишномаю колективӣ» аз 25 ноябри соли 1992.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 13 ноябри соли 1998.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шугли аҳолӣ» аз 16 июли соли 2003.

4. Танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он вобаста на танҳо тавасути қонунҳо, инчунин тавасути санадҳои зериқонунӣ - санадҳои ҳуқуқи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти маҳалӣ сурат мегирад.

5. Дар қатори сарчашмаҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ) қарор гирифтаанд, ки мазмуни мундарича ва мӯҳтавояшон дар доираи тафсири моддаҳои 23, 24, 25. боби 3 кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан шудааст. Яъне шартномаи колективӣ санади меъёрие мебошад, ки муносибатҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоиро дар байни кордеҳ (моликияти соҳибкор), меҳнаткашон дар ташкилот, муассиса новобаста ба шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ танзим мекунад. Намуди дигари зарурияти ҳамкории иҷтимоиро дар сатҳи болотар, яъне дар сатҳи соҳаи алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ ва минтақа инкишоф дода дар созишномаҳои соҳавӣ минтақавӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ) ва ҷумҳуриявӣ (генералӣ) инъикос мегарданд. Масалан, «Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон барои солҳои 2003-2005» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-августи соли 2002 №327 тасдиқ шудааст.

Шартномаҳои колективӣ ва дигар санади локалии меъёрӣ оид ба меҳнат: қоидаҳои дохилии меҳнат, ҷадвали рухсатҳо, инчунин фармонҳо, амрҳо, ва дигар санадҳои, роҳбари ташкилот сарчашмаи ҳуқуқи меҳнатӣ аст.

Санадҳои локалии меъёрӣ оид ба меҳнат, чунин санадҳое мебошанд, ки дар доираи салоҳияти корфармо мустақиман, қабул ва ё тасдиқ карда шудааст, ва дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдорӣ намояндагии кормандони ташкилот маҳдуд карда мешавад. Шартномаҳои колективӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, ҷадвали рухсатиҳо, созишномаҳо оид ба ҳифзи меҳнат, низомномаҳо оид ба музди меҳнат ва ғ санадҳои локалӣ мебошанд.

6. Номбар кардани баъзе санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, мувофиқи мақсад аст.

1. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10-декабри соли 1948. Моддаи 23-и эъломияи мазкур, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба меҳнат, ба интихоби озодонаи кор, ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат, ба ҳимоя аз бекорӣ, ба музди баробар ҳангоми иҷрои кори баробаркимат бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият ба подо-

ши одилона ва қаноатбахшии меҳнат ба созмон додан ва шомил гаштан ба иттифоқҳои касаба баҳри ҳимояи манфиатҳои хеш ва моддаи 24-и эъломия бошад, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба истироҳат ва фароғат эълон доштааст.

2. Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16-декабри соли 1996. Ин санади байналмилалӣ манъи маҳдудсозиҳои ҳуқуқ, баробарҳуқуқии зану мард, ҳуқуқ ба меҳнат ва шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти ичтимоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии ҳаёт, ба мутаассил беҳтар намудани шароити меҳнат ва дигар ҳуқуқҳоро муқаррар кардааст.

Дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ мавқеъ ва нақши Конвенсия назаррас аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 60 конвенсияҳоро эътироф намудааст, аз ҷумла:

Конвенсия № 111соли оид ба маҳдудсозии ҳуқуқ дар соҳаи меҳнат ва касб.

Конвенсия № 45 соли оид ба татбиқи меҳнати занон дар корҳои зеризаминӣ.

Конвенсия № 103 соли 1952 оид ба муҳофизати модарӣ.

Конвенсия № 90 соли 1948 оид ба меҳнати шабонаи наврасон дар саноат.

Конвенсия № 52 соли 1936 оид ба рухсатиҳои ҳарсолаи боподош.

Конвенсия №22 соли 1964 оид ба сиёсат дар соҳаи шуғл ва ғайра.

### 2. Шартномаи меҳнатӣ, вақти истироҳат, танзими ҳуқуқии музди меҳнат.

**Тибқи моддаи 26 кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи меҳнатӣ гуфта, созишномаи байни корфармо ва кормандонро меноманд, ки мутобиқи он корманд вазифадор аст корҳоро аз рӯи як касб, як чанд касби муайян, ихтисос ё вазифа бо дараҷаҳои дахлдор, бо риояи тартиботи дохилии меҳнатӣ иҷро намояд, корфармо бошад вазифадор аст барои ҳамин кор ба корманд музд диҳад ва шароити меҳнатро, ки санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат ва созишномаҳои тарафҳо муайян намудаанд, таъмин кунад.**

Шартномаи меҳнатӣ

а) Ҳамчун факти юридикӣ, асоси пайдоиши муносибатҳои меҳнатӣ буда, робитаи ҳуқуқии байни корфармо ва кормандро муқаррар менамояд.

б) Яке аз воситаҳои асосӣ ва маъмултарини амали сохтани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнат мебошад.

в) Воситаҳои муайян намудани мақоми коркунон дар коллектив мебошад.

г) Муносибатҳои меҳнатиро танзим мекунад.

Тарафҳои шартномаи меҳнатӣ корманд ва корфармо мебошад. Агар коркун танҳо шаҳрванд бошад, корфармо шахсони юридикӣ ва шаҳрванд шуда метавонад. Шаҳрванде, ки ба сини 15 солагӣ расидааст метавонад чун корманд тарафи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бошад. Хонандагоне, ки ба синни 14-солагӣ расидаанд, метавонанд бо розигии яке аз волидайн тарафи шартномаи меҳнатӣ бошанд. Инҳо метавонанд чун корфармо тарафи шартномаи меҳнатӣ бошанд.

Шартномаи меҳнатӣ метавонад хаттӣ ё шифоҳӣ баста шавад. Қарордоди меҳнатӣ бошад танҳо дар шакли хаттӣ баста мешавад. Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар шакли хаттӣ баста шуда дар ду нусха тартиб дода мешавад ва ба онҳо тарафҳо имзо мегузоранд. Як нусхаи шартномаи меҳнатӣ ба корманд дода шуда, нусхаи дигар дар ихтиёри корфармо мемонад.

Мувофиқи моддаи 31 кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ ба мӯҳлатҳои гуногун баста мешавад:

1) Ба муҳлатҳои номуайян. Дар шартномаи ба мӯҳлати номуайян баста шуда ҷонибҳо мӯҳлати амалӣ онро қайд накарда, танҳо санаи эътибор пайдо намудани онҳоро муайян менамоянд. Агар дар шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ мӯҳлати амали он нишон дода нашуда бошад, пас шартнома ба мӯҳлати номуайян басташуда ҳисобида мешавад ва бидуни розигии корманд аз нав барои мӯҳлати муайян баста намешавад.

2) Ба мӯҳлати муайян (на бештар аз 5 сол). Шарномаҳои меҳнатии бо мӯҳлат дар ҳолатҳое баста мешавад, ки агар бастани онҳо хусусияти кор бо шароити иҷрои он ва ё манфиати корманд тақозо намояд.

3) Барои иҷрои вазифаҳои корманд ҳозира набуда, ки мутобиқи кодекси мазкур ҷои кораш нигоҳ дошта мешавад.

4) Ба мӯҳлати иҷрои кори муайян. Шартномаҳои фаврии меҳнатӣ дар ҳолатҳое баста мешавад, ки агар бо назардошти хусусияти кор ва ё шароити иҷрои он ва ё манфиати корманд, инчунин дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун бастани шартнома барои мӯҳлати муайян имконпазир бошад.

5) Барои иҷрои корҳои мавсимӣ. Шартномаҳои меҳнатӣ барои иҷрои корҳо дар ҳолатҳое баста мешаванд, ки вобаста ба шароити табиию иқлимӣ кор метавонад дар давраи муайян (мавсим), на бештар аз 6-моҳ анҷом дода шавад.

Ҳангоми ба кор дохил шудан ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1) Дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳои бори аввал ба кор дохил гардидан);

2) Шиноснома (шаҳодатномаи таваллуд барои шахсоне, ки ба синни 16-солагӣ нарасидаанд).

3) Ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумот (дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи санади меъёрӣ).

4) Барои ӯҳдадорони ҳарбӣ (билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ба қайдгирӣ).

Моддаи 44 кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои зерини қатъшавии (қарордоди) шартномаи меҳнатиро муқаррар менамояд:

1) Созиши тарафҳо;

2) Бо ташаббуси корманд; Бо хоҳиш ва розигии корфармо шартномаи меҳнатӣ то ба итмом расидани мӯҳлати огоҳӣ метавонад бекор карда шавад. Дар ҳолате, ки аризаи корманд дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо имконнопазирии давом додани кор вобаста аст, корфармо бояд шартномаи меҳнатиро дар мӯҳлати хоҳишкардаи корманд бекор кунад.

3) Бо ташаббуси корфармо:

а) Барҳам хурдани ташкилот; қатъ гардидани фаъолияти соҳибкор; ихтисор шудани шумораи кормандон.

б) Бидуни сабабҳои узрнок вазифаҳои меҳнатиро, ки шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии ба зиммаи ӯ гузоштааст, мунтазам иҷро накардани корманд, агар ба корманд, пештар чораҳои ҷазои интизомӣ дода шуда бошад.

в) Коршиканӣ (аз ҷумла дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз 3-соат набудан дар кор) бидуни сабабҳои узурнок.

г) Дар ҳолати мастӣ аз шароб, маводи нашъаовар ва токсикӣ ҳозир шудан ба кор.

д) Дуздидани амволи корфармо дар ҷои кор, ки онро ҳукми қувваи қонунӣ пайдо кардаи суд ё қарори мақоме, ки додани ҷазои маъмурӣ ба салоҳияти он дохил мешавад, муқаррар намудааст.

д) Вайронкунии дағалонаи яккаратаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат аз ҷониби роҳбарони ташкилот ва муовинони онҳо ва ғайраҳо.

4) Бо гузаштани мӯҳлат. Дар ин ҳолатҳо дар шартҳои шартномаи меҳнатӣ мумкин аст пардохти ҷаримаи аҳдшиканӣ пешбинӣ карда шавад. Дар ду ҳолат аз пардохти ҷаримаи аҳдшиканӣ озод карда мешавад:

1) Агар шартномаи мӯҳлатноки меҳатӣ пеш аз мӯҳлат бо ташаббуси корманд, бекор карда шавад.

2) Шартномаи меҳнатӣ пеш аз мӯҳлат бинобар вазифаҳои меҳнатии худро вайрон кардани корманд, бекор карда шуда бошад.

5) Дар ҳолатҳои ба иродаи тарафҳо вобаста набуда. Шартномаи меҳнатӣ дар ҳолатҳои зерин, ки ба иродаи тарафҳо вобаста нестанд, қатъ карда мешавад.

а) Ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ.

б) Ҳангоми ба кор барқарор намудани корманде, ки пештар ин корро иҷро мекард. Бо ҳалномаи суд корманди пештар корро иҷро кунанда ба ҷои кори пештарааш барқарор карда шавад.

в) Ҳангоми қувваи қонунӣ пайдо намудани ҳукмнома, ки ба он корманд ба ҷазо маҳкум шудааст ва давом додани кори пештараашро истисно менамояд. Маҳкум шудани корманд бояд ба ду шарт ҷавобгӯ бошад. Аввал ин, ки бо ҳукми суд корманд ба ҷазое сазовор шуда бошад, ки давом додани кори пешинаашро истисно мекунад. Ба чунин ҷазоҳо аз озодӣ маҳрум шудан, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ва корҳои ислоҳи меҳнатӣ. Дуюм ин, ки ҳукм нисбати корманд бароварда, эътибори қонунӣ пайдо карда бошад.

г) Бинобар вафот кардани корманд. Яке аз асосҳои дигари қатъ намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ вафоти корманд мебошад. Фавти корманд бо шаҳодатномаи вафот, ки мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ тибқи тартиби муқарраршуда медиҳад, тасдиқ мегардад.

Яке аз ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ба истироҳат ва фароғат мебошад, ки онро эъломияи ҳуқуқи башар, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 37), кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардаанд.

Мувофиқи он, **вақти истироҳат** - вақте мебошад, ки коркун дар давоми он аз иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ озод буда, онро бо салоҳияти худ, барои қонеъ гардонидани манфиатҳои худ ва барқарор намудани қобилияти меҳнатиаш истифода мебарад.

Моддаи 75-и кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои зерини вақти истироҳатиро пешбинӣ кардааст:

1) Танаффус дар давоми рӯзи корӣ.

Давомнокии мушаххаси танаффусҳо барои дамгирӣ ва таъомхурӣ бо риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, ҷадвали корӣ, сменаҳо, ки онҳоро шартномаи байни корманд ва корфармо муқаррар кардааст. Чун қоида, танаффус бояд баъди чаҳор соати шурӯъи кор барои хӯрокхурӣ дода мешавад. Ин гуна танаффусҳо ба вақти кор дохил намешаванд ва ба онҳо музд дода намешавад ва давомнокии он набояд аз ду соат зиёд бошад.

2) Танаффусҳо байни рӯзҳои корӣ.

Моддаи 78-и кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон давомнокии истироҳати ҳаррӯзаро муайян намудааст, ки тибқи он танаффусҳои байни рӯзҳои корӣ бояд аз 12 соат камтар набошад. Истироҳати байни рӯзҳои корӣ аз лаҳзаи ба охир расидани кор (смена) сар шуда, бо оғози кор (смена) анҷом меёбад.

3) Рӯзҳои истироҳатӣ (истироҳати ҳарҳафтаина). Ба ҳамаи кормандон рӯзҳои истроҳат (истироҳати бефосилаи ҳарҳафтаина) дода мешавад. Дар ҳафтаи панҷрӯзаи кор ба кормандон дар ҳафта дурӯзӣ истироҳат ва дар ҳафтаи шашрӯзаи корӣ як рӯз истироҳат дода мешавад.

4) Рӯзҳои ид. **Рӯзҳои ид гуфта, рӯзҳои тибқи қонун муқарраршударо меноманд, ки ба рӯйдодҳои барҷаста ва санаҳои хотиравию анъанавӣ бахшида шудаанд.**

Тибқи моддаи 83-и кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳо дар рӯзҳои идҳои зерин кор намекунанд:

1 январ - Соли Нав;

8 март - Рӯзи байналхалқии занон;

21-23 март - ҷашни Наврӯз;

1 май - Рӯзи ҳамрайъии байналхалқии меҳнаткашон;

9 май - Рӯзи Ғалабаи халқҳо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

27 июн - Рӯзи Ваҳдати миллӣ;

9 сентябр - Рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6 ноябр - Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Иди Рамазон - як рӯз ҳар сол, рӯзе, ки рост меояд;

Иди Қурбон - як рӯз ҳар сол, рӯзе, ки рост меояд.

Агар рӯзи истироҳат бо рӯзи ид рост ояд, рӯзи истироҳат ба рӯзи аввалаи кори баъди рӯзи ид гузаронида мешавад.

Рӯзҳои хотиравии зайл бидуни истироҳат ид карда мешаванд:

22 июл - Рӯзи забони тоҷикӣ;

иди Меҳргон;

иди Сада.

5) Рухсатиҳои меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда. Рухсати муддатӣ вақти нисбатан тӯлониест, ки дар давоми он корманд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бо шарти нигоҳдошташавии ҷойи кору мансаб аз иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ озод буда, аз баҳри фароғат ва барқарор намудани қобилияти меҳнатӣ, ҳамчунин қонеъ гардонидани дигар ниёзмандиҳо истифода менамояд.

Рухсатиҳои ҳарсолаҳои меҳнатӣ ба рухсатиҳои асосӣ ва иловагӣ ҷудо мешаванд. Давомияти ақали рухсатиҳои асосии ҳарсолаи меҳнатӣ аз 24 рӯзи тақвимӣ камтар шуданаш мумкин нест. Ин рухсатиҳоро бо ду роҳ дароз кардан мумкин аст:

1) тавассути шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ, коллективӣ, ки байни корманд ва корфармо баста мешавад;

2) роҳи дигари дароз намудани вақти рухсатиро бевосита қонун пешбинӣ намудааст.

Рухсати асосии меҳнати ҳарсола барои соли аввали кор баъди гузаштани 11 моҳи корӣ бефосила дар ҳамон корхона до-

да мешавад. Барои коркунони ба синни 18 нарасида бошад, то гузаштани 11 моҳи корӣ рухсатии асосии меҳнатии ҳарсола дода мешавад.

Рухсатҳои асосии ҳарсола аз инҳо иборат аст:

1) ба ходимони ташкилотҳои илмӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;

2) ба кормандони китобхонаҳои ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳои таълимӣ ва китобхонаҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;

3) ба кормандон, омӯзгорони муассисаҳои олии шакли таълимиашон рӯзонаю ғоибона, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои муссисаҳои таълимии миёнаи махсус ва касбӣ-техникӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;

4) ба кормандони мактаб ва муассисаҳои кӯдаконаи то мактабию берун аз мактабӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;

5) ба кормандони муассисаҳои маданию равшаннамоӣ - аз 28 то 42 рӯзи тақвимӣ;

6) ба ҳамшираҳои тиббӣ, ки ба тарбияи кӯдаки синни то 3-сола машғуланд, мураббияҳои гурӯҳҳои ширхораи муассисаҳои кӯдаконаи синни томактабӣ ва хонаи кӯдакон - 42 рӯзи тақвимӣ;

7) ба кормандони доимии хоҷагии ҷангал - 28 рӯзи тақвимӣ;

8) ба кормандони синни то 18-сола, аз ҷумла онҳое, ки барои гузаронидани таҷрибаи истеҳсолӣ қабул шудаанд - 30 рӯзи тақвимӣ;

9) ба кормандони маъюби гурӯҳҳои якум ва дуюм - 42, гурӯҳи сеюм - 35 рӯзи тақвимӣ;

10)ба заноне, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд, на камтар аз 28 рӯзи тақвимӣ.

**Бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон рухсатиҳои ҳарсолаи пардохтшавандаи мӯҳлаташон дароз муқаррар карда шудаанд:**

1) моддаи 26-и қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқӣ, узви Маҷлиси Миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (№ 43, аз 06.08.2001) шахсоне, ки ба рухсатии

ҳарсолаи пардохтшавандаи давомнокиаш то 45 рӯзи тақвимӣ ҳуқуқ доранд, муқаррар кардааст;

2) Моддаи 30-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» (№667, аз 13.11.1998) ба хизматчии давлатӣ рухсатии ҳарсолаи пулакии давомнокиаш на камтар аз 24 рӯзи тақвимиро муқаррар кардааст;

3) Моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (№597, аз 21.05.1998) ба докторон (профессорҳо) ва номзадҳои илм, ки дар муассисаҳои давлатӣ кор мекунанд, мувофиқан 48 ва 36 рӯзи тақвимӣ рухсати меҳнатиро муқаррар намудааст;

4) Моддаи 431-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 04.11.1995 (бо тағйироту иловаҳо аз 12.12.1997 ва аз 06.08.2001) ба шахси мансабдори мақоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муддати 30 рӯзи тақвимӣ рухсатии ҳарсолаи пулакӣ муаян менамояд;

5) Моддаи 50-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 11.03.1996 бо тағйироту иловаҳо аз 15.05.1997) ба прокурорҳо ва муфаттишон 30 рӯзи тақвимӣ рухсатиро муаян мекунад;

6) Моддаи 20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 ба кормандони милитсия рухсатии меҳнатии асосии ҳарсолаи пулакӣ ба мӯҳлати 30 рӯзро муқаррар кардааст;

7) мувофиқи моддаи 126-и қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (№30, аз 06.08.2001) барои судҳо ҳар сол рухсатии пулакӣ ба муддати 30 рӯзи тақвимӣ бо пардохти ёрдампулии табобатӣ дода шуда, пардохта мешавад;

8) Моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии СПИД (аломати норасоии масъунияти бадан)» (№903, аз 27.12.1993) ба коркунони муассисаҳои тиббӣ-профилактикӣ, кормандони институтҳои тадқиқотӣ, ки кори профилактикӣ хизматрасонии ташхиси шахсони мавриди сирояти вирусӣ, норасоии масъунияти бадан ва бемории СПИД-ро анҷом медиҳанд, рухсатӣ ба муддати 48 рӯзи корӣ муқаррар намудааст.

Қонунгузории меҳнатӣ дар қатори рухсатиҳои асосии ҳарсолаи меҳнатӣ барои баъзе гурӯҳҳои алоҳидаи коркунон рухсатиҳои иловагиро пешбинӣ менамояд. Масалан, корфармо вазифадор аст, ки ба коркуне ки дар шароити зараровар ва вазнини меҳнатӣ кор мекунанд (на камтар аз 7 рӯзи тақвимӣ), коркунони корашон дорои хусусияти ба худ хос дошта (на камтар аз 3 рӯзи тақвимӣ), коркуноне, ки дар шароити номусоиди табиӣ-иқлимӣ кор мекунанд (на камтар аз 8 рӯзи тақвимӣ) ва мавридҳои дигаре, ки дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ, шартномаҳои коллективӣ, шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ пешбинӣ шудаанд, рухсатиҳои иловагӣ диҳад.

6) Рухсатиҳои иҷтимоӣ. Рухсатиҳои иҷтимоӣ ба кормандон барои фаъолияти эҷодӣ, давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд, нигоҳбинии кӯдак ва таҳсил беҷудошавӣ аз истеҳсолот дода мешавад. Дар вақти рухсатии иҷтимоӣ ҷойи кори пештара нигоҳ дошта мешавад ва дар ҳолатҳои дар қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаи коллективӣ (созишнома) пешбинӣ шуда, музди меҳнат нигоҳ дошта мешавад.

Инчунин қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсати бемуздро муқаррар намудааст.

**Рухсати бемузди меҳнат** мувофиқи аризаи корманд ба таври ҳатмӣ ба инҳо дода мешавад:

1) ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, инчунин ба нафақахӯрони коркунанда - ҳар сол то 14 рӯзи тақвимӣ;

2) ба падару модарон ва ҳамсарони хизматчиёни ҳарбие, ки дар натиҷаи захм контузия ё осебе, ки ҳангоми ҳимояи кишвар ба онҳо расидааст, ё дар натиҷаи бемории вобаста ба иштирокашон дар фронт фавтидаанд - ҳар сол то 14 рӯзи тақвимӣ;

3) ба маъюбоне, ки кор мекунанд - то 2 моҳ ҳар сол;

4) ба кормандон дар мавриди таваллуд шудани кӯдак, маросими бастани ақди никоҳ, вафоти хешовандон - то 7 рӯзи тақвимӣ;

5) ба кормандоне, ки барои супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ба муассисаҳои олӣ, миёнаи махсуси таълимӣ иҷозат дода шудаанд - мутобиқан 15 ва 10 рӯзи тақвимӣ, ғайр аз вақти рафту омад ба маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ ва гайра.

**Музди меҳнат подоши пулие мебошад, ки кордеҳ вазифадор аст онро ба коркуи барои меҳнаташ дар ҳаҷми аз ҷониби тарафҳои шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ муқаррагардида диҳад.**

Мафҳуми музди меҳнат ба ду маънӣ фаҳмида мешавад:

Ба маънои иқтисодӣ: музди меҳнат дар он ҷое, ки кирои меҳнат арзи вуҷуд дорад, як буда, қимати (арзиши) қувваи кориро дар назар дорад.

Ба маънои ҳуқуқӣ: ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мушахаси иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатро оиди пардохти арзиши меҳнат муаян мекунад.

Музди меҳнати ҳадди ақал - ин як меъёре мебошад, ки қисми зиёди пардохтҳои иҷтимоӣ - нафақа, ёрдампулӣ, барои корношоямӣ, барои дафн, бекорӣ ва ғайра, инчунин ҷаримабандиҳо ба он алоқаманд мебошанд.

Ду усули танзими музди меҳнатро қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст:

1) Ба меъёрдарории давлатӣ.

2) Танзими шартномавии музди меҳнат, ки дар ду самт ба амал бароварда мешавад:

1. коллективӣ;

2. инфиродӣ.

1. Танзими коллективӣ-шартномавӣ, бо роҳи созишномаи колективӣ сурат мегирад.

2. Танзими инфиродӣ-шарномавии музди меҳнат дар сатҳи коркунон ва корфармо ба амал бароварда мешавад.

### 3. Интизоми меҳнат ва ҷавобгарии интизомӣ.

**Интизоми меҳнатӣ гуфта, низоми муайяни рафтори иштирокчиёни меҳнати коллективиро меноманд, ки дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо тавассути фароҳам овардани шароитҳои зарурии ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, усулҳои муътақид сохтан, ҳамчунин ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ таъмин мегардад.**

Корфармо вазифадор аст, ки интизоми меҳнат ва истеҳсолотро таъмин намояд, қонунҳои меҳнатиро бечунучаро риоя намояд, аз корманд иҷрои амалҳои ғайриқонунӣ, инчунин амалҳоеро, ки ӯҳдадориҳои меҳнатии корманд нест, амалҳоеро,

ки ҳаёту саломатии корманд ё ашхоси дигарро таҳти хатар мегузоранд, шаъну шарафи корманд ё ашхоси дигарро паст мезанад, талаб намояд.

Корманд бояд қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, қоидаҳои техникии муқарраршуда, талаботи ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва санитарияи истеҳсолӣ, амру дастурҳои корфарморо, ки аз вазифаҳои меҳнатии ӯянд, риоя намояд, бо корфармо, аъзои колективи меҳнатӣ, муштариёни ташкилот, дигар ашхосе, ки дар ҷараёни кор бо онҳо тамос мегирад, бо эҳтиром муносибат намояд.

Тибқи моддаи 122-и кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои намунавор иҷро кардани вазифаи меҳнатӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, сифати маҳсулот, кори бенуқсон ва тӯлонӣ, навоварӣ дар меҳнат ва дигар комёбиҳои меҳнатӣ корфармо ба корманд чунин чораҳои қадркунӣ ва ҳавасмандгардониро истифода мебарад:

1. эълони раҳматнома;
2. додани мукофот;
3. мукофотонидан бо тӯҳфаи пурқимат;
4. сарфароз гардонидан бо ифтихорнома;
5. навиштани ном дар лавҳаи ифтихор, дар дафтари ифтихор.

Инчунин кормандон барои хизматҳои махсус баҳри ҷомеа ва давлат ба мукофотҳои давлатӣ пешниҳод шуда метавонанд. Ба танзим даровардани ин муносибатҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31.07.2001 ҳавола шудааст. Қонуни номбурда (моддаи 2) мукофотҳои зерини давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар кардааст:

1. Мукофоти олӣ - унвони Қаҳрамони Тоҷикистон;
2. Орденҳо:
   а) ситораи Президенти Тоҷикистон - дараҷаи 1;
   б) ситораи Президенти Тоҷикистон - дараҷаи 2;
   в) ситораи Президенти Тоҷикистон - дараҷаи 3;
   г) зарринтоҷ - дараҷаи 1;
   д) зарринтоҷ - дараҷаи 2;
   е) зарринтоҷ - дараҷаи 3;
   ё) Исмоили Сомонӣ - дараҷаи 1;

ж) Исмоили Сомонӣ - дараҷаи 2;
з) Исмоили Сомонӣ - дараҷаи 3;
с) Дӯстӣ;
р) Спитамен - дараҷаи 1;
м) Спитамен - дараҷаи 2;
н) Шараф - дараҷаи 1;
л) Шараф - дараҷаи 2.

3. Медалҳо:

а) ҷасорат;
б) хизмати шоиста;
в) шафоқат;
г) марзбони шуҷои Тоҷикистон.

4. Унвони фахрӣ:

а) нависандаи (шоири) халқии Тоҷикистон;
б) ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон;
в) ҳофизи халқии Тоҷикистон;
г) рассоми халқии Тоҷикистон;
д) арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон;
е) арбоби ҳунари Тоҷикистон;
ё) ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон;
ж)корманди шоистаи Тоҷикистон;
з) донори ифтихории Тоҷикистон.

5. Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҷавобгари интизомӣ яке аз намудҳои ҷавобгари ҳуқуқӣ буда (баробари ҷиноӣ, маъмурӣ, граждан), бо содир кардани кирдорҳои ғайриинтизомӣ, ки таҳти татбиқи ҷазои интизомӣ аз тарафи маъмурияти корхона ё муассисае, ки корманд дар он кор мекунад, қарор мегирад.

**Қонунгузории меҳнатӣ** ду намуди ҷавобгарии интизомиро пешбинӣ менамояд:

1. **Ҷавобгарии умумии интизомӣ** дар пояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ қарор мегирад.

2. **Ҷавобгарии махсуси интизомӣ** нисбати кормандон, шахсони мансабдор ва мақомоти махсусе, ки чунин муҷозотро аз рӯи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ойинномаю низомномаҳои интизомии меҳнат, барои категорияҳои одамони алоҳида содир намудан татбиқ мегардад.

Намудҳои ҷавобгариҳои интизомӣ:

а) огоҳӣ;

б) танбеҳ;

в) гузаронидан ба вазифаи поёнтар ба муддати то 6 моҳ;

г) паст кардани рутбаи махсус ба як зина;

д) аз кор озод кардан.

Тибқи моддаи 123-и Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корфармо ҳақ дорад барои вайрон кардани интизоми меҳнат, яне бо гуноҳи корманд иҷро намудан ё ба ба таври зарурӣ иҷро накардани ӯҳдадориҳояш муҷозоти зерини интизомиро истифода намояд:

1. сарзаниш;
2. танбеҳ;
3. аз вазифа озод кардан агар:

а) бе сабабҳои узрнок вазифаи меҳнатиро, ки дар шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ки ба зиммаи ӯ гузоштааст, мунтазам иҷро накунад;

б) коршиканӣ, аз ҷумла дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз се соат бидуни сабабҳои узрнок дар кор набошад;

в) дар ҳолати мастӣ аз шароб, маводи нашъаовар ва токсикӣ ҳозир шудан ба кор;

г) дуздидани амволи корфармо дар ҷои кор;

д)вайронкунии дағалонаи яккаратаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат аз ҷониби роҳбарони ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовинони онҳо;

е) аз ҷониби кормандоне, ки бо арзишҳои пулию молӣ бевосита сару кор доранд, содир намудани амали гунаҳгоронае, ки барои нисбат ба вай гум шудани боварии корфармо асос медиҳад.

Қонунгузорӣ мӯҳлати амали ҷавобгарии интизомиро 1 сол муқаррар кардааст, ба шарте, ки корманд дар давоми 1 сол ҷавобгарии дигари интизомиро содир накунад.

## Адабиёт

1) Асосҳои ҳуқуқи меҳнатӣ // Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1999. Фасли 8.- С.153-183.

2) Кодекси қонунҳои оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон. Нашриёти «Ирфон». Душанбе, 1973.

3) Раҳимов М.З., Худоёров Б.Т. Тайёр намудани парванда барои баррасӣ дар судҳои иқтисодӣ. Душанбе 2002. Ирфон.

4) Худоёров Б.Т., Шонасродинов Н, Мукумова С.А, Тавсири Кодекси меҳнатии ҶумҳурииТоҷикистон. Нашриёти «Эр-граф», Душанбе-2004.

5) Хакимов Ш.К. Конституционная защита прав и свобод личности // Право и закон: идеи и источники, Душанбе,2001.- С.33- 40.

6) Хакимов Ш.К. Конституционно - правовые ограничения и запреты для государственных служущих в Таджикистане // Вестник Университета ( научных жулнал) № 4. Душанбе, 2001.- С. 82-88.

7) Ҳамидов Х., Ҳакимов Ш. Ҳуқуқи оила ва вазъи ҳуқуқии зан дар қонунгузории Тоҷикистон. Душанбе 2001. – 110 с.

8) Хакимов Ш.К., Раҳимов М.З., Каримова М.Т., Зойиров Р.Х. Гендерное измерение земельного законодательства. Политики и налогообложение: Анализ, проблемы. Пути решения. Душанбе, 2002. 96. с.

**МАВЗӮИ 9. Асосҳои ҳуқуқи молиявӣ.**

1. Мафҳум ва мавзӯи ҳуқуқи молиявӣ.
2. Мафҳум ва намудҳои меъёрҳои молиявӣ- ҳуқуқӣ.
3. Тавсифи умумии соҳа, фаслҳои ҳуқуқӣ-молиявӣ.

**1. Мафҳум ва мавзӯи ҳуқуқи молиявӣ.**

Мувофиқи банди 2 моддаи 1 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ мебошад. Бинобар ин ҳадафи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат, таъмини ҳаёти шоиста ва рушду нумӯи озоди шаҳрвандон аст.Пеш аз баррасии масъалаҳои мафҳум ва мавзӯи ҳуқуқи-молиявӣ ба мафҳуми фаъолияти молиявии давлат рӯ овардан зарур аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ вобаста ба инкишофи муносибати ҷамъиятӣ дар бораи мафҳуми молия олимон фикру ақидаҳои мухталиф доранд. Масалан, баъзе олимон молияро - ҳамчун пул ё ки воситаи ҳисоббаробаркунӣ шарҳ медиҳанд. Пул молест, ки арзиши дигар молҳоро муқаррар мекунад ва нақши эквиваленти умумиро мебозад.

Муносибатҳои иқтисодӣ ба пул бевосита алоқа дошта дар ҳисобу китоб қарор дорад ва аз ин нуқтаи назар молияро - ҳамчун воситаи гардиши пул ва ҳисобу китоб таъриф медиҳанд. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бошад, дар бораи мафҳуми молия ақидаҳои дигар ҷой доранд.

Финанс, Молия аз калимаи франсузи гирифта шуда, маънояш маҷмӯи маблағҳои пулӣ ва воситаҳое мебошад, ки дар ихтиёри давлат, корхона ва дигар субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад ва давраҳои ҷамъ, тақсим кардан ва истифодабарии ин маблағҳои пулиро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, молия гуфта чунин муносибати ҷамъиятиеро меноманд, ки таввасути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда дар доираи он маблағҳои пулии давлатӣ ҷамъ, тақсим ва истифода бурда мешавад. Ҳуқуқӣ молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дорои предметҳо, сарчашмаҳо ва институтҳои алоҳида мебошад.

Аз ин нуқтаи назар ҳуқуқӣ молия гуфта маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиеро меноманд, ки дар доираи ба амал баровардани фаъо-

лияти молиявии давлат ба вуҷуд меоянд ва давраҳои ба амалбарории мақсаду вазифаҳои давлатро ба танзим медарорад.

Предмети ҳуқуқи молияро муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад, ки дар давраҳои ба амалбарории фаъолияти молиявии давлат байни субъектҳои ҳуқуқи молиявӣ ба вуҷуд меоянд ва ба танзим дароварда мешаванд.

Методи ҳуқуқи молиявӣ гуфта, тарз, усул ва воситаҳоеро меноманд, ки бо воситаи он меъёрҳои ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд.

Методи ҳуқуқи молиявӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

1) методи танзимсозии императивӣ.

Мувофиқи ин метод таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба ирода ва амали иштирокдорони муносибатҳои моливӣ дар асоси тобеияти як шахс ба шахси ваколатдори давлатӣ амалӣ мегардад.

2) методи ҳокимияту тобеият.

Хусусияти асосии ин метод дар он ифода меёбад, ки он дар ҷараёни кори мақомотҳое, ки фаъолияти молиявии давлатро амалӣ мекунанд, ба вуҷуд меоянд.

3) методи расонидани иттилооти молиявӣ.

Усули махсуси танзими марказонидашудае мебошад, ки иттилооти молиявӣ оид ба сиёсати буҷетию молиявӣ, андоз, гумрук, пулу қарз, нарх ва асъор аз ҷониби шахси масъули мақомоти идоракунии соҳаи молиявӣ бо истифода аз воситаҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ба андозсупоранда, агенти андоз, бонкҳо ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои молиявӣ расонида мешавад.

Ба мавзӯи ҳуқуқи молиявӣ мансуб мебошад:

- таъмини таҷзияи ҳокимият дар фаъолияти молиявии давлат;

- мустаҳкам кардани сохтори низоми молиявӣ ва пешгири кардани гасби монополистии ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти молиявӣ;

- тақсими салоҳият дар байни мақомотҳое, ки фаъолияти молиявии давлатро татбиқ менамоянд;

- таъмини фазои ягонаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзимсозии буҷетӣ;

- татбиқи сиёсати буҷетию молиявӣ, андоз, гумрук, пули қарз, нарх ва асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба танзимдарории муносибатҳои назорати молиявӣ ва таъмини ҳуқуқии баҳсҳои молиявӣ;

- таъмини ҳуқуқии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи молия ва қарз.

Ҳамин тавр, мавзӯи ҳуқуқи молиявӣ, муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки онҳо дар ҷараёни фаъолияти мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ташкил, тақсим ва истифодаи мунтазами бунёдҳои пулии мутамарказ ва ғайри мутамарказ ба мақсадҳои иҷро кардани вазифаҳо ба вуҷуд меоянд.

## 2. Мафҳум ва намудҳои меъёрҳои молиявӣ- ҳуқуқӣ.

Меъёрҳои ҳуқуқи молия дар баробари дигар зерсоҳаҳои ҳуқуқи молия мавқеи муҳим дорад. Бинобар ин дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми ҳуқуқи молия олимон ақидаҳо пешниҳод кардаанд. Меъёрҳои ҳуқуқи молия гуфта маҷмӯи санадҳои ҳуқуқиеро меноманд ,ки муносибатҳои ҷамъиятиеро байни субъектҳои муносибатҳои молиявӣ ба вуҷуд меоранд ва давраҳои ҷамъ, тақсим ва истифодабарии маблағҳои пулию давлатиро дар бар мегирад.

Ба беҳтар дарк кардани хусусиятҳо ва нақши меъёрҳои молиявӣ-ҳуқуқӣ таснифи (классификатсияи) онҳо мусоидат мекунад.

1) Вобаста ба хусусияти дастуроти дар меъёрҳои молиявӣ-ҳуқуқӣ мавҷудбуда меъёрҳои мазкур ба 3-намуд ҷудо мешавад:

а) меъёрҳои молиявӣ - ҳуқуқии вазифадоркунанда ба зимаи иштирокчиёни муносибатҳои молиявии ҳуқуқӣ иҷро кардани амалиётҳои муайянро мегузорад. Масалан, дар низоми муносибатҳои андоз андоздиҳанда вазифадор аст, ки маблағи муайяни пулро ба давлат диҳад, мақомоти андоз бошад вазифадор аст, ки дар сурати аз пардохти андоз саркашӣ кардани андоздиҳанда ситонда шудани ин маблағҳоро таъмин намояд.

б) меъёрҳои ҳуқуқии манъкунанда аз амалиёти муайян худдорӣ карданро ба зимма мегузоранд. Масалан, даромадҳои бар илова бадастовардаи буҷетҳои маҳаллӣ инчунин маблағҳои пулие, ки аз ҳисоби манбаъҳои дохилӣ вобаста кардашудаи даромадҳои ин буҷетҳо ба даст оварда шудаанд, ба буҷети идораҳои боло ситондан манъ карда шудааст.

в) меъёрҳои молиявӣ-ҳуқуқии ваколатдоркунанда ба амал баровардани амалиётҳои муайянро иҷозат медиҳанд. Масалан, корхонаҳои давлатӣ ҳақ доранд, ки аз ҳисоби фондҳои пулии худ ба дигар субъектҳои фаъолияткунанда қарз диҳанд.

2) Меъёрҳои ҳуқуқӣ-молиявӣ вобаста ба мазмуни худ ба меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ тақсим мешаванд.

а) меъёрҳои молиявӣ-ҳуқуқии моддӣ он муносибатҳои ҷамъиятиеро танзим менамояд, ки ҳаракати пулро чун объекти моддии ғайри мустаҳкам кардашуда ифода менамояд.

б) меъёрҳои молиявӣ-ҳуқуқии мурофиавӣ тартиби фаъолиятро дар соҳаи ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи фондҳои давлатии пулӣ муқаррар менамоянд.

3) Вобаста ба сохтори худ меъёрҳои ҳуқуқи молия аз се унсур иборат аст.

а) гипотеза,

б) диспозитсия,

в) санксия.

а) Гипотеза гуфта, қисми муайяни таркиби меъёрҳои ҳуқуқи молияро меноманд ки бевосита сабти фаъолияти муайянеро муқаррар менамоянд.

б) Диспозитсия гуфта, ҷузъи таркибии меъёрҳои ҳуқуқи молияро меноманд, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳоро муқаррар мекунад.

в) Санксия гуфта, ҷузъи таркибии меъёрҳои ҳуқуқи молияро меноманд, ки мувофиқи он ҷазо муқаррар карда мешавад.

Тадбирҳое, ки сари вақт хушсифат иҷро карда шудани муқарраротии меъёрҳои молиявӣ- ҳуқуқиро таъмин мекунанд, инҳоянд:

- ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидани шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ;

- ба кор бурдани тадбирҳои молиявӣ-ҳуқуқии махсус: масалан, аз андоздиҳанда ситонидани тамоми маблағи фоидаи пинҳонкардашуда ба андоздиҳандагон аз ҷумла ба шахсони ҳуқуқӣ андохтани ҷаримаҳои молиявӣ-ҳуқуқии махсус;

- иҷрои маҷбурии ӯҳдадориҳои молиявӣ. Масалан, бозраси андоз бо фармони худ метавонад, ки бевосита аз суратҳисоби бонкии андоздиҳанда тамоми маблағи андозро барои пинҳон

кардани объекти баҳисобгирифтанашудаи андозгузорӣ бигирад.

### 3. Тавсифи умумии соҳа, фаслҳои ҳуқуқӣ- молиявӣ.

Қисми умумии ҳуқуқи молиявӣ масъалаҳои фаъолияти молиявии давлат ва мавзӯи он танзими соҳавиро дар бахши ҳуқуқ дар бар мегирад. Дар он инчунин мафҳум, намудҳо, сохтор ва хусусиятҳои меъёрҳои молиявӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешаванд. Нахустин соҳаи қисми умумии ҳуқуқи-молиявӣ соҳаи "Масъалаҳои ҳуқуқии назорати молиявӣ" мебошад.

Назорати молиявӣ низоми ташкилӣ-ҳуқуқӣ буда, аз унсурҳои зерин иборат аст: Субъекти назорат, объект, мавзӯъ, мақсадҳои назорат, намудҳои назорати молиявӣ ва усулҳои татбиқи он.

Субъектҳои назорати молиявӣ ё бевосита мақомоти давлатӣ, ки бо сабаби статуси ҳуқуқиашон ба онҳо ваколатҳои махсус дода шудаанд ё (дар баъзе мавридҳо) субъектҳои ғайри давлатие мебошанд, ки аз ном ва бо супориши вай амал мекунанд ва ваколати махсуси онҳо дар асоси ин супориш ба вуҷуд меояд.

Объектҳои назорати молиявӣ шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки фаъолияти онҳо таҳти назорати мақомоти молиявии давлат қарор доранд, яъне мақомоти давлатӣ, шахсони ҳуқуқии давлатӣ, шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, шахсони ҳуқуқии ғайри тиҷоратӣ, шаҳрванд.

Мақсади назорати молиявӣ чунин аст:

- ошкор кардани ҳодисаҳои вайронкарда шудани қонунгузории молиявӣ;
- маълум намудани гунаҳкорон ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо;
- бартараф кардани вайронкуниҳои интизоми молиявӣ;

Назорати молиявӣ аз рӯи заминаҳои гуногун ба якчанд намуд тақсим мешавад.

Вобаста ба вақти гузарондан назорати молиявӣ пешакӣ, ҷорӣ ва минбаъд.

**Муносибатҳое, ки оид ба ташкил, тақсим ва истифодаи фондҳои буҷетӣ ба вуҷуд меоянд, мавзӯи ҳуқуқи буҷетиро таш-**

**кил медиҳанд.** Аз ҷумла, ба онҳо муносибатҳое мансубанд, ки ба вуҷуд омадани онҳо ба инҳо вобаста аст:

1) барқарор гардидани сохти буҷетӣ ва низоми буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) ба ҷудо кардани салоҳияти буҷетӣ дар байни мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

3) ба барқарор гардидани сохти даромад хароҷоти низомӣ буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тақсими онҳо дар байни буҷетҳои сатҳҳои мухталиф;

4) ташкили назорат ва иҷрои буҷетҳо;

Ҳуқуқи буҷетӣ аз ду қисм иборат аст: - қисми умумӣ ва қисми махсус.

Қисми умумӣ соҳаҳои зеринро дар бар мегирад:

- сохтори буҷет ва ҷараёни буҷетӣ.

Қисми махсус соҳаҳои зеринро фаро мегирад:

- танзими ҳуқуқии даромадҳои буҷетҳо;
- танзими ҳуқуқии хароҷотҳои буҷетӣ;
- асосҳои ҳуқуқии кредити давлатӣ.

**Ҳуқуқи андоз маҷмӯи меъёрҳои молиявӣ-ҳуқуқие аст, ки муносибатҳои ҷамъитии оид ба муқаррар кардан ва ситонидани андозҳоро аз ашхоси юридикӣ ва шаҳрвандон барои сохтани буҷет ва дар ҳолатҳои пешниҳодшуда барои мақсадҳои берун аз буҷет танзим мекунад.** Мувофиқи моддаи 45-и Контитутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як кас ӯҳдадор аст, ки андозу боҷҳои қонунан муқарраркардашударо пардохт намояд. Яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқии андоз кодекси андоз мебошад. Хусусияти ин кодекс аз он иборат аст, ки вай муносибатҳои ҳуқуқиро дар маҷмӯъ танзим менамояд, яъне принсипҳои низоми андоз ва мазмуни он, номгӯи андозҳо, таснифи онҳо, тартиби муқаррар кардани андозҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои андоздиҳандаҳо, ҷавобгарии онҳо, ваколати мақомоти андоз ва шахсони мансабдори онҳо ва гайраҳоро дар соҳаи андозгузорӣ муқаррар менамояд.

## Адабиёт

1) Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии ҶТ. Душанбе-2005. - С.22-60.

2) Кодекси андози Ҷ.Т. аз 3 декабри 2004. // Садои мардум-2004 8декабр. - С.1-16.

3) Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ» аз 1 феврал с.1996, таҳти рақами 231. // Маҷмӯи қонунҳои ҶТ Ҷилди1. Душанбе, нашриёти "Қонуният"-2002. - С.99-106.

4) Қонуни ҶТ « Дар бораи итилоот» аз 10 майи соли 2002. № 55 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ-2002 - қисми 2. №4 – М. 320 - С.42-52.

5) Ровинский Е.А. Основные вопросы теории советского финансового права. М. 1960. 160 с.

6) Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири доктори илмӣ ҳуқуқ, профессор, узви вобастаи АИ.Ҷ.Т. Маҳмудов М.А. Душанбе: Эр -граф., 2004. 600.

7) Финансовое право. Учебник // Ответственный редактор Н.И.Химичева, профессор, доктор, юрид. Наук, академик Меж. акад. наук высш. школы - М: Изд-во БЕК, 1995 - 525с.

8) Саидмуродов Д.У., Хакимов Ш.К. Словарь экономических и юридических терминов. Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2006.-44с.

## МАВЗӮИ 10. Асосҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ.

1. Ҳуқуқи соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ ва қатъ шудани фаъолияти соҳибкорӣ.
2. Объектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва масъалаҳои ҳуқуқии таъмини рақобат.
3. Шаклҳои ба амалбаровардани ҳуқуқи соҳибкорӣ.

### 1. Ҳуқуқи соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ ва қатъ шудани фаъолияти соҳибкорӣ.

**Ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи комплексӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат, аст ки, муносибатҳои соҳибкорӣ ва муносибатҳои дигари ба он алоқамандро бо мақсади таъмини манфиати давлат ва ҷамъият ба танзим медаронад.**

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки онҳоро меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ба танзим медаронад, предмети ҳуқуқӣ соҳибкорӣ меноманд.

Мафҳуми қонунии фаъолияти соҳибкорӣ дар банди 3 моддаи 1 кодекси граждании оварда шудааст. **Мувофиқи он фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти мустақил, ва ба таваккали худ асоснок бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодабарии молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст.**

Аз мафҳуми овардашуда маълум мегардад, ки фаъолияти соҳибкорӣ дорои аломатҳои зерин мебошад:

1) Мустақилияти соҳибкор. Мустақилияти фаъолияти соҳибкорӣ, озодии интихоби равиш ва тарзи кор, мустақилона қабул намудани қарор, роҳ надодан ба ҳамагуна худсарона дахолат намудан ба фаъолияти хусусӣ, зарурияти бемамоният амалӣ намудани ҳуқуқ, таъмини ҳуқуқҳои вайронкардашуда ва ҳифзи судии онҳоро ифода менамояд.

2) Таваккали соҳибкор. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ эҳтимолияти ба даст даровардани фоидаи ба нақшагирифташуда ё натиҷаи мусбати дар назар дошта шуда, ҳамзамон имконияти дарёфти оқибати манфии ин ё он амал мебошад.

3) Мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор, ё расонидани хизмат. Маҳз ба даст даровардани фоида ҳадафи асосии барангезандаи соҳибкорӣ, буда бе гирифтани он ҳамагуна соҳибкор моҳияти худро аз ибтидо гум мекунад.

4) Амалӣ намудани фаъолият ба сифати соҳибкор ва тартиби ба қайдгирии он. Шахсони ҳуқуқиро мақомоти адлия ба қайд мегирад, соҳибкорони инфиродиро бошад мақомоти ваколатдори андоз ба қайд мегирад.

**Тарзу усули воситаҳои таъсиррасонӣ ба муносибати соҳибкорие, ки предмети танзимнамоии ҳуқуқи соҳибкориро ташкил медиҳад, методи танзимнамоӣ меноманд.**

Методи ҳуқуқи соҳибкорӣ аз инҳо иборат аст:

1) Методи мустақилона ҳал намудани масъалаҳо. Дар мавриди истифодаи методи мустақилона, субъект ваколатдор аст, ки ин ё он масъаларо дар доираи салоҳияти худ ҳал намояд.

2) Методи созиш дар мавриди бастани шартномаҳо дар соҳаи соҳибкорӣ, татбиқ карда мешавад.

3) Методи навиштаҷоти ҳатмӣ. Дар ҳолати истифода бурдани методи навиштаҷоти ҳатмӣ як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба тарафи дигар супоришҳои ҳатмиро новобаста аз оне, ки ӯ ба иҷрои он ҳавасманд мебошад, ё не медиҳад. Масалан, ба қайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, иҷрои талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ, андоз ва ғайраҳо.

4) Методи тавсия. Як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ ба тарафи дигар барои самаранок ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ маслиҳат медиҳад. Мисол: ҳукумат тартиби муайяни фаъолияти корхонаи худро муқаррар менамояд.

**Принсипҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ гуфта нуқтаи асосӣ ва асоси пешбарандаи ҳуқуқии ба танзимдарории фаъолияти соҳибкориро меноманд, ки тамоми қонунгузории соҳибкориро ба танзим медарорад.**

Принсипҳои асосии ҳуқуқи соҳибкорӣ чунинанд:

а) Принсипи озодии фаъолияти соҳибкорӣ: Тавре, ки дар моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, «ки давлат озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкориро кафолат медиҳад».

б) Баробарии ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият: Давлат баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз он ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

в) Ба дастдарории фоида ҳамчун мақсади фаъолияти соҳибкорӣ: Фаъолияти соҳибкорӣ барои ба даст даровардани фоида равона карда шудааст. Маҳз ҳамин хусусияти асосии фаъолияти соҳибкорӣ аз дигар намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ тафовут дорад.

г) Қонуният дар фаъолияти соҳибкорӣ. Дар зери мафҳуми қонуният дар фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи субъекти фаъолияти соҳибкорӣ бечуну чаро ва қатъиян риоя намудани талаботи меъёрҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти соҳибкориро ба танзим медарорад, фаҳмида мешавад.

**Соҳибкори инфиродӣ гуфта, чунин шахси воқеиро меноманд, ки бе ташкили шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз рӯи қайди махсуси давлатӣ ба истеҳсоли мол, фурӯши мол ва ғайра машғул аст.**

Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд меояд. Расман қобилияти амалкунӣ аз синни 16-солагӣ ба вуҷуд меояд. Қонунҳои амалкунанда нисбати чунин шахс ӯҳдадориҳои зеринро муқаррар кардааст.

1) Чунин шахсон бояд ҳатман дар бозрасии андоз, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, омор, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ бояд аз қайди махсус гузаранд ва соҳиби рақамҳои шартии ба ҳисобгирӣ гарданд, ки дар бисёр маврид хусусияти қайди электрониро доранд.

2) Дар мавриди истифодаи меҳнати кироя, сугуртаи ҳатмӣ, таъмини бехатарии ташкили меҳнат, саривақт пардохт намудани андоз ва ӯҳдадориҳои агенти андоз бояд, ки иҷро карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки соҳибкорон ҳуқуқҳои зеринро доранд:

1) Ҳуқуқ ба фаъолияти озодонаи соҳибкорӣ - яъне ба амал овардани чунин фаъолияте, ки дар доираи меъёрҳои муқаррар шуда дахолати беасоси давлатро инкор мекунад.

2) Ҳуқуқи истифодаи нерӯҳои интелектуалӣ, иттилоотӣ ва захираҳои фоиданок.

3) Ҳуқуқ ба арзу шикоят аз рӯи ҳолатҳое, ки манфиатҳои соҳибкор дағалона вайрон карда мешавад. Масалан тибқи қонун ба вуҷуд овардани мушкилоти гайриқонунӣ дар кори соҳибкор мувофиқи кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти иқтисодӣ дониста мешавад.

Тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ аз 10-майи соли 2002 соҳибкорони инфиродӣ вобаста аз хусусияти ташкилиашон ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) Соҳибкори инфиродӣ бе истифодаи меҳнати кироя: Одатан дар ин маврид ташкили фаъолияти хоҷагӣ аломатҳои ширкати комилро дошта, ҷамъ овардани сармоя бо меҳнати бевосита мушоҳида карда мешавад.

2) Соҳибкори инфиродӣ бо истифодаи меҳнати кироя: Чунин шакли ташкилӣ дар фаъолияти хоҷагӣ мебошад, ки истифодабарии меҳнати кироя бо сармоягузорӣ алоқаманд набуда, коргар ва хизматчиён ӯҳдадориҳои худро дар асоси қарордоди меҳнатӣ амалӣ мекунад.

3) Соҳибкори инфиродӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, ин ташкили ҳамагуна нуқтаҳои хизматрасоние мебошад, ки шумораи коргарон ва гирифтани фоидаи онҳо бо талаботи соҳибкории хурд ҷавобгӯ аст. Мисол, нуқтаи хизматрасонии маишӣ.

4) Соҳибкори инфиродӣ дар соҳаи иҷро намудани кор. Масалан, иҷро намудани корҳои рангу боркунӣ, ё ин ки нақшакашӣ дар сохтмони асосӣ.

5) Соҳибкори инфиродӣ дар соҳаи савдо , ки он дар навбати худ боз ба 2 гурӯҳ ҷудо мешавад:

1) Ташкили савдо аз рӯи патент,

2) Соҳибкори инфиродӣ дар соҳаи савдо дар асоси шаҳодатномаи бозрасии андоз.

Қатъ гардидани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар чунин ҳолатҳо ба вуҷуд меояд.

1. Барҳам хӯрдани фаъолияти соҳибкорӣ, яке аз омилҳое, мебошад, ки бо таваккали соҳибкорӣ алоқаманд аст. Дар ин маврид таваккали соҳибкорӣ бештар маънои объективӣ дошта,

соҳибкор аз нагирифтани фоида оқибати кори худро муайян намуда, дар охир онро барҳам медиҳад.

Барҳамдиҳи ихтиёрӣ ва маҷбурӣ мешавад.

Ихтиёран барҳамдиҳӣ бо қарори соҳибкори инфиродӣ муассисон иштирокчиён ё мақомоти шахси ҳуқуқие, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ваколатдор карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

Ихтиёран барҳамдиҳии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳолатҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

а) бо сабаби гузаштани мӯҳлате, ки шахси ҳуқуқӣ барои он таъсис дода шуда буд;

б) бо сабаби ноил шудан бо мақсадҳое, ки шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шуда буд;

в) ҳангоми аз ҷониби суд бе эътибор донисташудани бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ бо сабаби роҳ додан ба вайронкунии ислоҳнопазирии қонун ҳангоми таъсис додани он (банди 1 моддаи 62 кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Мувофиқи моддаи 62.кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон суд метавонад, ки ба таври маҷбурӣ барҳамдиҳии субъектҳои фаъолияти соҳибкориро дар мавридҳои зерин амалӣ намояд:

а) агар бе иҷозатнома ба фаъолият машғул шавад, ба шарте, ки барои машғул шудан ба чунин фаъолият иҷозатнома зарур бошад;

б) агар ба фаъолияте машгул шавад, ки қонунгузорӣ манъ карда бошад;

в) агар қонун ё дигар санадҳои ҳуқуқиро мунтазам ё дағалона вайрон кунад;

г) дар ҳолати муфлисшавӣ;

2) Муфлисшавӣ:

**Муфлисшавӣ гуфта, чунин ҳолати аз тарафи суд муқарраршудаеро меноманд, ки соҳибкор бинобар кам будани молу амволаш ӯҳдадориҳои қарзии худро, ки дар талаби кредиторон ифода ёфтааст қонеъ гардонида наметавонад.**

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавии корхонаҳо аз 10-марти соли 1992 (бо тағйирот ва иловаҳо аз 22-майи 1998) **муфлисшавӣ - қарздор қобилияти сари вакт ва пурра қонеъ гардонидани талаботи кре-**

**диторонро надошта аз ӯҳдаи иҷрои ӯҳдадорияш дар назди буҷет ва кредитор намебарояд.**

3) Яке аз роҳҳои дигари қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ дар навташкилёбии он мебошад. Аз навташкилёбии соҳибкории инфиродӣ дар шакли гузаштан аз як шакли андозбандӣ бо шакли дигараш бо розигии мақомоти андоз амалӣ мегардад. Масалан: соҳибкори инфиродӣ аз шакли ташкилии патент ба гирифтани шаҳодатнома ҳамчун соҳибкорӣ хурд мегузарад.

Шахсони юридикӣ бошанд, мувофиқи талаботи кодекси граждани аз рӯи шаклҳои зерин аз нав ташкил меёбад:

а) Муттаҳидшавӣ
б) Ҳамроҳшавӣ
в) Ҷудошавӣ
г) Ташкил шудани корхона
д) Дигаргун шудани шакли ташкилӣ

## 2. Объектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва масъалаҳои ҳуқуқии таъмини рақобат.

Меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ба арзишҳои муайяни иҷтимоӣ таъсир мерасонад ва онро ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мувофиқ мегардонад. Бинобар ин объектҳои ҳуқуқиро ба 2-маъно фаҳмидан мумкин аст.

1) Ҳамчун арзишҳои рӯҳӣ
2) Ҳамчун арзишҳои моддӣ

Дар маънии якум объекти ҳуқуқ гуфта, пеш аз ҳама чунин муносибатҳои ҷамъиятиро меноманд, ки асоси онро иродаи инсон дар муносибат ба чиз ва мол ифода меёбад ва тадбиқшавии чунин иродаро ҳуқуқ муқаррар мекунад.

Аз рӯи фаҳмиши 2-ум объектҳои ҳуқуқи соҳибкориро ба ду намуди асосӣ ҷудо кардан мумкин аст.

1) Объектҳои моддӣ ба монанди хона, воситаи нақлиёт ва ғайраҳо.

2) Объектҳои ғайримоддӣ ба монанди ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои пулӣ, сири хизматӣ ва тиҷоратӣ ва ғайраҳо.

Аз рӯи гардиши объекти ҳуқуқи соҳибкорӣ онро мумкин аст ба намудҳои зерин ҷудо кард:

1) Объектҳое, ки гардиши онҳо озод аст: ба монанди молҳои ниёзи мардум.

2) Объектҳое, ки гардиши, онҳо маҳдуд аст: ба монанди иттилооти тиҷоратӣ, нишонаҳои ҷуғрофии мол ва ғайра.

3) Объектҳое, ки гардиши онҳо манъ карда шудааст, яъне дар хариду фурӯши озод қарор надорад ба монанди :одам ҷузъиётҳои ӯ (дил, гурда ва ғайра) маводи нашъадор ва ғайра.

Намудҳои объектҳои ҳуқуқи соҳибкориро дар моддаи 140 кодекси гражданӣ муаян намудааст.

Ба онҳо чизу чора пул аз ҷумла·асъори хориҷӣ, қоғазҳои қимматнок, кору хизаматҳо, самараи эҷодкории зеҳнӣ, номи фирма, тамғаи мол ва воситаҳои диғари фардикунонии истеҳсолот, ҳуқуқи амволӣ ва дигар амволҳо дохил мешаванд.

1) Чизу чора яке аз объектҳои паҳнгаштаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Дар зери мафҳуми мазкур қонунгузор чунин арзишҳои моддиро мефаҳмад, ки дар муносибатҳои иҷтимоӣ таъиноти истеъмолӣ ва саноатиро доранд.

Аз рӯи ғардиши иқтисодӣ чизу чораро ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст.

1) Чизу чораи асосӣ ва мансуб дошта,

2) Чизу чораи тақсим шаванда ва тақсим нашаванда,

3) Амволи манқул ва ғайри манқул.

1) **Чизу чораи асосӣ гуфта, ҳамон чизу чораро меноманд, ки дар муомилоти гражданӣ аҳамияти мустақил доранд.Чизу чораи мансуб дошта, чунин чизу чорае мебошад, ки барои хизмат кардан ба чизу чораи асосӣ таъин шудааст.** Мисол, ҷилди асбоби мусиқӣ, ойинаи нилгун ва антенна, айнак ва ҷилд, қулф ва калид ва ғайраҳо.

2) Чизу чораи тақсимшавнда амволест, ки қисмҳои он дар натиҷаи тақсимкунӣ таъиноти худро аз даст намедиҳад. Мисол, ҳамагуна ҳаҷми шир, гандум, семент. Мисол, китоб, миз, пианина ва чизу чораи бо онҳо монандро тақсим намудан мумкин нест.

3) Мувофиқи моддаи 142-и кодекси гражданӣ ба чизу чораи ғайри манқул он объектҳое дохил мешаванд, ки ҷойивазкуниашон бидуни расонидани зиёни беҳисоб ба таъиноташон имконпазир аст. Масалан, корхона, бино, иншоот, ниҳолҳои бисёрсола, киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, объектҳои кайҳон ва ғайра. Чизу чорае ғайри манқул ҳамчун қоида бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

**Чизу чораи манқул чунин чизу чорае мебошад, ки ҷойивазкунии он бе зарари номутаносибии таъинот мумкин мебошад ва ба онҳо пул, коғазҳои қимматнок, таҷҳизот, дастгоҳ, мошин ва ғайраҳо дохил мешавад.**

2) Яке аз объектҳои дигари ҳуқуқи соҳибкорӣ пул ва коғозаҳои қимматнок мебошад.

Пул дар баробари гардиши накдӣ воситаи муҳими ҳисобдорӣ, гузоштани амонат мебошад. Аз рӯи ҷиҳати молӣ пул арзиши эквивалентии дигар молҳо муайян карда мешавад. Тибқи моддаи 60-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки Миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди яғона ва номаҳдуди ҳисоббаробаркуни сомон ва дирам мебошад. Дар баробари ин мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» пули Миллӣ ҳамчун асъор эътироф шудааст, ки онро дар мафҳумҳои зерин аниқ дарк намудан мумкин аст.

1) Сомон ва дирам ҳамчун асъори миллӣ.

2) Амонат ва қоғозҳои қимматнок аз рӯи асъори миллӣ.

3) Кордҳои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи асъори миллӣ.

Қоғазҳои қимматнок ба гурӯҳи объектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дохил мешаванд: Дар гардиши иқтисодӣ қоғазҳои қимматнокро ба 3 намуд ҷудо мекунанд:

1) Қоғази қимматноки пулӣ - чунин шакли ифодаёбии ӯҳдадориҳои пулие мебошад, ки аз ифодаёбии он таносуби бечуну чаро пардохт намудани пул ба амал меояд. Қоғазҳои қимматноки пулиро тибқи қонунгузорӣ ба чекҳо ва векселҳо ҷудо намудан мумкин аст.

а) Чек чунин талаби иҷроиши ӯҳдадории пулӣ мебошад, ки бо пешниҳоди он татбиқ карда мешавад.

б) Вексел гуфта чунин коғази қимматнокеро меноманд, ки ҳисоббаробаркунии ғайри нақдиии хариду фурӯш ва дигар ӯҳдадориҳои молиро инъикос мекунад.

2) Қоғазҳои қиматноки молӣ - муомилоти молиро бо талаботи соҳибкорони байналхалқӣ мувофиқ мегардонад. Аз ин рӯ, қоғазҳои қимматноки молӣ маҷмӯи талаботи дар қоғаз ифодаёфта мебошанд, ки ӯҳдадориҳои қарзи молиро дар байни тарафҳо муқаррар ва ба танзим медароранд.

3) Ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ қоғазҳои қимматноки сармоягузорӣ низ дохил мешаванд.

1) Саҳмияҳо

2) Облигатсияҳо

1) Саҳмия гуфта чунин қогози қиматноки сармоягузориро меноманд, ки ҳиссаи саҳмдорро дар сармояи ойиномаи ҷамъияти саҳомӣ ифода намуда ба саҳмдор ҳуқуқи талаби гирифтани дивидендро медиҳад.

2) Облигатсияҳо: ба гурӯҳи қоғазҳои қиматноки сармоягузорӣ аз он ҷиҳат дохил мешавад, ки онҳо ифодагари бозори қарзи буда, ӯҳдадориҳои эмитенти облигатсияро оид ба таъмини нархи ҳақиқии облигатсия ва пардохти фоизро муқаррар ва ба танзим медарорад.

Дар ба танзимдарорӣ муносибатҳои зиддимонополистӣ, рақобат мавқеи ба худ хос дорад. Ибораи рақобат аз калимаи лотинӣ «con currenlia» гирифта шуда, маънои боҳам бархӯрдан»-ро дорад. Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол аз 29 - ноябри 2000-ум сол» чунин мафҳуми рақобат дода шудааст.

**Рақобат гуфта чунин ҳолатеро меноманд, ки амал ё кирдори яке аз субъектони хоҷагии як тарафа ва ё аз рӯи маслиҳати пешакӣ ба муомилоти мол таъсир расонида наметавонад.**

Калимаи рақобат дар фарҳанги забони тоҷикӣ моҳияти суханҳои дар боло гуфташударо ифода намуда маънои онро дорад, ки 2 - ва зиёда кас барои қонеъ гардонидани манфиятҳои худ рақобат дорад.

Дар баробари ин рақобат ҳамчун ҳодисаи доимо такмилёбанда ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

1. Рақобати ташкилӣ. Соҳибкор бояд чунин шакли соҳибкориро интихоб кунад, ки моҳиятан содда буда ба ӯ имкон диҳад, ки сармоя ҷамъ намояд, онро дуруст ва аз рӯи мақсадҳои пешакӣ муқаррар шуда истифода намояд.

2. Рақобати нархгузорӣ. Аз рӯи ин намуди рақобат дар мурофияи нархгузорӣ соҳибкорон дар як ҳолате қарор доранд, ки сиёсати нархгузории онҳо асоси ғолибият ва расидан бо мақсади соҳибкорӣ мебошад.

Нархгузорӣ гуфта, чунин муносибати иқтисодиеро меноманд, ки соҳибкор аз рӯи омилҳои харочот, реклама, нигоҳдорӣ, нархи мол бояд дуруст муқаррар карда шавад.

3. Рақобати гайри нархӣ ё хизматрасонӣ. Яке аз омилҳои расидан ба мақсади ниҳоии соҳибкорӣ дар баробари фурӯхтани мол муқаррар кардани чораҳои иловагии хизматрасонӣ мебошад. Ба монанди расонидани мол аз ҳисоби фурӯшанда, фурӯхтани мол аз рӯи қарз таъмири бепул ва ғайра.

Яке аз масъалаҳои асосие ки дар қонунгузории рақобат ва сиёсати зидди монополистӣ муаян карда шудааст, ин рақобати бевиҷдонона мебошад. Мувофиқи моддаи 3-уми қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рақобат чунин ҳолати ҳуқуқ муқарраркунандае мебошад, ки як ё ду субъекти хоҷагӣ имкониятҳои истеҳсолии худро ғайри қонунӣ истифода бурда ба манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагӣ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон зарари моддӣ мерасонанд.

Дар асосии мафҳуми додашуда аломатҳои асосии рақобати бевиҷдононаро муқаррар кардан мумкин аст.

1) Рақиби бевиҷдон пеш аз ҳама соҳибкоре мебошад, ки барои ӯ баҳри расидан ба гирифтани фоида ягон хел арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Чунин рақиби бевиҷдон барои ҷамъият хавфнок буда зери ҷазои ҳуқуқӣ қарор мегирад.

2) Рақиби бевиҷдон имкониятҳои баланди иқтисодӣ дорад вале онро ғайри қонунӣ истифода мебарад.

3) Дар натиҷаи чунин кирдори рақиби бевиҷдон соҳибкорони дигар ва муштариён зарар мебинанд.

Аз рӯи аломатҳои дар боло овардашуда рақобати бевиҷдонаро ба монеъаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст.

а) Вақте ки рақиб дар бораи рақиби худ маълумоти бардурӯғ медиҳад ва бо ин муштариён ва ҷомеъаи соҳибкоронро фиреб медиҳад.

б) Аз имкониятҳои худ истифода бурда ғайриқонунӣ ба фаъолияти рақиби худ дахолат мекунад. Бо пешниҳод намудани музди пулӣ мутахасисони пешқадами ӯро барои кор ба ширкати худ даъват менамояд.

в) Нишонаҳои молӣ, номи фирма ва нишонаҳои ҷуғрофии шахси дигарро гайри қонунӣ, бе иҷозатнома истифода мебарад.

г) Дар бораи рақиби худ маълумот ҷамъ намуда сири тиҷоратии ӯро ғайри қонунӣ фош менамояд.

д) Дар вақти реклама намудани мол ва хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон оид ба мол маълумоти бардурӯғ медиҳад.

е) Дар вақти муқоисаи мол, моли рақиби худро паст мезанад ё ин ки оид ба имкониятҳои моли худ ё додани фоизи қарз иттилооти бардурӯғ паҳн мекунад.

Рақобати бевиҷдонона расман қонуншиканӣ эътироф шуда, ҳатто кодекси ҷиноятӣ аз рӯи таркиби муқаррар кардааш онро ҷиноят эътироф кардааст.

**3. Шаклҳои ба амал баровардани ҳуқуқи соҳибкорон.**

1) Фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон бе барпо кардани шахси ҳуқуқӣ шакли одитарини соҳибкорӣ мебошад, ки он таърихан хеле пеш аз шаклҳои гуногуни корхонаҳо пайдо гардидааст, ки ба онҳо ҳуқуқи субъективияти шахсӣ дода мешуд. Фаъолияти соҳибкории шахсиро шаҳрванд аз номи худ ба амал баровarda дар назди қарздиҳанда бо тамоми амволи худ ҷавобгар мебошад. Тартиби сабти давлатии соҳибкорони бидуни барпо намудани шахси ҳуқуқиро моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар кардааст. Мувофиқи он сабти давлатии соҳибкориеро, ки бидуни барпо кардани шахси ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад, мақомоти давлатии андози ноҳияҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳои шаҳр мувофиқи ҷойи зист ё фаъолият анҷом медиҳанд.

2) Фаъолияти соҳибкории шахси ҳуқуқӣ. Шахсони ҳуқуқӣ ташкилоте эътироф карда мешавад, ки дар моликияташ, ихтиёри хоҷагиаш ё идоракунии ҷориаш амволи ҷудогона дорад, барои ӯҳдадориҳои худ бо ин амвол ҷавобгар мебошад ва метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайри амволӣ пайдо кунад ва онҳоро татбиқ намояд, дар суд даъвогар ё ҷавобгар бошад.

Шахси ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешавад:

1) ташкилотҳои тиҷоратӣ.

2) ташкилотҳои ғайри тиҷоратӣ.

1) ташкилотҳои тиҷоратӣ, шахси юридикие мебошанд, ки мақсади асосии онҳо ба даст овардани фоида мебошад. Онҳо

дар шакли ширкат ва ҷамиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои воҳид ва давлатӣ ташкил карда мешавад.

2) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки ба даст овардани фоида мақсади асосии фаъолияти онҳо намебошад ва фоидаи ба дастомадаро дар байни иштирокчиён тақсим намекунанд. Соҳибкорӣ дар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии зерин ба амал бароварда мешавад: корхонаҳо ва иттиҳодияҳо, рафоқатҳои хоҷагӣ ва ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ; ширкатҳо, инчунин иттиҳодияҳои хоҷагии ташкилотҳои мазкур. Яке аз шаклҳои маъмули ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ корхона мебошад.

1) Корхона гуфта он субъекти хоҷагии мустақили дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои истеҳсоли маҳсулот, иҷро кардани корҳо ва расонидани хизматҳо бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ва гирифтани фоида таъсис дода шудааст.

2) Шакли дигараш рафоқати хоҷагии иттиҳодияи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандоне эътироф карда мешавад, ки дар асоси созишномаҳо ва дар асоси узвият барпо карда шудаанд. Рафоқатҳо ба рафоқатҳои пурра, командитӣ, ҷавобгариашон маҳдуд ва рафоқатҳои дорои ҷавобгариҳои иловагӣ тақсим мешаванд.

3) Санади асосии қонунгузорие, ки фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомиро танзим менамояд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятиҳои саҳомӣ, аз 23-декабри соли 1991 (бо тағйироту иловаҳо аз 14 декабри соли 1997) мебошад. Ҷамъяти саҳомӣ гуфта чунин ташкилоти ихтиёрии тиҷоратиро меном526манд, ки сармояи ойиномавии он бо эмиссия (дарҷ кардан, баровардан) намудани саҳмҳо ҷамъ оварда мешавад. Ҷамъият дар ҳолатҳои зерин барҳам дода мешавад:

1) бо сабаби гузоштани мӯҳлате, ки он таъсис шуда буд, агар чунин қоида дар ойинома пешбинӣ шуда бошад.

2) бо қарори суд.

3) бо қарори мақомоти молиявӣ, бонкҳо, қарздиҳандаҳо дар мавриди қобили пардохт набудан.

4) Дар хоҷагии қишлоқ фаъолияти соҳибкорӣ бо роҳи таъсис додани корхонаҳо ва фаъолият кардани онҳо ба амал бароварда мешавад.

**Адабиёт**

1) Ахбори Маҷлиси Олии Ҷ.Т. 2000 №11.

2) Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо» аз 2 декабри соли 2002.

3) Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ» аз 10 майи соли 2002.

4) Раҳимов М.З Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. Автореф. дисс. на соиск. уч. ст. д. ю.н. Душанбе-2000.

5) Раҳимов Маҳмад Забирович. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Қисми 1. Душанбе «Деваштич» 2002.

6) Раҳимов.М.З. Дар бораи баъзе масъалаҳои ҷавобгарии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ «Давлат ва ҳуқуқ» 2001 №3.

7) Ф.М.Нодиров. Нақши шартнома дар таҷдиди ташкилотҳои кишоварзӣ. Душанбе, 2003.

8) Шонасриддинов Н.Ш., Исмоилов Ш.М., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи кишоварзӣ. Душанбе, «Қонуният» 2000.

9) Ҳакимов Ш.К. Социально- экономические возможности молодежи Таджикистана: реальность и преспективы // религиазный экстремизм в Центральной Азии, проблемы и перспективы. Материалы международной конференции. Душанбе, 2002 .- С. 108-122.

10) Хакимов Ш.К. Сотруднечество в области трудовой миграции необходимый приоритет интеграционного процесса. Организационно - правовые аспекты // Олимони ҷавон ва илми муосир. Маводи конфронси 2-юми илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавон. ДДМТ. Душанбе, 2002.-С. 207-214.

11) Хакимов Ш.К. Основы конституционного строя Республики Таджикистана и свобола экономической деятельности // Материалы республиканской научно- практической конференции «Местное самоуправление в Таджикистане: Проблемы и пути их решения». Душанбе, 2004.-С.88-95.

## МАВЗӮИ 11. Асосҳои ҳуқуқи гумрук.

1. Қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми ҳуқуқи гумрук, предмет ва муносибатҳои ҳуқуқи гумрук.

2. Сарчашма, субъект ва низоми ҳуқуқии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ҳамкории ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ.

### 1. Қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми ҳуқуқи гумрук, предмет ва муносибатҳои ҳуқуқи гумрук.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти гумрукӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарифи гумрукӣ», санадҳои дигари меъёрию-ҳуқуқӣ, ки мувофиқи кодекси гумрукӣ қабул шудаанд ва инчунин шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо аст, иборат мебошад. Меъёрҳои қонунгузории гумрукӣ чунин муносибатҳоро ба танзим медарорад:

1. Муносибатҳо дар соҳаи фаъолият ва ташкили низоми мақомотҳои гумрукӣ;

2. Муносибатҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, ки дар вақти фаъолияти мақомоти гумрукӣ дар мубориза алайҳи вайронкуниҳои қоидаҳои гумрукӣ;

3. Муносибатҳо ба интиқоли мол ва воситаҳои наклиёт аз сарҳади гумрукии ҶумҳурииТоҷикистон вобастабуда.

Дар таърихи давлатдории муосири тоҷик ду кодекси гумрукӣ қабул карда шудааст: 1) 25 ноябри 1992 2) 4 ноябри соли 1995.

Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 фасл, 64 боб ва 454 модда иборат буда, принсипҳои ҳуқуқи гумрукиро дар худ инъикос намудааст.

**Низоми гумрукӣ гуфта, маҷмӯи муқарраротеро меноманд, ки статуси молу воситаҳои наклиётии бо мақсадҳои гумрукӣ аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшавандаро муайян менамоянд.**

Ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи гумрукӣ бо чораҳои маҷбуркунӣ ва маҳкумкунии давлатӣ нисбати шахсони ҳуқуқвайронкунанда тибқи санксияи меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ ва дигар соҳаҳои гумрук татбиқ мегардад, ки мақсади он пешгирӣ ва мубориза бурдан бо амалҳои ғайриқонунӣ мебошад.

Барои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ намудҳои зерини ҷазо пешбинӣ шудааст:

1) Огоҳӣ.

2) Ҷарима.

3) Бозхонди литсензия ё шаҳодатномаи ихтисос, ки мақоми гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои намудҳои муайяни фаъолият додааст.

4) Ситонидани арзиши молу воситаҳои нақлиёте, ки объекти бевоситаи вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ мебошад.

5) Мусодираи воситаҳои нақлиёт, ки бо онҳо объекти бевоситаи вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ интиқол дода шудааст.

Дар ҳуқуқи гумрук 4 - намуди ҷавобгарӣ мавҷуд аст:

1) ҷавобгарии ҷиноятӣ.

2) ҷавобгарии гражданӣ (шаҳрвандӣ).

3) ҷавобгарии маъмурӣ.

4) ҷавобгарии интизомӣ.

Қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолатҳоро эътироф менамояд, ки ҷавобгариро бо вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ вазнин мекунанд.

1) идома додани амали ғайриқонунӣ, сарфи назар аз талаби шахси мансабдори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси хотима додани он.

2) такроран вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ дар давоми сол.

3) ҷалб намудани ноболиғ барои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ.

4) вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон.

5) Дар ҳолати мастӣ вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ.

**Ҳуқуқи гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки муносибати ҷамъиятии дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба вуҷудомадаро ба танзим медарорад.**

Хусусиятҳои асосии ҳуқуқи гумрук аз инҳо иборат аст:

1) Хусусияти комплексӣ.

2) Хусусияти сарҳадӣ.

3) Ба маҷмӯи объективиаш мураккаб буда, дар худ меъёрҳои дигар соҳаи ҳуқуқро мустаҳкам кардааст.

Предмети ҳуқуқи гумрукӣ танзимкунандаи муносибати зерини ҷамъиятӣ мебошад.

1) Муносибатҳое, ки аз сиёсати гумрукӣ ба вуҷуд меоянд.

2) Муносибатҳое, ки бо интиқолу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ вобаста мешавад.

3) Муносибатҳое, ки бо режими гумрукӣ вобаста аст.

4) Муносибатҳое, ки бо танзими тарифи гумрукӣ алоқаманд аст.

5) Муносибатҳое, ки бо пардохтҳои гумрукӣ вобаста аст.

6) Муносибатҳое, ки бо назорати гумрукӣ ва асъор вобастагӣ дорад.

7) Муносибатҳое, ки бо имтиёзҳои гумрукӣ вобастагӣ дорад.

8) Муносибатҳое, ки бо мубориза бар зидди ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ вобастагӣ дорад.

9) Муносибатҳое, ки бо шикоят аз ҳаракат ва бе ҳаракатии мақомоти гумрукӣ вобаста аст.

10) Муносибатҳое, ки бо вазъи ҳуқуқии кормандони мақомоти гумрукӣ вобастагӣ дорад.

Пас, предмети ҳуқуқи гумрук танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ аст.

**Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ гуфта, он муносибатҳои ҷамъиятиро меноманд, ки бо фаъолияти гумрукӣ алоқаманд буда аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи гумрук ба танзим дароварда мешавад.**

Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1) Хусусияти ташкилиро дорад, яъне ташкилкунандаи ин муносибатҳо давлат мебошад.

2) Хусусияти ҳокимиятию давлатӣ дорад, мазмунаш дар он аст, ки яке аз субъектҳои муносибатҳояш ҳатман мақомоти гумрук баромад мекунад.

3) Хусусияти ҳуқуқӣ дорад, яъне асоси пайдошавӣ, тағйирёбӣ ва қатъ шудани муносибатҳои гумрук ҳатман қонунгузории гумрук мебошад.

4) Ҳуқуқи гумрук хусусияти молию пулӣ дорад, яъне мақсадаш ғанӣ гардондани буҷаи давлатӣ мебошад.

Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукиро ба чунин категорияҳо таснифот менамоянд:

1) Муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ аз нигоҳи фардикунонии субъект - ба умумӣ ва мушаххас ҷудо мешаванд.

2) Вобаста ба давомнокии мӯҳлат доимӣ - муваққатӣ.

3) Вобаста ба функсия - танзимӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ.

4) Вобаста ба тақсимоти ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиён - оддӣ ва мураккаб.

5) Вобаста ба мазмуни ӯҳдадориҳои субъективии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ - фаъол, ғайри фаъол.

6) Вобаста ба марҳилаи пайдоишашон муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ ба аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа.

7) Аз нигоҳи соҳаҳо бошад ба моддӣ мурофиявӣ.

## 2. Сарчашма, субъект ва низоми ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукӣ гуфта, шакли ифодаёбӣ, мустаҳкамкунии меъёрҳои ҳуқуқи гумрукиро меноманд.**

Меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ гуфта қоидаҳои рафтореро меноманд, ки аз тарафи давлат муқаррар шуда, танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мебошад.

Меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ ду хусусият доранд:

1) Хусусияти императивӣ дорад. – Яъне, иҷроишашон аз ҷониби ҳама субъектҳо ҳатмӣ мебошад.

2) Хусусияти диспозитивӣ дорад. Масалан, мувофиқи моддаи 123 кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтҳои гумрукӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон ё хориҷӣ ситонида мешаванд. Сохтори меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ чун дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ аз 3 - унсур иборат аст.

1) Гипотеза.

2) Диспозитсия.

3) Санксия.

1) Гипотеза - як қисми меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ мебошад, ки дар натиҷаи онҳо нишондодҳои меъёрҳои ҳуқуқ бояд иҷро карда шаванд. Масалан, мувофиқи моддаи 285 кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қарорҳои мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро накардани бонк ва муассисаҳои дигари кридитӣ оид ба бечунучаро ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ё оид бе суратҳисоб супоридани пардохтҳои пулӣ, боздоштани амалиёт, инчунин барои беасос ба таъхир гузаронидани иҷрои чунин қарорҳо бо андозаи маблағи пардохтнашуда ҷарима ситонида мешавад.

2) Диспозитсия - қисми меъёрҳои ҳуқуқи гумрукие мебошад, ки муқарраркунандаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи гумрукиро дар бар мегирад.

3) Санксия - оқибати ҳуқуқии риоя нанамудаи меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ ва ҷазо нисбати онҳо.

Низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукӣ аз инҳо иборат аст:

а) Қонунҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ,

б) Санадҳои зерқонунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ,

в) Шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ.

а) Қонуни гумрукӣ гуфта, санади ҳуқуқиеро меноманд, ки танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, аз ҷониби мақомоти қонунгузории ҶумҳурииТоҷикистон қабул шуда, қувваи олии ҳуқуқӣ дорад.

Қонунҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба ду қисм ҷудо мешавад.

1) Қонунгузориҳои гумрукӣ (Кодекси гумрук (4 ноябри 1995), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарифи гумрукӣ» (4 - ноябри 1994).

2).Қонунҳое, ки ба масъалаи гумрук дахл доранд: (Кодекси андоз, Кодекси ҷиноятӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолоияти иқтисодии беруна ва ғайра).

б) Санадҳои зерқонунӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ вобаста ба мақомоте, ки онҳоро қабул кардааст ба 4 гурӯҳ тақсим мешаванд.

1) Фармон ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ.

2) Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ.

3) Санадҳои зерқонуние, чанд мақомотҳо қабул кардаанд.

4) Санадҳои зерқонуние, ки мақомотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст.

в) Шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ дар навбати худ ба 2-қисм тақсим мешаванд:

1) Шартномаҳои байналмилалии бисёртарафа дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ (масалан, созишнома дар бораи тартиби транзит аз 8-феврали соли 1992).

2) Шартномаҳои байналмилалии дутарафа дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ (масалан, созишнома байни кумитаи гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кумитаи давлатии гумрукии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар мубориза алайҳи қочоқ ва вайронкуниҳои қоидаҳои гумрукӣ аз 4 феврали соли 1998.

Субъекти муносибатҳои ҳуқуқи гумрукӣ гуфта, иштирокчиёни воқеии муносибатҳои гумрукиро меноманд. Субъекти муносибатҳои ҳуқуқи гумрук ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

1) Шахсони воқеӣ.

2) Шахсони ҳуқуқӣ.

1) Шахсони воқеӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқ ба ду гурӯҳ тақсим мешавад:

1) Шахсони воқеӣ (муқаррарӣ), (шаҳрвандон, шахсони бешаҳрвандӣ).

2) Шахси воқеиӣ дорои статуси шахс (шахс, ки дорои имтиёзи гумрукӣ мебошад ва кормандони мақомотҳои гумрук).

2) Шахсони ҳуқуқӣ бошад чун субъекти муносибатҳои гумрукӣ аз инҳо иборат аст:

Шахси ҳуқуқии муқаррарӣ.

Шахси ҳуқуқи ватанӣ.

Шахс (мақомотҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Мувофиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти гумрукӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ кардашудае мебошад. Роҳбари умуми дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба зимаи раиси Ҷумҳур ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

Низоми мақомотҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун субъекти ҳуқуқи гумрук аз инҳо иборат аст.

1. Департаменти назорати гумрукии Вазорати даромад ва пардохтҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Раёсатҳои гумрукии минтақавӣ.

3. Гумрукҳо.

4. Дидбонҳои гумрукӣ.

1. Сохтори департаменти назорати гумрукӣ аз 10 раёсат, 6 - шуъба, ва 3 - хадамоти ёрирасон иборат аст.

Раёсатҳо:

Раёсати ташкилию инспекторӣ.

Раёсати таълимии назорати гумрук (шуъбаи таълимӣ-методӣ, назорати содиротӣ, ба расмиятдарории гумрукӣ).

Раёсати тарифи гумрукӣ (шуъбаи даромади гумрук, шуъбаи назорати асъорӣ).

Раёсати мубориза бар зиди қочок ва вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ (шуъбаҳои назорат бо қочоқ, таҳлил ва тафтиши пешакӣ).

Раёсати омор ва таҳлили гумрукӣ (шуъбаи омори гумрукӣ таҳлили итилоот).

Раёсати робитаҳои хориҷӣ (шуъбаи ҳамкориҳои хориҷӣ, шуъбаи сафарҳои хориҷӣ).

Раёсати ҳуқуқи гумрукӣ ва таъминоти меъёрӣ.

Раёсати кадрҳо ва кор ба ҳайати шахсӣ.

Раёсати молияву иқтисод.

Мудирияти корҳо.

Шуъбаҳо:

шуъбаи амният.

котибот.

шуъбаи алоқаи фаврӣ.

шуъбаи навбатдории фаврӣ .

шуъбаи муҳофизати гумрукӣ.

маркази матбуот.

Хадамоти ёрирасон:

Донишкадаи такмили ихтисос.

Лабараторияи маркази гумрукӣ.

Хадамоти тиббии ҳарбӣ.

2. Раёсатҳои минтақавии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ягонаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил буда, дар қаламрави минтақаи муайян дар зери роҳбарии хеш фаъолияти гумрукиро амалӣ месозад, ки бевосита тобеъи Кумитаи гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон панҷ раёсати минтақавӣ мавҷуд аст:

1) Раёсати минтақавии гумруки вилояти Хатлон.

2) Раёсати минтақавии гумруки вилояти Суғд.

3) Раёсати минтақавии гумруки вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

4) Раёсати минтақавии гумруки вилояти Турсунзода.

5) Раёсати минтақавии гумруки шаҳри Душанбе.

3) Гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ягонаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил аст ва амаликунандаи фаъолияти гумрукӣ дар қаламрави муайяни кишвар буда, дар сатҳи ҳаракати бор ва ҷамъшавӣ нисбати фаъолияти иқтисодӣ таъсис дода шудааст.

**Намудҳои гумрукҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1) Гумрукҳои сарҳадӣ.

2) Гумрукҳои дохилӣ.

4. Постҳои (дидбонҳои) гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рукни ибтидоии мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар сарҳади гумрукии кишвар ҷойгиранд, интиқоли мол воситаи нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рафтуомади мусофиронро ба қайд гирифта, назоратро аз болои он ҷорӣ менамоянд.

Низоми гумрукӣ маҷмуи муқарраротe, мебошад, ки статуси мол ва воситаи нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшавандаро муайян мекунад.

Дар кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 - намуди режими гумрукӣ пешбинӣ шудааст:

1. Иҷозат барои муомилоти озод. Чунин режими пулие мебошад, ки мувофиқи он мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда бе ӯҳдадориҳои аз ин қаламрав баровардани он ба таври доимӣ боқӣ мемонанд.

2. Режими ренпорти мол. Низоми гумрукие фаҳмида мешавад, ки мувофиқи он моли ватанӣ аз қаламрави гумрукии

Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи низоми экспорт баромада шуда, дар мӯҳлати муқарраршуда бе ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва бе татбиқи тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ, ки мол пас бар гардонида мешавад.

3. Транзити мол. Низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он мол таҳти назорати гумрукӣ байни ду мақоми гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба воситаи қаламрави давлати хориҷӣ бидуни ситонидани боҷи гумрукӣ интиқол дода мешавад.

4. Анбори гумрукӣ. Низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли воридшуда дар давраи нигоҳдорӣ таҳти назорати гумрукӣ қарор дошта бе ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва ба тадбиқи тадбирҳои сиёсати мол нигоҳ дошта мешавад ва моле, ки мутобиқи низоми экспорт бояд бароварда шавад бо додани имтиёзҳои пулие, ки дар кодекси гумрукӣ пешбинӣ шудааст, мол нигоҳ дошта мешавад.

Кодекси гумрукӣ ду навъи анбори гумрукиро пешбинӣ менамояд.

1) анбори навъи кушода: Ин ба ҳама дастрас буда, аз ҷониби мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

2) анбори навъи пӯшида: Дар ин анбор на ҳамагуна мол нигоҳ дошта мешавад, балки барои молҳои алоҳида пешбинӣ шудааст.

5. Магозаи савдои бебоҷ.Чунин режими гумрукие мебошад, ки мувофиқи он мол таҳти назорати гумрук дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шуда бе ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва бе тадбиқи тадбирҳои сиёсати иқтисодии мол ба фурӯш гузошта мешавад. Нисбати моле, ки дар ин мағоза нигоҳ дошта мешавад, агар бо мақсади тиҷоратӣ бошад 0,1% аз арзиши мол хироҷи гумрукӣ барои ба расмиятдарории гумрукӣ ситонида мешавад. Агар моли ғайри тиҷоратӣ бошад 0,05% хироҷи гумрукӣ ситонида мешавад.

6. Режими коркарди мол, дар қаламрави гумрукӣ. Низоми пулие мебошад, ки мувофиқи он моли хориҷа дар асоси тартиби муқарраршуда бидуни татбиқи тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ ва бо баргардонидани маблағи боҷи воридотӣ ва андозҳо барои коркард дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон исти-

фода мешавад, ба шарте, ки маҳсулоти коркардашуда дар асоси режими экспорт бароварда шавад.

7. Воридоту содироти муваққатӣ. Низоми гумрумрукие мебошад, ки мувофиқи он ба истифодаи мол дар қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ аз он бо пурра ё қисман озод намудан аз пардохтҳои гумрукӣ ва ба татбиқи тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ иҷозат дода мешавад. Мӯҳлати воридоту - содироти муваққатӣ то 2 - сол аст ва маҳсулоти гумрукӣ вобаста ба категорияҳои молҳо ин мӯҳлатро кӯтоҳ мекунанд.

8. Коркарди мол таҳти назорати гумрук. Низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли хориҷӣ дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраршуда барои коркард таҳти назорати гумрукӣ бе ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва бе татбиқи тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ нисбат ба мол ҳангоми баъдан ба муомилоти озод баровардан ё таҳти назорати гумрукӣ қарор додани маҳсулоти коркардашуда мавриди истифода қарор мегирад.

9. Минтақаи озоди гумрукӣ. Мувофиқи он молҳои хориҷӣ дар сарҳадоти боҷи гумрукӣ бе ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва бе татбиқи тадбирҳои сиёсӣ ба ин мол мавриди истифода қарор мегирад.

10. Анбори озод. Низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он молҳои хориҷа дар биноҳои махсус бе ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва бе татбиқи тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ нигоҳ дошта мешавад.

11. Коркарди мол берун аз қаламрари гумрук. Низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли ватанӣ бе тадбиқи тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ берун аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркардашуда дар мӯҳлати муайян ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида мешавад.

12. Экспорти мол. Низоми гумрукие мебошад, ки мувофиқи он мол берун аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни ӯҳдадориҳои ворид намудани он бароварда шуда, ба таври доимӣ боқӣ мемонад.

13. Реэкспорти мол. Низоми гумрукие мебошад, ки нисбати он моли хориҷӣ бидуни ситонидан ё бар гардонидани боҷи

воридотии гумрукӣ ва ба татбиқи тадбири сиёсати иқтисодӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешавад.

14. Режими нобуд кардани мол. Низоми ғумрукие мебошад, ки мувофиқи он моли хориҷӣ таҳти назорати бе ситониданипардохтҳои гумрукӣ ва бе татбиқи тадбири сиёсати иқтисодӣ нисбати мол аз ҷумла бо роҳи бо ҳолатҳои ғайри қобилӣ истифода оварда мешавад ва нобуд карда мешавад.

15. Даст кашидан аз мол ба фоидаи давлат. Низоми гумрукие мебошад, ки, мувофиқи он шахс бе ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ва бе татбиқи тадбирҳо сиёсати иқтисодӣ аз мол даст мекашад.

### 3. Ҳамкории ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ.

Баъди барҳам хӯрдани ИҶШС 8 декабри соли **1991** сарони давлатҳои Белорусия, Украина ва Русия созишнома «Дар бораи ташкили Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил»-ро имзо кардаанд. 21 декабри ҳамон сол ба ин Созишнома давлатҳои Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ҳамроҳ гаштаанд. Аз ин рӯ, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ дар марҳалаи барқароршавист. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ вобастагии аввалиндараҷа бо давлатҳои иштирокчии (ИДМ) Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил дошта бо бисёр мамлакатҳои хориҷии дур, аз ҷумла Хитой, Туркия, Ҳиндустон ва Эрон шартномаҳои иқтисодию ҳуқуқӣ ба имзо расидааст. Дар баробари ин моҳи декабри соли 1996 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар хусуси ҳамроҳшавӣ ба Конвенсияи муассисии Шӯрои ҳамкориҳои гумрукӣ» қабул намуд, ин чунин Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 - март ва 14 - декабри соли 1996 тибқи қарори Маҷлиси Олӣ бо як қатор Конвенсияҳои дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ҳамроҳ гашт, ки онҳо заминаҳои ҳуқуқии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои дигар дар ин ҷода ташкил мекунанд. Масалан, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба кӯмаки мутақобилаи маъмурӣ дар пешгирӣ, тафтиш ва қатъи ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ, ки 9- июни соли 1997 дар Найроби қабул шудааст; Конвенсия дар бораи маводҳои

мадҳушкунанда, ки 21-феврали соли 1971 дар Вена қабул гардидааст; Конвенсияи ягона оид ба маводи нашъаовар, ки 30- марти 1961 қабул шудааст.

Бояд қайд кард, ки баҳри мустаҳкам кардан ва рушди робитаҳои иқтисодӣ бо давлатҳои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқӣ гузошта истодааст.

**Адабиёт**

1) Аҳамияти Эъломияи кулли ҳуқуқи башар дар олами муосир. «Давлат ва ҳуқуқ» 1999. №1- С. 68-71.

2) Асосҳои давлат ва ҳуқуқи ҶТ, Душанбе. 1999 - Фасли 12. -С. 222-230.

3) Кодекси гумрукии ҶТ аз 4 ноябри 1995.

4)Қонуни ҶТ «Дар бораи тарифи гумрукӣ дар ҶТ» аз 4 ноябри соли 1995.

5) Раҷабов М.Н. Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2001.

6) Ривоҷи муносибатҳои байналхалқӣ - омили муҳими осудаҳолии мардум. Рӯзномаи «Ҳуқуқшинос», 2000 - 31 декабр.

7) Ҳуқуқи байналхалқӣ (қисми махсус) воситаи таълимӣ, зери таҳрири ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Менглиев Ш.М. Душанбе 2001.

## МАВЗӮИ 12. Асосҳои ташкил ва фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ.

1. Нақши фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Ҳокимияти судӣ, низом ва наши он.
3. Мақомоти прокурорӣ.
4. Мақомоти адвокатҳо.
5. Мақомоти корҳои дохилӣ.

### 1. Нақши фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақомоти давлаӣ унсури таркибии дастгоҳи давлатӣ буда, аз хизматчиёни давлатӣ иборат аст ва тавасути ваколатҳои ҳокимиятӣ вазифаҳои муайяни давлатиро иҷро карда аз дигар созмонҳои ба ӯ монанд, ба монанди иттиҳодияи байналхалқӣ, иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад:

**Мақомоти давлат:**

1. Бо тартиби муқарраркардаи қонун таъсис мешавад. (масалан, тартиби интихобу салоҳияти Маҷлиси Олӣ ва Президенти Тоҷикистон дар Конститутсия муқаррар гаштаанд; ташкилу фаъолияти суд ва прокуратураро қонунҳои конститутсионӣ пешбинӣ мекунанд.);

2. Ваколатҳои ҳокимиятиро ба иҷро мерасонанд; чораҳои таъсиррасонии муташаккилона, аз он ҷумла чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ мекунад; санадҳои меъёрӣ (Маҷлиси Олӣ) ва фардӣ (суд) қабул мекунад, ки барои иҷро ҳатмианд;

3. Шаклу намудҳои гуногуни фаъолиятро доранд. Масалан, адолати судӣ барои судҳо назорати прокурорӣ барои прокуратура, кофтукоби ҷиноӣ барои мақомоти корҳои дохилӣ ва ғайра;

4. Сохти дохилии худро дорад.; (масалан, дар таркиби Прокуратураи генералӣ раёсатҳои мухталиф дар соҳаи назорати умумӣ, назоратӣ судӣ ва ғайра таъсис мешаванд).

5. Низоми муташаккилонаи худро дорад. (масалан, тамоми судҳо як низоми судиро ташкил медиҳанд; баъзе мақомотҳо низоми марказонидашударо ташкил медиҳад.) масалан мақомоти прокуратура; низоми баъзе мақомот аҳамияти

ҳокимиятӣ дорад, чунончӣ низоми судӣ ба ҳокимияти судӣ, низоми мақомоти иҷроия ба ҳокимияти иҷроия вобастааст.

Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, чунин фаъолияти давлатиест, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби мақомотҳои махсуси ваколатдори давлатӣ дар асоси тартиби муқаррарнамудаи қонун бо роҳи истифодаи чораҳои таъсиррасонии қонунӣ амалӣ карда мешавад. Дар ҳамин асос мақомоти ҳокимиятро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

Шароит ва хусусиятҳои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки вайронкунии қонун зуд ошкор карда шавад. Содиркунандагони гуноҳ, мувофиқи қонун агар воқеъан гунаҳгор бошанд, ҷазои сазовор гиранд.

Фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар самтҳои гуногун ба амал бароварда шуда, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ чунин намудҳои ин фаъолият пешбинӣ шудааст; адолати судӣ; назорати прокурорӣ; таъминоти ташкилии фаъолияти судҳо; зуҳур ва тафтиши ҷиноятҳо; расонидани ёрии ҳуқуқӣ.

## 2. Ҳокимияти судӣ, низом ва нақши он.

Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон вазифаҳои асосӣ ва усулҳои ташкилёби ва фаъолияти мақомоти судиро ба кадри зарурӣ ба танзим даровардааст. Ҳокимияти судӣ мустақил буда, ҳуқуқу озодии шахс, манфиати давлат созмону муассисаҳо, қонунияту адолатро, ки Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон эълон намудаанд, ҳифз менамояд. Вазифаи суд дар Тоҷикистон таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва муқаррар кардани принсипи адолати иҷтимоӣ мебошад. Ягон мақомоти дигар ва ё шахсони ҳуқуқӣ ба зиммаи худ гирифтани адолати судиро надоранд. Ҳокимияти судӣ таввасути доир намудани мурофиаи суди конститутсионӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, ҳарбӣ ва ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад. Тибқи моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуни конститутсионӣ “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 6 - августи соли 2001 низоми судҳои Тоҷикистон иборат аз Суди Конститутсионӣ, Судӣ Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе, ва судҳои шаҳрию ноҳиявӣ, суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятӣ, суди иқтисодии шаҳри Душанбе мебошанд.




Мувофиқи Конститутсия судя (додрас) наметавонад, вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ва ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омузгорӣ (моддаи 20).

Ба вазифаи судяҳои Суди Олии иқтисодӣ ҳуқуқшиносе интихоб мешавад, ки синнашон аз 30-сола кам ва аз 65-сола зиёд набошад, ҳадди ақал 5 - сол собиқаи кории судягӣ дошта бошанд.

Ба вазифаи судяҳои суди ҳарбӣ, суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе, ҳуқуқшиносе таъин мешавад, ки сини онҳо аз 30-сола кам ва аз 65-сола зиёд набошад, ҳадди ақал 5 - сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

Номзадҳо ба вазифаи судяи суди ҳарбӣ инчунин ба талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ӯҳдадории умумиҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” бояд ҷавобгӯ бошад. Ба вазифаи судяҳои суди шаҳр ва ноҳия, суди иқтисодии ВМКБ, суди иқисодии вилоятӣ, суди иқтисодии шаҳри Душанбе ҳуқуқшиносе таъин мешавад, ки синнашон аз 25 - кам ва аз 65 - сола зиёд набошанд, ҳадди ақал 3 - сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Раис, муоваини раис ва судяҳои суди конститутсионӣ, судӣ Олӣ ва суди Олии иқтисодиро Президент барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси Миллӣ пешниҳод менамояд. Судяҳои суди Ҳарбӣ, суди ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳои суди иқтисоди ВМКБ, вилоят ва шаҳри Душанберо бо пешниҳоди Шӯрои адлия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод мекунад.

Принсипҳои адолати судӣ аз инҳо иборат аст:

1. Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Адолати судӣ дар асоси баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд, сарфи назар аз аслу насаб, вазъи иҷтимоӣ, хизматию амволӣ, мансубияти нажодӣ ва миллӣ, ҷинс, маълумот, забон, ақидаҳои сиёсӣ, муносибат ба дин, маҳалли зист ва ҳолатҳои дигар сурат мегирад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаият дар қаламрави Тоҷикистон баробари шаҳрвандони Тоҷикистон аз ҳуқуқи ҳимояи судӣ истифода мебаранд.

2. Мустақилияти судҳо ва ба қонун итоат намудани онҳо. Тибқи моддаи 87-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда танҳо ба конститутсия ва ба қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо маън аст. Қонун мустақилияти судҳоро бо кафолатҳои зерин таъмин мекунад.

- интихоб кардан ва қадъ намудани ваколати онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- дахлнопазирии судҳо.
- махфи будани машварати судҳо ҳангоми баровардани ҳалномаҳои судӣ.
- ҷавобарӣ барои эҳтиром накарани суд.
- ҳукми суд ба истеъфо.

3. Судҳо парвандаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятиро ба таври дастҷамъӣ ва ё танҳо баррасӣ мекунанд. Парвандаҳои

шаҳрвандӣ дар тамоми судҳо дар зинаи аввал аз тарафи суд танҳо баррасӣ мегардад. Парвандаҳо оиди ҷиноятҳои қасдан содир шуда, ки барои онҳо қонун зиёда аз 5 - сол маҳрум намудан аз озодӣ пешбинӣ кардааст, ба таври дастҷамъӣ дар ҳайати додрас ва ду машваратчиёни халқӣ баррасӣ мегарданд.

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиаи судӣ бо забони давлатӣ ва ё бо забоне сурат мегирад, ки аксари аҳолии маҳал ба он гуфтугӯ мекунанд. Ашхосе, ки дар мурофиа иштирок карда, забонеро, ки бо он мурофияи судӣ сурат мегирад, намедонанд ба забони модариашон баромад кардан ва ё аз хизмати тарҷумон истифода бурдан таъмин карда мешавад.

5. Баррасии парвандаҳо дар тамоми судҳо ошкоро сурат мегирад, бо истисноҳои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. қарор, ҳукмнома ва таъиноти судӣ дар ҳама маврид ошкоро эълон карда мешавад.

6. Мурофияи судӣ бо тарзи мусоҳиба ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Баррасии парвандаҳо дар асоси баҳсу мунозираи тарафҳо сурат мегирад, ки ҳар кадом бо як андоза ба суд далелҳо пешниҳод мекунанд ва дар тафтиш ва арзёбӣ онҳо иштирок мекунанд.

7. Ҳеҷ кас баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад. қонунҿ, ки баъд аз содир шудани рафтори ғайри қонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад. Агар баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунӣ барои он ҷазо пешбинӣ нашуда бошад ва ё ҷазои сабук пешбинӣ шуда бошад, қонуни нав амал мекунад.

8. Беэҳтиромӣ нисбати суд ва дахолат ба фаъолияти суд манъ мебошад. Зоҳир намудани беэҳтиромӣ нисбати суд аз тарафи иштирокдорони парванда ё шаҳрвандоне, ки дар ҷаласаи судӣ иштирок мекунанд, тибқи қонун ҷавобгарӣ дорад.

9. Иҷрои санадҳои судӣ ҳатмӣ мебошад. Ҳалномаҳо ҳукмҳо, таъинотҳо ва қарорҳои қабулкадаи судҳо, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои иҷро ҳатмӣ мебошад.

10. Судя ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад. Дахлнопазирии судя инчунин ба манзил ва утоқи хизматӣ, нақлиёт ва воситаи алоқае, ки дар истифодаи ӯ қарор доранд, муросилот ва ашёву ҳуҷҷатҳои ӯ таъалуқ дорад. Парвандаи ҷиноятӣ нисбати судя

танҳо аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда мешавад. Судяи Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди олии иқтисодиро бе ризоияти Маҷлиси миллӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба ҳабс гирифтан мумкин нест. Судяҳои Суди ҳарбӣ, судҳои ВМКБ, вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоятӣ шаҳри Душанберо бе ризоияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидан, ба ҳабс гирифтан мумкин нест.

11. Таъминоти амнияти судяҳо, аъзои оилаашон ва молу мулки онҳо аз тарафи давлат кафолат дода мешавад. Судя барои гирифта гаштан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани яроқ ҳуқуқ дорад.

Номгӯи судҳо:

**Суди конститутсионӣ** дар Тоҷикистон мақомоти нави судӣ мебошад, ки конститутсия аввалин бор ташкили суди конститутсиониро дар мамлакат пешбинӣ намуд (модаҳои 84 ва 89 конститутсия). Судӣ конститутсионӣ аз 7 нафар иборат буда, яке аз онҳо намояндаи ВМКБ мебошад. Ба вазифаи судяи суди Конститутсионӣ ҳуқуқшиносе интихоб мешавад, ки синни ӯ аз 30 - сола кам ва аз 65 - сола зиёд набошад ва беш аз 10 - сол собиқаи кори касбӣ дошта бошад. Ин талабот ба намояндаи ВМКБ низ гузошта мешавад. Судяи суди конститутсионӣ ба мӯҳлати 10 - сол интихоб мешавад. Мувофиқи қонун Раис, муовини Раис ва судяи суди конститутсионӣ аз тарафи Маҷлиси Олӣ бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи алоҳида интихоб карда мешавад. Суди конститутсионӣ ҳуқуқ дорад дар сурати интихоб шудани камаш аз 3-2 ҳиссаи ҳайати он ба фаъолияти худ оғоз намояд. Оғози фаъолияти судяҳои Суди конститутсионӣ ба савганд ёд кардани онҳо дар иҷлосияи Маҷлиси Олӣ рост меояд, ки матни он дар моддаи 7 қонун нишон дода шудааст.

Суди конститутсионӣ мувофиқи Конститутсия ва қонун дорои салоҳиятҳои васеъ буда парвандаҳои оиди ба Конститутсия мутобиқат доштанӣ:

а) қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, суди олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, карордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

б) Санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳалли намоядагӣ ва иҷроияи ҳокимият шартномаҳои аз тарафи вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳои ҷумҷурӣ баста шуда.

в) Шартномаҳои байни мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимият.

г) Интихобот ва раъйипурсиро ҳаллу фасл мекунад.

**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** гарчи дар Конститутсия ҳамчун мақоми олии судӣ махсус қайд наёфта бошад ҳам, аммо дар номи ӯ мавҷуд будани калимаи «Олӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ дар доираи салоҳияти худ, яъне дар мурофияи судӣ, граждани, ҷиноӣ ва маъмурӣ ҳокимияти олии судӣ мебошад. Ӯ ҳуқуқӣ назорати судиро аз болои фаъолияти суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, судҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва судҳои ҳарбӣ ба амал мебарорад. Фаъолияти суди Олӣ дар Конститутсия қонуни конститутсионӣ дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 ва дигар қонунҳои ҷумҳурӣ, санадҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, сурат мегирад.

Салоҳияти суди Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат аст.

1) Дар доираи салоҳияти худ парвандаҳоро ба сифати суди зинаи якум, дуюм бо тартиби назоратӣ ва аз рӯи ҳолати нав ошкор гардида баррасӣ менамояд;

2) Дар бораи Конститутсионӣ будани қонуни татбиқшуда оиди парвандаи мушаххас ба суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ дорад муроҷиат намояд;

3) Таҷрибаи судиро ҷамбаст менамояд, омори судиро таҳлил менамояд, ба судҳо оид ба масъалаҳои татбиқи қонунҳои амалкунанда, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои судӣ ба миён меоянд, тавзеҳоти дастурӣ медиҳад, барои аз тарафи судҳо иҷро намудани ин тавзеҳот назорат мекунад.

4) Дар доираи салоҳияташ масъалаҳоеро, ки аз шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд ҳаллу фасл менамояд.

5) Дигар ваколатҳоеро, ки қонун пешбинӣ намудааст, амалӣ мегардонад.

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар

ҳайати Раис, муовини якум, муовинон, ва судяҳоро интихоб менамояд.

Ҳайати Суди Олӣ иборат аст, аз пленуми Суди Олӣ, Раёсати Суди Олӣ, Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноӣ, Коллегияи ҳарбии суди Олӣ мебошад. Ҳамаи судҳое, ки ба системаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, вобаста аз ҳаҷми ваколаташон ба се зинаи низоми судӣ ҷудо мешаванд.

Ба гурӯҳи якуми судӣ судҳои ноҳиявӣ шомил мегарданд. Ба зинаи дуюми низоми судӣ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе дохил мешаванд. Зинаи сеюми низоми судиро Суди Олии Ҷумҳурӣ ташкил медиҳад. Моҳияти асосии суди зинаи якум дар он зоҳир мегардад, ки онҳо парвандаҳоро моҳиятан ҳалу фасл мекунанд. Хосияти суди зинаи дуюм дар он арзёбӣ мегардад, ки вай қонунӣ ва асоснокии ҳукму ҳалномаро ба тараҷи бекор намудан месанҷад. Ба ҳайси суди зинаи дуюм, судҳои валоятӣ, суди ВМКБ ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд. Зинаи сеюм Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаҳоро ба тариқи назоратӣ мавриди назар қарор медиҳад.

Мувофиқи моддаи 84-86 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, адолати судӣ, инчунин ба воситаи Суди Олии Иқтисодӣ, судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе амалӣ мегардад. Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2001) муқаррар мекунад, ки Суди Олии иқтисодӣ оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре ки аз тарафи судҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад, мақомоти олии судӣ буда, дар шаклҳои мурофиявие, ки қонун пешбинӣ карадааст, ба фаъолияти онҳо назорати судӣ мебарад ва оид ба масъалаҳои таҷрибаи судӣ, тавзеҳоти дастурӣ медиҳад. Дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ, салоҳият, фаъолият, тартиби таъсис ва мурофияи судҳои иқтисодиро қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодекси мурофиавии хоҷагӣ ва қонунҳои дигар ба танзим меандозанд. Низоми судҳои иқтисодӣ аз Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятҳо суди иқтисодии шаҳри Душанде

иборат аст. Фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар асоси принсипҳои қонуният, мустақилии судҳо, баробарии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон дар дар назди қонун ва суд, баҳсу мунозира ва баробарҳуқуқии тарафҳо, ошкоро баррасӣ намудани парвандаҳо, сурат мегирад.

Ҳайати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Раис, муовини якум, муовини раис ва судяҳо иборат аст. Шумораи судяҳои Суди Олии иқтисодиро Маҷлиси Миллӣ бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Ҳайати Суди Олии иқтисодӣ, Пленум ва Раёсати он, колегияи судӣ оид ба тариқи апелятсионӣ тафтиш намудани қонунӣ ва асоснок будани қарорҳои судҳои иқтисодӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо накардаанд, коллегияҳои судӣ оид ба тариқи касатсионӣ, тафтиш намудани қонунӣ ва асоснок будани қарорҳои судҳои иқтисодӣ, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, иборат мебошад.

Аввалин бор дар таҷрибаи конститутсионии Тоҷикистон дар Конститутсияи нав дар низоми судҳои ҷумҳурӣ, ҷои судҳои ҳарбӣ муқаррар карда шудааст. Дар моддаҳои 84, 85, 86 ва банди 13 моддаи 69 Конститутсия, вазъи ҳуқуқии судҳои ҳарбӣ, тартиби ташкилёбӣ ва фаъолияти онҳо, муайян кара шудааст. Пайдоиши онҳо бо ташкили артиши миллӣ ва мақомоти ҳарбии Тоҷикистон, алоқаманд, аст. Судҳои ҳарбӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми қисмҳои ҳарбӣ: муассисаю корхона ва ташкилотҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қушунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қушунҳои сарҳадии Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаии гражданӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ ва дигар қисмҳои алоҳидаи ҳарбӣ адолати судиро ба амал мебароранд. Судҳои ҳарбӣ дар ҳайати қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи усули марзӣ дар маҳалли вокеъшавии қушунҳо таъсис дода шуда, аз судҳои ҳарбии гарнизонҳо ва коллегияи ҳарбии Суди Олли Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад.

Судҳои ҳарбиро бо пешниҳоди Шурои адлия, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад. Фаъолияти судҳои ҳарбӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ, шаҳрвандоне, ки аз ҷамъомадҳои ҳарбӣ мегузаранд ва дигар шаҳрвандон ҳуқуқ

ва манфиатҳои қонунии қисмҳои корхонаю, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳарбӣ, мустаҳкам кардани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, нигаронда шудааст.

Қонун ба таври муфассал ваколатҳои суди ҳарбӣ, суди ҳарбии гарнизон, Раиси суди ҳарбии гарнизон, ҷонишинони ӯ, ваколатҳои Суди Олии Тоҷикистон нисбати Суди ҳарбӣ, Коллегияи ҳарбии суди Олӣ, Раиси он ва машваратчиёни халқии суди ҳарбиро нишон додаст.

Вобаста ба мансаб, собиқа ва таҷрибаи корӣ, сатҳи дониши касбӣ барои судяҳо шаш дараҷаҳои тахассусӣ: олӣ, якум, дуюм, сеюм, чорум ва панҷум муқаррар карда шудааст. Ба судяҳо дараҷаи тахассусиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳад.

## 3. Мақомоти прокурорӣ.

Мақомоти прокуратура яке аз мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ буда, бо роҳи ба амал баровардани назорати риояи дақиқ ва иҷроиши якхелаи қонунҳо дар таъмин намудани қонуният ва муҳофизати ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, корхонаву муассисаҳо саҳми босазое дорад. Ваколатҳои прокурорҳо, ташкил ва тартиби фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни конститутсинӣ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз 11 март бо тағйироту иловаҳо аз 25 - июли 2005 қабул карда шудааст ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, шартномаҳои байналмилалӣ ва байни давлатӣ муайян карда шудааст ба танзим дароварда мешавад.

Дар қонуни конститутсионӣ мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

Прокурор - Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони ӯ, сардорони раёсатҳо (шӯъбаҳо), ва муовинони онҳо, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни Прокурори генералӣ, прокурорҳои мақомоти поёнӣ, инчунин ҳарбӣ, муовинони онҳо, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни прокурорҳои калон ва прокурорҳои раёсату шӯъбаҳо, прокурор - криминалистҳои калон ва прокурор - криминалист, ки дар доираи салоҳияташон амал мекунанд;

Кормандони прокурорӣ - прокурорҳо ва муфаттишон, инчунин дигар кормандони мақомот ва муассисаҳои илмию таълимии прокуратура, ки рутбаҳои дарачавӣ (рутбаҳои ҳарбӣ) доранд. Низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон, прокуратураи шаҳрҳо, ноҳияҳо ва дигар прокуратураҳои ба он баробаркардашуда, прокуратураҳои ҳарбии гарнизон, прокуратураи назорат аз рӯи иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ташкил медиҳанд. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризоияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати 5 сол таъин карда мешавад. Прокурори Генералӣ, прокуратураҳои вилоят, шаҳр, ноҳия ва прокурорҳои ҳарбиро таъин ва озод мекунад.

Прокурорҳо бо чунин асосҳо аз вазифаашон пеш аз мӯҳлат озод карда мешаванд:

а) бо хоҳиши худ,

б) бо сабаби ба истефо баромадан,

в) бо сабаби ба кори дигар гузаштан ё иҷро карда натавонистани вазифа бо сабаби вазъи саломатӣ,

г) аз рӯи натиҷаҳои аттестатсия,

д) дар мавриди содир намудани ҷиноят, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд муқаррар карда шудааст,

е) бо дигар асосҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат пешбинӣ кардааст.

Принсипҳои ташкил ва фаъолияти прокуратура аз инҳо иборат аст:

1. Низоми ягонаи марказонидашудае мебошад, ки ба он Прокурори генералӣ сарварӣ мекунад, ва прокурорҳои поёнӣ ба прокурорҳои болоӣ ва ба Прокурори генералӣ тобеъ мебошад.

2. Дар ҳадди салоҳияташон ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро муҳофизат мекунад, баробарии онҳоро дар назди қонун, сарфи назар аз мавқеи иҷтимоӣ, мансубияти нажодию миллӣ, ҷинс синну сол, маълумот, забон, муносибат ба дин, ақидаи сиёсӣ ва дигар таъмин менамояд.

3. Дар асоси Конститутсия ва қонунҳо новобаста ба дигар мақомоти ҳокимиятӣ ва идораи давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, динӣ ва ҳаракатҳои оммавӣ, мансабдорон салоҳияти худро амалӣ мекунанд.

4. Барои сари вақт ошкор намудан ва аз байн бурдани ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ, сарфи назар аз он ки ин кирдор аз тарафи кӣ содир мешавад, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон тадбирҳо меандешанд.

Дар назди Прокуратураи ҷумҳурӣ ва прокуратураи вилоят ва шаҳри Душанбе, коллегияҳо таъсис дода мешавад. Ба ҳайати Коллегияи прокуратураи генералӣ прокурори генералӣ (раис), муовинони ӯ, дигар кормандони мақомоти прокуратураи генералӣ дохил мешаванд. Ҳайати коллегияро бо пешниҳоди Прокурори Генералӣ Президенти Ҷ Т тасдиқ мекунад.

Тибқи моддаи 4 қонуни конститутсионӣ вазифаҳои мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун,таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ба мақсадӣ ҳифзи:

мустақилият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ки синнашон то 35 сола аст, таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ доранд ва дорои сифатҳои корию ахлоқӣ буда, аз рӯи вазъи саломатиашон аз иҷрои вазифаҳои ба ӯҳдаашон гузошта шуда қодир мебошанд ба мақомоти прокуратура ба кор қабул карда мешаванд. Ба вазифаи прокурори ВМКБ, прокурорҳои вилоятҳо, прокурори шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, шахсоне таъин карда мешаванд, ки синнашон аз 30 кам набошад ва дар мақомоти прокуратура камаш 10 сол собиқаи корӣ дошта бошанд, ки аз он 5 сол дар вазифаи прокурори ноҳия ё шаҳр кор карда бошанд. Ба вазифаи прокурорҳои ноҳияҳо шаҳрҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда шахсоне таъин карда мешаванд, ки синнашон аз 28 кам набошад ва собиқаи кории касбиашон дар мақомоти прокуратура аз 5 сол кам набошад. Синни ниҳоии дар мақомоти прокуратура хизмат намудани кормандон барои мардон то 63 солагӣ ва барои занон то 58

солагӣ мебошад. Самтҳои асосии фаъолияти прокурорӣ аз инҳо иборат аст:

а) Назорат ба иҷрои қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаи давлатӣ, ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои худидораи маҳаллӣ, мақомотҳои идораи ҳарбӣ, мақомоти назорати корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ва ғайраҳо (назорати умумӣ).

б) Назорат ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкунӣ мубориза мебаранд, инчунин аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ;

в) Назорат ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз тарафи ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдоре, ки дар боло зикр шудаанд ;

г) Назорат ба иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагон, дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар тадбирҳои иҷборие, ки суд муайян намудааст;

д) Назорат ба иҷрои қонунҳо дар мақомоти идораи ҳарбӣ, қисмҳои ҳарбӣ ва муассисаҳо;

е) Тафтишоти ҷиноятҳо;

ё) Иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо;

ж) эътироз овардан нисбати ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо ки хилофи қонун мебошанд.

Прокурор дар соҳаҳои номбаршуда фаъолияти назорати худро ба амал бароварда, ҳангоми ошкор намудани вайронкуниҳои қонун бо мақсади бартараф намудани онҳо чунин санадҳои таъсиррасонӣ мебарорад:

1. Эътирози прокурор. Эътироз доир ба санад, супориш ва дигар ҳуҷҷатҳои, мақомот ва шахсони мансабдоре, ки хилофи қонун мебошанд, аз ҷониби прокурор ё муовини ӯ ба мақомоти интишордодаи ин санад ё мақоми болоӣ оварда мешавад. Прокурор дар эътирози худ масъалаҳои бекор кардани санад ба қонун, мутобиқ гардонидани он инчунин қатъ кардани амали ғайриқонунии шахсони мансабдор, барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшударо ба миён мегузорад. Эътирози прокурор амали санади эътирозшударо боз медорад ва онро бояд мақомоти дахлдор на дертар аз даҳ рӯзи баъди ворид шуданаш ҳатман баррасӣ намояд.

2. Пешниҳоди прокурор. Пешниҳод дар бораи бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда, аз ҷониби прокурор ё муовинони ӯ ба мақом, ташкилот ё мансабдоре, ки барои бартараф намудани қонунвайронкунӣ ваколат дорад, оварда мешавад ва он бояд фавран баррасӣ карда шавад. Дар муҳлати на дертар аз як моҳ бояд оид ба бартарф намудани қонунвайронкунӣ сабаб ва шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда тадбирҳои дахлдор андешида, аз натиҷаи он ба прокурор хаттӣ хабар дода шавад.

3. Қарори прокурор. Прокурор, муовини ӯ бо назардошти хусусияти қонунвайронкунӣ аз тарафи шахси мансабдор ё шаҳрванд оид ба оғоз намудани истеҳсолот дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашидан ё дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, қарори асоснок мебарорад. Чунин қарорҳо бояд аз тарафи мақомот ё шахси мансабдори салоҳиятдор дар муддати на дертар аз даҳ шабонарӯз аз рӯзи ворид шуданаш, баррасӣ шуда, натиҷаи баррасӣ ба таври хаттӣ ба прокурор пешниҳод гардад.

4. Амри прокурор. Амри хаттии прокурор дар мавридҳое оварда мешавад, ки агар қонунвайронкунӣ характери ошкоро дошта, дар ҳолати фавран бартараф накардани он ба манфиати давлат, корхона, муассиса ё шаҳрвандон зарари моддӣ мерасад. Амрро бояд бе таъхир иҷро намуда, аз он ба тариқи хаттӣ хабар дода шавад.

Ҳамин тавр, мавҷудияти назорати прокурорӣ ба манфиати давлату шахс буда, чун кафолати конститутсионӣ барои таъмин намудани қонуният мусоидат менамояд.

**4. Адвокатура.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқиро тибқи Конститутсия давлат кафолат медиҳад. Ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатураро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура», ки 4 ноябри соли 1995 қабул карда шудааст, ба танзим медарорад.

Тибқи моддаи 1-уми Қонун, адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияи мустақили касбӣ буда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрванд ва шахси ҳуқуқӣ расонидани ёрии ҳуқуқиро таъмин менамояд. Ёрии ҳуқуқӣ як

навъ кӯмаки иҷтимоӣ буда, дар соҳаи ҳуқуқ ба шаҳрвандон, корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо асосан аз тарафи адвокатура бо истифодаи восита ва усулҳои қонунӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуни онҳо расонида мешавад.

Шарҳи мафҳумҳое, ки бевосита дар Қонун истифода бурда шудаанд:

Адвокат - узви ҳайати коллегияи адвокатҳо, адвокати салоҳиятдор.

Фаъолияти адвокатӣ - фаъолияти адвокатҳо барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ.

Адвокати ваколатдор - соҳибкор, ки дар асоси иҷозатнома ёрии ҳуқуқӣ мерасонад.

Коллегияи адвокатҳо - ташкилоти мустақили ҳуқуқдонҳои касбӣ, ки бо мақсади расонидани ёрии ихтисосноки юридикӣ ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ муттаҳид шуданд.

Ёрии ҳуқуқӣ аз тарафи адвокатҳо бо чунин роҳҳо расонида мешавад:

1. додани маслиҳату тавзеҳот, маълумоти шифоҳӣ ва хаттӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;

2. тартиб додани ариза, шикоят, дархост ва дигар ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ;

3. гирифтани маълумотҳо, ҷамъ намудани далелҳо ва тайёр намудан барои баррасӣ ва ҳал кардани онҳо мувофиқи тартиби муқарраршуда:

4. ба ҷо овардани вазифаи намояндагӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва навъҳои дигари парвандаҳо;

5. иштирок дар муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд, ҳангоми баррасии баҳсҳои хоҷагӣ ва дар Суди Конститутсионӣ ба сифати ҳимоягарон ва дигар намояндагон;

6. Инчунин иштирок бо тарзҳои дигаре, ки хилофи конунгузории ҷорӣ намебошанд.

Барои иштирок дар мурофиаи судии ҷиноятӣ адвокат имкониятҳои васеъ дорад. Мувофиқи конунгузории мурофиаи ҷиноятӣ адвокат - ҳимоячӣ аз лаҳзаи эълони айб, дар мавридҳои дастгир намудани гумонбар ё татбиқи ҳабсии пешакӣ нисбати ӯ аз лаҳзаи дастгирнамоӣ ё ҳабс намудан ба мурофиа иҷозат дода мешавад. Бо баробари ворид шудан ба мурофиаи ҷиноятӣ адво-

кат дорои маҷмӯи ҳуқуқҳои мурофиавӣ мегардад, ки ба ӯ имконият медиҳанд, муштарии худро ба тариқи дахлдор ҳимоя карда тавонад. Аз он ҷумла, ҳимоячӣ ҳақ дорад бо протоколи дастгиркунии гумонбар, бо қарори татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ҳабси пешакӣ, протоколи пурсиши гумонбар шинос шавад, амалиётҳои тафтишотие, ки бо ҳамроҳии гумонбар (айбдоршаванда) гузаронида мешавад, иштирок намояд бо ҳимояшавандааш бемаҳдудият вохӯрад, аз болои татбиқи ҳабси пешкӣ ва дароз намудани мӯҳлати он ба суд шикояд кунад.

Дар муҳокимаи судӣ корҳои зерин иштироки адвокат ҳатмист:

1. Дар корҳое, ки айбдоршавандаи давлатӣ иштирок мекунад;

2. Дар корҳои гунгҳо, кару кӯрҳо ва шахсони дигаре, ки ба сабаби камбудиҳои ҷисмонӣ ё бемориҳои рӯҳӣ ҳуқуқи ҳимоякуниро худашон ба амал бароварда наметавонанд;

3. Дар корҳои ноболиғон;

4. Дар кори шахсоне, ки забони дар мурофияи суд кор фармуда мешудагиро намедонанд;

5. Дар кори шахсоне, ки дар байни манфиатҳои ҳимояи онҳо зиддият ҳаст ва ақаллан яке аз онҳо адвокат дошта бошад;

6. Дар кори шахсони бо чунин ҷиноятҳо бо суд додашуда, ки барои ин ҷиноятҳо ба сифати ҷазо мумкин аст, ҷазои қатл татбиқ карда шавад.

Адвокат ҳангоми иҷрои фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба қонун итоат мекунад. Ва ба вуҷуд овардани монеъаҳои ғайриқонунӣ, дахолат намудан ба фаъолияти мӯътадили адвокатӣ манъ буда, боиси ҷавобгарӣ мегардад.

Фаъолияти адвокатура дар асоси таъсис додани коллегияи адвокатҳо ва маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Давлат ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия адвокатураро бо биноҳои лозимӣ таъмин мекунанд, то ки онҳо ба осонӣ ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ба адвокатура муроҷиат карда тавонанд. Қонунгузории мазкур коллегияи адвокатҳоро бо ташаббуси на камтар аз 40 нафар адвокатҳо дар маҷлиси муассисон ташкил карда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис карда мешаванд. Коллегияи адвокатҳо дар асоси Оиннома ва

Қонун дар бораи адвокатура фаъолият мекунанд. Оинномаи коллегияи адвокатҳо бояд инҳоро дар назар дошта бошад:

1. Унвон, мақсад ва вазифаҳои коллегияи адвокатҳо;

2. Сохтори коллегияи адвокатҳо;

3. Шарт ва тартиби қабул ба аъзогии коллегияи адвокатҳо ва қатъи аъзогӣ;

4. Ҳуқуқу вазифаҳои аъзои коллегияи адвокатҳо;

5. Салоҳият, шарт ва тартиби интихоби мақомот ва шахсоне, ки дар коллегияи адвокатҳо вазифаҳои роҳбариро ба ҷо меоранд, мухлати ваколатҳои онҳо, тартиби фаъолият бозхонд ва озод кардани онҳо аз вазифа, ҷои воқеъшавии онҳо;

6. Тартиби яктарафа кардани мухолифати дохилии коллегияи адвокатҳо;

7. Манбаҳои пайдоиши маблағҳо ва моликияти дигари коллегияи адвокатҳо;

8. Тартиби боз доштан ва қатъ намудани коллегияи адвокатҳо.

Ба коллегияи адвокатҳо шахсоне аъзо шуда метавонанд, ки шаҳрванди Тоҷикистон бошанд; маълумоти олии юридикӣ дошта бошанд; на камтар аз ду сол собиқаи кори ҳуқуқшиносӣ ё аз шаш моҳ то як сол ба сифати адвокат коромӯзӣ карда бошанд ва имтиҳони тахассусиро супорида тавонанд. Аъзои коллегияи адвокатҳо ба инҳо ёрии бепули ҳуқуқӣ мерасонад:

1. Ба даъвогарон дар судҳои зинаи аввал ҳангоми бурдани кори парвандаҳо оид ба ситонидани алимент, барқарор кардан ба кор, ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Ҷанги Афғонистон, маҷрӯҳон ва шахсоне, ки саробони худро дар давраи ҷанги гражданӣ дар Тоҷикистон аз даст додаанд ва гурезаҳо;

2. Ба шаҳрвандон аз рӯи шикоят оид ба роҳ додани ғалат дар рӯйхати интихобкунандагон;

3. Ба вакилони халқӣ ҳангоми додани консултатсия оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ, ки бо иҷрои ваколатҳои депутатии онҳо алоқаманд аст;

Ғайр аз ин ҳангоми ҳалли масъалаҳои оид ба озод кардани шахсони воқеӣ аз пардохтани музди ёрии ҳуқуқӣ вазъи амволӣ, сину сол, қобилияти меҳнатӣ, аҳволи саломатӣ, мавҷудияти фарзандони ноболиғ ё қобилияти корнадошта, шахсони дар

таъмини ӯ буда, ба назар гирифта мешаванд. Яке аз сабабҳои баровардан аз ҳайати коллегияи адвокатҳо, ба таври инфиродӣ машғул шудан бо фаъолияти адвокатии хусусӣ мебошад. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки дигар ҳуқуқдонҳои касбӣ метавонанд ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ёрии ҳуқуқӣ расонанд.

Чи хеле ки қайд карда шуд ҳар шахсе адвокати ваколатдор шуда метавонад, ки агар ӯ шаҳрванди Тоҷикистон бошад, маълумоти олии ҳуқуқӣ, на камтар аз ду сол собиқаи кори ҳуқуқшиносӣ дошта бошаду имтиҳони тахассусиро супорида тавонад.

## 5. Мақомоти корҳои дохилӣ.

Таҳти мафҳуми корҳои дохилӣ - маҷмӯи тадбирҳое фаҳмида мешавад, ки давлат бо иштироки фаъолонаи шаҳрвандон баҳри таъмин намудани амнияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ намудани ҷинояту дигар қонуншиканиҳо ба амал мебарорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии умумии корҳои дохилӣ бар зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идоракунии соҳаи мазкурро бевосита Вазорати корҳои дохилӣ ба амал мебарорад. Асосҳои ташкил ва фаъолияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Низомнома дар бораи Вазорати корҳои дохилӣ ба танзим медарорад.

Низоми ягонаи мақомоти умури дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазорати умури дохила, Идораи умури дохилии Вилояти Худмухтори Бадахшони Кӯҳӣ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шӯъбаҳои корҳои дохилии ноҳияву шаҳрҳо, мақомоти милиса, зидди сӯхтор, қӯшунҳои дохилӣ, муассисаҳои ислоҳи меҳнатӣ, муассисаи таълимӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои ин соҳа ташкил медиҳанд.

Вазифаи асосии вазорати умури дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъмин намудани амнияти шахсии шаҳрвандон, амнияти ҷомеа, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва шаклҳои гуногуни моликият аз ҳамагуна амалҳои ғайриқонунӣ иборат мебошад. Вазорати умури дохиларо вазир роҳбарӣ менамояд, ки аз тарафи Президент бо розигии Маҷлиси Олӣ ба вазифа таъин карда мешавад. Вазири умури дохила ба мақсади иҷроиши вазифаҳои соҳавӣ дар доираи салоҳияти худ фармон ва

санадҳои ҳуқуқиро қабул мекунад, ки иҷроиши онҳо барои ҳамаи мақомотҳо, ташкилоту муассисаҳои ин соҳа ҳатмӣ мебошад. Дар вазорати умури дохила Коллегия дар ҳайати вазир (раис), муовинони вазир ва дигар коркунони роҳбарикунанда ташкил карда мешавад.

**Мақомоти милиса** - қисми таркибии вазорати умури дохила буда, хадамотҳои маъмурӣ, кофтуковӣ - ҷиноятӣ, мубориза алайҳи ҷиноятҳои муташаккил, мубориза алайҳи ҷиноятҳои иқтисодӣ, тафтишотӣ, бехатарии роҳ ва дигар хадамотҳоро муттаҳид намудааст. Дар наклиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ низ идораҳо ва шӯъбаҳои милиса таъсис дода шудаанд, ки дар фаъолияти худ ба вазорати умури дохила тобеъ мебошанд.

Вазифаҳои асосии мақомоти милиса иборат аз: таъмини амнияти шахсии шаҳрвандон, амнияти ҷамъиятӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ; пешгирии ҷиноятҳо ва дигар қонуншиканиҳо, ошкор, фош ва таҳқиқ кардани ҷиноятҳо, ҷустуҷӯи шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд; ҳимояи моликият аз таҷовузи ғайриқонунӣ; татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ва муҷозоти маъмурӣ ва ғайра мебошад.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ иҷро намудани вазифаҳои худ, қонун ба милиса як қатор ҳуқуқҳо додаст.

1. Аз шаҳрвандон ва мансабдорон риоя намудани тартиботи ҷамъиятӣ, қатъ гардонидани қонуншиканиҳо ва амалҳоеро, ки барои иҷрои ваколатҳои милиса халал мерасонад, талаб кунад ва дар сурати иҷро накардани ин талабҳо чораҳои иҷбории дар қонун пешбинишударо ба кор барад;

2. Дар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят ё дигар қонуншиканӣ, ки аз он далел гувоҳӣ медиҳад, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти шаҳрвандонро тафтиш кунад;

3. Дар бораи қонуншикании маъмурӣ протокол тартиб диҳад, ба мақсади гирифтани пеши роҳи қонуншиканиҳо ва муқаррар намудани шахсияти қонуншикан онҳоро ба шӯъбаи корҳои дохилӣ оварда, то 3 соат нигоҳ дорад;

4. Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун нисбати вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ муҷозоти маъмурӣ татбиқ намояд;

5. Шахсони таҳти назорати маъмурӣ бударо ба қайд гирад ва ҳар вақт барои тафтиш ба манзили онҳо дарояд;

6. Хизматчиёни ҳарбиро, ки тартиботи ҷамъиятиро вайрон мекунанд, дастгир намуда, ба комендантҳои ҳарбӣ ё қумондонҳои қисмҳои ҳарбӣ таслим диҳад ва ғ.

Яке аз самтҳои маъмули фаъолияти мақомоти милиса ба амал баровардани тафтиши ҷиноят мебошад.

**Таҳти мафҳуми тафтиши ҷиноят - фаъолияти қонунии мақомотҳои махсуси давлатро оид ба ҷамъ намудан, ба расмият даровардан, таткиқи далелҳо, барқарор намудани ҳолатҳои ҳодисаи ҷиноят, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намудаанд ва аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсони бегуноҳ, зуҳур намудани сабаб ва шароитҳои содир намудани ҷиноят, татбиқи чораҳои пешгирӣ намудани ҷиноят фаҳмида мешавад.**

Тафтиши ҷиноят аз нигоҳи илми мурофиаи ҷиноятӣ ба ду намуд ҷудо карда мешаввад:

1. таҳқиқ.

2. тафтишоти пешакӣ.

Милиса чун мақомоти таҳқиқ эътироф шуда, воҳидҳои сохтории он ба монанди: умури кофтукови ҷиноятӣ, мубориза алайҳи ҷиноятҳои муташаккилона, иқтисодӣ, хадамоти муҳофизати ҷамъиятӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ ва дигарон фаъолияти таҳқиқро ба амал мебароранд. Яъне онҳо салоҳияти оғоз намудани кори ҷиноятӣ, гузарнидани амалиётҳои фаврӣ - ҷустуҷӯӣ ва таъхирнопазири тафтишотиро доранд.

Баъд аз таҳқиқи аксарияти ин ҷиноятҳо, ки нисбати онҳо тафтишоти пешакӣ ҳатмист, маводҳои кор аз тарафи мақомотҳои таҳқиқ ба муфаттишон супорида шуда, онҳо минбаъд тафтишотро идома медиҳанд. Дар Вазорати корҳои дохилаи ҷумҳурӣ идораҳои корҳои дохилии Вилояти худмухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва нақлиёт идораҳои тафтишотӣ, дар шӯъбаҳои корҳои дохилаи ҳукумати ноҳияву шаҳрҳо шӯъбаҳои тафтишотӣ ташкил карда шуданд, ки тафтишоти корҳои ҷиноятӣ ба ӯҳдаи онҳо гузошта шудааст.

Ҳамин тавр, мақомоти умури дохила яке аз мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ буда, дар роҳи муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, нақши асосиро иҷро менамояд.

## Адабиёт


1) Ашурбой Имомов. Ҳуқуқи Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2004.

2) Исоев М.Ш., Каримов Ф.К., Юсуфов Л. Назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе «Эҷод» 2005.

3) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Адвокатура» аз 4 ноябри соли 1995.

4) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005.

5) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004.

6) Мақомоти ҳифзи ҳуҳуқ гарави риояи ҳуқуқ ва озодии инсон. Душанбе-2002.

7) Пособия адвоката Часть 1. Душанбе 2003. Международная юридическая фирма «Контракт».

8) Пособия адвоката Часть 2. Душанбе 2003. Международная юридическая фирма «Контракт».

9) С.Кенҷаев, Қ.Мирзоева. Назорати прокурорӣ дар Тоҷикистон. Душанбе 2004. Дастури таълимӣ.

10) Устувории низоми судии Точикистон: проблема ва мулохиза. Душанбе-2002.

11) Ҳамидов Х., Алиев З. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе-, « Нашриёти қонуният». 2004.

12) Холиқов К.Н. Мавқеи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳокимияти давлатӣ. // Давлат ва ҳуқуқ №3, Душанбе-2001.

13) Холиқов К.Н. Низоми қонунгузории Тоҷикистон дар бораи Суди конститутсионӣ. // Давлат ва ҳуқуқ №3, Душанбе-2004.

14) Холмаҳмад Ойев. Хидмати давлатӣ. Душанбе 20005.

15) Хакимов Ш.К. Конституционная защита прав и свобод личности // Право и закон: идеи и источники. Душанбе, 2001.- С. 33- 40.

16) Хакимов Ш.К. Конституционно - правовые ограничения и запреты для государственных служащих в Таджикистане // Вестник Университета ( научный журнал) №4 Душанбе, 2001. – С. 82-88.

17) Хакимов Ш.К. О конституционно- правовом статусе Президента Республики Таджикистан // Вклад молодых ученыхв изучении актуальных проблем общества. Душанбе, 2001. - С.12-16.

18) Хакимов Ш.К. Социальная ценность и природа представительних органов в системе государственной власти // Сборник научних трудов Налогово-правового института. Выпуск № 7. Часть1. Душанбе, 2005.С.40- 61.

## МАВЗӮИ 13. Асосҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

1.Меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷазоро муқаррар мекунанд.

2.Усулҳои умумие, ки иҷроиш ва адои ҷазоро муқаррар менамоянд.

3.Мақомоти давлатие, ки иҷроиши ҷазои ҷиноятиро назорат мекунад.

### 1. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷазоро муқаррар мекунанд.

Бо мурури замон дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳаввулот ба вуҷуд меоянд. Ба ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноӣ низ вақтҳои охир ислоҳотҳои ҷиддӣ ворид карда шуданд. Тавре ки маълум аст, то давраи Шӯравӣ ин соҳа маҷмӯи меъёрҳо - ҳуқуқи пенитенсионарӣ (аз калимаи лотинӣ poenitentiarius-тавба кардан, пушаймонӣ, афсус хурдан), ном дошт, ки мақсади давлатӣ қабул кардани онҳоро инъикос карда, азобу оқубатҳои маҳкумро ба азият кашидан, ба пушаймони маҷбур сохтанро дар бар мегирифт. Дар давраи Шӯравӣ солҳои 1922-1923 ин соҳаи ҳуқуқ, ҳуқуқи ислоҳи меҳнатӣ ном гирифт ва ҳадафи он бо воситаи меҳнат ислоҳ ва аз нав тарбия намудани маҳкумон буд. Дар баъзе аз мамлакатҳои хориҷа (Англия, Америка) ин соҳаи илми ҳуқуқ маҳбасшиносӣ мебошад, барои он, ки маҳкумон ҷазоро асосан дар маҳбасхонаҳо адо менамоянд. Вақте ки ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мегӯянд, се мафҳумҳои мустақилро бояд ба инобат гирем:

1. Ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим даровардa соҳаи мустақили ҷумҳуриро ташкил менамояд.

2. Ҳамчун соҳаи мустақили илми ҳуқуқие, ки қонуниятҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро дар асоси дарки ин қонуниятҳо, назария, принсипу методҳои нави ин муносибатҳоро таҳия ва тавсия менамояд.

3. Ҳамчун маҷмӯи донишҳои назариявӣ ва амалиявӣ оид ба муайян намудани муносибатҳои ҷамиятӣ, ба низоми муайян даровардани меъёрҳои ҳуқуқ ва дар маҷмӯи худ фанни алоҳидаи таълимро ташкил медиҳанд.

**Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки аз тарафи мақомоти олии**

**қонунгузор - Маҷлиси Олӣ қабул шуда муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба иҷро ва адои ҷазои ҷиноятӣ ба танзим медарорад.**

Предмети ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятиро муносибатҳое ташкил медиҳад, ки ҳангоми иҷро ё ҳангоми ҷазо ба вуҷуд меояд. Асоси ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноӣ ҳукм ё таъиноти - ивазкунандаи он, қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, инчунин қонун дар бораи авфи умумӣ ё санади бахшиши ҷазо ташкил медиҳад. Мувофиқи моддаи 3-и кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вазифаҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз инҳо иборат аст. Танзими тартиб ва шартҳои иҷро ва адо намудани ҷазо (аз ҷарима то ҷазои қатл); муайян намудани воситаҳои ислоҳнамоии маҳкумшудагон, ҳифз намудани ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии маҳкумшудагон, расонидани ёрӣ ба маҳкумшудагон ҷиҳати мутобиқати иҷтимоии онҳо.

Мақсади ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳ ва тарбия намудани маҳкумон, инчунин пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав аз ҷониби дигар шахсон мебошад.

Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноӣ - чун фанни таълимӣ аз ду қисм иборат аст:

а) умумӣ;

б) махсус;

а) Дар қисми умумӣ масъалаҳои асосан назариявии ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, чунончӣ мафҳум, предмет ва системаи ин фан, таърихи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, принсипҳои соҳаи ҳуқуқ, ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони маҳкумшуда ва дигар масъалаҳои умумидоштаро ба танзим медарорад.

б) Дар қисми махсус бошад, ҷои асосиро низоми иҷрои ҷазоҳои ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғол намудани вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, маҳрум кардан аз рутбаи ҳарбӣ ва махсус, корҳои ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳи меҳнатӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, ҳабс дар қисми ҳарбии интизомӣ, нигоҳ доштан, мусодираи амвол ба муҳлати муайян аз озодӣ маҳрум кардан ва ҷазои қатл ишғол мекунад.

Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи ногусастанӣ дорад. (Нигаред нақшаи 1,2)

Принсипи ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноӣ (аз калимаи лотинӣ “Principium” гирифта шуда маънояш «ибтидо» «ғояи роҳбарикунанда», «асос» ва «замина» аст) гуфта нуқтаи асос ва асоси пешбарандаи ҳуқуқро меноманд, ки мазмун ва мундариҷаи ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятиро ба танзим медарорад.

Дар боби 1 кодекси ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистон принсипҳои зайл пешбинӣ шудаанд.

1. Принсипи қонуният. Қонуният гуфта, аниқ ва риояи бечунучарои қонунҳоеро меноманд, ки таввасути шахсони мансабдор дар доираи салоҳияташон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун таъмин карда шуда, иҷрои он барои корхона, муассисаҳо ва шаҳрвандон ҳатмӣ аст.




Нақшаи №1. алоқамандии ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳури Тоҷикистон.

2. **Принсипи баробарии маҳкумшудагон дар назди қонун ва принсипи демократизм.** Принсипи конститутсионӣ буда, дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд» «Давлат ба

ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, маълумот ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад».

Принсипи демократизмӣ иҷро ва адои ҷазоҳои ҷиноятӣ дар иштироки намояндагони халқ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҷамоаи корхонаҳо ва муассисаҳо дар ислоҳ ва тарбияи маҳкумшудагон ва дар худ фаъолиятии худи маҳкумон ифода меёбад. Муассисаҳои ислоҳӣ ва ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳо оид ба иҷрои ҷазоҳои ҷиноӣ чандин шакли иштироки намояндагони аҳли ҷамъиятро таҳия ва тафсия кардаанд, ки дар меъёри қонунҳо инъикос ёфтаанд.

3. **Принсипи башардӯстӣ ва адолат.** Принсипи муносибати башардӯстона бо маҳкумшудагон мазмуни асосии меъёрҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятиро ташкил медиҳад. Масалан, қоидаҳои аз колонияҳои ислоҳӣ ба колонияҳои сукунат интиқол додан, пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан, аз адои ҷазо бо сабаби бемори озод кардан, мақсади ислоҳ ва тарбия намудани маҳкумон ва дигар қоидаҳо аз амалу муносибатҳои башардустона мебошад.

Принсипи адолат аз нигоҳи мазмун бо принсипи қонуният наздик бошад, ҳам мафҳуми хос дорад «Адолат» - «адл» аст, ки маънои ба ҳамаи одамон як хел муносибат доштан, … аз рӯйи ҳақиқат рафтор кардан, инсоф, дод, муқобили ҷабр, зулм аст.

Ғайр аз ин принсипҳои умумӣ дар амалияи иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ принсипҳои зайли хосаи байнисоҳавӣ ва соҳавӣ ҷорист:

а) боваркунонӣ ва маҷбуркунонӣ,

б) тафриқа ва фардикунонии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ,

в) бо ҳам пайваст будани иҷрои ҷазо ва таъсиррасонии ислоҳи меҳнатӣ,

г) меҳнат асоси ислоҳ намудани маҳкумон,

д) дар муассисаҳои ислоҳӣ алоҳида нигоҳ доштани маҳкумон ва ғайра.




Нақшаи №2 алоқамандии илми ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дигар илмҳои ғайри ҳуқуқӣ.

**Меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар маҷмӯъ ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятиро ба танзим медарорад, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ном дорад.** Меъёрҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, монанди меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ аз 3 - қисм гипотеза, диспозитсия ва санксия иборат аст.

Меъёрҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз руи аломатҳои гуногун ба якчанд намуд тақсим мешавад. Масалан, аз рӯи хусусияти дастурҳои дар он пешбинишуда эъломия, ӯҳдадоркунанда, маънкунанда ва ҳавасмандгардонанда ном гирифтаанд.

**Меъёрҳои ӯҳдадоркунанда** субъектҳоро водор мекунад, ки дар асоси қонун бо ихтиёри худ рафтор кунанд, мисол, мувофиқи моддаи 124 кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Сардорони муассисаҳои ислоҳӣ ва ашхоси ивазкунандаи онҳо ҳуқуқ доранд, чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотии дар моддаи 118 ва 120 ҳамин кодекс зикр гардидаро..., дар ҳаҷми пурра баранд».

**Меъёрҳои маънкунанда** гуфта, он меъёрҳоеро меноманд, ки тибқи он ба субъектҳои ҳуқуқӣ ин ё он рафтор манъ аст. Масалан, дар банди 2 моддаи 10 кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин гуфта шудааст: «Маҳкумшударо азобу шиканҷа додан ё нисбат ба ӯ муносибати бераҳмона ва ё ғайри инсонӣ кардан ё шаъну эътибори ӯро паст задан, таҳти тадқиқоти тиббӣ ё дигар тадқиқоти илмӣ, ки метавонад ҳаёт ва саломатии ӯро таҳти хатар гузорад, ҳатто бо розигии ӯ қарор додан қатъиян манъ аст».

**Меъёрҳои эъломия** гуфта, меъёрҳоеро меноманд, ки дар онҳо ягон ҳолати ҳуқуқӣ эълон мешавад. Ба ин намуди меъёр моддаи 1-уми кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 8-13-и ҳамин кодекс (принсипҳои кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ғайра мисол шуда метавонанд.

**Меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ** гуфта, он меъёрҳоеро меноманд, ки дар онҳо шарту шароите пешбинӣ шудаанд, ки ба шароити иҷрои онҳо дидани чораҳои мусбӣ пешбинӣ шудааст. Масалан, дар банди 2 моддаи 128 кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин гуфта шудааст « Дар мавриди надоштани муҷозот барои вайрон кардани қоидаҳои муқаррargардидаи адои ҷазо ва муносибати софдилона ба кор бо гузаштани на камтар аз 6 моҳи муҳлати адои ҷазо дар шароити муқаррарӣ маҳкумшудагонро ба шароити беҳбуд гардонидашудаи нигоҳдорӣ гузаронидан мумкин аст».

**Сарчашмаҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мувофиқи моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо воситаи конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд». Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигарон тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво диниста мешавад.

2. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои ислоҳӣ ва намудҳои маҳкумоне, ки дар ин ё он муассисаҳои ислоҳӣ ҷазоро адо карданаш лозим аст, нишон дода шудааст.

3. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон се гурӯҳ масъалаҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳалу фасл мекунад.

1. Масъалаҳои умумӣ, яъне мақсад ва вазифаи қонунҳо, принсипҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, вазъи ҳуқуқии маҳкумон, муассисаҳои ислоҳӣ ва тартиби озод кардани маҳкумшудагон аз адои ҷазоро пешбнӣ мекунад.

2. Масъалаҳои ҳалшуда, танзими тартиби иҷро ва адои ҷазои ҷиноятие, ки ҷанбаи таъсири ислоҳӣ доранд, яъне тартиби иҷро ва адои ҷазоҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва ғайраҳо ба танзим медарорад.

3. Гуруҳи сеюм, масъалаҳоеанд, ки дар кодекс ҳалли худро ёфтаанд, яъне тартиби иҷрои ҷазоҳҳои ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, маҳрум кардан аз рутбаи махсуси ҳарбӣ, рутбаҳои дипломатӣ, ва мукофотҳои давлатӣ, мусодираи амвол ва ҷазои қатл, иборат мебошад.

4. Қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сарчашмаҳои муҳими ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ буда дар он баъзе масъалаҳои муҳими ин соҳаи ҳуқуқ ҳалли худро меёбанд. Масалан баробари тасдиқу тавсифи қонун тартиб ва муҳлати амалӣ шудани он ва инчунин баробари қабули қонуни нав ва

номгӯи қонунҳое, ки беэътибор дониста мешавад, муқаррар мегардад.

5. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ сарчашмаи ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Масалан, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи авфи умумӣ ва ғ.

6. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии ҳукуматҳои маҳаллӣ, масалан, қарорҳои ҳукуматҳои вилоятӣ низ сарчашмаи ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шуда метавонанд.

Муносибатҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун предмети танзимкунандаи маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, субъект, объект ва мазмуни ба худ хосеро дорад.

Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноӣ аз як тараф давлат дар симои муассисаҳои ислоҳи меҳнатӣ ва дигар мақомотҳои давлатие, ки ба ин ё он намуди ҷазоҳои ҷиноятиро иҷро мекунад, аз тарафи дигар шаҳрвандоне, ки ба ин ё он ҷазои ҷиноятӣ маҳкум шудаанд. Нозироти корҳои ислоҳие, ки ҷазои корҳои ислоҳиро иҷро мекунанд, прокурор созмонҳои ҷамъиятӣ хешовандони маҳкумшудагоне, ки ба мулоқот меоянд низ шуда метавонанд.

Объекти муносибатҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳодисаву ашёе мебошанд, яъне вазъияти воқеан мавҷуд буда, ки тавассути онҳо муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Объекти ин муносибатҳо манфиати қонунии субъектҳо ё иштирокчиёни ин муносибатҳои ҳуқуқӣ метавонад бошад. Масалан, маъмурияти колонияҳои ислоҳӣ ба дуруст таъмин кардани низоми иҷрои ҷазо манфиатдоранд.

Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ иҷрои ҷазои ҷиноятиро ҳуқуқ ва вазифаҳои субъектҳои ин муносибатҳо ё иштирокчиёни он ташкил медиҳанд, яъне агар як субъект дар муносибатҳои мушаххас ҳуқуқ дошта бошад, аз тарафи дигар мувофиқи он ҳатман вазифадор мебошад ва баръакс.

Ҳамаи ҷазоҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷанбаи худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад.

Ба гурӯҳи аввал он ҷазоҳое мансубанд, ки ҷанбаи таъсири ислоҳӣ дорад, яъне дар ҷараёни иҷро ва адои онҳо ба маҳкумшудагон таъсири ислоҳӣ расонида мешавад:

1. Ҷазоҳои ба мӯҳлати муайян аз озодӣ маҳрум кардан. Маҳрум аз озодӣ ба муҳлати аз шаш моҳ то бист сол муқаррар шудааст. Дар сурати қисман ё пурра зам кардани ҷазоҳо мӯҳлати маҳрум кардан аз озодӣ ҳангоми таъин кардани он аз рӯи маҷмӯи ҷинояту ҳукмҳо, мӯҳлати ҳадди аксари маҳрумӣ аз озодӣ набояд аз 25 сол зиёд бошад.

2. Маҳдуд кардани озодӣ, яъне нигоҳ доштани шахсони маҳкумшуда дар муассисаҳои махсус дар марказҳои ислоҳӣ бидуни ҷудо кардан аз ҷамъият дар шароити татбиқи назорат аз болои он ба мӯҳлати аз 1 то 5 сол. Дар айни замон вақти адои маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати маҳрумӣ аз озодӣ дохил мегардад, аз ҳисоби 1 рӯзи маҳрум намудан аз озодӣ баробари 1-рӯзи маҳдуд кардани озодӣ аст.

3. Корҳои ислоҳи меҳнатӣ - корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори шахси маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқомати маҳкумшуда ба мӯҳлати аз 2 моҳ то 2 сол таъин гардида аз 20% то 50% музди меҳнат ба фоидаи давлат гузаронида мешавад. Таъини корҳои ислоҳӣ мувофиқи банди 4-уми моддаи 52 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчиёни ҳарбӣ ашхоси ба синни 16 нарасида, занони синусолашон аз 55 ва мардони аз 60 сола боло, занони ҳомиладор, ашхосе, ки ба сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ буда ва маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2 манъ аст.

4. Маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ - бо ҷазои корҳои ислоҳӣ шабоҳат дорад. Вале фақат барои ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ ва нисбати хизматчиёни ҳарбии маҳкумшудаи ҳайати афсарон, инчунин хизматчиёни ҳарбии тибқи қарордод. Хизматкунанда ба мӯҳлати аз 2 моҳ то 2 сол татбиқ мешавад. Аз таъминоти шахсии маҳкумшуда дар мавриди адои ҷазо ба андозаи муқарраршудаи ҳукми суд аз 20% то 50% - и маоши ӯ ба фоидаи давлат интиқол дода мешавад.

Ба ин гурӯҳи ҷазо дохил мешавад:

1. Ҷарима калимаи арабӣ буда маънояш ҳаққи ҷурм аст, яъне муҷозоти пулии дорои таъсири моддие, ки ҳангоми қонуншиканиҳо муқаррар мегардад.

Яъне ҷарима ситонидани маблаѓе, ки бо ҳукми суд муқаррар кардашуда бо тарзи ихтиёрӣ ё маҷбурӣ иҷро карда мешавад.

Қонуншикание, ки барои онҳо ҷарима таъин мешавад се навъанд:

а) шаҳрвандӣ. Дар ҳуқуқи шаҳрвандӣ ҷарима барои иҷро накардан ва ё ба таъхир андохтани мӯҳлати иҷрои ӯҳдадориҳои дар қарордод сабтшуда таъин мегардад.

б) маъмурӣ. Барои вайронкунии маъмурӣ ҷарима аз ҷониби комиссияҳои маъмурии ҳукуматҳои маҳаллӣ, судҳои ноҳия ва шаҳрҳо, мақомоти корҳои дохилӣ ва ғайра муқаррар карда мешавад.

в) ҷиноятӣ. Ҷарима ба сифати ҷазои ҷиноятӣ мутобиқи қисми 1 моддаи 48 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ситонидани маблаѓест, ки барои ҷиноятҳои дар қисми махсуси кодекс пешбинӣ шуда дар доираи он муҷозот таъин мегардад.

Ҷарима бо маблаѓи аз 100 то 2000 - ҳазор андозаи муқарраршудаи ҳадди ақал муқаррар мешавад. Андозаи ҷарима вобаста ба категорияҳои ҷиноят ба тариқи зайл муқаррар шудааст:

а) начандон вазнин - на камтар аз 200 маоши ҳадди ақал,

б) дараҷаи миёна - на камтар аз 400 маоши ҳадди ақал,

в) вазнин - на камтар аз 600 маоши ҳадди ақал,

г) махсусан вазнин - на камтар аз 800 маоши ҳадди ақал.

2. Мутобиқи моддаи 51 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки рутбаи ҳарбӣ ё дипломатӣ, унвонҳои махсус ва мукофотҳои давлатӣ дорад ва барои ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин маҳкум шудааст бо ҳукми суд аз рутбаву мукофотҳои давлатӣ маҳрум карда мешавад. Ҷазои маҳрум кардан аз рутбаи ҳарбӣ ё махсус ду хел мазмун дорад.

Дар навбати аввал сухан дар бораи маҳрум кардани рутбаҳои ҳарбӣ ё махсус бошад, баъд дар бораи маҳрум кардани шаҳрвандон аз ордену медалҳо, рутбаҳои фахриву махсус меравад.




Нақшаи №1 намудҳои ҷазоҳои ҷиноятие, ки дар мавриди иҷро ва адои онҳо ба маҳкумшудагон корҳои таъсиррасонии ислоҳӣ гузаронида мешавад.

3) Мусодираи амвол. Ҷазои ҷиноятӣ дар намуди мусодираи амвол яке аз он ҷазоҳоест, ки ба маҳкумшудагон таъсири муайяни моддӣ мерасонад. Моҳияти ҷазои мусодираи амвол дар банди аввали моддаи 57 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тасниф шудааст: - «Мусодираи амвол, яъне ба моликияти давлат маҷбуран ва ба таври ройгон гирифтани амволе, ки моликияти маҳкумшуда мебошад». Яъне амволе мусодира карда мешавад, ки он моликияти худи маҳкумшуда бошад. Мақомоти давлатие, ки ҷазоро дар намуди мусодираи амвол иҷро мекунад: суд, иҷрочии суд ва мақомоти молиявии бонкӣ мебошад. Ҳамаи инро ба назар гирифта дар кодекси

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоҳои зерин пешбинӣ карда шудаанд:

1. Маҳрум кардан аз озодӣ.
2. Бадарга ба ҷои муайян.
3. Корҳои ислоҳкунӣ, бе маҳрум кардан аз озодӣ.
4. Ҷарима.
5. Озод кардан аз вазифа.
6. Гузаштани уҳдадорӣ, бартараф намудани зарар.
7. Танбеҳи ҷамъиятӣ.

Ғайр аз ин ҷазоҳои иловагӣ низ пешбинӣ шудааст. Масалан, мусодираи молу мулк; маҳрум кардан аз ҳуқуқи падариву модарӣ; маҳрум кардан аз унвони ҳарбӣ ё аз унвони махсус.

4) Ҷазои қатл ҳамчун ҷазои муваққативу истисноӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 ҷазои қатл дар силсилаи ҷазоҳои ҷиноятӣ пешбинӣ шуда, дар моддаи 59 қайд шудааст, ки ин намуди ҷазо чораи истисноист. Лекин он чораи муваққатӣ набуда доимист. Теътоди ҷиноятҳое, ки барои содир кардани онҳо ҷазои қатл таъин шуданаш мумкин аст, чӣ дар кодекси соли 1961 ва чӣ дар кодекси 1998 як хеланд, яъне 15 намуди ҷиноят татбиқ мешавад. Лекин ҷазои қатл дар кодекси ҷиноятии соли 1998 нисбат ба кодекси соли 1961 барои ҷиноятҳои теъдоди маҳдуд пешбинӣ шудааст. Ба монанди терроризм (қисми 4 моддаи 179), ғасби гаравгон (қисми 3 моддаи 181), ғайри қонунӣ ҳай карда бурдан ё гасби киштиҳои ҳавоӣ, обӣ ё қатораи роҳи оҳан (қисми3 моддаи 184), ғеноцит (398), биоцит (399) ва ғайра, ки дар кодекси ҷиноятии с. 1961 ҷой надошт. Ҷазои қатл нисбати зани ҳомиладор, ба шахси то сини 18 солагӣ ҷиноят содир намуда таъин карда намешавад. Ғайр аз ин ҷазои қатл ба тариқи бахшиши ҷазо мумкин аст ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати 25 сол иваз карда мешавад. Дар 80 мамлакати ҷаҳон татбиқи ҷазои қатл манъ шудааст. Бо вуҷуди ин парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷрои ҷазои қатл (моратория) эълон кард. Шахсе, ки ба ҷазои қатл маҳкум аст мутобиқи банди 2 моддаи 215 кодекси иҷрои ҷазои ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

а) бо ҳимоячӣ бе маҳдудият дар давоми рузи корӣ мулоқот кунад.

б) бе маҳдудият мактуб ва барқия гирад, ва фиристад.

в) дар як моҳ як маротиба то 2 соат бо хешовандони наздик мулоқоти кӯтоҳмуддат дошта бошад.




Нақшаи №2. ҷазоҳои ҷиноятие, ки дар мавриди иҷрои онҳо ба маҳкумшудагон бо воситаҳои асосии таъсиррасонӣ таъсири ислоҳӣ гузаронида намешавад.

г) аз гаштугузорӣ ба муддати 30 дақиқа истифода барад.

д) бо пули худ бе маҳдудият хурокворӣ ва маводи ниёзи мардум харад.

е) бо ходимони дин мулоқот кунад.

ё) ёрии зарурии тиббӣ гирад.

ж) дар чор моҳ ба истифода кардани як мулоқоти кӯтоҳмуддат ва дар 6 моҳ ба як мулоқоти дарозмуддат.

Барои иҷрои ҷазои қатл бояд ҳуҷҷатҳои зайлро ҳатман ба сардори изолятори тафтишотӣ расонида шавад:

1. Нусхаи ҳукми эътибори қонунӣ пайдо кардани суд;

2. Хулосаи Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мавҷуд набудани асосҳо барои додани эътироз ба тариқи назоратӣ аз болои ҳукми суд;

3. Хулосаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи набудани асос барои овардани эътирознома ба тариқи назоратӣ аз болои ҳукми суд;

4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ради илтимоснома дар бораи бахшиши ҷазо.

Дар бораи вақту соати иҷрои ҳукми қатл сардори муассисаи маҳаллӣ иҷрои ҳукм, ҷаллод ва духтурро огоҳ мекунад, ки ғайр аз сардори муассиса прокурор ҳангоми иҷрои ҷазои қатл бояд иштирок кунанд. Мутобиқи банди 2 моддаи 219 кодекси иҷрои ҷазои ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон қатл бо воситаи силоҳи оташфишон аст. Дар ин банди кодекс омадааст: «Қатл дар шакли гайри оммавӣ бо усули паррондан иҷро карда мешавад. Марги маҳкумшуда мутобиқи моддаи 220 кодекси иҷрои ҷазои ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби духтур тасдиқ гардида, дар бораи иҷрои ҳукм суратмаҷлис тартиб медиҳад.

Дар суратмаҷлис шахсони иштирок дошта имзо мегузоранд. Сардори муассиса дар бораи иҷрои ҳукми қатл ба мактуби махсус ба раёсати итилоотии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода, дар мӯҳлати на дертар аз 3-рӯз суде, ки ҳукм баровардааст роҷеъ ба иҷрои ин ҳукм ба раёсати иттилоот хабар медиҳад. Суд аз чунин хабар огоҳ шуда барои ба қайдгирии марги маҳкумшуда ба мақомоти САҲШ-и маҳалли охирини зисти маҳкумшуда ва хешовандони наздики он иттилоъ медиҳад.

### 2. Усулҳои умумие, ки иҷроиш ва адои ҷазоро муқаррар менамоянд.

Асосҳои методологии илми ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ диалектикаи материалистӣ мебошад, ки дар асоси он маърифати ҳамаи мавҷудот аз муроқибаи бевосита, оғоз ёфта, давраи абстрактӣ, яъне тафаккурро тай намуда, хулоса бароварда, боз дар амалия ҳақиқат ё ғайри ҳақиқат будани хулосаро месанҷад.

Ҷараёни дарки мавзӯъҳои илми ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз рӯи ҳамин усул сурат мегирад. Дар давраи муроқибаи бевосита усулҳои умумиилмӣ дарки зайлро дорострост.

1 - Мушоҳида - калимаи арабӣ буда, маънои он бо чашми худ дидан аст ва мувофиқи назарияи маърифат идроки бомаромест, ки пайваста бо мақсаду вазифаҳои фаъолияти инсон сурат мегирад.

2 - Муқоиса - калимаи арабӣ буда, маънояш қиёс кардан, андозагирие - (яке аз амалётҳои маърифат буда), бо воситаи

асбобҳои андозагирӣ муайян намудани баъзе хосияти ашё ва вазифаҳои омӯзишӣ мебошад. Мисол, вазни ашёи нашъаоварро муайян кардани бошем бо «сангҳо»-и миллиграмӣ, граммӣ, киллограммӣ андоза карда, вазни онро муайян мекунем ё мӯҳлати маҳрумӣ аз озодӣ бо шабонарӯз ва соатҳо ҳисоб карда мешавад), ки мувофиқи назарияи маърифат усули дарк эътироф шудааст.

3. Эксперимент - калимаи лотинии, exprеventy буда, таҷриба маънидод мешавад. Дар назарияи маърифат чун усуле, ки бо мақсади муайян намудани қонунияти ҳодисот ё руйдодҳо ба тарзи сунъӣ ба вуҷуд овардани объекти тадқиқшаванда эътироф шудааст.



Нақшаи 1. нақшаи дарки воқеият А - муроқибаи бевосита; Б- мулоҳизаи тафаккурӣ натиҷа (хулоса); В- амалия, таҷриба.

4. Тасвир - давраи татқиқоти илмие, ки тавассути ягон силсилаи аломатҳои дар ин ё он илм эътироф шуда зикр намудани натиҷаҳои мушоҳида, муқоиса, эксперимент ё дигар фаъолияти маърифатиро меноманд.

**Инчунин илми ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ маҷмӯи усулҳои таъсири тарбиявиро таҳия ва тавсия кардааст, ки онҳо дар амалия васеъ истифода мешаванд, ба монанди:**

1. Усули таҳаввул (эволютсия) - моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки рӯҳия ва раванди тарбиятгиранда кам-кам, оҳиста-оҳиста бо мақсади дигаргун кардани ақидаҳои ӯ, барҳам додани одатҳои зишт ва рафтори маҳкум дар мӯҳлати нисбатан

тулонӣ таъсир расонида ба авзои рӯҳияи маҳкум каме ҳам бошад таъсир расонида, оқибат шуури ӯро куллан дигар мекунад ва дар натиҷа худи тарбиятгиранда аз одату рафторҳои ношоями худ даст мекашад.

2. Усули таркиш – тарзи якбора, ногаҳонӣ ба руҳи маҳкум таъсир расонидан аст, яъне ҳамаи дархосту орзуҳои ботинии инсониро вожгун мекунад. Масалан, шаҳрванд М. тасодуфан мактуби ба шавҳараш навишташударо кушода мехонад. Мазмуни мактуб аз ибрози ишқу муҳаббат иборат буд. Шавҳараш М. падари чаҳор фарзанд аст. Лекин аз мазмуни мактуб маълум мешавад, ки ӯ худро муҷаррад муаррифӣ кардааст. Шаҳрванд М. ба хонуми шайдои шавҳараш мактуб навишта маълум мекунад, ки муҷарраде ки хонум ба ӯ ошиқ шудааст, оиладор соҳиби чаҳор фарзанд аст ва нахустин фарзандаш дар синфи 3-юм таҳсил мекунад. Пас аз чанд вақт мактуби ҷавобӣ ба шаҳрванд М. омад. Дар мактуб аз ҷумла навишта шуда буд «Мактуби Шумо ба ман чун таркиши бомба таъсир расонид».

3. Усули ба оянда умед бастан - барои ислоҳ ва тарбияи маҳумшудагон басо муфид аст. Ҳолати рӯҳии маҳкумшудагон аз рӯзи ҳабс ногувор шуда аз дунё ноумед мешаванд, фикр мекунанд, ки ҳамаи орзую нақшаҳо барбод мераванд. Вале ноумедию нақшаҳо мувақкатиянд. Ин ҳолатро ба маҳкумшудагон фаҳмонида, нақшаву умедҳои наздиктаринро ошкоро нишон додан дар шуури онҳо умедҳои навро бедор кардан яке аз усулҳои тарбияи пурсамар аст.

Масалан, ба колонияҳои низоми сабуктар гузаронидан, касби навро аз худ кардан, мулоқотҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддат оростан, ба рухсатии меҳнатии навбатӣ рафтан, пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод шудан, умедҳои наздиктарин барои маҳкумшудагон ба ҳисоб меравад.

4. Усули таъсири мувозӣ - яъне корҳои ислоҳу тарбиявиро бо даста ё бо бригадаи маҳкумшудагон доир кардан дар як вақт ҳар маҳкумро алоҳида дар назар доштан аст. Масалан, нотиқ ба аъзои як дастаи маҳкумшудагон маърӯза мехонад. Дар ҳамин лаҳза нотиқ зоҳиран тасаввур мекунад, ки суханони ӯ ба ҳамаи даста таъсир мекунад ва ба шахсони алоҳидаи маҳбусон дахл надоранд, вале дар асл он ба ҳар шахс нигаронида шудааст.

5. Усули фардӣ - бисёранд, масалан, сӯҳбат бо маҳкумшудагон вобаста намудани маҳкумшудагон ба ходимони алоҳидаи роҳбарикунанда ва ғайра. Яъне барои бо маҳкумшудагон сӯҳбат оростан тайёрии пухта дида, ба шуури онҳо бо роҳи сӯҳбат роҳ ёфта, тавонистан лозим аст.




Нақшаи №2. Восита ва усулҳои таъсиррасонии ислоҳӣ

6. Усули боваркунонӣ - яке аз усулҳои самараноктарини таъсири тарбиявӣ ба шумор рафта ҳолати равонии маҳкумшудагон чунин аст, ки гӯйё ба онҳо ягон кас бовар намекунад. Бинобар ин вақти мувофиқ ёфта ба онҳо боварии сардори даста ё гурӯҳ ё дигар кормандони колонияро нисбат ба онҳо баён кардан, ба онҳо бовар карда супориш додан, ба маҳкумшудагон таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар илми ҳуқуқи ичрои ҷазои ҷиноятӣ ғайр аз усулҳои умумӣ (материализми диалектикӣ) ва усулҳои умумиилмӣ (мушоҳида, андозагирӣ, муқоиса, таҷриба ва тасвир) ва усулҳои хоси омузиши шахсияти маҳкумшудагон, боз усулҳои тадқиқоти - иҷтимоии мушаххас, ки бо усулҳои саволнома (анкетирование), гузаронида мешаванд, истифода мебаранд.

## 3. Мақомоти давлатие, ки иҷроиши ҷазои ҷиноятиро назорат мекунад.

Дар кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як чанд мақомоти давлатие, ки аз болои фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ ва дигар мақомоти давлатии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд назорат кунанд, пешбинӣ шудааст. Яъне тибқи кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз болои фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ, дигар мақомотҳои давлатии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мақомоти зерини давлатӣ ва ҷамъиятӣ назорат мекунанд.

а) мақомоти судӣ,

б) мақомоти прокуратура,

в) мақомоти болоии идоравӣ.

Мувофиқи моддаи 29 кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ бе иҷозати махсус мансабдорони олии зерин метавонанд аз муассисаҳои иҷрокунандаи ҷазо боздид намоянд.

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва судяҳо.

2. Прокурори генералӣ, инчунин прокурори ваколатдорнамудаи ӯ ва прокуророне, ки бевосита иҷрои ҷазоро дар қаламрави мазкур назорат мекунанд.

3. Сардорони мақомоти болоии идораи муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо.

4. Вакил ва узви комиссияи ба амал баровардани назорат аз болои фаъолияти муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо дар доираи ҳудуди дахлдор.

## Адабиёт


1) Баҳриддинов С.Э. Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кабули Кодекси ҷиноятии нав. // Давлат ва ҳуқуқ. 2000. №2. С.63-67.

2) Гулчеҳра Шаропова, Ҷонмаҳмад Раҷабов. Қоидаҳои ҳадди ақали стандартҳои муносибат бо маҳбусон. Душанбе-2000.

3) Кодекси иҷрои ҷазоҳои ҷиноятии Ҷумҳури Тоҷикистон. Душанбе, 2001.

4) Кодекси ислоҳи меҳнатии РСС Тоҷикистон. Душанбе, «Ирфон», 1998.

5) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «Қонуният», 1998.

6) Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. Душанбе «Ирфон», 1980.

7) Конститутсияи (сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «Ирфон», 1994.

8) Маҳмудов М.А, Худоёров Б.Т., Суд: ҳалнома, ҳукм, таъинот, қарор. Душанбе: «Фирдавс», 1995.

9) Маълумотномаи ҳуқуқӣ барои хешовандони маҳкумшудагон. Маслиҳатҳо. Саволҳо ва ҷавобҳо. Душанбе-2004.

10) Салимов Ҳ. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. Душанбе, 2005.

11) Салимов Ҳ.С., Шарипов Т.Ш. Асосҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. // Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1999 фасли 15. -С 263-276.

12) Сатторов Ғ.С., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми умумӣ) маҷмуи Нақшаҳо. Душанбе-2004.

13) Шарипов Т.Ш. Шартан маҳкум кардан ва табиати ҳуқуқии он. // Изв. АН Респ. Тадж. Сер.: Философия и правоведение, 1995 №3.

## МАВЗӮИ 14. Масоили назариявии давлатдории Тоҷикистон дар марҳилаи муосир.

1. Моҳият ва вазифаҳои давлати Тоҷикистон.
2. Шаклҳои давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Хосият ва принсипҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ.
4. Самтҳои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ.

### 1. Моҳият ва вазифаҳои давлати Тоҷикистон.

Баъди пайдо кардани истиқлолият Тоҷикистон ба марҳилаи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи худтанзимшавандаи шаҳрвандӣ қадам ниҳод. Дар ҷомеа бунёди муносибатҳои бозоргонӣ вазифаи аввалиндараҷа гардида, вобаста бо он тағйиротҳои куллӣ гузаронида шуданд, аз қабили эътирофи баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз он ҷумла моликияти хусусӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, озодии савдо, танзими шартномавии муносибатҳо ва дигар озодиҳои шаҳрвандӣ.

Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд эълон гардид, ки эътирофу риояи як қатор ақидаву назарияҳоро талаб мекунад, аз қабили волоияти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон ва шаҳрванд, афзалияти ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба ҳуқуқи дохили давлатӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, назорати суди конститутсионӣ, қонунияти конститутсионӣ ва адолати суди конститутсионӣ. Унсурҳои асосии давлати ҳуқуқбуёд дар Конститутсияи Тоҷикистон мустаҳкам шудаанд: волоияти конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ (моддаи 10), талаботҳои қонуни ҳуқуқӣ (моддаи 10), дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон (боби дуюм), таҷзияи ҳокимият (моддаи 9), назорати суди конститутсионӣ (моддаи 89).

Тоҷикистон давлати демократӣ мебошад, ки аз назарияи давлати конститутсионӣ, демократӣ бар меояд. Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр буда, мустақилона, бе дахолат ё фишори беруна сиёсати дохилӣ ва хориҷиашро амалӣ месозад. Тоҷикистон давлати дунявӣ буда, дар асоси принсипи ҷудо будани созмонҳо ва муассисаҳои динӣ аз давлат (моддаи 8, қисми 4 конститутсия) фаъолият мебарад.

Яке аз асосҳои муҳими ҳуқуқии ташкилу фаъолияти ин дастгоҳ тақсими ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ аст. Дар ҳар як ҷабҳаи давлатдорӣ низоми муайяни мақомоти давлат бо вазифаҳои мушаххас амал мекунад. Ҳокимияти қонунгузор мансуби мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор - Маҷлиси Олӣ (иборат аз ду маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон), ҳокимияти иҷроия мутааллиқи Президент, Ҳукумат (иборат аз вазорату раисони кумитаҳои давлатӣ), намояндагони Президент дар маҳалҳо, мақомоти маҳалли иҷроия, ва ҳокимияти судӣ дар ихтиёри судҳост.

Дар шароити бунёди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ ҳадди ҳуқуқии фаъолияти давлат ва дастгоҳи он муқаррар мешавад. Озодиҳои шаҳрвандӣ, танзими шартномавии, соҳибкории озод, рақобат ба фаъолияти беандозаи иқтисодии давлат хотима мегузоранд. Ҳоло дар Тоҷикистон ҷамъияти озоди либералӣ бунёд шуда истодааст, ки ба он давлати либералӣ-демократӣ мувофиқ аст. Ин ҷамъият на капиталистӣ ва на сотсиалистӣ, балки ҷузъи тамаддуни либералии асри XXI мебошад, ки мазмуни асосии ҳаёти инсони замони навро ташкил медиҳад. Бунёди ин давлат, ки талаботи пешрафти халқҳои ҷаҳони муосир аст, истифодаи ҳам анъанаҳои миллӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ҳам арзишҳои умумиинсониро талаб мекунад.

## 2. Шаклҳои давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шаклҳои давлатдории Тоҷикистон аз воқеияти имрӯзаи ҷомеа, таркиби аҳолӣ, таносуби қувваҳои сиёсӣ вобастаанд. Тоҷикистон аз нигоҳи шакли идоракуниаш ҷумҳурии президентӣ мебошад. Дар Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ байни мақомоти қонугузор, иҷроия ва судӣ тақсим шудааст. Сардори давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон Президент мебошад, ки аз тарафи шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 7 сол интихоб мешавад (моддаи 65 Конститутсия), «Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмиллалии

Тоҷикистон мебошад» (моддаи 64, қисми 2 Конститутсия). Президент, сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро (бо тасдиқи минбаъдаи Маҷлиси Олӣ) таъйин ва озод мекунад. Ҳукумати Тоҷикистон ваколаташро дар назди Президенти нав интихобшуда во мегузорад. Ҳуқуқи худистеъфо ба Ҳукумат ва ҳар як аъзои он тааллуқ дорад.

Аз нигоҳи шакли сохти давлатӣ Тоҷикистон давлати ягона (унитарӣ) мебошад. Ҷумҳурӣ ба воҳидҳои маъмуриву - марзӣ тақсим мешавад. Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, ва деҳаҳо иборат аст (моддаи 7, қисми 2 Конститутсия). Дар Тоҷикистон як низоми мақомоти олии давлат, як низоми ҳуқуқӣ, низоми мутташаккили маъмуриву - марзӣ, мақомоти дахлдори намояндагӣ ва иҷроия, амал мекунанд (Маҷлисҳои вакилони халқи вилоят, шаҳру ноҳия, раисони вилоят, ҷамоати шаҳраку деҳа ҳамчун мақоми худидоракунӣ).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир режими сиёсии либералии - демократӣ ташаккул меёбад. Ин навъи режим ҷавобгӯи ислоҳотҳои куллии ҳаёти, ҷомеаи мо мебошад. Он ҳуқуқҳои фитрии инсон ва арзишҳои ҳуқуқи байналмилалиро эътироф намуда, вусъати муносибаҳои бозоргониро таъмин менамояд. Режими либералӣ-демократӣ дахлнопазирии шахс, озодии фардӣ, ташаббускорӣ ва мустақилияти хоҷагии фардро эътироф мекунад. Ин режим асоси ҷомеаи озоди либералиро ташкил медиҳад. Дар ин ҷомеа ҳуқуқу озодиҳои инсон, низоми бисёрҳизбӣ, равияҳои гуногуни (прюрализмӣ) сиёсӣ ва мафкуравӣ, низоми демократии интихобот ва раъйипурсӣ таъмин мешаванд. Дахлнопазирии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, ҳадди ҳуқуқии фаъолияти давлат гардида, ба фаъолияти беандозаи давлатӣ хотима мегузорад. Таҷзияи ҳокимиятҳ ба фаъолияти худсаронаи мақомоти давлат ва сӯистеъмоли мансаб хотима мегузорад. Давлти сиёсӣ бештар мазмуни ҳуқуқӣ пайдо карда, зери назорати шаҳрвандон ва ҳуқуқ қарор мегирад.

### 3. Хосият ва принсипҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Дар бораи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таърихи афкори сиёсӣ андешаҳои зиёд мавҷуданд. Онҳо гуногунмазмун буда, хосиятҳои асосии зеринро ба худ касб намудаанд:

1. Ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замон бо бартараф намудани ҳуқуқҳои қатъии сохти табақавӣ баробар аст. Ба таври махсус қайд намудани ҳолатҳои мазкур ба он маънист, ки бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро аз ҷомеаи шаҳрвандӣ ибтидо медонанд ва моли тамаддуни сармоядорӣ меҳисобанд;

2. Ҷомеаи шаҳрвандӣ бо давлат дар пайвастагии ногусастанӣ арзи ҳастӣ дорад ва дар зиддияти доимӣ қарор гирифтааст. Ё худ ягонагии диалектикии давлат ва ҷомеаи шаҳвандӣ яке аз хосиятҳои асосии таълимот ё ғояҳои марбути ҷомеаи шаҳрвандӣ дониста мешавад;

3. Шаклҳои муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ба низом овардани қоидаҳои сиёсӣ дар канор мондаанд. Ҳар он чӣ ки аз доираи нуфузи гавҳар берун аст, хоси ҷомеаи шаҳрвандист. Аз ҷумла, шаклҳои мухталифи умумиятҳои иҷтимоӣ: синфҳо ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои мухталифи зиёди ҷамъиятӣ, ҳаракатҳои мардумӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, оила, мактаб, дин ва ғайраҳо;

4. Ҳаёти хусусии одамон, аслан он ҷиҳатҳоеро фаро мегирад, ки рафтору кирдори одамон ҳоло хосияти ҷамъитӣ пайдо накардаанд. Ҳар амале ба вуқуъ мепайванданд, аслан хосияти инфиродӣ дошта, ба доираи васеъи муносибатҳо кашида нашудаанд;

5. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шаклҳои мухталифи моликият, моликияти хусусӣ, дастаҷамъӣ ва иқтисодиёт, асос меёбад. Вазъияти иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандиро давлат тавассути методҳои иқтисодӣ, ки дар низоми сиёсию ҳуқуқӣ таҷассум гардидааст ба тартиб меорад;

6. Идораи ғайрисиёсӣ, худидорӣ. Раванди худидорӣ аҳамияти хосса пайдо менамояд. Он фақат доираи поёнии ҷомеаро фаро нагирифта, ҳолатҳои мухталифи инкишофи ҷомеа, аз ҷумла мақомоти болоиро низ дар бар мегирад;

7. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз рӯи зарурат шахсияти инсон аҳамияти бештар пайдо менамояд. Инсон аз шахси фурӯтану

ғуломтабиат ба шахси озоду шаҳрванди дорои ҳуқуқҳои воқеӣ табдил меёбад. Шахс на танҳо соҳиби ҳуқуқу озодии комил, балки дорои масъулияти баланд аст.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти хеш принсипҳои зеринро ба роҳбарӣ мегирад:

1) баробарии ҳуқуқ ва озодиҳои тамоми одамон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа;

2) ҳимояи кафолати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд дар заминаи қонунҳое, ки дар тамоми ҷомеаи башарӣ эътибор дорад;

3) имконияти кафолатнокӣ, муттаҳид гаштани одамон новобаста ба мансубиятҳои иҷтимоӣ дар ҳайати иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ аз рӯи манфиатҳо ва аломатҳои касбӣ;

4) озодии шаҳрвандон дар таъсиси ҳизбҳо ва созмонҳои иҷтимоӣ;

5) худидора дар ҳамаи соҳаҳо ва сатҳи ҳаёти ҷамъиятӣ.

Воситаи муҳими ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандиро ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Воқеӣ гардонидани чунин амал бештар аз иродаи сиёсии давлат ва мақомоти гуногуни давлат вобастагӣ дорад. Дар шароити ҳозира ташккули асосҳои иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳмияти махсусро касб намудаанд.

Идораи иқтисодиёт раванди демократикунониро талаб менамояд. Дар идораи иқтисодиёт саҳми инсон бояд баланд гардад. Махсусан, шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, моликияти дастҷамъӣ, омехта ва ғайраҳо, истифодаи замин, ба амал баровардани сиёсати ғайридавлатикунонӣ; рӯ овардан ба шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ таваҷҷӯҳи хоса металабанд. Фақат дар ҳолати ташаккули заминаи васеи моддӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад арзи ҳастӣ намояд.

Баъди барҳам хурдани давлати шӯравӣ ва эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Дар асоси Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, ва Изҳорот «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри соли 1990 ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бори эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри 1991) кишвари мо ба марҳилаи нави таърихӣ ворид гашт. Дар Тоҷикистони

соҳибистиқлол бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ оғоз гардид.

Ҳоло Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш аз ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аз ҷомеаи сотсиалистӣ ба давлати ҳуқуқбунёд қарор дорад. Вобаста ба ин дар ҷумҳурӣ дигаргунивуислоҳоти куллӣ оғоз гардиданд, ки соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатиро фаро гирифтанд. Эътирофи арзишҳои умумиинсонӣ, пеш аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва озодии моликияти хусусӣ, соҳибкорӣ, тиҷорат, рақобат ва дигар арзишҳои либералӣ, ташаккули бозори озод ва муносибатҳои бозоргонӣ, равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ, низоми бисёрҳизбӣ шакли идораи ҷумҳурӣ - президентӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ислоҳоти ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ислоҳоти судӣ, ривоҷи озодии фикрӣ, худшиносӣ, ташаббускорӣ, кордонии одамон аз ҷумлаи тағйироту ислоҳотанд, ки дар Тоҷикистон дар як давраи кӯтоҳ ба вуқуъ пайвастаанд ва ҳоло пурра идома доранд.

Аз тарафи дигар, ҷомеаи шаҳрвандӣ натиҷаи таҳаввули таърихии донишҳои инсонӣ роҷеъ ба ҳуқуқҳои фитрӣ, волоияти ҳуқуқ, давлати ҳуқуқӣ, фаъолияти озодӣ, иқтисоди бозори озод, гуногунии афкор, бисёрҳизбӣ, парлумоният аст. Ба иборай дигар, ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун амалия - таҷрибаи мусбии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва чун назария - натиҷаи инкишофи арзишҳои инсонӣ, таҷрибаи афкори башар аст.

Конститутсияи Тоҷикистон дар ташаккули унсури маънавии ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши ҳалкунанда бозид. Моддаи 8 Конститутсия, инкишофи ҳаёти ҷамъиятии кишварамонро «дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мавкуравӣ» мустаҳкам кард. Акнун дар Тоҷикистон ҳеҷ «як мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад» (моддаи 8 Конститутсия). Конститутсия ҳуқуқи шахсро ба таҳсил, ширкат дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ, озодии сухан, нашр, истифодаи нашрҳои ахборӣ (моддаи 30, 40, 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) кафолат медиҳад.

Унсурҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандии навбунёд дар кишвари мо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад. Онҳо дар асоси ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба иштирок дар ҳаёти

сиёсӣ ва идораҳои давлатӣ, муттаҳид шудан, ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсису фаъолият мебаранд (моддаи 27, 28 Конститутсия). Ҳамчунон қонунҳое қабул шудаанд, ки иҷрои меъёрҳои конститутсиониро таъмин мекунад, аз қабили қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1998 «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 1992 «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994 «Дар бораи дин ва ташкилотҳои динӣ».

Ҷомеаи шаҳрвандиро, ки худташкилшаванда ва худидорашаванда аст, бе худидораи маҳаллӣ тасаввур кардан мумкин нест. Мувофиқи Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳа ҷамоат аст» (моддаи 78). Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994 «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳа»: «Мафҳуми худидораи маҳаллӣ низоми ташкили фаъолияти аҳолиро барои мустақилона ва таҳти масъулияти худ мустақилона ё ба воситаи мақомоти интихобкунандаи худ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл намудани масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ифода мекунад». Ҷамоати шаҳрак ва ҷамоати деҳа дорои амали гардонидани ҳуқуқи шаҳрвандон ҷиҳати иштирок дар корҳои ҷимъият ва давлат ёрӣ мерасонанд. Шакли асосии худидораи маҳаллӣ шаҳрвандон, маҷлиси намояндагон мебошад. Ба ҷамоат ҳуқуқи қабули қарорҳо дода шудааст, ки ба ҳамаи шаҳрвандони сокини он ҳатмианд (моддаи 14, қисми 3).

### 4. Самтҳои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Вобаста ба ҳолати воқеии инкишофи Тоҷикистон самтҳои асосии ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дарояндаи наҷандон дур аз чунин ҷиҳатҳо бояд таркиб ёбанд:

а) ташаккули низоми демократии ҳокимияти сиёсӣ, ки қодир аст манфиатҳои гуногуни аҳолиро ҳимоя намояд;

б) мақоми олӣ пайдо намудани қонун нисбати мақом ва нақши ҳама гуна мақомоти давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ;

в) баробарии воқеии ҳама ва тамоми институтҳои сиёсии ҷомеа дар назди қонун;

г) муҳайё намудани шароит барои гузариш ва рушду нумўъи иқтисодиёти бозоргонӣ;

д) ғайридавлатикунонии шаклҳои гуногуни моликият, ба ғайр аз муассиса, корхона ва соҳаҳое, ки ифодагари манфиатҳои миллианд ва дар ҳимояи давлатанд;

е) ташаккул ва инкишофи сатҳи зарурии маданияти шаҳрвандӣ ва дар заминаи он ташаккулу инкишофи малакаю маҳорати фаъолияти иҷтимоию сиёсӣ дар шароити инкишофи демократии ҳаёт;

ё) норасоиҳо ва сатҳи нокифояи инкишофи фарҳанги сиёсӣ одамонро намегузоранд, ки ба арзишҳо ва қоидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сарфаҳм раванд ва онҳоро дар хизмати худ қарор диҳанд.

Аз ин хотир, чанд нуктаеро мушаххасан дар мавриди муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат баён менамоем:

1. Мафҳумҳои «ҷомеаи шаҳрвандӣ» ва «давлат» тарафҳои мухталиф, вале баҳам алоқаманд ва якдигарро пурракунандаи ҷомеаи кабиранд. Мафҳумҳои мазкур нисбати якдигар мутаносибан ҷой гирфта, фақат дар лаҳзаҳои мушаххас муқовимат доранд.

2. Аз ҳам ҷудо намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат раванди қонунист ва пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиро аз як тараф ва ҳаёти сиёсиро аз ҷониби дигар муаррифӣ менамояд;

3. Ҷомеаи шаҳрвандӣ асоси системаи сиёсии ҷомеа ба шумор меравад ва он давлатро ташаккул медиҳад. Давлат бошад воситаи ҳастӣ ва амалии ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад;

4. Ҷомеаи шаҳрвандӣ шакли умумияти одамон аст, ки ҳаёти моддию маънавиро таъмин менамояд ва талаботу манфиатҳои онҳоро қонеъ мегардонад. Давлат ифодаи расмии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳастии сиёсии он аст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ соҳаи зоҳиршавӣ ва амалигардии манфиатҳои инфиродӣ, гурўҳӣ ва ғайраҳо мебошад. Яъне миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ робитаи ногусастанӣ ва мавзун вуҷуд дорад;

5. Ҳар чӣ қадаре, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишоф ёфта бошад, ҳамон қадар майлони инкишофи демократии давлат меафзояд. Ё худ чӣ қадаре ки сохтори сиёсии ҷомеа демократӣ бошад, ҳамон қадар унсурҳои ҷомеаи демократӣ инкишоф меёбанд.

Дар замони муосир ҷомеаи шаҳрвандӣ вазифаҳои зиёду гуногунро иҷро менамояд. Онҳоро шартан ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

1. Ҷомеаи шаҳрвандӣ риояи қонунҳои умумиро таъмин менамояд. Имкониятҳо ва воситаҳои мухталифро истифода намуда, одамонро водор менамояд, ки чунин амалҳоро ба ҷо оранд. Муҳим он аст, ки амалҳои мазкурро новобаста аз институти асосии системаи сиёсии ҷомеа - давлат ба воқеъ мерасонад;

2. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бораи сотсиализатсияи шаҳрвандон чораҳо меандешад. Яъне, одамонро ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷалб менамояд. Он боиси фарогирии раванду падидаҳои дигар, аз ҷумла, маданият, шуури сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ ва иштироки сиёсии одамон мегардад;

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба чунин сатҳи тарбияе ниёз дорад, ки хусусиятҳо ва мазмунаш тақозо менамояд:

а) ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он вазифадоранд, ки одамон, иттиҳодияҳои мухталиф ва манфиатҳои онҳоро аз дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама мақомоти қудратӣ ҳимоя намоянд;

б) ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рақобат ва муқовимат бо сохторҳои гуногуни давлатӣ қарор надорад. Он дар ташаккули мақомоти давлати саҳм мегирад. Ба тамоми системаи сиёсии ҷомеа ва унсурони он таъсири бунёдгарой мерасонад. Муносибатҳоро такмил ва сохторҳоро қавӣ мегардонад.

Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши моҳияту хусусиятҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ онро дар фаҳми классикиву либералиаш ба таври зерин таъриф додан мумкин аст: **Ҷомеаи шаҳрвандӣ маҷмӯи муносибатҳо ва таркиботи байнишахсӣ, оилавӣ, ҷамъиятиву иқтисодӣ, маданӣ, динӣ ва ғайраҳо буда берун аз тобеияти давлат ва бе дахолати давлат инкишоф ёфта, барои татбиқи ташаббуси одамон шароит муҳайё менамояд.**

## Адабиёт


1) Буриев И.Б. Масоили назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Душанбе-2003 с.

2) Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Душанбе, «Матбуот», 2003. 221с.

3) Имомов И.А. Андешаҳо перомуни ҷанбаҳои ҳуқуқию сиёсӣ ва иҷтимоию ахлоқии бунёди давлатдории миллати тоҷик. // Шоҳроҳи ваҳдат. 1998. №3. - С. 3-12.

4) Имомов И.А. Гузариш ба системаи президентӣ: проблема ва мулоҳиза. // Паёми Донишгоҳ. Бахши таърих ва ҳуқуқшиносӣ. Душанбе, 1991. №2.-С . 58-63.

5) Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Душанбе-2002 с.

6) Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи тақсимоти ҳокимият (асосҳои ғоявӣ ва марҳилаҳои асосии инкишоф). Паёми Донишгоҳ. Бахши таърих ва ҳуқуқ. Душанбе, 1991. №2. –С. 63-66.

7) Хакимов Ш.К. Проблемы становления местного самоуправления в Таджикистане // Материалы V-ой международной научно - практической конференции «Проблемы устойчивого демократического развития Таджикистана». Душанбе, 1998.- С. 28 - 32.

8) Хакимов Ш.К. К вопросу о парламентской деятельности общественно - политических объединений в Таджикистане // Таджикистан- Россия: проблемы безапасности в центральной Азии ( материалы международной конференции). Душанбне, 2006. - С. 134-141.

9) Хакимов Ш.К. Конституции Республики Таджикистан и проблемы сущности государства // Государства и право № 4. Душанбе, 2001.- С. 85-89.

10) Хакимов Ш.К. Проблемы достижения финансовой и материально –технической самостоятельности НПО в Таджикистане // Гражданское общество. №5. Ноябрь, 2001.-С.14-19.

11) Хакимов Ш.К. Конституционные характеристики правового государства: сравнительный анализ // Труды Академии МВД РТ. Выпуск 5. Душанбе, 2002.- С.61-68.

12) Хакимов Ш.К. К вопросу о конституционно- прововых механизмах общественного контроля за государственной властю в Таджикистане // Там же.- С. 140- 149.

13) Хакимов Ш.К. Свабода слова и доступа к СМИ важнейнее условие демократического политического режима // Там же. –С.197-212.

14) Хакимов Ш.К. Проблемы реализации избиратильных парв граждан Республики Таджикистан: законадательства и политическая практика // Вестник Национального Университета №1. Душанбе, 2003.-с. 58-74.

15) Хакимов Ш.К. Конституционное право на объединение: понятие, содержания и ограничения // Государство и право №1. Душанбе, 2003. – С. 20- 32.

16) Хакимов Ш.К. Политико-правовывые проблемы оппозиционной деятельности в Таджикистане// Таджикистан и современный мир № (2). Душанбе, 2003.-С. 72-78.

17) Хакимов Ш.К. К вопросу о праве граждан Республики Таджикистан на участие в политической жизни и управлении государством // Сборник научных трудов Налогово – правового института. Выпуск №5. Часть-1. Душанбе, 2004- С.5-22.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ АЗ ФАННИ ҲУҚУҚШИНОСӢ.

**1. Ҳолатҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро вазнин мекунад?**

а) такроран ҷиноят содир кардан, дар ҳолати мастӣ содир кардани ҷиноят бо мақсади ғаразнок, редсидивӣ.

б) аз тарафи гурӯҳи муташаккил; нисбати ноболигон ва пиронсолон содир кардани ҷиноят; азобу уқубат додан.

в) бо сангдилии махсус, бо мақсади гаразнок, авбошӣ, роҳзанӣ.

г) такроран ҷиноят содир кардан ва ё гурӯҳи муташаккилӣ, бо мақсади ғаразнок ё ки бо дигар хел ниятҳои бад; дар натиҷаи ҷиноят рӯй додани гаразнок, ё ки бо дигар хел ниятҳои бад; дар натиҷаи ҷиноят рӯй додани оқибатҳои вазнин; содир кардан дар ҳаққи шахси хурдсол, куҳансол ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизию нотавонӣ мебошад, бо сангдилии шадид ё азоб дода таҳқир кардани шахсияти ҷабрдида ва ғайра.

д)такрори ресидивист; гурӯҳи муташаккил; бо гуноҳи худ иқрор нашудан; авбошӣ; роҳзанӣ.

**2. Ҷазо чист?**

а) ҷазо - чораи маҷбуркунӣ ва тарбиявӣ дошта.

б) ҷазо - чораи махсуси маҷбуркунии давлат буда, ҳангоми содир кардан аз ҷониби суд таъин карда мешавад.

в) ҷазо - воситаи махсусест, ки ҷинояткор ба воситаи татбиқи он тарбия карда мешавад.

г) ҷазо - чораи дар қонун муқарраршуда буда, мақсади тарбияи шахсро дорад.

д) ҷазо - маҷмӯи нормаҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки мақсади пешгирӣ кардани ҷиноятро дорад.

**3. Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон аз синни чандсолагӣ ба вуҷуд меояд?**

а) 17 солагӣ.

б) 18 солагӣ ва дар баъзе ҳолатҳо 14 солагӣ.

в) 13 солагӣ ва дар баъзе мавридҳо 14 солагӣ.

г) аз синни 16 солагӣ ва 14 солагӣ барои ҷинояти вазнин.

д) аз сини 15 солагӣ ва 14 солагӣ барои ҷинояти вазнин.

**4. Ҷиноятҳои давлатиро номбар кунед?**

а) дуздии моликияти давлатӣ, хиёнат ба Ватан, акти терористӣ, тарғиб намудани ҷанг.

б) хиёнат ба Ватан, акти терористӣ, бетартибии оммавӣ, фош кардани сирри давлатӣ.

в) акти терористӣ, хиёнат ба Ватан, тайёр кардан ё дар муомилот гузаронидани пул, бетартибии оммавӣ, фош кардани сири давлатӣ.

г) акти терористӣ, хиёнат ба Ватан, ва дигар ҷиноятҳои дар қонун пешбинишуда.

д) одамкушӣ, таҷовуз ба номус, акти терористӣ, дигар ҷиноятҳои дар қонун пешбинишуда.

**5. Намуди ҳамиштироки (шарикӣ) дар ҷиноят?**

а) далолаткунанда, оғозкунанда, иҷрокунанда, ташкилкунанда, далолаткунанда, ёрдамчӣ.

б) ёрдамчӣ, далолаткунанда, иҷрокунанда, ба охир расонанда.

в) иҷрокунанда, ташкилкунанда, далолаткунанда, ёрдамчӣ.

г) иҷрокунанда, оғозкунанда, ташкилкунанда, ёрдамчӣ.

д) далолаткунанда, ташкилкунанда, иҷрокунанда, ёрдамчӣ, ба охиррасонанда.

**6. Аз синни чандсолагӣ шахс ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешавад?**

а) 15 солагӣ.

б) 20 солагӣ.

в) 14 солагӣ.

г) 16 солагӣ ва барои баъзе намудҳои ҷиноятҳо аз 14 солагӣ.

д) 17 ва 19 солагӣ.

**7. Мақсади ҷазо аз чӣ иборат аст?**

а) ҷазо баро ҷиноят, пешгирӣ, тарбиявӣ.

б) тарбияи маҳкумшудагон дар руҳи муносибатҳои софдилона ба меҳнат ҳурмат намудан, ба қонунҳо ислоҳ намудан.

в) ҷазои муайян барои маҳкумшудагон.

г) бо мақсади аз сари нав содир намудани ҷиноят.

д) озори ҷисмонӣ ва маънавӣ додани маҳкумшудагон.

**8. Шаҳрванд кадом вақт гунаҳгор ҳисоб карда мешавад?**

а) вақте, ки ҳукми суд эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

б) вақте, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбар ҳисоб мешавад.

в) вақте, ки айбномаро муфатиш эълон мекунад.

г) вақте, ки ҳангоми гурехтан шаҳрвандро мепаронанд.

д) вақте, ки барои айбаш шаҳрванд баёнот медиҳад.

**9. Кодекси ҷиноятӣ кадом сол қабул шуд?**

а) 1 сентябри соли 1995.

б) 25 декабри соли 1994.

в) 9 сентябри 1997.

г) 1 январи соли 2000.

д) 21 маи соли 1998.

**10. Вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон?**

а) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқи ашхоси юридикӣ.

б) ҳифзи моликият, сулҳ ва амнияти башарият, аз таҷовузи ҷиноятӣ, тарбияи шаҳрвандон.

в) ҳифзи моликият, муҳити табиат, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, сохти конститутсионӣ.

г) ҳифзи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо.

д) тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сулҳ ва амнияти башарият аз таҷовузи ҷиноятӣ.

**11. Принсипҳои ҳуқуқӣ ҷиноятӣ кадомҳоянд?**

а) қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузир будани ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ, гунаҳгорӣ, адолат, инсондӯстӣ, демократизм.

б) қонуният, инсондӯстӣ, демократизм, интернатсионализм, ватандӯстӣ.

в) баробарӣ дар назди қонун, инсондӯстӣ, гуманистӣ, демократизм.

г) башардӯстӣ, демократизм, ватандӯстӣ, гунаҳгорӣ.

д) ҷавобгарии фардӣ, гунаҳгорӣ, адолат, волоияти қонун.

**12. Категорияҳои ҷиноят мувофиқи кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон?**

а) вазнин, махсусан вазнин, хатарнок.

б) миёна, хатарнок, вазнин.

в) начандон вазнин, дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин.

г) хавфнок, миёна, ретседив.

д) вазнин, ретседиви хавфнок ва махсусан хавфнок.

**13. Кодекси нави ҷиноятӣ аз чанд фасл, боб ва мода иборат аст?**

а) 16 фасл, 20 боб, 400 модда.

б) 15 фасл, 34 боб, 405 модда.

в) 10 фасл, 20 боб, 500 модда.

г) 15 фасл, 30 боб, 350 модда.

д) 10 фасл, 10 боб, 400 модда.

**14. Унсурҳои таркиби ҷиноят?**

а) объекти ҷиноят, предмети ҷиноят, ангеза ва мақсад.

б) тарафи объективӣ, субъекти ҷиноят, мудофиаи зарурӣ.

в) предмети ҷиноят, ангеза, гуноҳ ва мақсад.

г) объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят, субъекти ҷиноят.

д) гуноҳ, ангеза, мақсад, робитаи сабабӣ.

**15. Прокурорҳои тобеи Прокурори Генералиро ки таъин ва озод менамоянд?**

а) президент.

б) маҷлиси Олӣ.

в) прокурори генералӣ.

г) сарвазир.

д) раёсати Маҷлиси Олӣ.

**16. Судяҳо парвандаро чи тавр дида мебароянд?**

а) бо иштироки прокурор.

б) бо таври дастҷамъӣ.

в) танҳо дида мебароянд.

г) бо иштироки адвокат дида мебароянд.

д) ба таври дастҷамъӣ ва ё танҳо дида мебароянд.

**17. Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро номбар кунед?**

а) прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорати корҳои дохилӣ, полиси андоз, вазорати маориф.

б) суди конститутсионӣ , суди Олии иқтисодӣ, вазорати бехатарӣ.

в) вазорати адлия, вазорати андоз, вазорати бехатарӣ.

г) прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорати бехатарӣ, вазорати умури дохилӣ, вазорати андоз, полиси андоз.

д) полиси андоз, вазорати умури дохилӣ, суди Конститутсионӣ.

**18. Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар кунед?**

а) суди Конститутсионӣ, суди ҳакамӣ, суди Олӣ, суди шаҳрӣ.

б) суди Конститутсионӣ, суди Олӣ, суди ҳарбӣ, прокуратура

в) прокуратура, Вазорати умури дохилӣ, суди Конститутсионӣ.

г) суди ВМКБ, суди шаҳри Душанбе, суди вилоят, колхоз, суди вилоятӣ, суди ҳарбӣ.

д) суди Конститутсионӣ, суди Олӣ, суди олии иқтисодӣ, суди ҳарбӣ, суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр ва ноҳияҳо.

**19. Принсипҳои қонуниятро номбар кунед?**

а) вологии қонун, ягонагии қонуният, ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

б) Ҷорӣ кардани назорати қатъӣ аз болои риояи қонуният.

в) вологии қонун, ягонагии қонуният дар миқёси давлат, ҳатмӣ будани талаботи қонуният барои ҳамиштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҷорӣ кардани назорати қатъӣ аз болои риояи қонуният.

г) ягонагии қонуният дар миқёси давлат, ҳатмӣ будани талаботи қонуният, барои ҳалли иштирокчиён муносибатҳои ҳуқуқӣ.

д) вологии қонун, ҷорӣ кардани назорати қатъӣ аз болои риояи қонуният, ягонагии қонуният дар миқёси давлат.

**20. Қонуният чист?**

а) аниқ ва бечунучаро риоя кардани конститутсия.

б) аниқ ва бечунучаро иҷро кардани қонунҳо аз ҷониби ҳамаи гражданиҳо ва ташкилотҳо.

в) риояи конститутсия ва дигар қонунҳое, ки давлат қабул менамояд.

г) аниқ ва бечунучаро иҷро кардани қонунҳои аз ҷониби ҳамаи мақомотҳои давлатӣ, корхонаҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон.

д) ҳамаҷониба риоя намудани кониститутсия ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ.

**21. Прокурори Генералии Тоҷикистонро ки таъин менамояд?**

а) Президент.

б) Президент ва Маҷлиси Олӣ.

в) Президент бо розигии Маҷлиси Олӣ.

г) Ҳукумати ҷумҳурӣ.

д) Маҷлиси олӣ.

**22. Санадҳои прокуратураро номбар кунед?**

а) амри прокурор, эътирози прокурор, пешниҳоди прокурор.

б) амри прокурор, эътирози прокурор, қарори прокурор, пешниҳоди прокурор.

в) қарори прокурор, эътирози прокурор, пешниҳоди прокурор.

г) эътирози прокурор, хулосаи айбдоркунанда, қарори прокурор, амри прокурор, пешниҳоди прокурор.

д) эътирози прокурор, қарори прокурор, пешниҳоди прокурор ва дигар санадҳои дар қонун пешбинишуда.

**23. Киро ба вазифаи суди шаҳр ва ноҳия таъин кардан мумкин?**

а) шахсе, ки синни ӯ аз 20 кам ва 60 зиёд набошад, ҳади ақал 3 соли собиқаи корӣ дошта бошад.

б) шахсе, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 55 зиёд набошад, ҳади ақал 3 соли собиқаи корӣ дошта бошад.

в) шахсе, ки синни ӯ аз 25 кам ва аз 60 зиёд набошад, ҳади ақал 3 соли собиқаи корӣ дошта бошад.

г) шахсе, ки синни ӯ аз 23 кам ва аз 50 зиёд набошад, ҳади ақал 5 соли собиқаи корӣ дошта бошад.

д) шахсе, ки синни ӯ аз 28 кам ва аз 55 зиёд набошад, ҳади ақал 4 соли собиқаи корӣ дошта бошад.

**24. Кадом орган (мақомот) ёрии ҳуқуқиро таъмин мекунад?**

а) суд, адвокатура, прокуратура.

б) адвокатура, суд.

в) адвокатура.

г) ҳукумати маҳаллӣ, суд.

д) прокуратура.

**25. Кӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад?**

а) ҳар як шаҳрванди ҷумҳурии Тоҷикистон: ки забони давлатиро медонад ва дар қаламрави он ҳадди аққал 5 соли охир истиқомат дорад.

б) ҳар шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди аққал 5 соли охир истиқомат дорад ва дар интихобот 2,3 ҳиссаи овозро гирифта бошад.

в) шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнаш аз 35 кам ва аз 65 боло нест, забони давлатиро медонад, камаш 10 соли охир дар Тоҷикистон зиндагӣ карда, дорои ҳуқуқӣ интихоботӣ мебошад ва ба тарафдории бештар аз нисфи интихобкунандагони ширкатварзида овоз дода бошанд.

г) ҳар як шахси аз 30 то 60 сола, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дорад.

д) ҳар як шаҳрванди аз 30 то 60 сола, ки забони давлатиро медонад ва дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди аққал 5 соли охир истиқомат дорад ва аз 2,3 овозро соҳиб гашта бошад.

**26. Ваколатҳои Маҷлиси Олӣ дар кадом моддаҳои конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтаанд?**

а)дар моддаҳои 55, 56, 57.

б)дар моддаҳои 55, 59, 60.

в)дар моддаҳои 50, 55, 57.

г)дар моддаҳои 50, 55, 58.
д)дар моддаҳои 55, 56, 60.

**27. Ба қонунҳои қабул шуда кӣ имзо мекунад?**

а) қонунҳо барои имзо ва интишор намудан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд.

б) қонунҳо барои имзо ва интишор намудан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд.

в) қонунҳо барои имзо ва интишор намудан ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд.

г) қонунҳо барои имзо ва интишор намудан ба Раиси суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд.

д) қонунҳо барои имзо ва интишор намудан ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд.

**28. Агар Президент бо қонун пурра ё қисман розӣ набошад?**

а) агар Президент ба қонун ё қисми аз он розӣ набошад, қонунро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад.

б) агар Президент ба қонун ё қисме аз он розӣ набошад, қонунро дар муддати даҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад.

в) агар Президент ба қонун ё қисме аз он розӣ набошад, қонунро дар муддати чордаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад.

г) агар Президент ба қонун ё қисме аз он розӣ набошад, қонунро дар муддати панҷ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад.

д) агар Президент ба қонун ё қисме аз он розӣ набошад, қонунро дар муддати бист рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бар мегардонад.

**29. Маҷлиси Олӣ дар давраи вазъияти фавқулодда ва ҷанг фаъолият мекунад?**

а) маҷлиси Олӣ дар давраи вазъияти фавқулодда, ҳолати ҷангӣ пароканда намешавад.

б) маҷлиси Олӣ дар давраи вазъияти фавқулодда, ҳолати ҷангӣ пароканда мешавад.

в) маҷлиси Олӣ дар давраи вазъияти фавқулодда амал намекунад.

г) маҷлиси Олӣ дар ҳолати ҷангӣ пароканда намешавад.

д) маҷлиси Олӣ дар давраи вазъияти фавқулодда, ҳолати ҷангӣ фаъолият намекунад.

**30. Кӣ судяи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад?**

а) судяи Суди Конститутсионӣ касе шуда метавонад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад ва беш аз 10 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

б) шахсе шуда метавонад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 55 зиёд набошад ва беш аз 10 сол собиқаи корӣ дошта бошад.

в) шахсе шуда метавонад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад ва беш аз 5 сол собиқаи корӣ дошта бошад.

г) шахсе интихоб шуда метавонад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад ва беш аз 10 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

д) ҳуқуқшиносе интихоб мешавад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад ва беш аз 10 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

**31. Кӣ судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад?**

а) шахсе интихоб мешавад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад ва беш аз 10 сол собиқаи кори касбӣ дошта бошад.

б) ҳуқуқшиносе интихоб ва таъин мешавад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад, ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

в) ҳуқуқшиносе таъин мешавад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад, ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

г) ҳуқуқшиносе интихоб мешавад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад, ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

д) ҳуқуқшиносе шуда метавонад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад ва ҳадди ақал 10 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

**32. Ба кадом мӯҳлат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мешавад?**

а) ба мӯҳлати 5 сол.

б) ба мӯҳлати 6 сол.

в) ба мӯҳлати 7 сол.

г) ба мӯҳлати 4 сол.

д) ба мӯҳлати 10 сол.

**33. Тартиби таъини судяҳои Суди Ҳарбӣ, судҳои ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия чи гуна сурат мегирад?**

а) бевосита аз тарафи халқ интихоб мешаванд.

б) аз тарафи Президент таъин мешаванд.

в) бо пешниҳоди Президент ва аз тарафи маҷлиси Милли интихоб мешаванд.

г) бо пешниҳоди Шӯрои адлия аз тарафи Президент таъин карда мешаванд.

д) бо пешниҳоди вазири адлия, Президент таъин мекунад.

**34. Ба кадом мӯҳлат Вакилони халқи маҷлиси маҳаллӣ интихоб мешаванд?**

а) ба мӯҳлати 2 сол.

б) ба мӯҳлати 4 сол.

в) ба мӯҳлати 5 сол.

г) ба мӯҳлати 6 сол.

д) ба мӯҳлати 10 сол.

**35. Принсипи тақсимоти ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чи асос ёфта аст?**

а) қонунгузор, иҷроия, суд.

б) иҷроия, маҳаллӣ, демократӣ.

в) судӣ, ноҳиявӣ, Президентӣ.

г) қонунгузор, судӣ, парламентӣ.

д) иҷроия, Президентӣ, дунявӣ.

**36. Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна давлат аст?**

а) давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона.

б) давлати соҳибихтиёр, сотсиалистӣ ва дунявӣ.

в) давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ягона.

г) давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд ва федеративӣ.

д) давлати соҳибихтиёр, иҷтимоӣ ва дунявӣ.

**37. Аз номи Тоҷикистон кадом мақомот ҳуқуқи сухан гуфтан дорад?**

а) президент.
б) маҷлиси Олӣ.
в) президент ва Маҷлиси Олӣ.
г) ҳукумат ва Президент.
д) маҷлиси Олӣ, Ҳукумат ва Президент.

**38. Асосҳои бадастдарории шаҳрванди?**

а) таваллуд, фармони Президент.
б) таваллуд, қабул намудан, дар ҳолатҳое, ки шартномаҳои байналхалқӣ пешбинӣ намудаанд.
в) фармон, қабул намудан, баромадан.
г) қабул нашудан, дар ҳолатҳои шартномаҳои байналмиллалӣ пешбинӣ нашудан.
д) паноҳгоҳ ҷустан, таваллуд, дохил шудан.

**39. Деклоратсияи ҳуқуқи башар кай қабул карда шуд?**

а) 10 декабри соли 1948.
б) 10 декабри соли 1952.
в) 20 декабри соли 1972.
г) 10 ноябри соли 1980.
д) 10 декабри соли 1960.

**40. Шаҳрвандӣ чист?**

а) Масъулияти шахс дар назди давлат.
б) Алоқамандии давлат ва шахс.
в) Дар ҳудуди давлат таваллуд шудан.
г) Баробарҳуқуқии шахс ва давлат.
д) Мансубияти шахсро ба ин ё он давлат меноманд.

**41. Дар Тоҷикистон ки баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад?**

а) Маҷлиси Олӣ.
б) Президент.
в) Халқ.
г) Халқ ва Президент.
д) Маҷлиси Олӣ, Ҳукумат.

**42. Маҷлиси Олӣ ба кадом мӯҳлат интихоб карда мешавад?**

а) 4 сол.

б) 3 сол.

в) 6 ё 7 сол.

г) 10 сол.

д) 5 сол.

**43. Ба вазифаи Президент чанд мӯҳлат пай дар пай интихоб шудан мумкин аст?**

а) На бештар аз як мӯҳлат.

б) Бештар аз се мӯҳлат.

в) Доимӣ.

г) Ду мӯҳлат.

д) Бештар аз ду ё се мӯҳлат.

**44. Ваколати Президент кай қатъ мегардад?**

а) Баъд аз савганд ёд кардани Президенти нав.

б) Баъд аз гузаштани мӯҳлати ваколати Президент.

в) Баъд аз интихоб шудани Президенти нав.

г) Баъд аз интихоби Президенти нав.

д) Баъд аз савганд ёд кардани Президенти нав дар Маҷлиси намояндагон.

**45. Оё Президент метавонад вазифаи дигарро иҷро намояд: вакили мақомоти намояндагӣ бошад ё ин ки ба соҳибкорӣ машғул шавад?**

а) Метавонад.

б) Наметавонад.

в) Дар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда метавонад.

г) Бо иҷозати Маҷлиси Олӣ метавонад.

д) Бо салоҳияти худ метавонад дигар вазифаро иҷро кунад ё ба фаъолияти соҳибкорӣ машгул шавад.

**46. Ҳайати Ҳукумати ҷумҳуриро номбар кунед?**

а) Ҳукумати ҷумҳурӣ аз Президент: Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.

б) Ҳукумати ҷумҳурӣ аз Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.

в) Ҳукумати ҷумҳурӣ аз Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.

г) Ҳукумати ҷумҳурӣ аз Сарвазир, муовини якум, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.

д) Ҳукумати ҷумҳурӣ аз Сарвазир, муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.

**47. Ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ аз ҳавзаҳои якмандатӣ чанд вакил бояд интихоб шавад?**

а) 41 нафар.
б) 63 нафар.
в) 50 нафар.
г) 40 нафар.
д) 66 нафар.

**48. Шумораи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ аз ҳисоби ҳизбҳои сиёсӣ?**

а) 20 нафар.
б) 22 нафар.
в) 25 нафар.
г) 15 нафар.
д) 30 нафар.

**49. Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз чанд маҷлис иборат аст?**

а) Аз як маҷлис - Маҷлиси Олӣ.
б) Аз ду маҷлис - Маҷлиси Олӣ ва давлатӣ.
в) Аз се маҷлис - Маҷлиси Олӣ, маҷлиси намояндагон, маҷлиси давлатӣ.
г) Аз ду маҷлис - Маҷлиси Олӣ ва маҷлиси Миллӣ.
д) Аз ду маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон.

**50. Аъзои маҷлиси миллӣ ба мӯҳлати чанд сол интихоб ва таъин карда мешавад?**

а) Ба мӯҳлати 5 сол.
б) Ба мӯҳлати 7 сол.
в) Ба мӯҳлати 4 сол.
г) Бе мӯҳлат.
д) Ба мӯҳлати 3 сол.

**51. Эъломияи дар бораи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон кай қабул шудааст?**

а) 24 августи соли 1990.
б) 9 сентябри соли 1991.
в) 10 октябри соли 1993.
г) 4 октябри соли 1992.
д) 5 октябри соли 1995.

**52. Сохти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна аст?**

а) Федеративӣ.
б) Ягона (унитарӣ).
в) Унитарӣ бо аломатҳои федеративӣ.
г) Конфедеративӣ.
д) Дар конститутсия пешбинӣ шудааст.

**53. Дар Тоҷикистон сарвари Ҳокимияти иҷроя (ҳукумат) ва давлат кӣ мебошад?**

а) Сарвазир ва Президент.
б) Сарвазир.
в) Президент.
г) Раиси Ҳукумат.
д) Раиси Маҷлиси Олӣ.

**54. Воҳидҳои маъмурӣ - ҳудудии Тоҷикистонро номбар намоед?**

а) Шаҳр, ноҳия, вилоят.
б) Вилоят, шаҳр, ноҳия, шаҳрак, (посёлка) ҷамоат.
в) Вилоят, ноҳия, ҷамоат, шаҳрак.
г) Шаҳрак (посёлка), вилоят, ноҳия.
д) Шаҳри тобеъи ҷумҳурӣ, ноҳия, ҷамоат.

**55. Рамзҳои давлатии Тоҷикистонро номбар намоед?**

а) Нишони давлатӣ, парчам, ҳудуд.
б) Нишони давлатӣ, парчам, суруди миллӣ, ҳудуд.
в) Парчам, нишони давлатӣ, суруди Миллӣ.
г) Суруди миллӣ, Президент, ҳудуд.
д) Президент, суруди миллӣ, парчам, Маҷлиси Олӣ.

**56. Муаллифи суруди миллӣ кист?**

а) Гулназар Келдӣ.

б) Лоиқ Шералӣ.
в) Гулназар Келдӣ ва Лоиқ Шералӣ.
г) Мӯъмин Қаноат.
д) Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ.

**57. Судҳои ноҳиявӣ чӣ гуна таъин мешаванд?**
а) Бо пешниҳоди шӯрои адлия аз ҷониби Президент.
б) Бо пешниҳоди Маҷлиси Олӣ аз ҷониби Президент.
в) Аз ҷониби Президент.
г) Аз ҷониби Маҷлиси Олӣ.
д) Аз ҷониби халқ.

**58. Шаклҳои демократияро номбар кунед?**
а) Бевосита, намояндагӣ.
б) Бевосита.
в) Намояндагӣ.
г) Мутлақ.
д) Халқӣ, бевосита, намояндагӣ.

**59. Мӯҳлати ваколати прокурори вилоят?**
а) 8 сол.
б) 4 сол.
в) 5 сол.
г) 5-10 сол.
д) 10 сол.

**60. Мӯҳлати ваколати судяҳои шаҳрӣ?**
а) 2 сол.
б) 8 сол.
в) 10 сол.
г) 5 сол.
д) 12 сол.

**61. Суди Конститутсионӣ ба кадом навъи ҳокимият дохил мешавад?**
а) Ҳокимияти иҷроия.
б) Ҳокимияти иҷроия ва судӣ.
в) Ҳокимияти судӣ.
г) Ҳокимияти қонунбарорӣ.
д) Ҳокимияти намояндагӣ.

**62. Ҳайати Суди Конститутсионӣ аз чанд нафар иборат аст?**

а) 4 нафар.

б) 6 нафар.

в) 11 нафар.

г) 7 нафар.

д) 9 нафар.

**63. Адолати судиро кадом мақомот ба амал мебарорад?**

а) Вазорати адлия.

б) Суд.

в) Суд ва прокуратура.

г) Вазорати амнияти миллӣ, суд.

д) Адвокатура, суд.

**64. Мурофиаи судӣ ба кадом забонҳо баргузор мегардад?**

а) Русӣ, тоҷикӣ, узбекӣ.

б) Тоҷикӣ, ӯзбекӣ.

в) Бо забони давлатӣ, русӣ.

г) Бо забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии маҳал.

д) Бо дониши тарафҳо бо забони давлатӣ ё русӣ.

**65. Намудҳои ҷазоҳои асосӣ?**

а) ҷарима, ҳабс, ҷазои қатл, мусодираи амвол.

б) ҷарима, штраф, ҳабс, ҷазои қатл.

в) корҳои ислоҳи меҳнатӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд намудани озодӣ, ҳабс, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷазои қатл.

г) ҷазои қатл, ҳабс, бадарга аз ҷои муайян, бадарға ба ҷои муайян, ҳабс, танбеҳи ҷамъиятӣ.

д) маҳрум сохтан аз озодӣ, танбеҳи ҷамъиятӣ, ҷарима, ҳабс, огоҳӣ.

**66. Ки Раиси Суди Олии Иқтисодӣ шуда метавонад?**

а) Ҳамон касоне, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

б) Ҳуқуқшиносе интихоб ва таъин мешавад, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад, ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

в) Ҳуқуқшиносе, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

г) Ҳуқуқшиносе, ки синни ӯ аз 30 кам ва аз 60 зиёд набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

**67. Маҷлиси Олӣ ба чанд маҷлис тақсим мешавад?**

а) ба 4 маҷлис.
б) ба 1 маҷлис.
в) ба 3 маҷлис.
г) ба 3 ё 4 маҷлис.
д) ба 2 маҷлис.

**68. Раисони Вилоят, шаҳр ва ноҳияҳоро кӣ таъин ва озод мекунад?**

а) Маҷлиси Олӣ.
б) Сарвазир.
в) Раиси Суди Конститутсионӣ.
г) Ҳукумат.
д) Президент.

**69. Мӯҳлати ваколати судяҳои шаҳрӣ?**

а) 2 сол.
б) 8 сол.
в) 10 сол.
г) 5 сол.
д) 12 сол.

**70. Асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистонро номбар кунед?**

а) Низоми сиёсӣ ва иқтисод.
б) Низоми иҷтимоӣ.
в) Низоми иқтисодӣ.
г) Низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, асосӣ, сохти иҷтимоӣ ва маданӣ.
д) Низоми сиёсӣ ва маданӣ.

**71. Шаҳрванд кай ба хизмати ҳарбӣ даъват карда мешавад?**

а) То рӯзи даъват синаш ба 18 расида.
б) Баъди 18 солагӣ.
в) Аз 20 солагӣ.

г) Аз 17 солагӣ.
д) Аз 19 солагӣ.

**72. Таърихи қабули Конститутсияҳо дар Тоҷикистон?**

а) 1922, 1929, 1936, 1977, 1993.
б) 1924, 1929, 1931, 1937, 1992.
в) 1930, 1937, 1954, 1977, 1994.
г) 1929, 1931, 1937, 1978, 1994.
д) 1927, 1931. 1938, 1976, 1994.

**73.Кӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад?**

а) Шахсе, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

б) Ҳар шахсе, ки мехоҳад шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шавад.

в) Шахсоне, ки зиёда аз 188 рӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ менамояд.

г) Шахсе, ки то қабули Конститутсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

д) Шахсоне, ки тоҷик ҳастанду ва берун аз марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд.

**74. Пойтахти Тоҷикистонро муайян кунед?**

а) Душанбе.
б) Кӯлоб.
в) Хоруғ.
г) Хуҷанд.
д) Қурғонтеппа.

**75. Оё ғасби ҳокимият мумкин аст?**

а) Мумкин аст.
б) Мумкин нест.
в) Ин ҷиноят аст.
г) Ғасби ҳокимият вазнинтарин ҷиноят аст.
д) Ин ҷинояти давлатии махсусан хавфнок мебошад.

**76. Дар Тоҷикистон кадом мафкура ба ҳайси мафкураи давлатӣ баромад мекунад?**

а) Ҳеҷ як мафкура, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад.

б) Ҳеҷ як мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад.

в) Ҳеҷ як мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ ва ҳизбӣ, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад.

г) Ҳеҷ як мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад.

д) Ҳеҷ як мафкура, ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намешавад.

**77. Оё ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд?**

а) Ҳа.
б) Не.
в) Вобаста ба маҳал.
г) Вобаста ба дин.
д) Вобаста ба ҷинс.

**78. Мавқеи мард ва зан дар қонун чи гунааст?**

а) Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.
б) Мардон ва занон дар оила баробарҳуқуқанд.
в) Мардон ва занон дар кор баробарҳуқуқанд.
г) Мардон ва занон баробарҳуқуқанд, ҳангоми меросгирӣ.
д) Мардон ва занон баробарҳуқуқ нестанд.

**79. Дар кадом ҳолат шахс гунаҳгор ҳисобида мешавад?**

а) Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

б) Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо накардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

в) Ҳеҷ кас то эътибори қонунии ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

г) Ҳеҷ кас бо ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

д) То эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста мешавад.

**80. Оё ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб намудан мумкин аст?**

а) Ҳар кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

б) Ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб кардан мумкин нест.

в) Ҳама ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда мешаванд, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

г) Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

д) Ҳар кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад.

**81. Дар кадом корҳо истифодаи меҳнати занон ва ҷавонон манъ аст?**

а) Дар корҳои зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок.

б) Дар корҳои вазнин ва шароити меҳнаташон зарарнок.

в) Дар корҳои вазнин, сабук, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок.

г) Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон хатаранок.

д) Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок.

**82. Оё надонистани қонун аз ҷавобгарӣ озод менамояд?**

а) Надонистани қонун ҷавобгариро истисно мекунад, агар шахсе китоб хонда натавонад.

б) Надонистани қонун ҷавобгариро манъ намекунад.

в) Надонистани қонун ҷавобгариро осон мекунад.

г) Надонистани қонун ҷавобгариро истисно мекунад.

д) Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад.

**83. Интихоботи Маҷлиси намояндагон ба кадом принсипҳо асос меёбад?**

а) Ба таври умумӣ, нобаробар, ғайримустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ.

б) Ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ.

в) Ба таври умумӣ, баробар, мустақим.

г) Ба таври умумӣ, баробар, ва бо овоздиҳии пинҳонӣ.

д) Ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии ошкоро.

**84. Боби даҳуми Конститутсия ба кадом масъала бахшида шудааст?**

а) Тартиби тағйири Конститутсия.

б) Ба Суд.
в) Ба Ҳукумат.
г) Ба Президент.
д) Ба ҳокимияти маҳаллӣ.

**85. Ҳуқуқи гражданӣ чист?**
а) Соҳаи мустақили ҳуқуқ.
б) Маҷмӯи меъёрҳои бо қонун пешбинишуда.
в) Маҷмӯи меъёрҳое, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкиро танзим менамояд.
г) Меъёрҳое, ки аз ҷониби аҳолӣ қабул шудаанд.
д) Соҳаи ягонаи ҳуқуқ.

**86. Қобилияти ҳуқуқдорӣ кай барҳам мехурад?**
а) Баъди таваллудӣ.
б) Баъди ба синни нафақа расидан.
в) Баъди марҳум шудан аз озодӣ.
г) Баъди марг.
д) Баъди ба болиғ расидан, яъне 18 солагӣ.

**87. Шахси ҳуқуқӣ чист?**
а) Ташкилотҳои шахсӣ, ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар моликият, тасарруфи хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият доранд, метавонанд аз номи худ баромад намоянд, ӯҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошанд.
б) Ташкилотҳое, ки молу мулки алоҳида доранд ва ба мақомотҳои болоии ҳуқуқӣ муроҷиат кардан доранд.
в) Ташкилотҳое, ки ҳуқуқи аҳд ва шартнома бастан доранд.
г) Корхонаҳое, ки ҳуқуқҳои шахсию молумулкӣ доранд.
д) Ташкилотҳое, ки молу мулки алоҳида доранд, аз номи худ ба суд ё судҳои ҳакамӣ муроҷиат менамоянд.

**88. Фанни ҳуқуқи гражданиро кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад?**
а) Соҳаи мустақили ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
б) Муносибатҳои молу мулки ва ғайри молу мулкиро ба танзим медарорад.

в) Соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

г) Соҳаи мустақили ҳуқуқиест, ки муносибатҳои молу мулкиро байни шаҳрвандон ба танзим медарорад.

д) Соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, муносибатҳои молу мулкӣ ва ғайри молу мулкиро байни аъзоёни ҷамъият ба танзим медарорад.

**89. Объекти муносибатҳои шахсии ғайри молу мулкӣ?**

а) Ҳуқуқи муаллиф, ному насаб, шаъну шараф ва ғайра.

б) Шаъну шараф, дахлнопазирии шахсӣ, репутатсия ва ғайра.

в) Ҳаёт ва саломатӣ, ному насаб, ҳуқуқи муаллиф, дахлнопазирии шахсӣ, шаъну шараф ва эътибори корӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ.

г) Ҳуқуқи муаллиф, шаъну шараф ва репутатсияи шаҳрванд ва муассиса.

**90. Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи маданӣ.**

а) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 1 ва 2 Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун дар бораи хусусигардонӣ ва ғайридавлатӣ гардонии моликият ва ғайраҳо.

б) Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси манзилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

в) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодабарии воситаҳо.

г) Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Устави роҳи оҳан.

д) Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

**91. Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандӣ чист?**

а) Қобилияти соҳиби ҳуқуқ буда.

б) Қобилияти бо амалҳои худ ба даст даровардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳо.

в) Қобилияти соҳиби ҳуқуқ ва вазифаҳои асосӣ будан.

ғ) Қобилияти дар муносибатҳои ҷаъмиятӣ иштирок кардан.

д) Қобилияти доштани ҳуқуқу ӯҳдадории гражданӣ.

**92. Қобилияти амалкунии шаҳрвандӣ чист?**

а) Қобилияти шаҳрванд барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи гражданӣ, барои худ муқаррар намудани ӯҳдадорӣ ва иҷро намудани онҳо.

б) Қобилияти соҳиби ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо будан.

в) Қобилияти ба ҳаракатҳои худ ба даст овардани моликият.

г) Қобилияти бастани шартномаҳо.

д) Қобилияти ба ҳаракатҳои худ ба даст овардани ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ғайраҳо.

**93. Ҳуқуқи моликият чист?**

а) Ҳуқуқи доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани натиҷаҳои меҳнат.

б) Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳоро оиди таалуқдории неъматҳои модди ба субъектҳои мушахас мустаҳкам ва танзим менамояд.

в) Маҷмӯи нормаҳое, ки моликиятро аз таҷовузи дигарон ҳифз менамояд.

г) Ҳуқуқ ба хона, пул, мол, зару зевар ва ғайра.

**94. Хусусигардонӣ (привитизатсия) чист?**

а) Молу мулки давлатро ба моликияти хусусӣ гардондан.

б) Молу мулки давлатро аз они худ кардан.

в) Молу мулки давлатро мувақатан барои истифодабарӣ гирифтан.

г) Харидани молу мулки давлатӣ (корхона, бино, иншоот ва ғайра) ва ба моликияти хусусӣ табдил додани онҳо.

д) Муваққатан соҳибӣ кардани молу мулки давлатӣ.

**95. Ӯҳдадорӣ чист?**

а) Ин муносибатест, ки шахс ӯҳдадор аст, ки ба фоидаи шахси дигар амали муайянеро ба ҷо оварад.

б) Ин чунин муносибати ҳуқуқ аст, ки шахс ӯҳдадор аст, ба фоидаи шахси дигар амалеро иҷро намояд.

в) Созиши ду шахс оид ба амали муайян мебошад, ки аз тарафи меъёри ҳуқуқ ба танзим андохта шудаанд.

г) Муносибати ҳуқуқиест, ки як шахс (қарздор) ӯҳдадор аст, ки ба фоидаи шахси дигар (кредитор) амали муайянеро ба ҷо оварад ё аз иҷрои амалиёти муайяне худдорӣ кунад.

д) Ин чунин муносибати ҳуқуқиест, ки як шахс (қарздор) ӯҳдадор аст, ки ба фоидаи шахси дигар (кредитор) амали муайянеро ба ҷо оварад (чунончӣ молу мулкро супорад, корро иҷро кунад, пул диҳад), ё аз иҷрои амалиёти муайян худдорӣ кунад, кредитор бошад ҳақ дорад аз қарздор иҷрои ӯҳдадории онро талаб кунад.

**96. Шартнома чист?**

а) Шартнома - созиши ду ё якчанд шахсро меноманд, ки барои муқаррар кардан, тағйир ёфтан ё қатъ гардидани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандӣ равона карда шудааст.

б) Созиши байни давлат ва шаҳрвандонро шартнома меноманд.

в) Созиши ду ё якчанд шахсро, ки боиси пайдоиши ӯҳдадориҳо гаштааст.

г) Муносибати ду ё якчанд шахсро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим андохта шудаанд.

д) Созиши ду ё якчанд шахсро, ки боиси пайдоиши ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо гаштаанд.

**97. Аҳд чист?**

а) Амали шаҳрвандон, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ иҷозат дода шудаанд.

б) Амали шаҳрвандон ва ташкилотҳо, ки барои вуҷуд омадан: тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гражданӣ равона карда шудааст.

в) Амале, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир додан ва ё қатъ намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гражданӣ шудаанд.

г) Амали шаҳрвандон ва ташкилотҳо, ки барои ба вуҷуд омадан, аз байн бурдан ё тагир додани ҳуқуқи моликият гаштаанд.

д) Амали бо қонун иҷозат дода шуда.

**98. Ҳуқуқи оилавӣ чист?**

а) Соҳаи мустақили ҳуқуқ.

б) Фанни таълимӣ ва илмӣ.

в) Соҳаи илмӣ ҳуқуқ ва қонун.

г) Муносибатҳои молу мулкиро байни волидайн ва фарзандон таъмин менамояд.

д) Маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки муносибатҳои гуногунро байни зану шавҳар, волидон ва фарзандон танзим менамояд.

**99. Никоҳ чист?**

а) Иттифоқи ихтиёрии зану мард: оиди шудани оила.

б) Иттифоқи ихтиёрӣ ва озодонаи зану мард: ҳуқуқан расмикунонда шудааст, ки мақсадаш барпо намудани оила ва нисбати тарафҳо ба вуҷуд овардани ҳуқуқу вазифаҳои шахсӣ ва молумулкӣ мебошад.

в) Иттифоқи ихтиёрӣ ва озодонаи зану мард, ки мақсадаш барпо намудани оила мебошад ва таваллуди фарзанд.

г) Иттифоқи озодонаи зану мард оиди ба вуҷуд овардани ҳуқуқу вазифаҳои шахсӣ ва молумулкӣ мебошад.

д) Иттифоқи ихтиёри зану мард: ҳуқуқан расмикунонда шудааст, ки мақсадаш барпо намудани оила мебошад.

**100. Дар кадом мақомот никоҳ ба қайд гирифта мешавад?**

а) Дар суд.

б) Дар вазорати адлия.

в) Дар САҲШ (ЗАГС).

г) Дар суд, ҳукумати маҳал.

д) Дар масҷид, калесо, САҲШ (ЗАГС).

**101. Шартҳои даромадан ба никоҳ.**

а) Розиғии тарафайн: ба синну соли никоҳӣ расидани тарафҳо.

б) Розигии тарафайн: розигии падару модари тарафҳо. Ба синну соли никоҳӣ расидани тарафҳо.

в) Розиғии мақомоти ба қайд гирифтани акди никоҳӣ, ҷой надоштани монеъҳои акди никоҳ.

г) Розигии тарафайн: ба синну соли никоҳӣ расидани тарафайн: ҷой надоштани монеъаҳои акди никоҳ.

д) Розигии тарафайн: ба синну соли никоҳӣ расидани тарафҳо: додани қалин.

**102. Шатрҳое, ки монеъаи бастани ақди никоҳанд?**

а) Яке аз тарафҳо дар никоҳи дигаранд: розӣ набудани волидайн.

б) Хешони наздик: номукаллафӣ.

в) Надоштани молумулки муайян: шаҳрванди хориҷӣ будан.

г) Шаҳрванди хориҷӣ будан: хешони наздик: номукаллафӣ.

д) Яке аз тарафҳо дар никоҳи дигаранд: хешони наздик: ғайри қобили амал донista шуда.

**103. Ҳуқуқ ва вазифаҳои шахсии ҳамсарон?**

а) Ҳуқуқ ба интихоби насаб: интихоби машгулиятҳо: касбу ихтисос ва ғайра.

б) Ҳуқуқ ба интихоби насаб: интихоби машғулиятҳо: касбу ихтисос: ҷои истиқомат: тарбия ва таълими фарзандон.

в) Ҳуқуқ ба интихоби машғулиятҳо: касбу ихтисос: ҷои истиқомат ва ғайра.

г) Тарбияи фарзандон: интихоби машғулиятҳо: касбу кор ва ғайра.

д) Ҳуқуқ ба интихоби насаб: интихоби касбу ихтисос.

**104. Чи гуна кӯдаконро ба фарзандӣ қабул намудан мумкин аст?**

а) Кӯдаконе, ки волидайнашон имконияти моддӣ надорад, сағир.

б) Кӯдаконе, ки яке аз волидайнашон дар маҳкама.

в) Бепарасторон, маъюбон.

г) Сағир (бепарастор), кӯдаконе, ки аз тарбияи онҳо волидайн рӯй гардондааст ва ё аз ҳуқуқи волидайн маҳрум гаштаанд.

д) Сағирон, маъюбон, номукаллафон.

**105. Синну соли никоҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон?**

а) 15 солагӣ.

б) 19 солагӣ.

а) 18 солагӣ.

г) 17соланӣ.

д) 21 солагӣ.

**106. Ҳолатҳои қатъ гардидани никоҳ дар суд?**

а) Розигии тарафҳо, мавҷуд будани кӯдаки ноболиғ.

б) Норозигии яке аз ҳамсар, ҷой доштани баҳси молу мулкӣ, мавҷуд будани кӯдаки ноболиг.

в) Розигии тарафҳо, мавҷуд будани кӯдаки ноболиғ.

г) Баҳси молу мулкӣ, мавҷуд будани кӯдаки ноболиғ.

д) Розигии тарафҳо, баҳси алиментӣ, кӯдаки ноболиғ.

**107. Кадом вақт додани алимент қатъ мегардад?**

а) 16 солагӣ.

б) 12 солагӣ.

в) 17 солагӣ.

г) 18 солагӣ.

д) 19 солагӣ.

**108. Муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро кадом кодекс ба танзим медарорад?**

а) Кодекси гражданӣ ва кодекси оид ба никоҳ ва оила.

б) Кодекси гражданӣ.

в) Кодекси ҷиноятӣ.

г) Кодекси оила.

д) Кодекси мурофиавии гражданӣ.

**109. Ҳуқуқи меҳнатӣ чист?**

а) Соҳаи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

б) Фанни таълимӣ.

в) Соҳаи омехтаи ҳуқуқ.

г) Маҷмӯи меъёрҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятии меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқамандро танзим менамояд.

д) Муносибатҳои ҷамъиятии бо қонун пешбинишуда.

**110. Прогул чист?**

а) Як моҳ ба кор набаромадан.

б) Бо сабаби бемори ба кор наомадан.

в) Аз кор худсарона баромада рафтан.

г) 3 соат дар давоми рӯз дар кор набудан.

д) Ба кор 3 рӯз наомадан.

**111. Тарафҳои шартномаи меҳнатӣ?**

а) Коллективи меҳнатӣ ва маъмурият.

б) Коркун ва иттифоқи касаба.

в) Коргар ва хизматчӣ, корхона, муассиса ва ташкилот.

г) Соҳибкор ва давлат.

д) Корфармо ва коркун.

**112. Сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ?**

а) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун ва актҳои зерқонунӣ ва ғайра.

б) Конститутсия, фармонҳои Президент, актҳои ҳукумат ва ғайра.

в) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси қонунҳои оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

г) Қонун «Дар бораи шуғли аҳолӣ», «Дар бораи маориф». Устави намунавии колхоз ва ғайра.

д) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси Меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун «Дар бораи шуғли аҳолӣ», Фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат, оиномаҳо, шартномаи коллективӣ ва созишномаҳо ва ғайра.

**113. Кодекси Меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон кай қабул карда шудааст?**

а) 15 майи соли 1997.

б) 15 майи соли 1998.

в) 15 майи соли 1999.

г) 15 майи соли 2000.

д) 15 сентябри соли 1999.

**114. Чораҳои ҳавасмандгардонии меҳнат?**

а) Эълони раҳматнома, додани мукофот, сарфароз гардонидан бо орденҳо.

б) Эълони раҳматнома, додани мукофотҳои пулӣ, орден ва медал.

в) Ифтихорнома, раҳматнома, инъомҳои пулӣ ва молӣ.

г) Додани мукофотҳои пулӣ, раҳматнома, ифтихорнома.

д) Эълони раҳматнома, додани мукофот, мукофотонидан бо тӯҳфаи пурқимат, сарфароз гардонидан бо ифтихорнома, навиштани ном дар Лавҳаи ифтихор, дар Дафтари ифтихор.

**115. Намудҳои ҷавобгарии интизомӣ?**

а) Аз рӯи устав, умумӣ.

б) Аз рӯи тобеъият, махсус, умумӣ.
в) Умумӣ, аз рӯи устав, аз рӯи қонун.
г) Махсус, аз рӯи устав, аз рӯи қонун.
д) Умумӣ, махсус.

**116. Корпартоӣ чист?**

а) Талаботи иқтисодию сиёсӣ.
б) Ин охирин чораи ҳаллу фасли баҳси меҳнатӣ буда бо қарори аз се ду ҳиссаи кормандон ё аз се ду ҳиссаи вакилони конференсия ҷорӣ карда мешавад ва пурра ва ё қисман қатъ гардидани кор мебошад.
в) Қисман қатъ гардидани фаъолияти истеҳсолот.
г) Пурра қатъ гардидани фаъолияти истеҳсолот.
д) Ба кор ҳозир нашудани коргарон.

**117. Ҳуқуқи соҳибкорӣ чист?**

а) Соҳаи комплексии ҳуқуқ аст.
б) Соҳаи мустақили ҳуқуқ.
в) Фанни таълимӣ.
г) Маҷмӯи меъёҳое,ки муносибати ҷамъиятиеро,ки аз фаъолияти соҳибкори бармеоянд танзим менамоянд.
д) Маҷмӯи меъёрҳои аз тарафи давлат қабул гардидаанд.

**118. Фаъолияти соҳибкорӣ бо қарори ки қатъ гардонида мешавад?**

а) Прокурор.
б) Милиса.
в) Суд.
г) Соҳибкор ва суд.
д) Ҳокимияти маҳаллӣ.

**119. Ба фаъолияти соҳибкорӣ аз чанд солагӣ машғул шудан мумкин аст?**

а) Аз 14 солагӣ.
б) Аз 17 солагӣ.
в) Аз 10 солагӣ.
г) Аз 15 солагӣ.
д) Аз 18 солагӣ.

**120. Кихо ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда наметавонанд?**

а) Кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, кормандони мақомоти андоз, кормандони мақомотҳое, ки ба функсияи онҳо бақайдгирӣ ва назорат аз болои фаъолияти соҳибкорӣ дохил аст ва ғайра.

б) Кормандони милиса, суд, прокуратура, муаллимон ва ғ.

в) Кормандони мақомоти андоз, Вазирон ва ҷонишинҳои онҳо, муаллимон, шаҳрвандони хориҷӣ.

г) Кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, кормандони мақомоти андоз, судяҳо, милисаҳо ва духтурон.

д) Кормандони мақомотҳое, ки ба функсияи онҳо бақайдгирӣ ва назорат аз болои фаъолияти соҳибкорӣ дохил аст, духтурон, милисаҳо соҳибони воситаҳои нақлиёт.

**121. Ҷиноят чист?**

а) Ҷиноят кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) гунаҳгорона содир шудааст бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда, дар зери таҳдиди ҷазо қарор ёфта мебошад.

б) Ҷиноят кирдори ба ҷамъият хафнок аст.

в) Ҷиноят кирдорест, ки лоиқи ҷазост.

г) Ҷиноят кирдори зиддиҳуқуқиест, ки ба ҷамъият хафнок аст.

д) Ҷиноят кирдори гунаҳгорона содир шаванда мебошад.

**122. Субъектони ҷавобгарии ҷиноятӣ?**

а) Шахсони ҷисмонӣ ва юридикӣ.

б) Шахсони ба синни 14 солагӣ расида, давлат.

в) Шахси юридикӣ, шахси ҷисмонии ба синни 18 солагӣи расида.

г) Шахси ҷисмонии ба синни 12 солагӣ расида.

д) Шахси ҷисмонии мукаллафи ба синни 16 солагӣ расида, дар баъзе ҳолатҳо аз 14 ва 18 солагӣ.

**123. Шаклҳои гуноҳ?**

а) Қасд, мақсад, ангеза.

б) Қасдан (бевосита ё бавосита), беэҳтиётӣ (худбоварӣ ё бепарвоӣ).

в) Беэҳтиётӣ, худбоварӣ, бепарвоӣ, ангеза.

г) Қасдан, бевосита, бавосита, алтернативӣ, номуайян.

д) Қасдан, беэҳтиётӣ, ангеза, мақсад, ҳаяҷон.

**124. Назаряҳои асоси ба вуҷудоии давлат ва ҳуқуқ?**

а) назарияи теологӣ, назарияи патриархалӣ, назарияи шартномавӣ, назарияи зӯрӣ, назарияи психологӣ, назарияи нажодӣ, назарияи материалистӣ.

б) назарияи теологӣ, назарияи материалистӣ, назарияи лелинӣ.

в) назарияи марксистӣ, назарияи нажодӣ, назарияи шартномавӣ, назарияи шарқӣ, назарияи ғарбӣ.

г) назарияи нажодӣ, назарияи шартномвӣ, назарияи психологӣ, назарияи буржуазӣ.

д) назарияи марксистӣ, назарияи теологӣ, назарияи патриархалӣ.

**125. Шаклҳои давлат?**

а) унитарӣ, федеративӣ, ДММ.

б) шакли идоракунӣ, Прездентӣ, парламентӣ.

в) шакли сохти давлатӣ, шакли идоракунӣ, Ҷумҳурии Президентӣ.

г) режими сиёсӣ, монархӣ, феодалӣ, буржуазӣ.

д) шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ, режими сиёсӣ.

**126. Шаклҳои идоракуни давлат?**

а) монархияи, парламентӣ, монархияи конститутсионӣ.

б) ҷумҳурии презденті, монархияи, конститутсионӣ.

в) монархия, республика (ҷумхуриявӣ).

г) демократӣ, коммунистӣ, фашистӣ.

д) ҷумҳуриявӣ, монархияи табақавӣ намояндагӣ.

**127. Шаклҳои сохти давлат?**

а) унитарӣ, федеретивӣ, конфедеративӣ.

б) конфедеративӣ, ҷумҳуриявӣ, унитарӣ.

в) унитарӣ, парламетӣ, конститутсионӣ.

г) конститутсионӣ, федеративӣ, қонунӣ.

д) федеративӣ, конфедеративӣ, омехта.

**128. Намудҳои асосии мақомотҳои давлатӣ?**

а) қонунгузор, иҷроия, суд.

б) Президент, ҳукумат, вазорати маориф.
в) судӣ, қонунгузор, намояндагӣ.
г) маҷлиси Олӣ, президиум, ҳукумат.

**129. Функсияҳои давлат?**
а) иқтисодӣ, сиёсӣ.
б) дохилӣ, берунӣ.
в) дохилӣ, сиёсӣ.
г) ҳарбӣ, берунӣ.
д) берунӣ, қонунгузор.

**130. Таркиби меъёрҳои ҳуқуқ.**
а) санксия, мундариҷа, диспозитсия.
б) гипотеза, муқаддима, санксия.
в) гипотеза, диспозитсия, санксия.
г) мафҳум, функсия, санксия.
д) гипотеза, санксия, императивӣ.

**131. Низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон?**
а) Ҳуқуқи конститутсонӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва ғайра.
б) Ҳуқуқи конститутсионӣ, криминалистика, криминалогия, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи молиявӣ ва гайра.
в) Ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба маълумот, ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ, ҳуқуқи маданӣ.
г) Ҳуқуқ ба муоинаи тиббӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, экологӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи маданӣ ва гайра.
д) Ҳуқуқи аграрӣ, ҳуқуқи хусусӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва гайра.

**132. Намудҳои фактҳои юридикӣ?**
а) ҳуқуқи гайрӣ, ҳуқуқӣ.
б) актҳои ҳуқуқӣ, рафторҳои ҳуқуқӣ.
в) аҳд, шартнома, марг.
г) ҳодиса, ҳаракат.
д) барҳам хӯрдани шахси юридикӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ.

**133. Ҷавобгари ҳуқуқӣ гуфта чиро меноманд?**
а) маҷбукуни давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифа.

б) ичро кардани ӯҳдадориҳо аз ҷониби ҳуқуқвайронкунандагон дар таҳти маҷбурияти давлат.

в) иҷро кардани ӯҳдадории шаҳрвандон дар зери назорати давлат.

г) маҷбуркунии давлатӣ ҳангоми ба амал баровардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гражданӣ.

д) татбиқи чораҳои давлатӣ барои шаҳрвандон.

**134. Функсияи давлат чист?**

а) самтҳои фаъолияти давлат мебошад.

б) самтҳои фаъолияти давлат оид ба амал баровардани вазифаҳои он мебошад.

в) самтҳои фаъолияти давлат ки барои амалӣ гардонидани вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологӣ равона карда шудаанд.

г) вазифаҳои давлат оид ба амал баровардани функсияҳои дохилии он мебошад.

д) вазифаҳои давлат оид ба қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият мебошад.

**135. Референдум чист?**

а) иштирок дар корҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ.

б) интихоб шудан ва интихоб гардидан дар мақомотҳои давлатӣ.

в) иштироки озодона дар интихобот маҷлису гирдиҳамоиҳо.

г) ин овоздиҳӣ аз рӯи масъалаҳои муҳими ҳаёти давлатӣ ба ҷамъият бори охир ифодаи иродаи умумӣ.

д) бевосита иштирок варзидан дар корҳои давлатӣ.

**136. Вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд?**

а) Ҳифзи Ватан, табиат, ҷамъият, давлат, маданият, фарҳангӣ, иқтисодӣ, моликият, ҷомеа ва ғайра.

б) Ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, маданӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, додани андоз ва ғайра.

в) Ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, моликият, ҷомеа ва гайра.

г) Ҳифзи Ватан, гирифтани маълумоти умумӣ, ба ҷо овардани хизмати ҳарбӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

# МУНДАРИЧА


Мукадима........................................................................ 3

**МАВЗӮИ 1**. Назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳамчун илм.................. 5

Мафҳум моҳият ва навъҳои таърихии давлат ва ҳуқуқ............ 5

1. Мафҳум, предмет, метод, вазифа ва робитаи назарияи давлат ва ҳуқуқ бо дигар илмҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ................ 5

2. Ҳаёти иҷтимоии ҷамъиятҳо то пайдоиши давлат ва зарурияти пайдоиши давлат........................................................ 8

3. Мафҳум, қонуниятҳои пайдоиш, зарурияти таърихӣ ва нишонаҳои давлат.............................................................. 10

4. Назарияҳои ҳуқуқ ва қонуниятҳои пайдоиши он................ 14

**МАВЗӮИ 2.** Давлати ҳуқуқбунёд ............................................. 19

1. Давлати ҳуқуқбунёд: таърих ва замони муосир. Мафҳум, аломатҳо ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ.................................... 19

2. Шаклҳои идоракунии давлат .................................................. 22

3. Режими сиёсии давлат, давлат дар низоми сиёсии ҷомеа....... 24

**МАВЗӮИ 3**. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муносибатҳо ва низоми ҳуқуқӣ.......................................................................................... 29

1. Мафҳум, аломатҳо, намудҳо ва сохти меъёрҳои ҳуқуқ.......... 29

2. Қонунҳо, Қонунэҷодкунӣ ва тафсири ҳуқуқӣ........................ 33

3. Мафҳум субъект ва мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ............. 37

4. Мафҳум ва асосҳои ташкили низоми ҳуқуқ............................ 42

5. Низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, низоми илмҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи омма ва ҳуқуқи хусусӣ.......................................................... 43

**МАВЗӮИ 4.** Асосҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар ҷомеаи шаҳрвандӣ............................. 47

1. Мафҳум, сарчашма, хусусият ва муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ.............................................................................. 47

2. Мафҳум ва принсипҳои асосии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд........................................................................................ 53

3. Қонунгузорӣ дар бораи шаҳрвандӣ....................................... 55

**МАВЗӮИ 5.** Сохтори давлатӣ ва асосҳои ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ........................................ 60

1. Мафҳуми сохтори марзию маъмурӣ, таъинот ва принсипҳои он.............................................................................. 60

2. Мафҳуми низом ва ҳуқуқи интихобот................................ 61

3. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.... 64

**МАВЗӮИ 6.** Ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ................ 69

1. Мафҳум, сарчашма, субъект ва объектҳои ҳуқуқи гражданӣ.......................................................................... 69

2. Аҳдҳо: Ҳуқуқи моликият ҳуқуқи мерос, шартнома ва ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ............................................ 73

**МАВЗӮИ 7.** Асосҳои ҳуқуқи оилавӣ.......................................... 91

1. Мафҳум ва принсипҳои ҳуқуқи оила..................................... 91

2. Ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳамсарон................................................ 94

3. Қатъ гардидани никоҳ, фарзандхонӣ.................................... 96

**МАВЗӮИ 8.** Асосҳои ҳуқуқи меҳнатӣ.......................................... 102

1. Мафҳум предмет ва сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат................ 102

2. Шартномаи меҳнатӣ, вақти истироҳат, танзими ҳуқуқии музди меҳнат......................................................................... 105

3. Интизоми меҳнат ва ҷавобгарии интизомӣ........................... 114

**МАВЗӮИ 9.** Асосҳои ҳуқуқи молиявӣ......................................... 119

1. Мафҳум ва мавзӯи ҳуқуқи молиявӣ....................................... 119

2. Мафҳум ва намудҳои меъёрҳои молиявӣ- ҳуқуқӣ.................. 121

3. Тавсифи умумии соҳа, фаслҳои ҳуқуқӣ- молиявӣ................. 123

**МАВЗӮИ 10.** Асосҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ.................................. 126

1. Ҳуқуқи соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ ва қатъ шудани фаъолияти соҳибкорӣ............................................................ 126

2. Объектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва масъалаҳои ҳуқуқии таъмини рақобат..................................................................... 131

3. Шаклҳои ба амалбаровардани ҳуқуқи соҳибкорӣ................. 136

**МАВЗӮИ 11.** Асосҳои ҳуқуқи гумрук........................................ 139

1. Қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми ҳуқуқи гумрук, предмет ва муносибатҳои ҳуқуқи гумрук......... 139

2. Сарчашма, субъект ва низоми ҳуқуқии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................. 142

3. Ҳамкории ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ................................ 149

**МАВЗӮИ 12.** Асосҳои ташкил ва фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ.......................................................................... 151

1. Нақши фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................ 151

2. Ҳокимияти судӣ, низом ва нақши он..................................... 152

3. Мақомоти прокурорӣ........................................................... 160

4. Адвокатура.......................................................................... 164

5. Мақомоти корҳои дохилӣ.................................................... 168

**МАВЗӮИ 13.** Асосҳои ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ................ 173

1. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҷазоро муқаррар мекунанд.............. 173

2. Усулҳои умумие, ки иҷроиш ва адои ҷазоро муқаррар менамоянд..................................................................................... 186

3. Мақомоти давлатие, ки иҷроиши ҷазои ҷиноятиро назорат мекунад.......................................................................................... 190

**МАВЗӮИ 14.** Масоили назариявии давлатдории Тоҷикистон дар марҳилаи муосир......................................................... 192

1. Моҳият ва вазифаҳои давлати Тоҷикистон 192

2. Шаклҳои давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон 193

3. Хосият ва принсипҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ 195

4. Самтҳои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ 198

САВОЛҲОИ ТЕСТӢ АЗ ФАННИ ҲУҚУҚШИНОСӢ 203

Ҳакимов Шокир Қосимҷонович
Назаров Ҷамолиддин Раҷабалиевич

# ҲУҚУҚШИНОСӢ
**(Дастури таълимӣ)**

Муҳаррири техникӣ: *Шогурезов Худоёр*

Муҳаррири ороиш: *Назарова Шаҳноза*

Ҳуруфчини компютер: *Тағоев Рустам*

**БИ-№ 3542**

Ба матбаа 30.04.07. супорида шуд. Ба чоп 02.04.07. имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 13,05. Ҷузъи нашрию ҳисоби 13,0. Адади нашр 500. Супориши №17.

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.

Дар матбааи ҶДММ «ЭР-граф» ба табъ расидааст.
734036, Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218.

Fc 80 y